МУҲАММАДҶОНИ
ШАКУРИИ БУХОРОӢ

# ПАНТУРКИЗМ ВА САРНАВИШТИ ТАЪРИХИИ ТОҶИКОН



Душанбе
Адиб
2010

Китоб аз торнамои www.vanj.info боргирӣ шудааст

ББК 63.3 (2 тоҷик)+
Ш –

Муҳаррири масъул
**Пайванди Гулмурод**
Муҳаррир

Ш – **Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ.** Пантуркизм ва сарнавишти тоҷикон.-Душанбе: Адиб, 2010.-348 с.

Китоби нави олими маъруф, академик Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ **«Пантуркизм ва сарнавишти таърихии тоҷикон»** рисолаи «**Фитнаи инқилоб дар Бухоро**» ва силсиланигоштаҳои солҳои гуногуни муаллифро дар бар мегирад, ки посухест ба даъвоҳои бузургманишии олимону адибон, сиёсатмадорону фарҳангиёни туркгаро ва таҳрифгарони забону адабиёт ва таърихи фарҳанги тоҷик дар давраҳои гуногуни замони шуравӣ.

Очерки **«Аббос Алиев»** давоми мантиқии ҳамин силсила буда, дар он зиндагиномаи нахустин вазири маорифи Тоҷикистон ва профессори тоҷик Аббос Алиев ва саҳифаҳои норавшани рӯзгори ӯ варақгардон шудааст, ки дар назари хонанда симои яке аз муқобилону мухолифони шадиди пантуркизми Осиёи Миёна мукаммал ҷилва мекунад.

ISBN 978 99947…. © М. Шакурӣ (М. Шукуров), 2010

# САЪДИ АКБАРИ ИЛМУ ФАРҲАНГИ ТОҶИК

Ҳавлии Садри Зиёи шоир, насрнавис, муаррихи тоҷик ва яке аз шахсони соҳибмақоми аморати Бухоро ба гуфти устод Айнӣ «ҳар ҳафта се шаби таътил – сешанбе, чоршанбе ва панҷшанбе одатан ранги анҷумани шоирон, шеършиносон, латифагӯён ва ширинкоронро мегирифт», ки аҳли маҷлис шеър мехонданд, дар бораи навиштаҳои ҳамдигар изҳори ақида мекарданд. Ба ибораи устод Айнӣ маҳфили адабии Садри Зиё «мактаби адабиёти ҳамон давра» ва китобхонаи машҳури ӯ барои «талабаи маъниҷӯй як хазинаи маълумоти беинтиҳо буд». Маҳфили адабии Садри Зиё танҳо бо таҳлили шеъру шоирӣ қаноат намекард, балки доғтарин масъалаҳои иҷтимоъии замонро мавриди муҳокимаву баррасӣ қарор медод. Аҳли маҳфил «аз бадкирдориҳои роҳбарони ҳукумат ва калонони ҳамон замон шикоят» мекарданд, «ҳамеша як навъ ҳаракатҳои оппозитсионӣ нишон медоданд», ки дар бедории фикрии адибони ҷавони оғози садаи XX нақши муҳиме бозида.

Бесабаб нест, ки устод Айнӣ Садри Зиёро «аввалин тарбиятгари маънавии худ» ва «бешубҳа аз ҷумлаи маорифпарварон ва тараққихоҳони замон» донистааст, ки дар бедориву назари интиқодии онҳо ғояҳои маорифпарвариву ислоҳотхоҳии сардафтар ва пешвои равшангарони тоҷик Аҳмади Дониш-ситорае дар осмони тирашаби аморати Бухоро нақши муҳим бозидааст. Садри маҳфил Шарифҷон-махдум, бино ба шаҳодати устод Айнӣ «ошиқи асарҳои Аҳмад-махдум буд».

Дар ҳамин хонадон дар даврони пуртазоди солҳои 20-уми садаи XX, дар айёме, ки Бухоро маркази Исލому дин -марказияти илму фарҳанги исломии худро аз даст дода, ба як шаҳри одии шӯравӣ табдил меёфт, фарзанде таваллуд шуд ва падари шоду масрур аз таваллуди писараш бо умеду орзуи зиёде ба ӯ номи пурифтихори аҳли Ислом Муҳаммад (с)-ро дод. Дар таваллуди писараш Муҳаммадҷон ин рубоиро бо моддаи таърих гуфта, ки як навъ дуову фотеҳаи неки падар ҳам ҳаст:

*Ин тоза ниҳол сабзу пурбар бодо,*
*Дар боғи ҳаёт тозаву тар бодо!*
*Дар вақти таваллудаш, ки буд ахтар саъд,*
*Кардем рақам, ки саъдахтар бодо.*

Вале тақдир чунин буда, ки писари хурдӣ аз меҳру муҳаббат ва навозиши модару дидору меҳрубонии падар кам баҳравар гардид. Аз дороиву сарвату давлати аҷдодӣ танҳо фазлу дониш ва чанд дастнависро ба мерос гирифт. Ҳавлии Садри Зиё-он макони охирин мактаби адабиёту сухани нოби тоҷикӣ дар Бухорои Шариф хароб ва Китобхонаи нодири падар-хазинаи маълумоти беинтиҳо барои талабаи маънизҷӯй тороҷ гардида, қисме аз онҳо ба Тошканд бурда шуд, ки аз боқимондаҳои китобҳои падар дар Тошканд дар солҳои 50-уми садаи гузашта ба воситаи як навиштаи адибу донишманди тоҷик Расулхон Ҳодизода огоҳӣ ёфт.

Меҳрубонии Худованд буда, ки бо амри тасодуфе аз маркази бостонии илму адабу фарҳанги тоҷикон Бухорои Шариф ба маркази тозабунёдаш Душанбе роҳ пеш гирифт. Ин қиссаи пурдардро академик Муҳаммадҷон Шакурӣ дар «Зиндагиномаи худнавишт» -аш чунин ба қалам додааст:

«Чун давлати шӯравӣ аз мардум тилло гирд овардан оғоз кард, падарам зиндонӣ шуд ва дар зиндон аз дунё гузашт…

Модарам Мусаббиҳа Шукурова низ бо падарам зиндонӣ ва дар зиндон гирифтори бемории сил шуда, баъди расидан ба озодӣ, пас аз як соли даргузашти падарам, яъне соли 1933 вафот кард. Он гоҳ ман дар синфи якум мехондам. Даргузашти модарам ҳангоми таътили зимистонии мактаби ман, яъне дар моҳи январ буд. Модарам ҳамагӣ 37 сол умр дошт.

Ман чанде дар хонаи тағоии худ Ҳабибуллоҳ - махдуми Авҳадии шоир (1900-1937) зиндагӣ доштам…

Авҳадӣ дар Бухоро, дар китобхонаи машҳури Ибни Сино кор мекард. Шеърааш гоҳ-гоҳ дар рӯзномаи Бухоро чоп мешуд. Азбаски Авҳадӣ дар ҷавонӣ аз ҷадидони Бухоро буд ва бисёр ҷадидон оқибат инқилобкор шуданд, аз шӯравиён чандон хавф надошт ва бо бародаронаш ба Афғонистон

нагурехт. Бо вуҷуди ин, соли 1937 Авҳадӣ зиндонӣ ва ба Сибир бадарға шуд ва он ҷо ба ҳалокат расид.

Тағоиям васии банда буд ва пас аз зиндонӣ шудани ӯ аз васоят ҳам бенасиб мондам. Чанде пеш аз зиндонӣ шудани ӯ ман ба хонаи аммаам Иқболхон, ки танҳо монда буд, гузаштам. Лекин аммаам аз паси фарзандаш Асолатхон ба Сталинобод – имрӯза шаҳри Душанбе рафт. Ман дар Бухоро бекасу танҳо мондам. Дар як ҳавлии вайрона мезистам, ки моли бародарам Зариф буд ва Зариф дар як деҳи Ғиҷдувон муаллимӣ мекард. Соли 1939 аммабачаам Асолатхон ва ҳамсари Ҷалоли Икромӣ – Саодатхон, ки бо коре аз Душанбе омада буданд, маро бо худ ба Душанбе оварданд.

Асолатхон дар Душанбе муаллим буда, Саодатхон дар китобхонаи Фирдавсӣ кор мекард. Ҷалоли Икромӣ чанде пеш аз он аз зиндони шӯравӣ баромада ва бемор буд ва ман намедонистам, ки дар куҷо кор мекунад. Ман ба хонаи Асолатхон фуромадам ва ӯ имкон фароҳам овард, ки бо ягона фарзандаш, ки низ Муҳаммадҷон ном дорад (Муҳаммадҷон Раҳмонов), таҳсилоти миёна ва олиро ба поён расонам».

70 соли умри пурбаракати ӯ дар Душанбе мегузарад, ки шоҳиди табдили аз шаҳри хурд ба маркази бузурги илму маориф, адабиёту фарҳанги тоҷикон мебошад. Барояш ҳар шоху буттаи хиёбону навиштаҷоти деворҳояш азиз аст, ки то ба ин дараҷа расидани маркази нави тоҷикон чи қадар меҳнату заҳмат сарф шуда. Онҳое, ки дар шаҳрҳои зебову обод хонаву ҳавлиҳои хушбоду ҳавояшонро гузошта, ба хотири ободии миллату меҳан ба маркази нави тоҷикон рахти сафар мебастанд, дар воқеъ, фидоӣ буданд. Нақши дастони онҳо дар ҳар бинои пурҳашамату боғҳои гулафшон боқист, ки ӯ шоҳиди бевоситаи созандагиву бунёдкорӣ, таҳаввулу дигаргуниҳои Душанбе дар солҳои гуногун аст ва гоҳо бо ифтихори беандоза, гоҳо бо сӯзу алами зиёд аз бурду бохти шаҳри азизаш қалам меронад. Мехоҳад, ки ҳар ҳавливу хона, осорхонаву китобхона, боғу сайргоҳ, кӯчаву хиёбони шаҳр мувофиқу мутобиқи анъанаву суннатҳои меъмории аҷдодӣ ҷавобгӯйи мақому манзалати пойтахти

тоҷикон бошад. Бо ин синну соли мӯътабар ҳангоми қадамзанӣ дар кӯчаҳои шаҳр бо чашмони камнураш ҳар овезаву лавҳаро ҳиҷа-ҳиҷа мехонад, ки аксари навиштаҷот серхато ё бо забони бегона. Ӯ мехоҳад, ки ҳар ҷӣ зудтар онҳо ислоҳ шаванд, ки дар пойтахти кишвар чунин навиштаҷоту овезаи пурхато ҳусни шаҳрро мекоҳонад…

Душанберо дӯст медорад, ки дар ҳамин ҷо бо душвориву мушкилиҳо соҳибилм гардида, ба пояҳои баландтарини илмӣ расид. Айёми донишҷӯиаш дар нахустдонишкадаи Тоҷикистон-Донишкадаи омӯзгорӣ ба солҳои вазнини ҷанги зидди Олмон рост омад, ки он замонро чунин ёдовар мешавад: «Аз ҳеч дарсе китоби дарсӣ ва ё кумакдарсӣ надоштем. Адабиёти бадеии тоҷикӣ ва тарҷумаи адабиёти русиро, ки даҳаи сӣ ба хати лотинии тоҷикӣ чоп шуда буд, ба даст оварда наметавонистем, зеро бештари муаллифон ё тарҷумонҳо ва ё муҳаррирон ва ё ин ки нафарони дигар, ки номашон дар унвонсаҳифаи китоб зикр шудааст, дар террори соли 1937 ба зиндон афтода ва ба ин сабаб китобҳо аз фурӯш ва аз китобхонаҳо барчида ва сӯзонда шуда буданд.. Дар донишкада ба мо андак хати форсӣ ёд доданд, лекин китобҳои дастнависи кӯҳна ва чопи сангии пеш аз инқилоботи соли 1917 ва 1920-ро низ наметавонистем пайдо бикунем, чунки чунин китобҳо китоби динӣ ба шумор меомаданд ва онҳоро низ ҳар ҷо бинанд, мусодира ва нобуд мекарданд. Дар китобхонаи донишкада китоби русӣ бисёр буд, вале азбаски ҳанӯз чандон русӣ намедонистам, бисёр мехондаму кам мефаҳмидам. Хуллас, ки китобхонӣ кам буд». Толибилмони он солҳо фақат аз дарси устодон дониш меҷустанд ва саодате даст дода, ки аз устодоне чун Лутфуллоҳи Бузургзода, Абдулғанӣ Мирзоев, Аббос Алиев, Шарифҷони Ҳусейнзода, Носирҷони Маъсумӣ, Икром Хоҷаев, Муҳаммадӣ Исматуллоҳов таҳсил дидаанд. «Аз инҳо, -мегӯяд ӯ,- Лутфуллоҳи Бузургзода ба ҷанг рафт ва дигар барнагашт. Абдулғанӣ Мирзоев ва Алоуддин Баҳоуддинов аз роҳи хидмати ҳарбӣ ба Эрон фиристода шуданд ва мо аз дарси онҳо маҳрум мондем. Дигарон дар шароити душвори замони

ҷанг, ки худ ба азобе мезистанд, фидокорона кор карда, моро ақлу ҳуш меомӯхтанд».

Соли 1945 дар арафаи хатми донишкада Муҳаммадҷони Шакуриро рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» ба кор, вазорати маориф ба навиштани китобҳои дарсӣ даъват ва вазорати корҳои хориҷӣ идомаи таҳсилро дар мактаби дипломатии Маскав пешниҳод кард, ки пас аз хатми он мактаб ба кори дипломатӣ машғул шавад. Институти таърих, забон ва адабиёт низ хостори идомаи фаъолияти илмии вай дар ин даргоҳ шуд. Устодаш Носирҷон Маъсумӣ ӯро дар донишкадаи омӯзгорӣ ба кор гирифт. Вале чун моҳи августи соли 1945 дар Кӯлоб Донишкадаи муаллимии дусола таъсис ёфт, вазорати маориф ӯро ба он ҷо фиристод. Бо сабаби беморӣ баъди як соли муаллимӣ бо тавсияи пизишкону кумаки Абдулғанӣ Мирзоев ва амри Бобоҷон Ғафуров, ки котиби Кумитаи Марказӣ буд, боз ба Душанбе баргашт. Ба Донишкадаи омӯзгории Душанбе ба кор даромада, солҳои 1945-1953 аз адабиёти қадим, забони тоҷикӣ, хониши ифоданок (хониши матн), равиш (методика)-и омӯзиши забону адабиёт дарс гуфт. Ҳамин тариқ, кам не, дар 65 соли омӯзиши забону адабиёт ва таъриху фарҳанги пурғановати тоҷик комёбу муваффақ гардид. Истеъдоди фитриву қобилияти беандоза, баракати илму дониш соҳибномаш гардонд. Аз муаллими одии унвонҷӯй то ба дараҷаи доктори улуми филология, профессор, академики АУ Тоҷикистон расид. Ҳарчанд дар оғози роҳ барои устоди роҳнамояш Холиқ Мирзозода пешпояш доданд, вале ноумед нагардид. Ба хотир меоварад, ки «он солҳо Тоҷикистон ба ҷуз устод Айнӣ се адабиётшинос дошт: яке Абдулғанӣ Мирзоев, дигаре Холиқи Мирзозода ва севумӣ Шарифҷони Ҳусейнзода. Хости замон ин буд, ки онҳо чун ҳама нависандагон, устодони донишгоҳҳо ва дигар кормандони соҳаи идеология аз якдигар айби сиёсӣ биҷӯянд ва айби якдигар бигӯянд. Замон ҳамаро бо ҳам ба талош андохта буд. Ҳама аз зери нохуни якдигар чирк мекофтанд. Аз рақобати илмиву эҷодгарӣ асаре наменамуд, танҳо айбҷӯйии сиёсӣ дар миён буду бас. Мунокишае, ки дар сари осори Аҷзӣ бархост, низ дар асл як падидаи рақобати он се

адабиётшинос буд, вале ҷӯб бар сари мани ҷавони навқадам шикаст».

Рисолаи номзадиаш «Эҷодиёти Сиддиқии Аҷзӣ (1865-1927)»-ро баъди ҷусторҳои зиёди бойгонӣ ва китобхонаҳои Душанбе, Самарқанд, Тошканд ва Маскав омода ва дар кафедра баррасӣ ва фишурдаи он – автоирефератро ба русӣ тарҷума кунонида, ба ҳимоя омодагӣ медид, ки Абдулғанӣ Мирзоев Аҷзиро на равшангару маорифпарвар, балки аз ҷадидон ва миллатгароёни буржуазӣ қаламдод мекунад. Бобоҷон Ғафуров дар оғоз ба дастгирии мавзӯи рисолаи номзадӣ бармехезад, вале баъди чанде ба назари Абдулғанӣ Мирзоев розӣ мешавад. Дар натиҷа Кумитаи Марказии ҳизби коммунистии Тоҷикистон 29 декабри соли 1952 дар бошишгоҳи Раёсати Фарҳангистони улуми Тоҷикистон (ҳозира бинои Пажӯҳишгоҳи забону адабиёти Рӯдакӣ) аҳли илму адабро гирд оварда, масъалаи Аҷзиро баррасӣ мекунад, ки мубоҳисаи тӯлоние аз соати 7-и бегоҳ то 3-и саҳар идома меёбад. Вале аз рӯйи анъанаи тоҷикӣ ва тақозои замон ба ҷуз соҳиби рисола, Алоуддин Баҳоуддинови фалсафӣ ва Холиқи Мирзозодаи адабиётшиноси раҳбари илмӣ, касе ҷуръат намекунад, ки хилофи фикри котиби Кумитаи Марказии ҳизб Алиқул Имомов-раиси маҷлис чизе бигӯяд. Оқибат маҷлис ба чунин натиҷагирӣ мекунад, ки Аҷзӣ шоири иртиҷоист ва осори вай бояд омӯхта нашавад. Бо ҳамин ба заҳмати чандсолаи унвонҷӯйи ҷавон хати бутлон кашида, рисолаи номзадиашро лағв карданд. Илова бар ин, аз рӯйи қоидаву қонуни он замон хавфе пеш омада, ки ба устоди роҳнамояш Холиқи Мирзозода ва ӯ тамғаи миллатгаро бizананд. «Агар дар дигар ҷумҳурии шӯравӣ мебудем, Х. Мирзозода ва маро ҳабс мекарданд. Бобоҷон Ғафуров нагузошт, ки дар Тоҷикистон бо чунин айбҳо зиёиёнро ба ҳабс бигиранд», ба хотир меоварад он лаҳзаву айёми барояш тақдирсозро.

Ин нокомӣ шасташро нагардонд ва ӯ соли 1953 мавзӯи дигареро барои таҳқиқу омӯзиш интихоб кард, ки аз эҷодиёти устод Айнӣ буд ва он «Хусусиятҳои ғоявиву бадеии «Ёддоштҳо»-и Айнӣ (қисми 1 ва 2)» унвон дошт. Бо маслиҳати устодону дӯстонаш роҳи Маскавро пеш гирифта,

як сол дар Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии Фарҳангистони улуми Иттиҳоди Шӯравӣ бо иншои рисола машғул гардид. Бо раҳнамоии профессор Иосиф Самуйлович Брагинский дар шаш-ҳафт моҳ таълифи рисолаи номзадиро анҷом дода, 28 феврали соли 1958 дар пажӯҳишгоҳ рисоларо дифоъ кард ва ба Душанбе баргашта, фаъолияти илмиашро дар Пажӯҳишгоҳи забону адабиёти Рӯдакӣ идома дод. Дар ин даргоҳи бузурги илм аз соли 1951 аввал чун корманди илмӣ, аз соли 1959 ба ҳайси мудири шӯъбаи адабиёти шӯравии тоҷикӣ ва ҳоло чун мушовир ифои вазифа мекунад.

Дар риштаи нақди адабӣ ва таҳқиқи таърихи адабиёти муосири тоҷикӣ машғул шуда, дар таълифу таҳрири «Очерки (таърихчаи) адабиёти советии тоҷикӣ», иборат аз ду ҷилд ба тоҷикӣ (чопаш солҳои 1956-1957) ва мухтасари он дар як ҷилд ба русӣ (Маскав, соли 1961 ба табъ расида) ширкат варзидааст.

Дар баргардону чопи «Синбоднома»-и Заҳирӣ, «Ҳотами Той», «Самаки айёр», «Шоҳнома»-и мансури қиссахонҳо, «Ҷомеъулҳикоёт» барин осори насри классикиву ривоятӣ саҳм гузошта, нақши суннатҳои назму насри классикии форсӣ-тоҷикӣ дар насри нави реалистии тоҷикии садаи бистро мавзӯи асосии пажӯҳишҳояш қарор медиҳад, ки натиҷаҳои он дар чанд мақолаву китоб, аз ҷумла дар китоби «Диди эстетикии халқ ва насри реалистӣ» (1973) пешкаши хоандагон гардидааст.

Ҳамроҳи профессор И. С. Брагинский-корманди Пажӯҳишгоҳи ховаршиносии АУ ИҶШС роҳбари гурӯҳи таълифи шашҷилдаи «Таърихи адабиёти шӯравии тоҷикӣ. Инкишофи жанрҳо» таъйин мешавад. Чаҳор ҷилди он ба номи «Таърихи адабиёти советии тоҷик. Инкишофи жанрҳо» солҳои 1978-1984 ба табъ расидааст, ки муаллифонаш Холиқи Мирзозода, Раҷаб Амонов, Муҳаммадҷон Шакурӣ, Атахон Сайфуллоев, Абдураҳмон Абдуманнонов, Лариса Демидчик буданд. Ду ҷилди охири он ба муносибати оғози бозсозии горбачовӣ, ки ақидаҳоро бо суръату шиддат дигар кард, аз чоп боздошта шудааст.

Гурӯҳ ду ҷилди «Таърихи адабиёти шуравии тоҷик»-ро ба забони русӣ ҳам омода кард ва он поя бар таҳаввули

жанру сабк дошт, ки таҷрибаи аввалин дар адабиётшиносии шуравӣ ба ҳисоб мерафт ва дар Пажӯҳишгоҳи адабиёти ҷаҳони Фарҳангистони улуми шӯравӣ чун намунаи тозаи таърихнигорӣ хуш пазируфта шуд. Ба сабаби зуҳури М. Горбачов он ҳам рӯйи чопро надид.

Ӯ яке аз пешгомони мубориэаи пуршиддати касби мақоми давлатии забони тоҷикист, ки нахустмақолааш дар Маскав, дар рӯзномаи маъруфу машҳури «Литературная газета» 14 декабри 1988 «Ҳар к-ӯ ба забони хештан дармонад» («Кто беспомощен в собственном языке») ном дошт. Он барандаи ҷоизаи Мақолаи сол ҳам гардида, ки хабари он 28 декабри 1988 (№52) дар «Литературная газета» ба табъ расида. Нашриёти «Художественная литература»-и Маскав ин мақоларо дар маҷмӯаи «Говоря откровенно… Заметки писателей о межнациональных отношениях» («Агар ошкоро бигӯем… Қайдҳои адибон дар бораи муносибати байни миллатҳо») (Маскав, 1989) дар радифи навиштаҳои машҳуртарин шахсиятҳои адабии кишвари шуравӣ академик Д. С. Лихачов, Чингиз Айтматов, Васил Биков ба табъ расондааст, ки як навъ дастгирии муборизаи фарҳангиёни Тоҷикистон ва дигар ҷумҳуриҳои собиқи шуравӣ аз ҷониби доираҳои демократии Маскав ба ҳисоб меравад

Шакли муфасссали ин мақола ба забони тоҷикӣ ба унвони «Забони миллӣ ғамхории махсус хоҳон аст» 25 ноябри 1988 дар рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» ба табъ расидааст, ки ҳамовозии гармеро ба миён овард. Бар асари чунин мақолаҳо дар матбуот ва пешниҳоди як конфаронси ҷумҳурии забоншиносон дар Пажӯҳишгоҳи Рӯдакӣ аз моҳи декабри соли 1988 моҳи январи соли 1989 Шӯрои Олии Тоҷикистон комисиюни забон таъсис дод, ки комисиюн пешнависи санадро ба академик М. Шакурӣ месупорад ва он Қонуни забон ном гирифтааст,. Лоиҳаи Қонуни забон пас аз вироиши гурӯҳе аз донишмандон ва ҳуқуқшиносон дар матбуот барои баррасии умум пешкаш гардид, ки он дар саҳифаҳои матбуоти он замони Тоҷикистон баҳси гармеро ба вуҷуд овард. Аз деҳқони хокпош то олимони риштаҳои гуногун дар баррасиву такмили он фаъолона ширкат варзиданд, ки баъди хомӯшии чандинсола бори нахуст

саҳифаҳои матбуот ва барномаҳои радиову телевизионро гуногунандешии воқеӣ фаро гирифт. Қонун бо такмилу иловаҳо 22 июли соли 1989 дар иҷлосияи Шӯрои Олӣ ба тасвиб расида, забони форсии тоҷикӣ забони давлатии Тоҷикистон эълом гардид, ки ҳадафу мақсад буруни забони соҳибдавлатон аз чор девори хона ва табдили он ба забони илму сиёсат буд.

Ҳамон сол Кумитаи истилоҳот, ки чанд сол боз аз фаъолият бозмонда буд, дубора барқарор ва академик М. Шакурӣ раиси он таъйин гардид. Қонуни забон тақозо мекард, ки кори идораҳо ба забони тоҷикӣ сурат гирад ва Кумитаи истилоҳоти Фарҳангистони улуми Тоҷикистон ба таҳияи истилоҳоти коргузорӣ шуғл варзад. Ӯ бо ширкати фаъолонаи хеш дар ислоҳи камбуду норасоиҳои забони тоҷикӣ, ки дар даврони шӯравӣ ба дарди тарҷумазадагӣ гирифтор шуда буд, хидмати шоёну назаррасро анҷом дод. Бо баррасии усули илмии истилоҳоти миллӣ анвоъи қолабҳои вайрони калимасозиро, ки дар истилоҳоти тоҷикии садаи бист фаровон ба кор мерафтанд, ошкор сохта, нахустин дастовардҳояшро дар мақолаи «Истилоҳот ва забони миллӣ» ба муҳокимаи умум гузошт.

Аслан, дар таърихи илми филологияи тоҷик як гурӯҳ олимон ба омӯзиши масъалаҳои назарияи адабиёт, таърихи адабиёти тоҷик, накди адабӣ, эҷодиёти шифоҳии мардум, матншиносӣ ва ғайра шуғл варзида, умри худро сарфи тадқиқи сирф адабиётшиносӣ кардаанд. Гурӯҳи дигар танҳо масоили забоншиносиро мавриди омӯзиш қарор додаанд. Вале ангуштшуморанд олимоне, ки илми адабиётро пайваста бо забоншиносӣ баррасӣ намоянд. Ин равияи пажуҳиш аз устод Айнӣ оғоз гардида, Абдулғанӣ Мирзоев, Носирҷон Маъсумӣ, Муҳаммадҷон Шакурӣ, Худоӣ Шарифов ва дигарон идома додаанд. Таваҷҷӯҳи академик М. Шакуриро чун устод С. Айнӣ ва Н. Маъсумӣ ҷанбаи муҳими забони тоҷикӣ – риояи асолати забони модарӣ, ҳусни назокати он бештар ба худ кашида, ки он манша аз тадқиқи сабки бадеии устод С. Айнӣ, ҳамкории судманд бо забону адабиётшиноси маъруф Носирҷон Маъсумӣ ва баҳсу мунозираҳои илми солҳои панҷоҳуми шастуми қарни

гузашта дар хусуси покизагии забони адабии тоҷик аз ҷониби фозилоне чун Т. Зеҳнӣ, Р. Ҳошим, мутарҷимони маъруф Ҳ. Аҳрорӣ, Ҳ. Ирфон, Эм. Муллоқандов мегирад.

Академик М. Шакурӣ пайваста таҳаввулот ва такомулот, ҳар падидаи матлубу номатлуби забони муосири тоҷикро мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор медиҳад. Ҳанӯз соли 1964 дар мақолаааш «Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад» дар маҷаллаи «Шарқи сурх» (ҳоло «Садои Шарқ») масъалаҳои муҳими забони адабии тоҷик ва истифодаи онро дар матбуоти тоҷик ба риштаи таҳқиқ кашида, соли 1968 бо илова, такмилу таҳрири тоза дар шакли китоби ҷудогона бо ҳамон ном ба чоп расонда буд. Чопи дувуми он соли 1986 ва нашри севумаш соли 2005 сурат гирифт, ки иборат аз 400 саҳифа аст.

Ин асар як навъ ҷамъбасти илмии он ҳама фикру андешаҳост, ки дар давоми зиёда аз ним аср аз тарафи суханшиносон, адибон, мутарҷимон доир ба нуқсонҳои забони матбуот, асарҳои бадеии тарҷумавӣ баён шудаанд ва он ягона асари мукаммале, ки тамоми нуқсонҳои забони расонаҳои хабариро аз лиҳози луғавӣ, калимасозӣ, сарфию наҳвӣ ва услубӣ бо далелҳои шайъ собит менамояд.

Бино ба мушоҳидаҳои дақиқ ва пайгиронаи муаллиф як миқдор ғалатҳои забони матбуот бо таъсири забонҳои бегона, ба вижа забони русӣ, дар натиҷаи тарҷумаи осору аснод, муоширати озоди намояндагони забонҳои гуногун аввал ба гуфтугӯ ва лаҳҷаҳо, баъд ба забони адабӣ роҳ ёфтаанд. Чунин таъсири номатлуб на танҳо дар истифодаи калимаю истилоҳот, балки дар унсурҳои калимасозӣ, шаклсозӣ, ибораю ҷумлабандӣ низ мушоҳида мешаванд. Сабаби аввали ба забони меъёрӣ воруди баъзе унсурҳои грамматикиро (оид ба – оиди, нисбат ба – нисбати, вобаста аз, вобаста ба, новобаста аз, новобаста ба, вобаста аз ин (он) ки, вобаста ба ин (он) ки, вобаста аз ин (он) ки, новобаста ба ин (он) ки, бо дарназардошти, бо назардошти, бо дарназардошти ин (он) ки, бо назардошти ин (он) ки, ба… нигоҳ карда, ба… нигоҳ накарда, ба ин (он) нигоҳ карда, ки ба ин (он) нигоҳ накарда ки) ва қолабҳои ибораю ҷумлабандии носаҳеҳро аз забони гуфтугӯйи озоди мардум,

баъдтар матбуот ва асарҳои бадеӣ медонад, ки аз таъсири гоҳе яктарафа ва гоҳе чандтарафаи сарфу наҳви забонҳои бегона ба забони тоҷикист.

Дар анҷомсухани нашри охирини асар муаллиф дар хусуси мафҳуми фарҳанги сухан ва зинаҳои такомули он дар ҳар фарди соҳибзабон менависад: «Забони адабии тоҷикӣ забони иқтидормандест, ки дар зарфи чандин аср сайқал ёфтааст. Ин ҳолат ба зиммаи қаламкашҳои имрӯза масъулияти ҷиддие мегузорад. Донистани таърихи забони адабӣ ва роҳҳои инкишофи он, истифодаи ҳамаҷониба аз андӯхтаҳои чандинасраи вай, бо ҳассосияти махсусе ҳис кардани нозукиҳои он аз шартҳои асосии фарҳанги сухан аст».

Дар воқеъ, меъёрҳои классикии сухани асил дар забони тоҷикӣ реша бар умқи таърих дорад, ки бино ба таъкиди муаллиф «дар ягон соҳа, масалан, дар калимасозӣ, ё ҷумлабандӣ ва ё дар мавриди муайян кардани ҷойи калима дар ибора ва ҳоқазо аз меъёрҳои классикии асолати сухан дур рафтан барои инкишофи забони адабӣ оқибатҳои номатлубе хоҳад дошт». Дур рафтан аз меъёрҳои забон на танҳо хавфи гусастани робитаи қавиро бо забони ноби гузаштагонамон, балки бо забони муосири дарӣ дар Афғонистон ва форсӣ дар Эрон ба миён меоварад.

Нашри охирини китоб, бино баршумурди профессор Б. Камолиддинов, шарҳи мухтасар ё муфассали 83 нуқсони гуногуни забони матбуот, радио ва телевизионро дар бар мегирад, ки баъзе қайдҳои муаллиф хеле мухтасар буда, дар ним ё як саҳифаи китоб ҷой гирифтаанд, дар бобати нуқсонҳои ҷиддӣ ва баҳсталаби забони матбуот муаллиф хеле ботафсил сухан меронад ва дар заминаи фикру андешаҳои мухталифи тадқиқгарон ва далелҳои зиёд ба хулосаҳои дақиқ меояд. Вале, мутаассифона, он камбуду норасоӣ, саҳву ғалат дар матолиби матбуот, гуфторҳои радио ва намоишҳои телевизион идома доранд, ки аз надоштани гӯши суханшунаву чашми ибратбини мо гувоҳӣ медиҳад. Ҳарчанд забонамон аз ҷониби устодоне чун Айнӣ, Абдусалом Деҳотӣ, Носирҷон Маъсумӣ, Муҳаммадҷон

Шакурӣ пуштибонӣ дида, вале мо, соҳибзабонон нисбат ба тақдири забонамон бетарафиро ихтиёр кардаем...

Шоири шаҳири нотакрорамон Лоиқ, ки ин ҳама талошу заҳмат ва хидматҳои устод Шакуриро бо чашми сар дидааст, ба муносибати ҷашни 70-умин солгардашон бо қалби саршор аз муҳаббат навиштааст: «*Устод Шакурӣ, ки марди поксиришт ва накусияр, яке аз ҷонфидоёни арсаи тамаддуну фарҳанги тоҷик, ки бо чашми худ сӯхтанҳои китобҳо, ба фалак дуд кашидани сӯхтори китобҳо (яъне дуди оҳи миллати тоҷик!), ба тороҷ рафтани китобхонаҳои Бухоро, минҷумла китобхонаи қиблагоҳаш Шарифҷон-махдуми Садри Зиёро, ки Аллома Садриддин Айнӣ дар он ҷо «гарди меҳмонхона» хурдааст, дар тӯли ҳафтод соли умр ва панҷоҳ соли қаламкашиву аламкашиаш аз болову поён ҳарфи таҳсинбарангезе кам шунидааст, басо бӯқаламунсифатии одамон ва замонро дидааст, ӯзбек шудани тоҷикони Бухороро бо чашми сар дидааст, хор шудани ҳар ҳиҷо, ҳар калима, ҳар вожаи забони тоҷикиро эҳсос карда ва дар китоби «Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад» ба қадри донишу ҳиммат барои софкории забон ва саранависӣ қалам судааст”…*

Вазъи забони тоҷикӣ, резатаҳқиқоти мушаххаси китоби «Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад» дар рисолаи «Сарнавишти форсии тоҷикии Фарорӯд дар садаи бист» (2003 ба хатти кириллӣ ва 2005 ба хатти форсӣ) ҷамъбаст гардид, ки он таҳаввулоту дигаргуниҳо, тохтҳоро ба забон ва бохти тоҷикиро дар як сада дар бар мегирад ва аз нигарониҳои бузургони миллат нисбат ба ояндаи торики забони тоҷикӣ ҳикояти талхе мекунад. Ҳамин ҳикоят боиси эътирози бархе гардид, ки муаллифро дар носазогӯйиҳо гунаҳкор донистанд. Ҳол он ки он суханҳо на ба хотири сиёҳ кардани касе, балки аз вазъияти тоқатфарсои забони тоҷикӣ дар сояи идеологияи ҳукмрони вақт баён гардида, як навъ ифодагари сӯзиши дили он чорасозони бе чора буд. Сиёсат онҳоро яъсу ноумед гардонида буд, ки ба ояндаи забону миллаташон бо шубҳа нигоҳ мекарданд ва кор ба ҷое расида

буд, ки қисме аз муаллифони китобҳои дарсии забону адабиёт, таърихи халқи тоҷик барои таҳсил фарзандонашонро ба мактабҳои русӣ медоданд…

Академик М. Шакурӣ дар кори хайри басе муҳими замон-таҳрири яке аз шоҳкориҳо «Фарҳанги забони тоҷикӣ», ки барои таҳияаш донишмандони маъруф Раҳими Ҳошим, Тӯрақули Зеҳнӣ, Вадуди Маҳмудӣ, Ҳ. Мӯҳсинзода ҷалб гардида буданд, ҳамроҳи Раҳими Ҳошим, Владимир Капранов, Носирҷони Маъсумӣ фаъолона ширкат варзидааст. Таҳрири «Фарҳанг» нӯҳ сол идома ёфта соли 1969 дар ду ҷилд дар Маскав бо теъдодти зиёде аз чоп баромад, ки 40 сол боз китоби рӯйимизии алоқамандону толибилмон, муҳаққиқону олимон ва мухлисони сухани ноби тоҷикианд. Ин китоб бо ҳиммату кӯшиши донишманди эронӣ Мӯҳсини Шуҷоӣ ва сарсухани муфассали устод М. Шакурӣ дар Теҳрон низ бо хати ниёкон чоп шуд.

Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ба устод Шакурӣ қуввату илҳоми тоза бахшид, ки ба масъалаҳои муҳими адабиёту фарҳанг ва ҷомеашиносӣ машғул шавад.

Истиқлолият ошкор кард, ки бинобар пастии шуури иҷтимоии ҷомеа шуури музофотӣ қувват мегирад ва яке аз сабабҳои ҷанги дохилии Тоҷикистонро метавон аз ҳамин лиҳоз донист. Ӯ бо назардошти вазъият риштаи таҳқиқашро ба сӯйи дигар гардонида, бештар ба масъалаи худшиносии миллӣ даст зад ва ду китоб «Хуросон аст ин ҷо» (ба хатти форсӣ 1996, ба хатти русии тоҷикӣ 1997, бо такмилу илова ва тасҳеҳ 2009) ва «Истиқлол ва худшиносии иҷтимоъиву маънавӣ» (1999)-ро ба табъ расонд, ки боиси баҳсҳои доманадоре гардид. Кор ба ҷое расид, ки бархе алами писарро аз падар гирифтан хостанд ва дар ҳаққи падараш Садри Зиё-мураббӣ ва пушту паноҳи бисёре аз равшанфикрону ислоҳотхоҳони ҷавони тоҷик дар оғози садаи XX, ба вижа устод Айниву Мунзим носазо гуфтанд. Баҳс водор кард, ки академик М. Шакурӣ китоби мукаммалу муфассали илмӣ ва пурмӯҳтавои «Садри Бухоро»-ро таълиф созад ва бори дигар дар такя ба санаду ҳуҷҷатҳои таърихӣ собит намояд, ки ҳақиқатро наметавон ба доман пӯшид.

Китоб дар ифшои бисёр муаммоҳои печидаву вазъияти мураккаби сиёсиву иҷтимоии аморати Бухоро дар оғози садаи XX дастуру раҳнамои хубест ба муаррихону муҳаққиқон, ҷамеашиносон ва алоқамандони забону адабиёт ва таърих. Ин талоши академик Шакурӣ бори дигар исбот кард, ки илм таҳаммулу тааммул мехоҳад ва ҳақиқат натиҷаи тасодуми афкор аст. Илми бебаҳс пойдор намемонад ва сараву сақати таърихро бо чашми дил бояд шинохт.

Таваҷҷӯҳи устод Шакуриро чун як омӯзгору равшангаро ислоҳи мактаби миллӣ ҳанӯз дар даврони шӯравӣ ба худ кашида буд ва онро дар замони истиқлолият аз дидгоҳи худшиносӣ ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Дар китоби «Инсонгаройии омӯзиш ва забони миллӣ» (2002, ба хатти форсӣ ва кириллӣ) бо таҳлили вазъи забони миллӣ ислоҳи барномаи мактаб ва инсонгаройии омӯзишу парваришро ба миён гузошт, ки мактаб ба инсон бояд одамият омӯзад. Дар ин кори басе муҳим аз имконоти забону адабиёт ва илмҳои ҷамъиятшиносӣ бештару беҳтар бояд истифода кард, ки вазъи ногувори ахлоқии замони муосир чунин муносибатро тақозо дорад.

Мақолаву пажӯҳишҳои академик Шакурӣ дар бораи адабиёти тоҷикии садаи бист дар китоби «Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист» (2006) гирдоврӣ шуда, чанд асари падарашон Садри Зиё – «Наводири зиёъия», «Тазкори ашъор», «Рӯзнома» дар Эрон ва тарҷумаи инглисии «Рӯзнома» ба қалами фарзанди донишманди академик Шакурӣ-Рустам Шукуров дар Ҳуланд (Брилл) ба табъ расид.

Омӯзишу баррасии ҳамаҷонибаи таърихи тоҷикон ба муҳаққиқ имкон додааст, ки ба таҳрифгарони забону адабиёт, таъриху бузургмардони илму фарҳанги тоҷик-адибону муаррихони халқҳои дигар ба воситаи матбуоти марказии собиқ Иттиҳоди шӯравӣ дар Маскав ва матбуоти тоҷик ба таври доимӣ ва оҷилӣ ҷавоб гӯяд. Бад-ин васила дар худшиносиву худогоҳии мардуми тоҷик хидмати шоистаро ба анҷом расонидааст. Қисме аз он нигоштаҳо дар маҷмӯаи нави академик Муҳаммадҷони Шакурӣ «Пантуркизм ва сарнавишти таърихии тоҷикон» гирдоварӣ

шудааст, ки гувоҳи ҳаққталошиву пархоши ҳамешагии фарзонафарзандони миллат дар ҳимояи ҳаққу ҳуқуқ ва манфиати тоҷикон аз солҳои нахустини тақсимоти ҳудуди марзии Осиёи Миёна то охирин лаҳзаҳои мавҷудияти давлати абарқудрати шуравӣ мебошад. Гувоҳи ин гуфтаҳо «Нома а М. С. Горбачов» мебошад, ки дар асоси маводи фаровони бойгонӣ, матбуоту рисолаҳои ҷудогона ҳамроҳи як гурӯҳ равшанфикрони тоҷик бо умеди ислоҳи иштибоҳи таърихии солҳои 20-уми садаи гузашта иншо шудааст. Вале чун ҳамеша барои шунидани дарди дили фарзандони миллати тоҷик дар таърихи беш аз 70-солаи ҳукумати шӯравӣ аз раҳбарони даври марказ гӯши суханшунаве пайдо нашуд.

Таҳқиқи мукаммалу муфассали асару мақола ва мадорики бойгониҳо имконият додааст, ки академик М. Шакурӣ назари қолабии мероси шӯравиро доир ба масъалаи дигари муҳими таърихӣ-инқилоби халқии Бухоро дар соли 1920 баршиканад ва ин ҳодисаро дар рисолаи «Фитнаи инқилоб» ба таҳқиқ баркашад, ки дар чанд шумораи ҳафтаномаи «Озодагон» ба табъ расида ва ҳоло бо номи «Фитнаи инқилоб дар Бухоро» дар ин маҷмӯа ҷой дода шудааст. Дар рисола паҳлӯҳои гуногуни масъала, чеҳраи ширкаткунандагони воқеа, фоҷеаи миллати тоҷик дар ду садаи охир, ба вижа баъди забти Осиёи Миёна аз ҷониби Русия, беадолатиҳои ҳукумати марказии давлати шӯравӣ нисбат ба тоҷикон таҳлилу баррасӣ гардидааст, ки бешакку шубҳа, андешаву мулоҳизаҳои муаллиф барои омӯзиши гузаштаи на чандон дурамон аз дидгоҳи наву тоза ва ифшои ҳақиқати таърихӣ аҳамияти вижа дорад.

Очерки "Аббос Алиев" дар бораи яке аз чеҳраҳои маъруфи сиёсӣ, илмӣ, фарҳангии тоҷикон дар нимаи аввали садаи XX- нахустнозири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, нахустмуҳаррири рӯзномаи аввалини оммавии Тоҷикистони имрӯза "Бедории тоҷик" ва аввалин маҷаллаи ҷумҳурии навтаъсиси тоҷикон "Дониш ва омӯзгор", нахустпрофессори тоҷикон, устоди донишкадаи омӯзгории Душанбе идомаи мантиқии рисолаи "Фитнаи инқилоб дар Бухоро" буда, бозгӯйи садоқати шогирд ба устоду мураббӣ аст.

Зиндагиномаи фоҷеаангези ин марди шарифи миллатдӯст бо такя ба воқеаҳои таърихӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст, ки дар шинохти на танҳо Аббос Алиев, балки бисёре аз чеҳраҳои маъруфи солҳои 20-уму 30-уми садаи ХХ ёрмандӣ мекунад. Вай яке аз мубориони ҷасури зидди пантуркистӣ буда, дар ҳимояи манфиати миллату меҳанро ҷонбозиҳо кардааст.

Маҷмӯаи нави устод Муҳаммадҷони Шакурӣ “Пантуркизм ва сарнавишти таърихии тоҷикон” ифодагари дунёи рангини андешаву мулоҳизаи муҳаққиқи нозукбаён ва саъди акбари илму фарҳанги тоҷик буда, ҳар кадоми мосоҳибватанонро ба худогоҳиву худшиносӣ, рафоқату ваҳдат ва ҳиммату ғайрат дар бунёду эъмори давлати соҳибистиқлоламон талқин мекунад.

Пайванди **ГУЛМУРОД**

# САРСУХАНИ НИГОРАНДА

Дар ин маҷмуа мақолаҳои солҳои гуногун гирд оварда шудааст. Ҳар кадоме аз ин мақолаҳо ба муносибате бо як мақсади мушаххас навишта шуда буд. Бештари ин мақолаҳо як навъ посухнома буда, банда ба ягон даъвои ҳавохоҳони пантуркизм ё панӯзбекизм посух гуфтаам ё ин ки ба чанд даъво якҷоя посух навиштаам. Агар даъвое намебуд, бархе аз мақолаҳои ин китоб навишта намешуд. Мақсад ифшои дурӯғи даъвогарон буд, ифшои ин буд, ки пантуркистҳо таърихро таҳриф мекунанд, хилофи воқеъияти таърих сухан мегӯянд ва амал мекунанд, пантуркизм як ҷараёни зидди таърихист, ки қонунмандиҳои рушди таърихиро бо зӯроварӣ дигар кардан, рафти таърихро ба роҳи нораво бурдан мехоҳанд

Ин аст, ки банда пажӯҳиши вежа дар бораи пантуркизм ва панӯзбекизм пеш нагирифтаам, балки дар сари роҳи талошҳо гоҳ-гоҳ луқмае партофтааму бас.

Аз ин мақолаҳо падидаҳои рангоранги пантуркизми Варорӯд намоён омадаанд, мадорики бисёре ҷамъ шудааст, ҳама якҷоя нақши накбатбори пантуркизмро дар сарнавишти таърихии мардуми тоҷик нишон медиҳанд.

Дар бархе аз мақолаҳо, ба вежа дар «Нома ба М. С. Горбачов» андак кӯшише барои ҷамъбаст ва натиҷагирӣ дида мешавад. Ба хусус, дар рисолаи «Фитнаи инқилоб дар Бухоро» масъалаҳои бузурги таърихи навини тоҷикони Варорӯд баррасӣ гардида, фоҷиаи таърихии ин мардум нишон дода шудааст. Барои чунин хулосаҳои калони илмӣ дар баъзе мақолаҳои дигар низ мавод ҳаст.

Банда бисёр мехостам, ки мақолаи умумие дар бораи моҳияти идеологияи пантуркизми Варорӯд ва панӯзбекизм бинависам. Вале афсӯс, ки фурсат даст надод, мавзӯъҳои муҳимми дигар бандаро ба худ машғул доштанд ва банда мадорики серщуморерo, ки гирд овардаам, натавонистам барои кушодани моҳияти пантуркизм ва нақши иртиҷоъии он дар таърих истифода намоям. Лекин мадорике, ки дар ин маҷмуа ҳаст, ба пажӯҳишгарон барои ҷамъбастҳои густурдаи назарӣ имкон

медиҳад ва аз рӯйи падидаҳои ҷудогонаи пантуркизм дар бораи моҳияти аслии он хулосаҳои бузургтари илмӣ бароваранд.

Ба ҳар ҳол мақолаҳои ин маҷмуа аз баъзе ҷиҳатҳо чигунагии талошу пархоши зидди пантуркизмро, ки дар Тоҷикистон ҳамеша идома дошт, нишон медиҳанд. Соли таълиф ё нашри ҳар мақола дар пойинаш ишора шуд, ки онро як андоза мушаххасияти таърихӣ мебахшад.

12 апрели с. 2009

# ФИТНАИ ИНҚИЛОБ ДАР БУХОРО

**-1-**

Соли 1990 ҷашни 70-солагии инқилоби Бухоро баргузор гардид. Ба ин муносибат дар маҷаллаи «Садои Шарқ» (№ 9) мақолаи нури чашмам Рустам Шукуров «Моҳи сентабри соли 1920 дар Бухоро чӣ рӯй дод?» ва чанд мақолаи дигар чоп шуд. Рустам Шукуров дар ин мақола ба асоси гуфтаҳои шоҳидони воқиа, аз ҷумла аз рӯйи гувоҳии халабонҳои шӯравӣ, ки чаҳор рӯзи инқилоб бо 11 ҳавопаймо Бухороро бомбаборон карда буданд ва баъд лофу газофи ин «қаҳрамонон» дар матбуоти русии он солҳо чоп шуда буд, нишон дод, ки он чӣ инқилоби халқии Бухоро ном гирифтааст, ҳаргиз инқилоби иҷтимоъӣ набуд, балки ҳамлаи ваҳшиёнаи Артиши Сурхи шӯравӣ ба кишвари Бухоро, як навъ таҷовуз ва ишғолгарӣ буду бас.

Дар ҳамон шумораи «Садои Шарқ» як мақолаи таърихшиноси Маскав Александр Крушелнитский низ чоп шуда буд. Ин муаллиф рӯйдодҳоеро, ки инқилоби Бухоро ном гирифтааст, андак истеҳзоомез баён намудааст. Барои истеҳзои ӯ мадорике, ки аз бойгониҳо ва нашрияҳои шӯравӣ гирифтааст ва он мадорик моҳияти рӯйдодҳоро бидуни пардапӯш фош мекунанд, сабаб шудаанд. Матни аслии ин мақолаи А. Крушелнитский дар Маскав чоп шудааст.[1]

Моҳи сентабри соли 1990 дар Бухоро ба муносибати он солгард ҷашни бузурге барпо шуд. Дар рӯзҳои ин ҷашн дар Бухоро конфаронси илмии Солонаи Айнӣ ҳам баргузор гардид. Бинобар ин як ҳайати калон аз Душанбе ба Бухоро омад. Дар чорабиниҳои 70-умин солгашти инқилоб ва Солонаи Айнӣ баъзе масъалаҳои вазъи онрӯзаи тоҷикони Бухоро низ хеле тезу тунд ба миён гузошта шуд. Моҳиятан байни баъзе аз аъзои ҳайати Тоҷикистон ва мақомоти расмии Бухоро

---

[1] **Ниг.**: *А. Крушельницкий.* Диктатура по телеграфу//Родина.-1989.-№ 11.-С.31-39.

мубоҳисаи сахт рӯй дод. Банда бо Муҳаммади Осимӣ, Ҷалоли Икромӣ ва Намози Ҳотамӣ дар ин мубоҳиса ширкат доштам. Тафсилоти ин мубоҳисаи ибратомӯзро дар ҷое дигар баён хоҳам кард.

Аз ҷумла банда 3 сентабр дар маҷлиси «Солонаи Айнӣ» дар мавзӯъи «Айнӣ ва инқилоби Бухоро» маърӯза кардам. Матни он дар рӯзномаи «Омӯзгор» 25 сентабри соли 1991 чоп шуд. Камина дар ин суханронӣ аз рӯйи он чӣ устод Айнӣ дар бораи рӯйдодҳои ду даҳаи оғозини садаи бист, ба хусус солҳои 1917-1920 навиштааст, ба чунин хулоса омада будам, ки рухнамудҳои пурталотуми поёни август ва оғози сентабри соли 1920 дар Бухоро ҳаргиз ба инқилоби иҷтимоъӣ монандӣ надошт.

**-2-**

Садриддини Айнӣ рӯйдодҳои муҳими ду даҳаи оғозини садаи бистро, ки бархе сарнавиштсоз ва баъзе сарнавиштсӯз омаданд ва устод худ аз бештарини онҳо огоҳии хуб дошт, дар нигоштаҳои худ баён кардааст.

Нозирот (комиссариат-вазорат)-и маорифи Ҷумҳурияти Халқии Шӯроии Бухоро 17 ноябри соли 1920 қарор баровард, ки навиштани таърихи инқилоби Бухоро ба Фитрат, Айнӣ, Б. Солеҳов супурда шавад[1]. Лекин Фитрат чунин асар нанавишт. Аз ин ки Б. Солеҳов таърих навишт ё не, банда огоҳӣ надорам.

Садриддини Айнӣ навиштани таърихномаи муфассалеро зуд шурӯъ кард ва он китоби ӯ, ки имрӯз бо номи «Таърихи инқилоби Бухоро» машҳур аст, ба вуҷуд омад.

Чунонки устод қайд кардааст, оғози таълифи ин китоб «1339 ҳиҷрӣ, рабеуссонӣ-соли 1920, 31 декабр»[2] ва поён ёфтани он «1921 мелодӣ, 23 март» будааст, ки дар охири китоб сабт шудааст. Вале ин таърихи таҳрири ӯзбекии китоб будааст. Тоҷикии он пештар навишта шуда буд.

---

[1] **Ниг.**: *Н. Ҳотамов.* Як манбаъи муҳим (Дар бораи асари С. Айнӣ «Бухоро инқилоби таърихи учун материаллар»)// Садои Шарқ.-1971. -№ 1.-С. 137-144.

[2] *С. Айнӣ.* Асарлар, т.1.- Тошканд:Политиздат, 1963.-С. 186.

Айнӣ дар мақолаи «**Ҷавоби ман**» (1933, ҷавоб ба Бектош) мегӯяд: «*Ҳақиқат ин аст, ки ман қисми бисёрии «Таърихи инқилоби Бухоро»-ро солҳои 18-19 дар Самарқанд ба забони тоҷикӣ навиштаам*»[1]. Як таҳрири тоҷикии ин китоб моҳи феврали соли 1918 поён ёфта, «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» ном доштааст ва як нусхаи онро фарзанди устод Айнӣ –Камол Айнӣ ба наздикӣ аз бойгонӣ ёфта ба чоп расонид.[2]

Устод аз ҳамин пешнависҳои солҳои 1918-1919 китоби «Таърихи инқилоби Бухоро»-ро ба вуҷуд овард. Лекин чунонки ӯ дар мақолаи мазкури «Ҷавоби ман» гуфтааст, нозироти маорифи Ҷумҳурияти Халқии Шӯроии Бухоро аз ӯ хост, ки он китобро ба забони ӯзбекӣ тарҷума кунад.

Устод ҳамин тарҷумаву таҳрири ӯзбекиро ба номи «Таърихи инқилоби Бухоро» моҳи марти соли 1921 ба охир расонид ва ба нозироти маориф супурд.

Он гоҳ китоб аз чоп монд ва чопи он соли 1926 ба номи «Бухоро инқилоби таърихи учун материаллар» дар Маскав сурат гирифт.

Он чӣ имрӯз ба номи «Таърихи инқилоби Бухоро» шӯҳрат дорад, тарҷумаи ҳамон китоби ӯзбекист ва тарҷумаи он ба қалами зиндаёд Раҳими Ҳошим соли 1987 ба табъ расид.

Хуллас ки китоби Айнӣ «Таърихи инқилоби Бухоро» якумин таърихномаи инқилоби Бухоро буда, дар айёми вуқӯъи воқиа навишта шудааст. Дар нахустин моҳҳои мавҷудияти ҳукумати нави шӯравии Бухоро маҳдудияти сензура ва ҳадгузории идеологӣ ҳанӯз вуҷуд надошт ва дар вақти чопи ӯзбекии он, яъне соли 1926 низ ҳанӯз аз баъзе ҷиҳатҳо пурзӯр набуд ва гумон меравад, ки зиёд нақш нагузоштааст. Айнӣ имкон дошт, ки он чиро, ки худ медонист, айнан ба қалам биёварад. Устод Айнӣ аз фаъолтарин талошгарон буд ва аз бештарини рухдодҳои замон огоҳӣ дошт. Аз ин рӯ гувоҳии ӯ хеле эътибор дорад.

---

[1] *С. Айнӣ.* Куллиёт, ҷ.II, қ. 2.-С. 185.

[2] Таърихи ёфта шудани ин дастнависи устод Айнӣ дар мақолаи Камол Айнӣ омадааст. *Ниг.: С.Айнӣ.* Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро. - Теҳрон, Суруш, 1381-2002, с.3-16; *С.Айнӣ.* Куллиёт, ҷ. 14.-С. 8-28

**-3-**

Аз китоби Айнӣ «Таърихи инқилоби Бухоро» ва дигар навиштаҳои ӯ пайдост, ки талошу пархоше, ки дар оғози садаи бист дар Бухоро ба вуқӯъ омад, ба вежа дар даҳаи дувум авҷ гирифт, хусусияти маорифпарварӣ дошт. Ҷадидони Бухоро, ки худро ҷавонбухороӣ, тараққипарвар, ислоҳотхоҳ ном бурдаанд ( ва Айнӣ дар китобаш онҳоро «ҷавонон» низ меномад), асосан бо фаъолияти равшангарӣ, бо кушодани мактабҳои усули ҷадид, зиёд кардани шумораи ин мактабҳо, нашри рӯзномаи «Бухорои Шариф» (1912) ва «Тӯрон» (1912) ва монанди инҳо, бо тайёр кардани ислоҳоти иҷтимоъиву сиёсӣ машғул буданд. Мақсад аз ин ислоҳот, ки бояд амир ва ҳукуматдорон бо ширкати маорифпарварон анҷом медоданд, низ роҳ кушодан барои ривоҷу равнақи маорифпарварӣ буд.

Маорифпарварони Бухоро салтанатхоҳ буданд. Онҳо нахуст аз амир Абдулаҳадхон (1885-1910) умеди ислоҳот доштанд, ки бар бод рафт. Чун амир Олимхон ба тахт нишаст, боз умеди ислоҳот пайдо шуд. Он гоҳ ин шеърро гуфтанд:

*Чу эзид хост ислоҳоти куллӣ*
*Бухоро андар ин айём ёбад,*
*Сайид Олим Баҳодурхони одил,*
*Ки аз адлаш ҷаҳон ором ёбад,*
*Ба тахти салтанат биншаст аз бахт,*
*Зи тахту бахт ё раб ком ёбад.*
*Кунун аз рӯйи қонуни адолат*
*Умури мамлакат анҷом ёбад.*
*Равад бунёди зулму ҷавр бар бод,*
*Асоси шаръ истеҳком ёбад.*

*Ба таърихи ҷулусаш ҳотифе гуфт:*
*Тараққӣ миллати ислом ёбад.*[1]

[1] *Рӯзномаи Садри Зиё.*-Теҳрон: Маркази аснод ва хадамоти пажӯҳишӣ, 1382=2003.-С. 217

Ин шеър дар “Рӯзнома”-и Садри Зиё омадааст. Садри Зиё номи сарояндаи онро нагуфтааст. Аз маълумоти Шайх Абдулқодири Раҳматуллоҳи Бухороии мутахаллис ба Саббоқ дар китоби “Армуғони Саббоқ” (ки соли 1410 ҳ. дар шаҳри Мадинаи мунавварaи Арабистони Суудӣ чоп шуда, баъдтар аз тарафи муҳаққиқи шӯҳратёри тоҷик Маъруфи Отахонзода ба хатти русии тоҷикӣ баргардон ва соли 2007 дар Тошканд ба табъ расид) ошкор гардид, ки ин шеър ба қалами Абдулвоҳиди Мунзим, ки аз ҷадидон ва инқилобкорони машҳури Бухорост, тааллуқ дорад.[1] Аз китоби мазкур пайдост, ки дар ҷулуси амир Олимхон аз ҷадидони Бухоро Абдуррауфи Фитрат ва Садриддини Айнӣ низ ашъори шодиёна гуфтаанд.

Дар шеъри Мунзим, ки дар боло овардем, баъзе усули асосии ислоҳот зикр шудааст: аввал ин ки ислоҳот бояд куллӣ бошад, на ҷузъӣ. Сониян, таъмини оромӣ дар кишвар, пойдории адолати иҷтимоъӣ, устувории асосҳои шаръ, тараққии ҳамаҷонибаи кишвар дар назар аст. Тавон гуфт ин шеър як навъ хостномаи ҷадидон аст, ки хоҳишҳои асосии онҳоро ба диққати амир расонидааст.

Зуд маълум шуд, ки аз амир Олимхон ҳам ислоҳот умед кардан набояд. Дар натиҷа аз солҳои 1911-1912 дар миёни бархе аз ҷавонон рӯҳияи радикал пайдо шуд. Чанде аз бухороиёни Истамбул, ки Ҳошими Шоиқ низ бо онҳо буд, маслаҳат оростанд ва қарор доданд, ки агар амир Олимхон ислоҳот ҷорӣ накунад ва тартибе наздик ба машрутаро рад намояд, ӯро аз тахт сарнагун бояд овард ва ба ҷои ӯ якеро аз хонадони Манғития ба тахт бояд нишонид.[2] Аммо ин ният амалӣ нашудааст.

Чунонки мебинем, ҳатто дар сурати табаддулоти ҳарбӣ ҳам фақат иваз кардани як манғитӣ ба манғитии дигар ҳадаф қарор ёфтааст. Салтанатталабӣ сахт ба зеҳнҳо нишаста буд.

---

[1] **Ниг.:** *Шайх Абдулқодир Кароматуллоҳи Бухорӣ..* Тазкираи Сибоқ.-Тошканд, Фан, 2007.-С. 160-161. *Ин ҷо шеъри Мунзим як байт зиёд омадааст.*

[2] **Ниг.:** *Ш. Турдиев.* Роль России в подавлении движения джадидов// Центральная Азия (Швеция).-1990. -№ 1 (13).-С. 133.

Ҳатто пас аз террори апрели 1917 (баъди судури фармони ислоҳот ва «намоиши шукрона»-и ҷадидон) ва марти 1918 (баъди «воқиаи Колесов»), ки аз ислоҳотхоҳии амир ва байзоиёни иртиҷоъӣ дигар ҳеч умед намонд, чун созмони ҷавонбухороиён ба Абдурраufи Фитрат супориш дод, ки барномаи ин созмонро тартиб бидиҳад, Фитрат соли 1918 як «Лоиҳаи ислоҳот» тартиб дод, ки бисёр ҷолиб ва яке аз муҳимтарин санадҳои таърихи маорифпарварии тоҷикон аст ва дар ин санад ҳадафи асосии сиёсӣ машрутият аст ва Фитрат мехоҳад, ки сохти амирӣ нигоҳ дошта ва як Шӯрои вазирон таъсис шавад, сиёсатро асосан ин Шӯро ва сарвазир муайян бикунад. Ин аст, ки ҳатто пас аз пирӯзии инқилоби октабри 1917 дар фикри Фитрат, ки аз наздикони Файзуллоҳ Хоҷаи ифроткор буд, ғояи салтанатталабӣ сахт ҷойгир будааст.

Фақат дар «Маромнома» (барнома)-и Фирқаи ҷавонбухороиёни инқилобӣ, ки Файзуллоҳ Хоҷа онро соли 1920 пас аз сафари Маскав тартиб дод ва конфаронси ҳизб 14 июни соли 1920 тасдиқ кард, омадааст, ки сохти амирӣ бояд сарнагун ва Бухоро ҷумҳурияти демократии халқӣ эълон шавад. Ин аст, ки ғояи ҷумҳуриятхоҳӣ дар ҷунбиши ҷавонбухороиён фақат дувуним ё се моҳ пеш аз инқилоби Бухоро расман пазируфта шуд.

Фикри инқилоб дар сари Файзуллоҳ Хоҷа ва баъзе ифроткорони дигаре хеле пештар, чунончи солҳои 1917-1918 дар натиҷаи ҳамкорӣ бо болшевикони рус пайдо шуда буд. Вале он гоҳ фикри инқилоби иҷтимоъӣ ва ҷумҳуриятхоҳии коммунистии Бухоро ҳанӯз бештарини ҷадидони гурезаи Бухороро фаро нагирифта буд, фикри ақаллият ба шумор меомад. Бо вуҷуди ин таърихи инқилоби Бухороро аз соли 1917, аз моҳи апрелу майи он сол, ки ҷадидон пас аз боло гирифтани иртиҷоъ ба Когон гурехтанд, сар кардан мумкин аст. Дар Когон бо қувваҳои инқилобии русӣ, аз ҷумла_бо болшевикон ҳамкорӣ сар кардани ҷадидони гуреза рӯҳияи инқилобии онҳоро қувват дод. Чун ҳадафи сиёсии нав –хоҳиши барпо кардани инқилоби иҷтимоъӣ дар мароми маслаки бархе аз ҷадидони Бухоро соли 1917-1918 пайдо гардид, ба ақидаи мо, таърихи инқилоби Бухороро асосан аз ҳамин вақт, аз апрели соли 1917 оғоз кардан лозим аст ва ҷунбиши ҷадидияро

дар ду даҳаи оғозини садаи бист, то моҳи апрели соли 1917 таърихи равшангарӣ ва маорифпарварии тоҷикӣ бояд донист.

Ҷадидони ҳавзаи Бухоро то соли 1917 ва бисёре пас аз он ҳам «инқилоби фикрӣ» ва «инқилоби илмӣ» мехостанд. Инро мо имрӯз инқилоби фарҳангӣ меномем. Инқилоби фарҳангӣ аз диди ҷадидон як раванди сулҳомез ва натиҷаи як таҳаввули тадриҷии фарҳангӣ буд. Истилоҳи «инқилоби иҷтимоъӣ», ки гоҳ дар адабиёти ҷадида, чунончи дар навиштаҳои устод Айнӣ дучор мешавад, натиҷаиислоҳоти сулҳомези иҷтимоъиву сиёсӣ, инчунин натиҷаи таҳаввули тадриҷии фарҳангиро ба назар дошт. Ҷадидон натиҷаҳои бузурги равандҳои нави маорифпарварӣ ва иҷтимоъиву сиёсиро инқилоби иҷтимоъӣ ба шумор меоварданд. Вале ба ақидаи банда, мо имрӯз он инқилоби ормонии ҷадидонро бояд инқилоби фарҳангӣ биномем. Аз ин рӯ, ба фикри мо ҷунбиши равшангариву маорифпарвариро, ки аз Аҳмади Дониш сар шуда, то соли 1917 давом кард, таърихи инқилоби фарҳангӣ, инқилоби маорифпарварӣ бояд номзад бикунем.

Аз ин дидгоҳ бояд гуфт, ки устод Айнӣ дар китоби «Таърихи инқилоби Бухоро» таърихи ҷунбиши маорифпарварии тоҷикии ҳавзаи Бухороро баён кардааст, на таърихи инқилоби болшавикиро. Дар Бухоро равандҳои иҷтимоъиву сиёсие, ки ҷомиаро ба инқилоби болшевикӣ биоварад, вуҷуд надошт. Ин нукта аз ҷониби муҳаққиқони рус низ дар баҳс бо Ф. Хоҷаев дар ҳамон солҳо таъкид ёфта буд. Ва аз китоби Айнӣ ба ин ҳақиқат бовар ҳосил мекунем.

Ба гуфти устод Айнӣ халқ ба инқилоб омода набуд. Устод дар бораи соли 1918, ки сардори ҳукумати шӯравии Туркистон Фёдор Колесов ба Бухоро ҳамла оварда, инқилоб карданӣ шуд, гуфтааст: «Ҷавонон (ҷавонбухороиён –М. Ш.) дар он рӯзҳо ба деҳқонон ва ба сарбозони Бухоро низ фирефта шуда буданд. Ҷавонон гумон мекарданд, ки деҳқонон ва сарбозоне, ки аз ҷабру зулми ҳукумати Бухоро ҷон ба лабашон расидааст, бо андак ҳаракати мо ба моён ҳамроҳ шуда, барои ба даст даромадани талабҳои мо, ки айни муддао ва манфиати онҳост, ёрӣ хоҳанд дод. Ҳол он ки деҳқонон ва сарбозҳо ба ҳадде зери занҷири зулму ситам фишурда шуда буданд, ки маҷоли ҳаракат кардан надоштанд. Ба замми ин, муллоҳои

хоин ва эшонҳои шариатфурӯш дар байни деҳқонон хеле хуб ташвиқот бурда, онҳоро бар зидди ҷавонон барангехта, аз номи шариат ба иҷрои ҳар коре омода карда буданд. Дар муқобили чунин тайёриҳо баённомаҳое, ки ҷавонон паҳн мекарданд ва ташвиқоти онҳо ҳеч таъсире дошта наметавонист»[1].

Чунонки мебинем, моҳи марти соли 1918, ҳангоми «воқиаи Колесов» Бухоро аз вазъияти инқилобӣ фарсахҳо дур буд ва мардумон наметавонистанд марому маслаки инқилобиро бипазиранд. Дар соли 1919, ҳатто соли 1920 вазъият ҳамон буд, ки буд. Ҳатто фиғони ситамдидагон баланд садо намедод, чӣ ҷои пазириши ғояҳои инқилобӣ.

Устод Айнӣ таъкид кардааст, ки халқи Бухоро ҳатто ба қабули ислоҳоти маорифпарварӣ омода набуд. Устод дар китоби «Таърихи инқилоби Бухоро» бобе дорад ба ин сарлавҳа: «Оё халқ ба ислоҳот толиб ва ҳозир буд?» Ӯ дар ин боб ба пурсиши якум, ки оё халқ ба ислоҳот толиб буд? посухи мусбат ва ба пурсиши дувум посухи манфӣ додааст. Вай барои посухи дувуми манфӣ ба тафсил сабабҳо нишон дода дар охир мегӯяд: «Роҳҳо вайрон, обҳо гандида, тамоми мамлакат харобазор… Халқ бемор, фақир ва мӯҳтоҷ…».[2] Пас аз ин, устод боз андак аз мазлумии халқ ва маҳрумияти ӯ, аз нуфузи муллоҳои мутаассиби муҳофизакор сухан карда, дар поёни боб чунин хулоса баровардааст: «Бинобар ин гуфта метавонем, ки ба ғайр аз ҷавонон ва ҷавонфикрон аксарияти халқ ба ислоҳот омода набуд. Ҳатто ба ин гуфтаҳои худ як ҷумла низ илова карда метавонем: Ин халқи мазлум ва нодон аз тарафи ҳукумат ва косалесони он- муллоҳо ба муқобили ислоҳот омода мешуд»[3].

Ин аст, ки мардумоне, ки ба ислоҳоти маорифпарварӣ омода набуданд, магар метавонистанд ба табаддулоти инқилобӣ омода бошанд? Халқ метавонист ба муқобили ҷавонбухориёни маорифпарвари ислоҳotталаб хуруҷ бикунад, лекин наметавонист зидди амиру вазир, шариатпаноҳон ва

---

[1] *С. Айнӣ.* Таърихи инқилоби Бухоро.- Душанбе:Адиб , 1987.-С. 208.
[2] *С. Айнӣ.* Таърихи инқилоби Бухоро.- Душанбе:Адиб , 1987.-С. 151.
[3] *С. Айнӣ.* Таърихи инқилоби Бухоро.- Душанбе:Адиб , 1987. -С.152

муллоҳои манфиатҷӯй сар бардорад. Бар зидди низоми иҷтимоъиву сиёсӣ ба по хестани халқ аз чашм дур буд. Шуури иҷтимоъӣ ва эҳсоси худдифоъии халқ ҳанӯз паст ва ба дараҷаи худогоҳии инқилобӣ нарасида буд.

**-4-**

Ин нофаъолии иҷтимоъии оммаи халқ, ки устод Айнӣ махсусан таъкид кардааст, чунин маънӣ надорад, ки дар Бухоро муборизаи иҷтимоъиву сиёсӣ ва ҷунбиши адолатҷӯйӣ вуҷуд надошт. Не, дар Бухоро чун асрҳои пеш мубориза идома дошт. Ба вежа бо зуҳури Аҳмади Дониш дар нимаи дувуми садаи нуздаҳум мубориза тезу тунд шуд. Шогирдону пайравони Аҳмади Дониш, аҳли маҳфили адабии Садри Зиё, ҷадидони ҷавони ҳимматбаланд ҳама ё бештаринашон талошгари фаъол буданд. Ҳақгӯйӣ, ки намунае аз башардӯстии фаъоли Саъдӣ буд, хеле ривоҷ ёфт ва бисёр ҳақгӯёни нотарсу забардаст пайдо шуданд. Онҳо бо овози баланд ситамгарон ва ноинсофонро фош мекарданд. Касоне чун Шукурбеки «дузд» пайдо шуданд, ки моли давлатмандонро ғорат карда, ба бенавоён тақсим мекарданд.

Яке аз пархошгарони ҷасур Мулло Амон буд. Мулло Амон садои дилхароши танбӯрро бад медид ва «хурӯшидани доира»-ро нағз медид. Инак, ӯ гуфтааст: «Мехоҳам, ки бо садои пурҷӯшу хурӯши доира ҷӯшону хурӯшон ба кӯча бароям ва Рустамвор наъракашон ба дари арки амир равам ва бо ғурриши шерона гӯям: Ӯй гургони одамхор! Аз шумо умеди одамгарӣ кардан ва одам шудани шуморо чашм доштан ғалат аст! Шуморо тавбаи гургона додан (яъне нест кардан) лозим аст»[1].

Ин гуна талошгарони фидокор дар асарҳои Айнӣ бисёр тасвир шудаанд. Чун ҳамаи ин тасвирҳоро як-як мехонем, дар ҳақиқат тасаввуре пайдо мешавад, ки чунонки боре профессор Георгий Ломидзе гуфта буд: «Бухоро ба ҷӯш омадааст» («Бухара кипит»). Бухоро ҳеч гоҳ орому хомӯш набуд. Чи дар

[1] *С. Айнӣ*. Куллиёт. ч. 7.-С. 402.

илму фарҳанг, чи дар муборизаи иҷтимоъӣ Бухоро ҳамеша дар ҷунбиш, дар ҷӯш буд.

Устод Айнӣ дар таърихномаҳо ва асарҳои бадеъии худ навъҳои гуногуни мубориза, ҳамчунин пархошгарони барҷастаеро тасвир карда ва нишон додааст, ки муборизаи зидди ситами иҷтимоъӣ, зидди сиёсати уруқдорӣ ва истибдоди байзоиён ҳамеша идома дошт.

Инро низ ба ёд бояд бигирифт, ки ин ҳама муборизаҳо шакли анъанаии бостонӣ дошта, бештар талоши шахсони ҷудогона ба муқобили ситам ва ситамгарони ҷудогона буд, аз набарди муташаккилонаи инқилобӣ, аз пархоши умумии халқ хеле дур буд.

Аз ин рӯ, устод Айнӣ гуфтааст, ки халқи Бухоро ба набарди инқилобӣ ва пазириши инқилоб тайёр набуд.

Ин ҳақиқатро на танҳо Садриддини Айнӣ ва касоне мисли ӯ фаҳмида буданд, балки бисёр хориҷиён низ медонистанд ва ҳатто ба ҳукумати шӯравии Маскав ва Туркистон низ маълум будааст. Чунончи В. В. Куйбишев, ки яке аз ҷангҷӯтарин намояндагони Маскав дар Туркистони болшевикӣ ва тарафдори ҳар чӣ зудтар юруш оғоз кардани Артиши Сурхи шӯравӣ ба сари Бухоро буд, 25 июни соли 1919 гуфтааст: «Оммаи халқи Бухоро то дараҷае ба камол нарасидаанд, ки инқилобе, ҳатто инқилобе на ба маънои урупоӣ, балки ба маънои шарқии он бар по бикунанд» (бухарские массы не созрели до совершения революции не только в европейском, но и даже в восточном смысле слова).[1]

Чунонки мебинем, Куйбишев ба хубӣ медонист, ки дар сарзамини Бухоро аз вазъияти инқилобӣ дараке нест. Бегумон, бархе аз кордорони Русия ва Туркистони шӯравӣ низ инро медонистанд. Бо вуҷуди ин бисёре аз онҳо мехостанд, ки ҳар чӣ зудтар дар Бухоро инқилоб бикунанд. Аз ҷумла, В. Куйбишев ақида доштааст, ки «чун маҳв кардани Бухорои истибдодӣ барои Туркистони шӯравӣ зарурати ҳаётист, мумкин аст бо нерӯи Артиши Сурхи Русия зери ниқоби инқилобиёни бухороӣ дар Бухоро табаддулоте ба вуҷуд оварда шавад» (постольку, поскольку для Советского Туркестана жизненной

---

[1] **Иқтибос аз**: *Владимир Генис.* «С Бухарой надо кончать…» К истории бутафорских революций. Документальная хроника.–М.: МНТИ, 2001.-С. 19.

необходимостью является уничтожение деспотической Бухары, постольку силамы российской Красной Армии, под вывеской бухарских революционеров, в Бухаре может быть произведен переворот).[1]

Чунонки мебинем, мақсади аслӣ «маҳв кардани Бухоро» (уничтожение) будааст, ки ошкоро ба забон омадааст. Ба ин нукта низ диққат бояд бидиҳем, ки инқилоб ва нест кардани Бухоро на барои халқҳои Бухоро лозим будааст, балки зарурати ҳаётии Туркистони Русия будааст, яъне барои импиротурии болшавикӣ зарур омадааст. Инро ҳам Куйбишев рӯйрост гуфтааст. Ӯ ҳеч нияташро пинҳон намекунад. Агарчи дар Бухоро аз вазъияти инқилобӣ нишоне нест, В. Куйбишев инқилобгунае ба майдон овардан мехоҳад ва онро ҳам дар зери ниқоби инқилобҷӯёни Бухоро, яъне ҳамон ҷавонбухороиёне, ки соли 1917 пас аз шикасти маорифпарварӣ ба Туркистон паноҳ бурда, бархе аз онҳо аз августи соли 1918 худро ба оғӯши болшевикон партофтанд, ба вуҷуд овардан мехоҳад. Бо ниқоби инқилобу инқилобиён Бухороро маҳв кардан хостанд.

Мақсади аслӣ на инқилоб ва озодии мардуми тоҷик ва ғайра, балки несту нобуд кардани Бухорои шариф –ин маркази фарҳангиву мазҳабиву сиёсии ватани муқаддаси мост. Хоҳиш мекунам, ки истилоҳоти «маҳв кардан» -уничтожение ва «ниқоби инқилобиён» -вывеска бухарских революционеров, аз ёд наравад, ки барои фаҳмидани моҳияти баъзе рухнамудҳо лозим хоҳад шуд.

В. Куйбишев он суханҳоро дар як маҷлиси хоса, ки фиристодагони баландпояи Маскав дар Тошканд барпо карда буданд, гуфтааст. Дар қарор (резолютсия)-и ин маҷлис ба таври қатъӣ гуфта шудааст, ки «инқилоб дар Бухоро ногузир аст»ва «бо ёрии сарнайзаҳои Артиши Сурх ба вуқӯъ хоҳад омад» («революция в Бухаре неизбежна», «совершена она будет при помощи штыков Красной Армии»).[2]

---

[1]*Владимир Генис.* «С Бухарой надо кончать…» –М., 2001.-С. 19.

[2] Ҳамон ҷо

Боз ҳам аҷаб бепарда сухан гуфтаанд. Ошкор аст, ки ҳатман Бухорои бузургро нест кардан мехоҳанд ва силоҳи ин нобудкориро, ки сарнайзаи туфанг аст, тез карда истода буданд. Ин ҳам бояд таъкид шавад, ки боз ҳам қарордоди инқилоби Бухоро на дар Бухоро ё дар байни бухороиён, балки дар Тошканд, дар маҷлиси намояндагони баландрутбаи Маскав қабул шуд. Ин ҳам равшан аст, ки маҷлиснишинон дар ғами халқи Бухоро нестанд, балки «зарурати ҳаётии Туркистони шӯравӣ» («жизненная необходимость для Советского Туркистана»), яъне хостҳои импиротурии навтаъсиси болшевиконро ба назар доранд.

**-5-**

Он андешаи Садриддини Айнӣ, ки гуфтааст дар солҳои 1917-1920 халқи Бухоро ба инқилоб кардан омода набуд ва ҳатто ислоҳоти маорифпарваронро наметавонист бипазирад, аз чанд ҷиҳат хеле муҳим аст. Нахуст он ки Айнӣ вазъи ҷомиа ва рӯҳияи халқро бисёр нағз фаҳмидааст. Устод замонашиноси бузург буда, замонасозии машҳури ӯ аз замонасанҷӣ сар зада буд. Дақиқбинии устод Айнӣ 7 апрели соли 1917, ки ба «намоиши шукрона» ва «намоиши шодиёнаи» ҷадидони ҳамкораш сахт зид баромад, маълум шуда буд. Мутаассифона, Абдулвоҳиди Мунзим (Бурҳонов), Файзуллоҳ Хоҷаи моҷароҷӯ ба гапи Айнӣ ва рафиқонаш гӯш накарданд ва «намоиши шодиёнаи» онҳо ба мотам табдил ёфт: маорифпарварӣ шикаст хӯрд, ҷадидон ба Когон, Самарқанд ва Тошканд гурехта ва баъзе роҳи инқилобро пеш гирифтанд.

Он гуфтаи Айнӣ, ки дар Бухоро заминаи инқилоб вуҷуд надошт, пеш аз ҳама ба муқобили сарварони инқилобиёни Бухоро ва ба вежа ба муқобили пешвои ҷавони онҳо Файзуллоҳ Хоҷа гуфта шуда буд. Ин муҳимтарин нуктаест, ки Айниро чун бузургтарин ва ҷасуртарини ҳақҷӯёни замон нишон медиҳад.

Гап дар сари он аст, ки Файзуллоҳ Хоҷа аз нимаи соли 1917 пайваста баёнот медод, ки гурӯҳҳои пинҳонкори созмони ҷавонбухороиён чи дар даруни шаҳри Бухоро ва чи дар баъзе вилоятҳо бо таблиғоти инқилобӣ мардумро ба шӯриши

инқилобӣ тайёр кардаанд ва мунтазири кӯмаке аз берунанд, яъне ҳамин ки Артиши Сурхи шӯравӣ ба сӯи Бухоро юруш сар кард, ин инқилобиёни пинҳонкори дохилӣ сар мебардоранд ва амирро сарнагун мекунанд.

Чун Файзуллоҳи инқилобхоҳ бо чунин маълумот ба сардори ҳукумати шӯравии Туркистон (Тошканд) Фёдор Колесов муроҷиат кард, Колесов, ки худ ба имо маҳтал буд, зуд пешниҳоди Файзуллоҳро қабул кард ва 1 марти соли 1918 ба сари Бухоро лашкар кашид. Вале ҳеч гурӯҳе аз дарун ё беруни Бухоро сар набардошт ва амирро сарнагун накард. Колесов сахт шикаст хӯрда шармандавор роҳи гурез пеш гирифт. Баъди ин ҷанг чун Колесов ба гардани ҷавонбухороиён айб гузоштан хост, ки ахбори нодуруст додаанд (дурӯғ гуфтаанд) ва аз даруни Бухоро ҳеч гурӯҳе ба инқилоб омода набудааст, Файзуллоҳ Хоҷа айбро ба сари худи Колесов партофт ва гуфт, ки Колесов ба пинҳонкорони даруни Бухоро силоҳ надод ва аз ин сабаб онҳо натавонистанд хуруҷ кунанд.

Файзуллоҳ Хоҷа дар китоби машҳураш «К истории революции в Бухаре» аз «воқиаи Колесов» сухан ронда, сабаби якуми шикасти ӯро чунин баён кардааст:

«Первой и главной внешней причиной было то что Колесов не сумел выполнить соглашения, не доставил младобухарской организации обещанного оружия вовремя и в крупных размерах, следствием чего явились невозможность вооружить всех членов нашей организации и, следовательно, начать восстание изнутры, как то предпологалось по плану и было, конечно, вполне целесообразным»[1].

Чунонки дида мешавад, «восстание изнутры» -«шӯриши даруни» Бухоро яке аз шартҳои ҳамлаи Колесов будааст. Ва ҳол он ки дар дохили Бухоро қувваи ҷиддии ҷадидон боқӣ намонда буд. Пас аз террори апрели 1917 бештари ҷадидон аз Бухоро гурехтанд ва боқимондаҳо парешону пароканда ба ниҳонгоҳҳо ҷо шуда буданд ва умед кардан, ки онҳо шӯрида амирро сарнагун хоҳанд кард, ниҳояти кӯтоҳбинӣ буд.

Банда, албатта, намехоҳам, ки Колесовро сафед бикунам. Ҳоло ба ҳама маълум аст, ки Колесов аз рӯи қонуни

---

[1] *Ф. Ходжаев.* Избранные труды, т. 1.-Тошканд, 1970.-С. 135.

империализми инқилобӣ ба тарзи «таҳоҷуми сурх» (красная экспансия) ба Бухоро ҳамла оварда буд. Банда он нияти Файзуллоҳ Хоҷа, он беандешагии ӯро таъкид кардан мехоҳам, ки ба дасти душмани гузаро бошад ҳам, ҳарчи зудтар инқилоб кардан мехост.

Беандешагии инқилобии Файзуллоҳ Хоҷа чанд бор зоҳир шуд ва нахустин бор як сол пеш, яъне моҳи апрели соли 1917 ҳамаро ба ҳайрат оварда буд. Мехоҳам кӯтоҳак ба ин воқиа диққат ҷалб бикунам.

Чун 7 апрели 1917 фармони ислоҳот эълон шуд (онро Шарифҷон махдуми Садри Зиё дар Арк хонда ба диққати ҳозирони сершумор расонд), соати сеи ҳамон рӯз сарварони ҷадидия ба ҳавлие гирд омада машварат оростанд, ки рӯзи дигар ба шодмонии фармони амир намоиш бар по бояд кард ё не? Бисёре аз ҳозирон барпо кардани «намоиши шукрона ва шодиёна»-ро лозим надонистанд. Ба вежа Абдулвоҳиди Мунзим (Бурҳонов), Муҳиддини Рафъат, Мусо Саидҷонов (аз Кумитаи марказии созмони ҷавонбухороиён), инчунин Садриддини Айнӣ, Аҳмадҷон Махдуми Ҳамдӣ, Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ ва дигарон ба намоиш сахт муқобил баромаданд. Аммо Файзуллоҳ Хоҷа ва тарафдорони ӯ ҳамоно ба пешниҳоди худ пофишорӣ мекарданд. Онҳо «намоиши инқилобӣ» барпо кардан мехостанд.

Дар он ҷаласа Маҳмудхоҷаи Беҳбудии Самарқандӣ, ки ба маросими эълони ислоҳотнома даъват шуда буд, низ ширкат дошт. Чун мубоҳиса хеле кашол ёфт ва тезу тунд шуд, Беҳбудӣ пешниҳод кард, ки ба пеши элчии Русия Миллер намоянда фиристанд ва бифаҳманд, ки ӯ ба намоиши ҷадидон розӣ аст ё не. Ин пешниҳод қабул шуд ва Файзуллоҳ Хоҷаро бо се нафари дигар ба дафтари Миллер фиристоданд. Файзуллоҳ Ҳоҷа дар рисолаи мазкури худ навиштааст: «Миллер кратко ответил делегатам, что он не советует манифестировать».[1]

Яъне Миллер иҷозат надод, ки намоиш баргузор шавад. Аммо бинед, ки Файзуллоҳ чӣ менависад: «Утром следующего дня, явившись в магазин «Ширкат Баракат», я застал там покойного Фазлиддина Максума и Абдул Вахида Бурханова

[1] *Ф. Ходжаев.* Избранные труды, т. 1.-Тошканд, 1970.-С. 105.

(Мунзим-М.Ш.). Эти двое, противники манифестации, под клятвою спросили_меня правда ли, что Миллер согласился на манифестацию. Я дал уклончивий ответ».[1]

Ин гап чӣ маънӣ дорад? Маънои ин гап ҳамин аст, ки агарчи Мунзим Файзуллоҳро қасам дода пурсида буд, Файзуллоҳ рости гапро нагуфт, дурӯғ гуфт. Дурӯғи ӯ ин буд, ки Миллер чандон ба намоиш зид нест. Ва бо ин беандешагии ӯ намоиш оғоз ёфт.

Бо баҳонаи ин намоиш, чунонки гуфтем, иртиҷоъ боло гирифт ва террор сар шуд. Хайрият, ки дар ин террор ҳеч нафаре кушта нагардид (ғайр аз Мирзо Назруллоҳи Ғафурзода, ки 9 апрели 1917 баробари устод Айнӣ 75 чӯб ва ба қавли Файзуллоҳ Хоҷа 150 чӯб хӯрда буд ва пас аз се рӯз дар бемористони русони Когон вафот кард), вале маорифпарварӣ торумор шуд.

Аммо дар «воқиаи Колесов» (марти 1918) дар Бухоро террори бузурге оғоз шуд, ки ба шумурди худи Файзуллоҳ Хоҷа ё созмони ҷавонбухороиён дар ин террор 3000 нафар кушта шуд. Даҳшатҳои террори соли 1918-ро устод Айнӣ дар «Ҷаллодони Бухоро» тасвир кардааст.

Файзуллоҳ Хоҷа он гоҳ ҳамагӣ 21-22 сол дошт (тав. 1896). Аз ҳамин солҳои ҷавонӣ Файзуллоҳ мехост, ки бо ҳар роҳ, ки бошад, ҳатто бо моҷарову иғво, бо дурӯғу фиреб, ба мақсади худ бирасад. Ва аксари мавридҳо азму иродаи қавӣ ӯро ба мақсад мерасонид.

Ба ин тариқ тавон гуфт, ки фаъолияти сиёсии Файзуллоҳ дар апрели 1917 ва марти 1918 бо дурӯғу фиреб ва фитнаи худғаразӣ оғоз ёфта буд. Ин роҳи ӯ то поёни умраш идома дошт.

***

Солҳои 1918, 1919 ва 1920 Файзулоҳ Хоҷа бисёр бикӯшид, то мақомоти шӯравии Туркистон ва Маскавро бар ин бовар биоварад, ки Бухоро бо таблиғоти ниҳонкорони ҷавонбухороиёни инқилобӣ (ҷадидони гуреза) ба инқилоб

[1] *Ҳамон ҷо.*

тайёр шудааст ва агар Артиши Сурх ба сӯйи Бухоро юруш сар бикунад, инқилобиён аз даруни Бухоро сар бардошта амирро сарнагун мекунанд. Агарчи моҳи марти соли 1918 ошкор гардид, ки чунин баёнот бебунёд аст, Файзуллоҳ Хоҷа ҳарчӣ бештар ба он фикри худ пофишорӣ мекард. Мақомоти шӯравии Туркистон ҳам барои густариши кори таблиғотии созмони ҷавонбухориён (ки баъд Ҳизби ҷавонбухориёни инқилобӣ ном гирифт) ва Ҳизби коммунистии Бухоро ёрмандиро дареғ намедоштанд.

Дар бораи таблиғоти пинҳонӣ, ки гӯё дар байни аҳолии Бухоро густариш меёфт, дар навиштаҳои оид ба таърихи инқилоби Бухоро, аз ҷумла, дар навиштаҳои худи Файзуллоҳ Хоҷа шарҳу баён зиёд аст. Мо аз баъзеи он ёдовар мешавем.

Аз ин маълумот бармеояд, ки солҳои 1918-1919 ҷадидони муҳоҷир 10000 нусха китобчаи таблиғотӣ чоп кардаанд.[1] Инчунин гуфта шудааст, ки 10000 нусха маромномаи ҷавонбухориён ва 17000 даъватнома ба чоп расида буд[2], то ки дар байни аҳолӣ паҳн бикунанд.

Лекин Файзуллоҳ Хоҷа ҳеч намегӯяд, ки ин ҳама варақаҳо ва китобчаҳо ба дасти мардум расиданд, ё не, расида бошад, чӣ микдори он расид, аҳолӣ онро чӣ тавр қабул карда ва аз қабули онҳо чӣ натиҷа ҳосил шуд. Охир мақсади аслӣ ба аҳолӣ расонидани таблиғномаҳо ва натиҷа ҳосил кардан аз онҳост. Баъзе пажӯҳишгарон кӯшиданд, то муайян кунанд, ки бархе аз таблиғномаҳо ба дасти мардум гоҳ-гоҳ мерасид ё не. Аз сад яке расида бошад ҳам, мо бояд фаромӯш накунем, ки чунонки дар боло дидем, устод Айнӣ бо далелу бурҳони ҷиддӣ гуфта буд: «Баённомаҳое, ки ҷавонон паҳн мекарданд ва ташвиқоти онҳо ҳеч таъсире дошта наметавонист»[3].

Ба ин сухани устод Айнӣ бояд бовар бикунем ва бигӯем, ки тиражи калони баённома, даъватнома, маромнома ва дигар таблиғномаҳо, инчунин пинҳонӣ ба Бухоро фиристонида шудани онҳо, аз он, ки гӯё мардуми Бухоро ба инқилоб тайёр шуда буданд, гувоҳӣ намедиҳад.

---

[1] *Ф. Ходжаев.* Избранные труды, т. 1. – С. 105.

[2] Ҳамон ҷо.

[3] *Ф. Ходжаев.* Ҳамон асар, с. 27 (муқаддима)

Дар номае, ки Файзуллоҳ Хоҷа аз номи Ҳизби ҷавонбухороиёни инқилобӣ ба номи Ленин навишта буд, хабар медиҳад, ки «инқилоб дар Бухоро пухта расидааст» («назревание революции в Бухаре») ва илтимос мекунад, ки ба инқилобиёни Бухоро кӯмак кардан лозим аст.[1]

Нишонаҳои «пухта расидани инқилоб дар Бухоро», ки дар ин нома зикр шудаанд, ғайр аз ишора ба тиражи таблиғномаҳо, ин аст: Дар Бухоро 12 гурӯҳи ниҳонкори инқилобӣ ҳаст, ки таблиғ мебарад. Ин гурӯҳҳои пинҳонкор «ячейка» номида шудаанд. Яке аз ин «ячейкаҳо» дар байни посбонони Арки амир кор мекардааст. Дар Самарқанд, Каттақӯрғон, Қаршӣ, Шаҳрисабз, Китоб, Ғузор, Чорҷӯй ва дигар шаҳрҳо низ созмонҳои пинҳонкор будаанд.

Дар ин ҷо, инчунин дар дигар навиштаҳои Файзуллоҳ Хоҷа ва дигар муаллифон боз ҳам аз таъсиси гурӯҳҳои махфии таблиғкорӣ ва миқдори онҳо сухан рафтааст, аммо гуфта нашудааст, ки ин гурӯҳҳо чӣ тавр кор карданд ва аз кори онҳо мушаххасан чӣ натиҷа ҳосил шуд. Аз навиштаҳои Файзуллоҳ Хоҷа маълум нест, ки аз он 12 гурӯҳи пинҳонкор чанд гурӯҳ тавонист фаъолияти худро то инқилоби соли 1920 идома диҳад. Аз гузоришҳои солҳои инқилоб метавон пай бурд, ки бисёре аз ин гурӯҳҳо аз тарафи ҳукуматдорони амир зуд ошкор ва барҳам дода шуданд.

Медонем, ки соли 1918 инқилобкори номдор Ҳусейн Хоҷаев чун дар байни посбонони амир таблиғот оғоз кард, зуд ба даст афтод ва ваҳшиёна кушта шуд[2]. Халилбек Абдуҷалилов, ки низ дар байни сарбозони амир кор сар кард, зуд ба даст афтод.[3]

Абдуллохоҷа (Абдуллохоҷа махдуми Тӯразода), ки низ аз инқилобкорони ҷасур буда, дар романи С. Айнӣ «Дохунда» тасвир шудааст, ба гуфти устод охирҳои апрели соли 1920 зиндонӣ ва кушта шуд.[4] Дар «Таърихи ҳизбҳои коммунистии Осиёи Миёна» низ гуфта шудааст, ки Абдуллоҳхоҷа моҳи

---

[1] *С. Айнӣ.* Таърихи инқилоби Бухоро, с. 230
[2] *С. Айнӣ.* Куллиёт. ч. II, қ.2, с. 183
[3] *Ф. Ходжаев.* Избранные труды, т. 1, с. 122
[4] *С. Айнӣ.* Таърихи инқилоби Бухоро, с. 230

апрели соли 1920 ба даст афтод, вале он гоҳ 15 гуруҳи пинҳонкори коммунистӣ ташкил карда буд.[1] Тавон пай бурд, ки аъзои ин гурӯҳ ё ки бештари онҳо бо Абдуллохоҷа дастгир шуданд, зиндонӣ ё ба қатл расиданд. Ривояте ҳаст, ки Абдуллохоҷа 1 сентабри соли 1920, яъне як рӯз пеш аз пирӯзии инқилоб кушта шуд.[2] Агар ин ривоят рост бошад, шояд чунин маънӣ дошта бошад, ки Абдуллохоҷа ва ҳамкорони ӯ аз моҳи апрел то 1 сентабр зиндонӣ буданд ва баъд кушта шуданд.

Аммо аз бештарини гурӯҳҳои пинҳонкори таблиғгарӣ хабаре нест. Маълум нест, ки фаъолияти онҳо аз чӣ иборат буд, онҳо чанд гоҳ фаъолият карданд ва фаъолияти чанде аз онҳо бештар бамаҳсул буд. Ба эҳтимоли қавӣ бештарини онҳо чандон фаъолият карда натавонистанд ва зуд ошкор гардиданд.

Дар номаи ёдшудаи Файзуллоҳ Хоҷа, ки ба номи Ленин навишта буд, чанд маълумот аз фаъолияти ошкорову ниҳонии инқилобиёни Бухоро оварда, аз ҷумла аз таъсиси 12 гурӯҳи пинҳонкор (ячейка) хабар дода, инчунин зикр шудааст, ки 120 нафар инқилобиёни Бухоро дар зиндони амиранд. Гумон меравад, ки миёни ин ду рақами 12 ва 120 алоқамандие ҳаст. Ба пиндори банда ин 120 нафар аъзои ҳамон 12 гурӯҳанд, ки ба зиндон афтодаанд.

Ба ақидаи банда, аз он чӣ гуфта шуд, метавон пай бурд, ки пинҳонкории инқилобӣ, ки гӯё солҳои 1918-1920 идома дошт ва Файзуллоҳ Хоҷа аз ин хусус бо ифтихори тамом сухан меронад, чандон таъсир надошт ва қариб ҳеч натиҷа надод.

Ба ин сабаб ва чанд сабаби дигар бо қатъияти тамом гуфтан метавон, ки он исрори Файзуллоҳ Хоҷа, ки гӯё солҳои 1918, 1919 ва 1920 Бухоро аз дарун ба инқилоб тайёр буда, чашм дар роҳи Артиши Сурхи болшевикон дошт, ба ҳақиқат созгор намеояд. Дар ин бора ҳақ ба ҷониби устод Айнӣ, ки мегуфт: инқилоб дар Бухоро замина надошт ва сухани таблиғгарони инқилобӣ ба гӯши касе намедаромад.

---

[1] *История Коммунистических организаций Средней Азии.*-Ташкент: Узбекистан, 1967.-С. 485.

[2] *Ф. Ходжаев.* Избранные труды, т. 1, с. 463 (тавзеҳот)

***

Дар Бухоро ба вежа дар остонаи инқилоб, дар солҳои 1917-1920 коре пинҳонӣ анҷом додан имкон надошт, ё ки чунин имкон бисёр кам буд. Тавон гуфт, ки барои таблиғи пинҳонии инқилобчиён дар Бухоро имкон вуҷуд надошт ва дар сурати эҳтиёткории тамом низ таблиғгарон имкони кам доштанд.

Шабакаи ҷосусии дохилии ҳукуматӣ дар Бухоро дар ҳама гӯшаву канори аморат, ба вежа дар пойтахт бениҳоят густариш ёфта буд. Ин ҷосусонро воқианавис мехонданд. Воқианависҳо дар ҳама ҷо шабу рӯз ҳозиру нозир буданд. Ҳеч коре номатлуб ва ҳеч сухане шубҳаовар аз чашму гӯши онҳо пинҳон намемонд. Аҳли аморат, аз ҷумла мансабдорони хурду калон аз воқианависҳо дар ҳарос буданд. Шумораи воқианависҳо ва ҳушёрии онҳо ба хусус солҳои 1917-1920 хеле афзуд.

Эҳтимоли ин ки таблиғоти пинҳонии инқилобиён дар баъзе мавридҳо аз назари воқианависҳо дур монда бошад, кам аст.

Як гурӯҳи калони ҷосусони дохилӣ аз занҳо буданд. Онҳоро духтарбин ё духтарёб мегуфтанд. Вазифаи духтарёбҳо ин буд, ки кӯча ба кӯча бигарданд, ногаҳонӣ ба ҳавлиҳо дароянд, бо занҳо сӯҳбат бикунанд, мазмуни ин сӯҳбатро ба сардори худ бирасонанд ва агар дар ҳавлие духтари зебоеро бубинанд, ба ҳарамсаро хабар бидиҳанд. Ва, албатта, он духтарро ба ҳарами амир мебурданд.

Ин занони ҷосуси ба ном духтарҷӯй низ офати ҷони аҳолӣ буда, мардум аз дасти онҳо ба дод омада буданд. Ягон гап ва ягон кор аз ин занҳо пинҳон намемонд. Шак нест, ки ба вежа солҳои 1917-1920 ин занони духтарков низ ба ҷустуҷӯи инқилобиёни таблиғгари пинҳонкор сафарбар шуда буданд. Ин ҳам эҳтимоли комёбии пинҳонкорони инқилобиро кам мекард.

Мегӯянд, ки дар гирди табли калони Арки Бухоро ин байтҳо бо хатти тилло навишта шуда буд:

*Оинасон ҳар чӣ бидидӣ, магӯ,*
*Обсифат он чӣ шунидӣ, бишӯ.*

*Гар ту дар ин варта адаб дидаӣ,*
*Субҳ магӯ он чӣ ба шаб дидаӣ.*
*Лоҷарам ин гунбади анҷумфурӯз*
*Он чӣ ба шаб дид, магӯяд ба рӯз.*

Ин байтҳоро равоншод Раҳим Ҳошим аз устоди худ Садриддини Айнӣ гирифта будааст. Мо чанд кас бо домулло Раҳим Ҳошим бисёр фикр кардем, ки чаро ин байтҳоро ба табли салтанатӣ навишта бошанд, ба табли калони Арк, ки бисёр пурсадост, навиштани чунин байтҳо, ки даъвате ба асрорпӯшист, чӣ маънӣ дошта бошад. Гӯё мехоҳанд бо овози баланд (бо садои табли калони салтанатӣ) бигӯянд, ки сирри давлатро пӯшида бояд дошт. Инро бояд ҳама шунаванд, бидонанд ва иҷро бикунанд. Дар айни замон дар он байтҳо гӯё чунин маъние ҳам ҳаст, ки дар ин маврид ҳар кас бояд монанди саги хапгир бошад: ноаён амал карда, фошкунандагони сирри давлатро ба даст афтонад. Мехостанд, ки ҳама хабаркаш бошанд, аз пайи якдигар ҷосусӣ бикунанд.

Албатта, дар ду даҳаи оғозини садаи бист, ки даврони инқилобҳои ҷаҳонӣ буда, се инқилоби Русия, инқилоби Туркия, Эрон ва ғайра замину замонро ба ларза оварда буд, ҳукуматдорони Бухоро хеле кӯшиданд, шумораи сагҳои хапгир зиёдтар бошад. Элчихонаи Русия низ дар Бухоро дорои шабакаи ҷосусон буд ва фаъолияти онҳо низ ба муқобили инқилобхоҳон равона шуда буд.

Чун вазъият чунин буд, ҳеч ҷои тааҷҷуб нест, ки кори фиристодагони инқилобиён дар Бухоро барор накард ва аз кори онҳо натиҷаи матлуб ба даст наомад.

***

Михаил Фрунзе 25 августи 1920 ба Артиши Сурхи Туркистон эълон кард, ки лашкаркашӣ ба сари Бухоро субҳи 29 август оғоз хоҳад ёфт. Фрунзе зарурати ин ҳамларо чунин шарҳ додааст: «Халқи Бухоро бар зидди ғуломдорони худ шӯриш кард» («бухарский народ восстал против своих

поработителей»)[1] ва бино бар ин бояд Артиши Сурх ба шӯришгарони Бухоро дасти ёрӣ дароз бикунад.

Ва ҳол он ки ин гуфтаи Фрунзе дурӯғи маҳз буд. Дар Бухоро моҳи августи соли 1920 ҳеч гурӯҳе шӯриш накардааст.

Танҳо Файзуллоҳ Хоҷа ва Наҷиб Ҳусаинови тотор - раиси Ҳизби коммунистии Бухоро ва ҳамдастҳои онҳо мегуфтанд, ки халқ ба шӯриш тайёр аст ва шояд гуфта бошанд, ки шӯриш кард. Ё ки шояд Фрунзе он дастаҳои мусаллаҳи инқилобиёни Бухороро ба назар дошта бошад, ки ба инқилоб тайёрӣ шурӯъ карданд, ба тадорук ва ҷунбуҷӯл даромаданд. Шояд Фрунзе ҳаминро шӯриши халқ ба шумор оварда бошад. Ва ҳол он ки ин на шӯриши халқ, балки омодагии инқилобхоҳон буду бас.

Дурӯғи маҳз будани он гуфтаҳои Фрунзе аз рӯзи якуми ҷанг (инқилоб)-и Бухоро маълум гардид.

Сарлашкари шӯравӣ Михаил Фрунзе дар ёддоштномаи худ навиштааст, ки чун ҷанг сар шуд, ошкор гардид, ки ваъдаҳои инқилобхоҳони Бухоро, ки аҳолии ин шаҳр ба шӯриш омодаанд ва бо сар шудани ҷанг ба по хоҳанд хест, ба тамом дурӯғ будааст. Инак, навиштаи Фрунзе: «Обнаружилась на деле полная лживость заверений бухарских революционеров о якобы готовности населения к восстанию»[2].

Ин аст, ки гузоришҳои бофтаи пурмуболиғаи Файзуллоҳ оқибат фош шуд ва Фрунзе онҳоро «полная лживость» - дурӯғи маҳз номидааст.

Мо намедонем, ки чун ин дурӯғи маҳз ошкор шуд, Фрунзе дар айни шиддати ҷанг ба Файзуллоҳ Хоҷа чиҳо гуфт ва Файзуллоҳ ба ӯ чӣ ҷавоб дод. Албатта, ягон дурӯғи дигар зуд бофтагист. Вай ба дурӯғбофӣ усто буд. Лекин аз як ҷои рисолаи ёдшудаи ӯ «Дар бораи таърихи инқилоби Бухоро» ошкор аст, ки ӯ боз касонеро пайдо кардааст, ки гуноҳашро ба гардани онҳо партояд. Вай дар рисолаи мазкур мегӯяд: «…худи ҷадидон гунаҳкор буданд, ки чанд норасоӣ содир карданд ва натавонистанд тӯдаҳои густаришдорро ба мубориза бо аморат

[1] *Директивы командования фронтов Красной Армии.* Сборник документов, т. 3.-М., 1976.-С. 550.
[2] **Иқтибос аз:** *В. Генис.* «С Бухарой надо кончать…», с. 37

ба по бихезонанд» («не сумевшие поднять широкие массы на борьбу с эмиратом»).[1]

Чунонки мебинем, гунаҳкор ҷадидон-маорифпарварони шӯълавари тоҷик будаанд. Чунонки дар боло таъкид кардем, маорифпарварон дар ҳақиқат муборизаи зидди аморатро ба маромномаи нонавиштаи худ дохил накарда буданд. Ва инро Файзуллоҳ Хоҷа барои сафед кардани худ истифода кардааст.

Аз он гуфтаи Файзуллоҳ Хоҷа на гуноҳи таърихии ҷадидон, балки як чизи дигар ошкор мегардад. Ошкор мегардад, ки «широкие массы»--тӯдаҳои мардум дар инқилоби Бухоро ширкат надоштанд. Ва инро Файзуллоҳ Хоҷа –пешвои инқилоби Бухоро худ иқрор кардааст. Пас, ҳақ надорем, ки инқилоби Бухороро инқилоби халқӣ биномем.

Аз ин ҷо боз як бор маълум мешавад, ки он баёноти Ҳизби ҷавонбухороиёни инқилобӣ ва пешвои онҳо Файзуллоҳ Хоҷа, инчунин даъвоҳои Ҳизби Коммунистии Бухоро, ки гӯё бо таблиғу ташвиқ ва пинҳонкории сиёсӣ мардуми шаҳру деҳро ба инқилоб омода карда буданд ва ҳама халқ инқилобро ба хушнудӣ пешвоз карданд, аз ҳақиқат дур аст ва аз ҷумлаи худситоиҳои инқилобисту бас.

Мутаассифона, имрӯз дар оғози садаи бисту як ҳам баъзеҳо инқилоби Бухороро «инқилоби халқӣ» гумон мекунанд. Чунончи Соҳиб Табаров пирӯзии инқилоби Бухоро ва поёни умри сулолаи Манғитияро чунин баён кардааст, ки «бо муҳорибаву муборизаи мусаллаҳонаи мардуми мазлум аморати Бухоро 15 зулҳиҷҷаи соли 1338 ҳиҷрӣ (29 августи соли 1920) ба охир расид».[2] Пас С. Табаров мегӯяд:

«Таърихи амирони манғитияи Бухоро»-и Айнӣ он баромади халқиро ин тавр шарҳ медиҳад: «Ҷавонбухориён ба муовинати асокири сурхи шӯравӣ ё ин ки асокири сурх бо роҳбарии ҷавонон аз Чорҷӯй, Бухоро, Хатирчӣ, Қаршӣ ва Шаҳрисабз ба тоҷу тахти амир Олим якбора ҳуҷум оварданд».[3] Мебинем, ки ин ҷо гуфтаи С. Табаров бо гуфтаи устод Айнӣ

---

[1] *Ф. Ходжаев.* Избранные труды, т. 1, с. 121

[2] *С. Табаров.* Се маорифпарвари тоҷик дар бораи амирони манғит. –Душанбе:Эҷод, 2006.-С. 182-183.

[3] Ҳамон асар, с. 185.

ҳеч созгорӣ надорад. Аз ин ҷумлаи устод Айнӣ, ки С. Табаров далел овардааст, ҳаргиз чунин маънӣ намебарояд, ки «мардуми мазлуми аморати Бухоро» инқилоб карданд ва ин инқилоб, чунонки С.Табаров мегӯяд, «баромади халқӣ» буд.

На, дар гуфтаи Айнӣ ҳаргиз чунин маъно нест. Баръакс, Айнӣ таъкид кардааст, ки «асокири сурхи шӯравӣ» ва «ҷавонбухориён» ба тоҷу тахти амир ҳуҷум оварданд. Инқилоби Бухоро фақат кори ҳаминҳо – кори ҷавонбухориён ва асокири сурх буд. На кори халқ.

Устод Айнӣ ин ҷо дар инқилоб танҳо ду қувваи сиёсии низомиро чун омили асосӣ номбар кардааст: Артиши сурхи шӯравӣ ва ҷавонбухороиён. Қувваи саввум, масалан, оммаи мардум номбар нашудааст. Ба ақидаи мо, ин ҷо Айнӣ қувваи асосии инқилобкорро дуруст муайян кардааст. Айнӣ боз ҳам омилҳои асосии ҳалкунанда дар рӯзҳои инқилобро на аз рӯи баёнияҳои расмии пешвоёни инқилоб, балки аз рӯи ҳақиқати ҳол ба қалам гирифтааст. Ин ҳам як намуна аз ҳақгӯии устод Айнист, ки дар боло ишора кардам.

Аз мушоҳидаҳои баъзе касоне, ки рӯйнамудҳои инқилобиро бо чашми худ дидаанд, низ метавон бовар ҳосил кард, ки мардуми заҳматкаш ба инқилоб чандон ширкат накардаанд. Чунончӣ, аз «Рӯзнома»-и Садри Зиё мебинем, ки дар рӯзҳои инқилоб аз Қаршӣ то Бухоро мардуми деҳот тарсону ҳаросон аз сарбозони шӯравӣ гурезон буданд. Файзуллоҳ Хоҷа дар рисолаи ёдшудаи худ ёдмондаҳои Г.Омелюстыйро бо сарлавҳаи «Дар зери деворҳои Бухоро» («Под стенами Бухары») овардааст, ки мегӯяд: чун сипоҳиёни Фрунзе ба шаҳр даромаданд ва ҷанги сахти кӯчагӣ сар шуд, мардум аз бомҳо ва тирезаҳо ба сари сарбозони Фрунзе оби ҷӯш мерехтанд» (ошпарываемые даже кипятком с крыш, окон»)[1]. Ба гумони мо, оби ҷӯш рехтан ба сари душман на кори сарбозони амир, балки кори халқи шаҳр буд, ки ба таври худ бо сипоҳи ишғолгар пархош доштанд.

Ногуфта намонад, ки масъалаи ба вуҷуд оварда шудани Артиши Сурхи Бухоро дар се соли пеш аз инқилоб (1918-1920) низ аз баъзе ҷиҳатҳо то андозае шубҳаовар аст ва ба фикри мо ба пажӯҳиши вежа эҳтиёҷ дорад.

[1] **Ниг.**: *Ф. Ходжаев.* Избранные труды, т. 1, с. 189.

Мегӯянд, ки инқилобиёни Бухоро – Ҳизби коммунист ва Созмони ҷавонбухороиён пеш аз инқилоб чанд дастаи низомии омода ба ҷанг доштанд. Чунончи дар Когон дастае иборат аз 300 нафар, дар Каркӣ 270 нафар, дар Тирмиз 200 нафар ва ғайра.[1]

Шояд Артиши Сурхи Бухоро дар аввал аз ҳамин дастаҳо фароҳам омада бошад. Вале боз ҳам маълум нест, ки ин дастаҳо кай ташкил шуданд, ҳайъати онҳо аз чӣ касоне иборат буд, чӣ рӯҳияе доштанд, шуури иҷтимоъии онҳо ба чӣ дараҷа буд, ҳар кадоме аз онҳо то чӣ андоза омодагии ҷангӣ дошт, то ба инқилоб иштирок бикунад ва ҳоказо. Ба фикри мо, ин гуна рақамҳо, ки кам нестанд, низ эҳтиёҷ ба тафтиш ва пажӯҳиши вежа доранд.

Ошкор аст, ки масъалаи заминаи иҷтимоъии инқилобе дар Бухоро, ба вежа инқилобе, ки онро Артиши Сурхи Русияи болшевикӣ ба вуҷуд оварда бошад, аз муҳимтарин масъалаҳои таърихи мо буда, паҳлӯҳои гуногун дорад ва ҳар паҳлӯи онро ҷудогона ва ҳамаи соҳаҳои онро якҷоя ба пажӯҳиш бояд гирифт, то моҳияти он чӣ инқилоби Бухоро меномем, маълум шавад.

**-6-**

Он чӣ мо дар фаслҳои гузашта аз гуфтаҳои Куйбишев ва Фрунзе овардем, аз китоби Владимир Генис «*Кори Бухороро тамом бояд кард…*» гирифта шудааст. Номи ин китоб аз гуфтаҳои *Куйбишев* будааст, ки бо қатъият ҳукм баровардааст: С Бухарой надо кончать… Яъне Куйбишев шитоб дошт, ки кори Бухороро зудтар ба поён расонад. Истилои Бухороро зудтар анҷом бидиҳад.

Сарлавҳаи дувуми китоби В. Генис ин аст: «Аз таърихи инқилобҳои сохта» (*бутафорские революции*). В. Генис дар натиҷаи шиносоӣ бо мадорики бойгониҳои Русия, ки фақат дар даҳаи навади садаи бист ба рӯи пажӯҳишгарон дар боз карданд, ба ин натиҷа омадааст, ки табаддулоти соли 1920 дар Бухоро як «инқилоби» сохтаву бофта буд, дурусттар он ки таҷовузгарӣ аз тарафи Артиши Сурхи шӯравӣ буд, ки номашро инқилоб гузоштанд.

---

[1] *История Коммунистических организаций Средней Азии,* с. 488.

Тамоми китоби В. Генис иборат аз мадорики бойгониҳост, ки айнан оварда, бо андак эзоҳ пораҳоро ба ҳам пайвастааст. Аз ин мадорик пайдост, ки ба вежа Валериан Владимирович Куйбишев, ки аз намоёнтарин шахсиятҳои сиёсии кишвари шӯравӣ буд ва Михаил Василевич Фрунзе, ки сарлашкари машҳури шӯравӣ ва он солҳо фармондеҳи ҷабҳаи Туркистон буд, бисёр кӯшиданд, ки ҳамла ба Бухоро зудтар сурат бигирад. Зудтар Бухороро маҷрӯҳ зери по дидан мехостанд.

Русия дар солҳои 1918-1919 ба харобазор табдил ёфт. Аз импиротурии мӯҳташам кам чизе боқӣ монда буд. Финландия, се кишвари лаби Болтик, Лаҳистон (Полша) ва ғайра аз Русия ҷудо ва мустақил шуданд. Сарварони инқилоби сотсиалистии Русия, аз ҷумла В. И. Ленин ва Л. Д. Тротский хостанд, ки бохтҳоро бо «инқилоби Шарқ» ҷуброн бикунанд. Дар Русияи шӯравӣ бисёр тарафдорони «таҷовузи сурх»--«красная интервенция» сари кор омаданд ва бештари онҳо рӯ ба Шарқ оварданд. Нақшаи фатҳи Теҳрон кашида шуд[1] ва ба як ривоят артиши Сурх то Қазвин расида, он ҷо шикаст хӯрд ва баргашт. Дар Тошканд созмони «инқилобиёни Афғонистон» мавҷуд буд, то дар роҳи Ҳинд ба кор ояд. Лекин пеш аз роҳ пеш гирифтан ба сӯи Ҳинд давлати хонияи Хева ва аморати Бухороро аз сари роҳ бардоштан лозим буд. Моҳи феврали соли 1920 болшевикон Хеваро ишғол карданд ва ҳама нерӯҳои ҷабҳаи Туркистонро ба муқобили Бухоро омода кардан гирифтанд.

Куйбишев ва Фрунзе пай дар пай ба Маскав телеграмма медоданд, ки давлати Бухоро бо ёрии инглисҳо қувват гирифта истодааст. Куйбишев 26 августи соли 1920 дар як маҷлиси ҳизбии Тошканд ҳатто гуфт, ки Бухоро «барои зарба задан ба Русия тайёрӣ мебинад» (готовится для удара по России).[2] Албатта, ин як дурӯғи маҳз барои баҳонаҷӯӣ буд. Агарчи амир Олимхон дар ёддоштномаи «Таърихи ҳузнулмилали Бухоро» андак лоф задааст, ки гӯё бо Туркистони Русия ҷанг кардан

---

[1] *В. Генис.* «С Бухарой надо кончать…», с. 17; **Инч**.: Мурочиат шавад ба дигар навиштаҳои *В.Генис*.

[2] Ҳамон асар, с. 36.

хост, маълум аст, ки Бухоро ҳеч наметавонист ба Русияи бузургу паҳновар ҳамла биёварад. Ин ҳақиқат ба аҳли фаҳм маълум буд, вале Куйбишев ва Фрунзе ба Маскав телеграммаҳо фиристода, иҷозати «таҷовузи сурх» ба Бухоро мехостанд.

В. Ленин, Л. Тротский, Н. Бухарин ва дигарон ба ҷанги бо Бухоро розӣ набуданд ва ба телеграммаҳои Турккомиссияи Тошканд ва фармондеҳии ҷабҳаи Туркистон ҳар бор ҷавоби рад медоданд. Онҳо ба ҷанги Бухоро розӣ набуданд на ба он сабаб, ки ҷанг ва таҷовуз ва мустамликадориро намехостанд, балки ба он сабаб, ки он ҳангом Русияи шуравӣ бо Лаҳистон ҷанг дошт ва барои ҳуҷум ба Варшав тайёрӣ медиданд ва ҷанги Бухороро то пирӯзӣ бар Лаҳистон мавқуф гузоштан хостанд.

Лекин И. Сталин ба нақшаи шитобкоронаи Фрунзе розӣ шуд ва пешниҳод кард, ки «ба зудии ҳарчӣ тамомтар аз рӯи тавсияи рафиқ Фрунзе амал бояд кард» («действовать без промедления по рецепту т. Фрунзе»).[1]

Оқибат Куйбишев ва Фрунзе, ки тоқаташон тоқ шуда буд, мунтазири фармони Ленин ва Тротский нашуда ба ҷанги Бухоро миён бастанд.

**-7-**

Дар муддати андаке бештар аз як моҳ (моҳи августи соли 1920) ҳама қарордоди зарур дар бораи ин ки ба Бухоро инқилоби шӯравӣ бояд бурд, қабул шуд. 29 июли 1920 Дафтари ташкилӣ (оргбюро)-и Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунистӣ (болшавикӣ)-и Русия - ЦК РКП (б) тасмим гирифт, ки дар Бухоро инқилоб бояд кард ва ба Ҳизби ҷавонбухороиёни инқилобӣ, ки моҳи феврали соли 1920 дар Тошканд таъсис гардид, ёрии маънавиву моддӣ расонда шавад. Ин аст, ки иҷозати инқилоби Бухоро аз Маскав расман содир шуд.

Дар айни замон тасмим гирифтанд, ки сарвари инқилоб бояд Ҳизби коммунистии Бухоро бошад, на Ҳизби ҷавонбухороиёни инқилобӣ. Файзуллоҳ Хоҷа розӣ шуд, ки Ҳизби коммунистии Бухоро пас аз инқилоб ҳокимиятро ба даст бигирад. Аз ин рӯ, Файзуллоҳ Хоҷа зуд ба Ҳизби

---

[1] *В. Генис.* «С Бухарой надо кончать…», с. 35.

коммунистии Бухоро гузашт ва Ҳизби ҷавонбухориёни инқилобиро ба ҳоли худ гузошт. Вай ваъда кард, ки дар якумин рӯзҳои пирӯзии инқилоб Ҳизби ҷавонбухороиёни инқилобӣ барҳам мехӯрад, дурусттар он ки қисми асосии он ба Ҳизби коммунистии Бухоро ҳамроҳ мешавад (Ин ваъда 11 сентабри соли 1920 иҷро шуд).

Моҳи июли соли 1920 Турккомиссия барои тайёрии инқилоби Бухоро созмоне ба номи Бюрои ҳарбии инқилобӣ таъсис дод. 30 июл маҷлиси ин Бюро ҳайъати сарварони ҳукумати Ҷумҳурии Бухороро, ки пас аз инқилоб таъсис хоҳад шуд, муайян кард. Аз ҷумла Аҳмадҷони Ҳамдӣ (Абусаъидов) раиси Кумитаи инқилобӣ (ревком) ва Файзуллоҳ Хоҷа раиси Шӯрои нозирони халқ (сарвазир) тавсия шуданд.

Рӯзи 10 август Турккомиссия (Комиссиюни Туркистон, ки намояндаи комилҳуқуқи Ҳизби коммунистӣ ва ҳукумати шӯравии Маскав дар Тошканд буд) маҷлис баргузор карда, ин тавсияро тасдиқ намуд ва Файзуллоҳ Хоҷаро раиси Шӯрои нозирон (комиссарон)-и Халқии Бухоро, яъне сардори ҳукумати демократии инқилобии Бухоро интихоб кард. Яъне мақомоти шӯравии Туркистон 33 рӯз пеш аз инқилоб ӯро сарвазир таъйин карданд.

25 августи 1920 Турккомиссия як маркази ҳизбӣ барои раҳбарӣ ба инқилоби Бухоро тартиб дод, ки В. Куйбишев раиси ин марказ, Наҷиб Ҳусаинови тотор (раиси Ҳизби коммунистии Бухоро) ва Файзуллоҳ Хоҷа узви он буданд. Ҳама раҳбарии сиёсии дар инқилоб ба ҳамин марказ, асосан ба Куйбишев супурда шуд.

Чунонки мебинем, ҳама қарордодҳои оид ба инқилоби Бухоро дар Маскав ва мушаххастар дар Тошканд қабул шуда буд. Ҳизбҳои муҳоҷирони бухороӣ, ки дар Тошканд буданд, он қарорҳоро маъқул донистанд. Чунончи аз 16 то 18 август анҷумани чаҳоруми Ҳизби коммунистии Бухоро дар Чорҷӯй барпо гардид ва он қарорҳоро тасдиқ карда, баъзе масъалаҳои Бухорои пас аз инқилоб, аз ҷумла ҳайъати ҳукумати ҷумҳурии Бухороро муайян кард.

Чун ҳама қарорҳо ва нақшаҳои инқилоби Бухоро дар сатҳи баланди мақомоти шӯравии Туркистон ва шояд Маскав низ тасвиб шуд, навбати амали низомии Фрунзе расид.

***

Фрунзе ҳама нерӯҳои ҷангиеро, ки дар ихтиёр дошт, аз ҷумла 11 ҳавопаймои бомбаандозро аз саросари Туркистон гирд оварда, ба сӯи Бухоро ба юруш баромад. Дар ҳайъати ин нерӯҳои ҷангӣ се полки тоторҳо ва нахустин «полки шарқии мусулмонии» довталабони бухороӣ (сарбозони гурезаи амир, бештар тоторҳову бошқирдҳои Русия) низ буданд. Як идда ҷадидони ифроткори Бухоро, ки пас аз соли 1917 дар муҳоҷират ҳизбҳо созмон дода буданд, мусаллаҳ шуда ва дастаҳои низомӣ ташкил дода, бо сарварии касоне чун Файзуллоҳ Хоҷа низ дум-думи сипоҳиёни Фрунзе ба сӯи Бухоро шитофтанд.

Ҷанг субҳи 29 августи соли 1920 оғоз ёфт. Чунонки Фрунзе дар дафтари ёдмондаҳояш навиштааст, ҳамин ки ҷанг сар шуд, ошкор гардид, ки ваъдаҳои инқилобхоҳони Бухоро, ки аҳолии Бухоро ба шӯриш омодаанд, дурӯғ будааст. Дар рӯзҳои дувум, севум ва чаҳоруми ҷанг низ аз мардуми Бухоро кӯмаке ба лашкари Фрунзе наомад.

Аҷобатро бинед, ки лашкари гарони Фрунзе дар рӯзи якуми ҷанг қариб ба шикаст расида буд. Дар рӯзи якуми ҷанг лашкари Бухоро чунон ба ҳуҷуми ҷавобӣ-ҳамлаи мутақобил даст зад, ки «нахустин полки шарқии мусалмонӣ»-и довталабони Бухоро гурезон ва ҳар сӯ парешон шуд. Сипоҳи Фрунзе, чунонки баъд ӯ худ дар ёддоштҳояш навишта буд, «талафоти калон доданд ва маҷбур шуданд, ки ақиб нишинанд» («понеся крупные потери, должны были отступить»).[1]

Яъне боз ҳамон ҳолат рӯй дод, ки ҳангоми лашкаркашии Ф. Колесов рӯй дода буд. Колесов, чунонки гуфта будем, 1 марти 1918 ба Бухоро ҳамла овард ва инқилоб овардан хост, вале шикаст хӯрд ва ба азобе ҷон ба саломат бурд. Ҷанги якуми Русияи болшавикӣ ҳамин тавр ба охир расида буд. Ҷанги дувуми болшавику Бухоро, ки Фрунзе 29 августи 1920

[1] *В. Генис.* «С Бухарой надо кончать…», с. 37.

оғоз кард, низ қариб буд, ки чун ҷанги якум шармандавор поён биёбад.

Фрунзе барои ислоҳи вазъ он ёздаҳ ҳавопайморо, ки ба ҷабҳаи Бухоро оварда буд, ба кор гирифт. Чаҳоррӯза бомбаборони ёздаҳ ҳавопаймо масъаларо ҳал кард ва ба Фрунзе пирӯзӣ овард. Фрунзе гуфтааст: «Фақат… аэропланҳо дастаро аз нобудӣ халос карданд» - «Только лихая работа аэропланов спасла отряд от уничтожения». Яъне Фрунзе иқрор шудааст, ки сипоҳаш дар дами нобудӣ буд, қариб маҳв шуда буд.

Ҷанг 2 сентабри 1920 ба поён расид. 2 моҳи сентабри соли 1920 рӯзи пирӯзии инқилоби Бухоро ба шумор меравад.

**-8-**

Фрунзе дар дафтари ёддоштҳояш ба тарзи ҳамон худситоии инқилобӣ, ки ҳамеша вуҷуд дошт, чанд ҷузъиёте аз бомбаборони Бухоро хабар додааст. Дар матбуоти русии даҳаи бисти садаи бист ва бо ёрии Максим Горкий солҳои сӣ баёнияҳои халабонҳои бомбаандоз чоп шуда будааст, лекин дар пажӯҳишномаҳо истифода намешуд ва ё ки гоҳ-гоҳе андак ишора мерафт.

Мо ҳоло як-ду сухан дар бораи ин бомбаборони ваҳшиёнаи болшавикон, ки аз 29 август то 1 сентабр идома дошт, гуфтан мехоҳем.

Бухорои бузург, ки шаҳри музей ва пур аз осори беназиру камназири таърихӣ буд, чаҳор рӯз сахт бомбаборон шуд. Дар ин муддат дар шаҳр 170 бомба таркид.[1] Дар 25 ҷойи шаҳр сӯхтори калон сар зад. Болшавикон ба Ленин бо худситоӣ хабар доданд, ки ними шаҳрро сӯхтор гирифт. («Пожар охватил полгорода»).[2] Ҷалол Икромии 11 сола аз як деҳаи дур он сӯхторро дида буд: «Рӯзонаҳо медидем, ки аз тарафи Бухоро

---

[1] **Ниг.:** *Н. Ҳотамов.* Дар Бухоро 170 бомба таркида//Илм ва ҳаёт. -1994. -№ 3-6.-С. 13-15.

[2] *В. Генис.* Ҳамон асар, с. 40.

дуди ғализ баромада, ба ҳаво паҳн мешавад. Мегуфтанд, ки шаҳр сӯхта истодааст, шаҳр хокистар шуда истодааст».[1]

Халабонҳои шӯравӣ аз амали ваҳшиёнаи худ зиёд лоф задаанд. Яке аз он халабонҳо бо ифтихор гуфтааст: «Мо Бухороро бомбаборон кардем. Мо аморати қадимро зеру забар кардем. Бахусус аз расидани бомбаҳо ба машҳур Манори марг шодии мо ҳадду канор надошт. Агарчи ин бомбазаниҳо барои мо моҳиятан суде надошт». (Мы разрушили древний эмират…- Особое ликование у нас вызывали попадания бомб в знаменитую «Башню смерти», хотя попадания эти для нас были в сущности совершенно бесполезны. В коротких промежутках между полётами шутили: «Держу я бомбу, вижу внизу мечеть. Я и бабахнул прямо в купол». Хохотали)[2].

Он халабонҳо бо ҳамин рӯҳияи муғуливу чингизӣ ба Бухоро инқилоб овардаанд. Онҳо тамоми шаҳрро ба хоки тира яксон карданӣ буданд, вале фурсат наёфтанд.

Аз ҳамон рӯзҳои маргбори инқилоб Манори Калони Бухоро, ки яке аз шоҳасарҳои санъати меъмории ҷаҳон ва мояи ифтихори миллати тоҷик аст, «Манори марг» ном гирифт. Ҳамон «инқилобиёни» ваҳшӣ онро «Манори марг» номиданд. Ва, мутаассифона, мо ҳам чанд гоҳ ин номи ваҳшатборро қабул кардем, ҳатто шоири ҳақгӯи мо Пайрав достоне ба номи «Манораи марг» навишта буд.

Захми Манори Калонро солҳои баъд илоҷ карданд, вале дар заминҷунбии сахти Газлӣ ин захм боз кушода шуд. Онро боз таъмир карданд, вале дар дили нозуки ин муҷассамаи ақлу ҳунар гӯё он захм ҳанӯз ниҳон аст ва сӯзиш дорад.

Амир Олимхон дид, ки болшавикон Бухороро ба тамом нест кардан мехоҳанд, аз баҳри тахту тоҷ баромада, рӯ ба гурез ниҳод.

Даҳшатҳои чаҳор рӯзи ҷанги инқилобро Садри Зиё дар «Рӯзнома» бо хобҳои ҳавлноке тасвир кардааст ва гуфтааст: «Балову балво аз ин зиёда нахоҳад буд»[3]. Мебинем, ки Садри Зиё инқилоби Бухороро «балову балво» донистааст. Ба диди

---

[1] *Ҷ. Икромӣ.* Он чӣ аз сар гузашт// Садои Шарқ.-2006.- №1.-С. 22.

[2] *В. Генис.* Ҳамон асар, 40.

[3] *Рӯзномаи Садри Зиё.*-Теҳрон: Маркази аснод, 1382=2003, с. 288.

Садри Зиё рӯйдодҳои он чор рӯз на инқилоби иҷтимоъӣ, балки нобудии «ватани муқаддас»-ро овард. Аз ҷумла маркази шаҳр ба замин яксон шуда, гӯё «дашти буд ҷоншикор, биёбоне буд одамхор, ки аз дидани он ваҳм мастулӣ мешуд».[1]

Оре, «балову балвое» буд, харобӣ ва наҳсият овард.

**-9-**

Инқилоби Бухоро чанд қаҳрамон дошт. Аҷобат дар ин аст, ки ин қаҳрамонон на аз инқилобкорон, балки аз мухолифони инқилобанд. Онҳо касонеанд, ки на барои иҷрои барномаҳои инқилобӣ, балки баръакс барои пешгирии амалӣ шудани бархе аз моддаҳои маромномаи инқилобиён ба муқобили пешвоёни он инқилоб ва истеъмори болшавикони Русия мубориза кардаанд. Дар муқобили ишғолгарони шӯравӣ ва пешвоёни инқилоби Бухоро талош кардан баробари он буд, ки мухолифи ҷараёни неруманди об шино кунанд. Бо вуҷуди ин, касоне пайдо шуданд, ки имрӯз онҳоро метавон қаҳрамони пархошҷӯ бо инқилоби болшавикии пантуркистӣ номид.

Мо ҳоло шаммае аз саргузашти се тан аз аҳли як хонадони наҷиб ҳикоят мекунем. Аз достони ин се тан моҳияти инқилоби Бухоро маълум мешавад.

Чунонки устод Айнӣ дар «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» гуфтааст, дар Бухоро дар аҳди амир Музаффар як муллои машҳур буд ба ном қозӣ Абусаъид махдум писари Наҷмиддин махдум. Амир боре Абусаъид махдумро дар Шаҳрисабз (Кеш) қозӣ кард. «Аз он ҷо ки қозии мазкур муллои машҳур ва ба сифати адлу дод мавсуф буд, муллоёни Шаҳрисабз, ки инони ихтиёри эл ба дасти эшон аст, ба атрофаш муридвор ҷамъ шуданд».[2] Қозӣ Абусаъид дид, ки ҳокими вилоят 120 нафар духтареро, ки духтарбинҳо дарак дода буданд, гирд оварда, барои фиристодан ба ҳарами амир Музаффари манғит—подшоҳи Бухоро омода мекунад. Қозӣ Абусаъид падарони ин духтарҳоро ба қозихона даъват карда, дастур дод, ки барои наҷот аз фиристодан ба ҳарамхонаи амир

---

[1] *Рӯзномаи Садри Зиё*.-Теҳрон: Маркази аснод, 1382=2003. -С. 287.
[2] *С. Айнӣ.* Куллиёт. ч. I0, с. 88.

зуд барои духтаронашон гаҳворабахш ё номзад биёваранд, то ки қозӣ он духтаронро ба никоҳи номзадҳо даровардa, аз гирифторӣ озод бикунад. Падарон шод шуда, зуд барои духтаронашон домодшаванда оварданд ва қозӣ онҳоро никоҳ карда, ба шаҳру деҳи худашон фиристод. Ва ба амир ба ин мазмун нома навишт, ки чанд заъифаро аз номи Ҷаноби Олӣ озод карда, дар ҳаққи Ҷаноби Олӣ дуо гирифтам ва ҳама як умр Ҷаноби Олиро дуо хоҳанд кард. Амир он гоҳ дар Қаршӣ (Насаф) буд, ки ба Шаҳрисабз наздик аст. Амир аспи хашмро тозиёна зада, ба Шаҳрисабз омад ва қозӣ Абусаъидро бо худ ба Қаршӣ бурд. Дар роҳи Қаршӣ чӣ мушкиле рӯй дод ва қозӣ Абусаъид бо заковату корсозӣ он мушкилро осон кард, ва бо ин чорасозӣ аз ғазаби амир раҳоӣ ёфт, амир аз гуноҳи ӯ гузашт.

Шак нест, ки ин кори мулло Абусаъид, ба вежа ба навъе худро аз ғазаби амир халос кардани ӯ худ як қаҳрамонии камназир буд. Шунидаам, ки чунин корҳо аз мулло Абусаъид чанд бор ба вуқӯъ пайвастааст.

Қозӣ Абусаъидро фарзанде буд ба ном Аҳмадҷон махдуми Абусаъидзодаи Ҳамдӣ. Ин Аҳмадҷони Ҳамдӣ дӯсти ҷонии Садриддини Айнӣ ва аз шогирдони Садри Зиё буда, Садри Зиё дар «Тазкори ашъор» ном тазкираи манзуми худ чанд шеъри Ҳамдиро ба унвони намунаи «шеъри нав» дар ҳавзаи адабии Бухоро овардааст. Ҳамдӣ дар ҷунбиши ҷадидон ширкат карда, соли 1908-и мелодӣ (1326-и қамарӣ) бо Абдулвоҳиди Мунзим, Айнӣ, Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ дар Бухоро мактаби усули ҷадид таъсис карданд. Аз он ҷо ки иддае аз уламои расмӣ мактаби нави ҷадидони маорифпарварро хилофи шаръи шариф дониста, ҳукуматдорон омӯзгорон ва шогирдони мактабро таҳти таъқиб қарор доданд, тавон гуфт, ки маорифпарварон, Ҳамдӣ ва рафиқонаш чон ба каф гирифта ба майдон даромаданд ва ин кори онҳо низ як навъ қаҳрамонӣ буд. Қаҳрамонии Ҳамдӣ баъдтар ба авҷи аъло расид.

Ҳамдӣ моҳи апрели соли 1917 бо дигар ҷадидон ба Тошканд паноҳанда шуд. Дар Тошканд Ҳамдӣ мисли бисёре аз маорифпарварони гуреза ба ҷунбиши инқилобӣ пайваст. Тобистони соли 1918 дар Тошканд чанде аз ҷадидони машҳур, аз ҷумла Азимҷон Яъқубов, Мухторҷон Саъидҷонов (яке аз дӯстони Пайрав) ва Аҳмадҷони Ҳамдӣ Ҳизби коммунистии

Бухороро ташкил карданд. Аз ин рӯ, Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» Ҳамдиро яке аз бунёдгузорони Ҳизби коммунистии Бухоро донистааст.

Дар остонаи инқилоб дар баъзе маҷлисҳои мақомоти баландпояи болшавикӣ, аз ҷумла дар маҷлиси Бюрои ҳарбии инқилобӣ 30 июли соли 1920 Ҳамдиро раиси Кумитаи инқилобӣ, яъне сарвари давлати нави пас аз инқилоб таъйин карданд, ки ба забони имрӯз бигӯем, президенти Ҷумҳурии Бухоро хоҳад буд. Яъне дар миёни инқилобиён ва дар Ҳизби коммунистии Бухоро дар се соли гурезагӣ (1917-1920), аз ҷумла дар рӯзҳои наздик ба инқилоб эътибори Ҳамдӣ бисёр баланд будааст.

Инқилоби Бухоро ҳарчӣ наздик меомад, Ҳамдӣ аз ниятҳои нопоки болшавикон, Куйбишев, Фрунзе ва дигарон бештар пай бурда, кам-кам худро аз ҳаракати инқилобӣ канор кашидан хост.

Рӯзе лозим омад, ки Ҳамдӣ бо Фрунзе, Файзуллоҳ Хоҷа ва дигар шахсиятҳои баландпоя аз Тошканд ба Бухоро биравад, то ки дар инқилоб ширкат дошта бошад. Он гоҳ ки ҳама ба истгоҳи роҳи оҳани Тошканд омаданд, то ба Бухоро бираванд, Ҳамдӣ дар истгоҳ ҳозир нашуд. Яъне Бухоро рафтан ва ба инқилоб иштирок кардан нахост. Фрунзе аз наомадани Ҳамдӣ (ки ӯро Абусаъидов номидааст) сахт дар ғазаб шуд ва ин кори ӯро дар ёдмондаҳояш «буздилии нангин» (позорная трусость) номидааст.

Банда дар бораи ин сафари Ҳамдӣ чизҳое шунида будам ва чун аз китоби В. Генис навиштаҳои Фрунзеро хондам, он шунидаҳоям ба ёд омад. Шунида будам, ки Ҳамдӣ дар айёми инқилоби Бухоро тарҷумони Фрунзе будааст, бо ӯ шатранҷ мезадааст ва бозиро мебохтааст, то табъи фармондеҳ болида бошад, шояд дар ҷанг камтар бераҳмӣ кунад.

Дар байни шунидаҳои ман ишорае ҳам буд, ки гӯё аз чӣ сабабе Ҳамдиро аз ширкат дар инқилоб андак дур карда буданд. Маънои ин ишораҳои номафҳум аз он ёддоштҳои Фрунзе, ки дар китоби В. Генис омадааст, маълум шуд.

Он чӣ маълум шуд, ин аст, ки чун Ҳамдӣ ба истгоҳи Тошканд ҳозир нашуд, то Бухоро равад ва инқилоб кунад, Фрунзе хашм гирифта ва ба шӯъбаи махсус (особый отдел)

фармон дод, ки Ҳамдиро пайдо бикунанд. Фрунзе навиштааст: «Пришлось дать приказ найти его через особотдел и прислать вслед под конвоем»[1]. Ин фармон иҷро шуд ва Ҳамдиро таҳтулҳифз бо як даста муҳофизони мусаллаҳ ба Самарқанд овარданд ва ба Фрунзе супурданд. Дар Самарқанд Ҳамдӣ боз ғайб зад (опять исчез). Боз ӯро ёфтанд ва ба ихтиёри Фрунзе оварданд. Ҳамдиро дигар канорагирӣ муяссар нашуд ва лозим омад, ки маҷбуран инқилобӣ шавад.

Барои Куйбишев ва Фрунзе лозим буд, ки дар рӯзи инқилоб пешқадамони обрӯманде чун Ҳамдӣ дар паҳлӯи эшон бошанд ва Фрунзе Ҳамдиро ба зӯр ба паҳлӯи худ овард.

Аз чӣ бошад, ки Фрунзе идомаи ин достонро дар дафтари ёддоштҳояш нагуфтааст. Ин қисса идомаи ҷолибе дорад, ки онро профессор Намози Ҳотамӣ пайдо кардааст[2]. Идомаи достон ин аст:

Чунонки дидем, рӯзи якуми ҷанги инқилоби Бухоро лашкари Фрунзе «талафоти зиёде доданд ва маҷбур шуданд, ки ақиб нишинанд». Инчунин дидем, ки Фрунзе навиштааст, ки фақат бомбаандозҳо сипоҳиёни ӯро аз шикасти куллӣ ва нобудӣ раҳоӣ бахшиданд.

Чун Фрунзе барои ба кор андохтани ҳавопаймоҳо фармон омода сохт, лозим буд, ки ин фармонро раиси Кумитаи инқилобӣ Ҳамдӣ (Абусаъидов), раиси Шӯрои нозирон Файзуллоҳ Хоҷа ва фармондеҳи ҷабҳа (фронт) Фрунзе имзо бикунанд. Ҳамдӣ аз имзо гузоштан ба ин фармон қатъиян саркашӣ кард. Ӯ нахост, ки шаҳри азиз, ватани муқаддаси ӯ Бухорои Шариф бомбаборон шавад. Ба Фрунзе ва Файзуллоҳ муяссар нашуд, ки аз Ҳамдӣ ба зӯрӣ имзо биситонанд. Оқибат Файзуллоҳ Хоҷа ба ҷои Ҳамдӣ имзо гузошт.

Ин саркашии Аҳмадҷони Ҳамдӣ як қаҳрамонии камназир буд. Он гоҳ чашми Фрунзеро хун гирифта буд ва Ҳамдии саркаш дар рӯ ба рӯи ӯ ҷон ба каф дошт. Дар ҳамин ҳолат ҳам ба ватан хиёнат накард ва сахт истод.

---

[1] *В. Генис.* «С Бухарой надо кончать…», с. 39.

[2] **Ниг.:** *Н. Ҳотамов.*Таърихи халқи тоҷик.-Душанбе, 2007.-С. 242, 262, 278.

Он гоҳ Ҳамдиро аз раисии Кумитаи инқилобӣ сабукдӯш карданд. Пас аз инқилоб Ҳамдӣ чанде вазифаҳои хурдеро иҷро кард. Пас аз таъсиси Тоҷикистон ба Душанбе омада, дар матбуоту нашриёт кор кард. Шеър ҳам гуфт. Дигар мисли пеш аз инқилоб шоири ширинсухан набуд. Соли 1937 зиндонӣ шуд ва ба қатл расид.

Фарзанди Ҳамдӣ низ саргузашти аҷиб дорад. Фарзанди ӯ Анвар Аҳмадов ном дошт. Аҳмадови хурдсолро соли 1922 бо як гурӯҳ бачаҳои баистеъдод бо сарварии Абдулвоҳиди Мунзим ба Олмон фиристоданд. Он ҷо таҳсили илм кард ва пас аз бозгашт дар корхонаҳои Ленинград (Санкт-Петербург) ба унвони муҳандис кор кард. Чун падараш соли 1920 «гуноҳ» содир карда буд ва соли 1937 зиндонӣ ва кушта шуд, Анвар Аҳмадов «фарзанди душмани халқ» ном гирифт ва дигар ба Бухорову Душанбе намеомад. Дар кадоме аз барномаҳои кайҳоншиносӣ ширкат дошт ва гоҳ-гоҳ ба фурудгоҳи кайҳоннавардии Байконур мерафт.

Аҳмадов мегуфт, ки ҳама китобҳои тоҷикии ба хати лотинӣ ва русиро дар хона – дар Ленинград дорад, ҳама қартаҳои тоҷикии граммофон дар хонаи ӯ ҳаст. Дар Ленинград, ҳатто дар Маскав консерти тоҷикӣ шавад, ҳатман меомад, дар охирин қатор нишаста гирён-гирён суруди тоҷикӣ мешунид. Боре чун Театри Лоҳутӣ ба Ленинград чанд намоиш бурд, артистон ҳар шаб медиданд, ки касе дар охирин қатор менишинад, пас аз намоиш оби чашм поккунон меравад. Оқибат артистон бо ӯ шинос шуданд ва саргузашти ғарибии ӯро шуниданд, ки ҳамин фарзанди Ҳамдӣ будааст.

Аҳмадов охири умрро дар Душанбе гузаронд ва китобе ҳам дар бораи падараш чоп кард.

Дар сӯҳбатҳо аз саргузашти худ кам чизе мегуфт. Гӯё рӯйдодҳои рӯзгори пурозори хешро ба ёд овардан намехост. Афсӯс, ки саргузашташро аз худаш навишта нагирифтаам.

Ҳамин аст шаммае аз саргузашти се нафар аз аҳли як хонадон, ки якумӣ Қозӣ Абусаъид буду қаҳрамонӣ кард ва фарзанди ӯ Аҳмадҷон махдуми Ҳамдӣ низ қаҳрамонӣ карду шаҳид шуд ва фарзанди ӯ Анвар Аҳмадов, ки ба «гуноҳи» қаҳрамонии падару бобо умр ба ғарибӣ гузаронид, лекин забони модариро фаромӯш накард, меҳри суруди тоҷикӣ,

меҳри ватану миллат дар дилаш ҳамеша шӯълавар буд. Ин ҳам шояд як навъ қаҳрамонӣ бошад.

Мутаассифона, азбаски Ҳамдӣ соли 1937 террор шуда буд, устод Айнӣ натавонист, ки ӯро дар «Ёддоштҳо» тасвир бикунад. Дар «Ёддоштҳо»-и Айнӣ танҳо ба муносибати вафоти Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат ва тадоруки дафни ӯ Аҳмадҷон ном касе номбар шудааст ва ҳеч маълум нест, ки ин Аҳмадҷон кист. Ҳоло медонем, ки ин Аҳмадҷон ҳамин Ҳамдист ва дар бархе аз осори Айнӣ гоҳ-гоҳе тасвир шудааст.

**-10-**

Садри Зиё дар «Рӯзнома»-и худ нишон додааст, ки лашкари болшавикони гушнапурзӯр чанд рӯз дар Бухоро ва дар ҳама ноҳияву вилоятҳои марказии он машғули ғорат буданд. Ҳавлиҳои шаҳру деҳ ғорат шуд ва агар ҳангоми ғорат соҳибони ҳавлие ҳозир бошанд, кушта шуданд.

Ғоратгарии сарбозони пирӯзманди болшавик чунон авҷ гирифт, ки Бухоро урён монд. Яке аз намояндагони баландмартабаи Маскав чун ба Ленин аз ғорат шудани Бухоро узромез ҳикоят мекард, барои тасаллии дили Ленин гуфт, ки фақат Бухоро чунин ғорат нашудааст, Артиши Сурх дар Эрон, Ростов, Харков аз ин камтар ғоратгарӣ накардаанд[1]. Вале ғорати Бухоро аз ҳама ғоратҳои болшавикӣ зиёдтар буд. Дигар намояндаи Маскав – Машитский номе 21 сентабри 1920 ба Маскав телеграмма фиристод, ки «дар ғоратгарӣ ҳама Артиши Сурх иштирок кард ва ду вагони пурбор ба Тошканд фиристода шуд… Акнун ғоратгарӣ ба қишлоқҳо паҳн шудааст. Шикоятҳое аз таҷовуз ба номуси занҳову духтарҳо мерасад»[2].

Куйбишев, ки аз аввали инқилоб намояндаи Маскав дар Бухоро таъйин шуда буд, 15 сентабри 1920 дар рӯзномаи худ навишта буд, ки «солдатҳо ғорати чизҳои гаронбаҳоро давом медиҳанд». Ӯ 18 сентабр дар рӯзномаи худ навиштааст, ки «ғоратгарии солдатҳо 21 ящик чизҳои гаронбаҳоро дар Вобканд»… Файзуллоҳ Хоҷа таъкид кардааст, ки дар

[1] *В. Генис.* «С Бухарой надо кончать…», с. 40.
[2] Ҳамон ҷо.

ғоратгарӣ «ҳайъати фармондеҳон (ҳар гуна Беловҳо-разные Беловы и другие) намуна нишон доданд. Дарвоқеъ, рӯй-рӯи тилловорӣ қадам мезаданд ва ҷавоҳиротро поймол мекарданд» (фактически прямо ходили по золоту и топтали драгоценности).

Белов фармондеҳи «гурӯҳи Бухоро» дар ҷанг буд ва пас аз чанд рӯзи ғалаба аз ӯ як халта хишти тилло (слиток) ёфтанд. Дар санади дигар навишта шудааст, ки «занятые кишлаки были ограблены до гола». Дар миёни халқ чунин тасаввур пайдо шуд, ки бо инқилоб «русские приехали в Бухару только грабить ее»[1]. Бешубҳа ин тасаввур ҳақиқат дошт. Таҷовуз ва ғоратро инқилоб ном карданд.

Як фармондеҳ (командир)-и сурх ва муовини ӯ ҳангоми ғоратгарӣ аз Ғиҷдувон барои худ ин қадар чиз ҷамъ овардааст: «Ящик с драгоценностями, мешок с золотом, золотые пояса, золотое и серебряное оружие, усыпанные драгоценными камнями, золотую палку, бриллиантовую звезду, серебряный ларец с драгоценными камнями и прочее»[2].

Куйбишев барои пешгирии толону тороҷ чорае наандешид. Баръакс кӯшид, ки онро рӯпӯш бикунад. Дар бораи Куйбишев инчунин гуфтаанд, ки (боз сухан аз даҳони Луқмон беҳ, ба забони асл меоварем) «с его стороны не было предпринято ничего энергичного, чтобы очистить мечети из-под конюшен и казарм»[3].

Ҳама ғоратгарон беҷазо монданд. Сардаста (командир) Белови мазкур 4 апрели соли 1921 бо қарори Бюрои ташкилии Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунистӣ (болшавикии) Русия-Оргбюро ЦК РКП (б) аз ҷазо озод шуд, ки гуфтанд: «дело о тов. Белове ликвидировать». Кам касе ба даст афтод ва ба ҷавобгарӣ кашида шуд ва касе ҷазо надид.

Ин ҳама ғорат аз тарафи сарбозон ва афсарони шӯравӣ, яъне аз тарафи шахсони алоҳида сурат гирифт. Ба ҷуз инҳо

---

[1] *В. Генис.* «С Бухарой надо кончать…», с. 42.

[2] Ҳамон асар, с. 43.

[3] Ҳамон ҷо.

.

фармондеҳи ҷабҳа Фрунзе хазинаи амирро ба Тошканд фиристод.

Хазинаи амир аз инҳо иборат будааст: тиллои бухороӣ 1.148.380 дона, тиллои русӣ ба маблағи 4.365.100 сӯми русӣ, тиллои рехтаи ҳамбургӣ 1.108 пуд, нуқра 45 тонна, нуқраи русӣ 1.385 пуд, тангаи бухороӣ (нуқра) 62.834.780 дона, хокаву риштаи тилло 16 пуд, нуқраи бонки Русия 864 пуд, брилиант 3482 карат ва бисёр чизҳои дигар[1] (ёдовар мешавем, ки як пуд шонздаҳ килограм аст). Мегӯянд, ки тиллову нуқраи Бухороро ба чандин вагон ба Русия бурданд.

**-11-**

Шояд бо мушоҳидаи рӯзҳову моҳҳои оғозини инқилоб Файзуллоҳ Хоҷа ва ҳамдастҳои ӯ фаҳмида бошанд, ки чӣ фиребе хӯрдаанд. Вале дурусттар он хоҳад буд, ки онҳо баръакс шод буданд, ки ба сари қудрат расиданд ва парвое аз ин надоштанд, ки истиқлоли кишвар ба тамом аз даст рафтааст (ҳатто ба ном истиқлол, ки пеш аз инқилоб аморати Бухоро дошт, боқӣ намондааст), шаҳру деҳ хароб шуд, мардум ҳама доройӣ аз даст дода, ду даст ба бинӣ монданд.

Файзуллоҳ Хоҷа фарзанди яке аз машҳуртарин шахсони Бухоро Убайдуллоҳхоҷаи миллионер буд. Бухоро дар оғози садаи бист чанд миллионер дошт, ки якуми онҳо худи амир, яке Убайдуллоҳхоҷа, дигаре Ҷӯрабеки Араб ва Муҳиддини Мансурзода буд. Аз инҳо Муҳиддини Мансурзода дар ҷунбиши тараққипарварон ширкат карда, таъминоти моддии фаъолияти ҷадидони ҷавонбухороиро ба ӯҳда гирифта буд (чунонки Садри Зиё ва додарзодаи ӯ Сайидҷони Назмии шоир ба маорифпарварон пинҳонӣ ҳар моҳ маблағе месупурданд ва Назмӣ ба ҳамин «гуноҳ» соли 1918 кушта шуд).

Муҳиддини Мансурзода ба Садриддини Айнӣ ёрмандиҳо кардааст. Чун соли 1915-1916 лозим омад, ки Айнӣ чанд гоҳ аз Бухоро гурезад, ӯ ба Қизилтеппа ном ҷое рафт, ки он ҷо Муҳиддини Мансурзода корхонаи пахта дошт. Ӯ Айниро ба

[1] *Н. Ҳотамов.* Таърихи халқи тоҷик (аз солҳои 60-уми асри Х1Х то соли 1924).-Душанбе, 2007.-С. 260-261.

яке аз корҳои сабуки ин корхона гирифт. Баъд Айнӣ ин корхонаро дар қиссаи «Одина» тасвир кард.

Фарзанди Муҳиддини Мансурзода Абдулқодири Муҳиддинзода (1892-1934) аз фаъолони ҷунбиши ҷадидия буд. Ӯ дар 17-18 солагӣ дар рӯзномаи тотории «Вақт» мақолаҳо навишта, вазъи иҷтимоъиву иқтисодии Бухороро таҳлил мекард. Имзои ӯ дар ин мақолаҳо «Бухорой» буд[1]. Мардум ин мақолаҳои пурмазмунро бо ҳайрату тааҷҷуб мехонданд ва намедонистанд, ки нигорандаи онҳо кист.

Устод Айнӣ дар бораи ин мақолаҳои шаҳрошӯби «Бухорой» навиштааст: «Ин мақолаҳо аз аввали нашри худ (соли 1910-М. Ш.) афкори умумро ба шӯр ва ҷавононро ба ғалаён оварда, сабаби ба ғайрат ва ҳиммати бештаре ба кор даромадани онон гардид».[2]

Чунонки мебинем, навиштаҳои солҳои ҷавонии Абдулқодири Муҳиддинзода ва баъзе навиштаҳои баъдии ӯ низ аз устод Айнӣ баҳои баланд гирифтааст. Баъдтар Айнӣ нисбат ба Абдулқодири Муҳиддинзода ҳаққи устодӣ пайдо кард. Пас дар бораи Абдулқодири Муҳиддинзода тавон гуфт: «Турфа шогирде, ки дар ҳайрат кунад устодро».

Пас аз апрели 1917 Абдулқодири Муҳиддинзода ба Тошканд муҳоҷират кард ва он ҷо номаш Муҳиддинов шуд. Соли 1918 А. Муҳиддинов ба Ҳизби коммунистии Туркистон аъзо шуд. Бо вуҷуди ин аз аввали муҳоҷирати Тошканд ба муқобили сиёсати мустамликадории Русия мубориза сар кард. Чун ҳукумати Туркистони шӯравӣ дар Тошканд таъсис шуд, дар ҳайъати он як нафар аз мардуми маҳаллӣ, масалан аз ӯзбекҳо набуд. Абдулқодир Муҳиддинов сахт эътироз кард.

Ин рӯҳияи зидди ғасбкории Русия, ки Абдулқодир Муҳиддинов дошт, ба вежа пас аз инқилоби Бухоро қувват гирифт. Чун 4 сентабри 1920 ӯро раиси Кумитаи инқилобӣ (сарвари давлат) таъйин карданд, чунонки гуфтем, бисёр кӯшид, ки ғоратгарии аскарони сурхро пешгирӣ бикунанд,

---

[1] **Муф. ниг.** : *С. Айнӣ.* Таърихи инқилоби Бухоро, с. 71-79; *П. Гулмуродзода.* Маорифпарварӣ ва низоми нави ҷаҳон.-Душанбе: Ирфон, 2006.-С. 38-47.

[2] *С. Айнӣ.* Таърихи инқилоби Бухоро, с. 72.

вале коре аз дасташ наомад. Лашкари болшавикони ғолиб пурзӯр буд ва ба касе итоат намекард. Сӯхтори шаҳр чанд гоҳ идома дошт, аммо сипоҳиёни ишғолгар ба ҷои ин ки барои хомӯш кардани сӯхтор ёрӣ диҳанд, ба ғорат машғул буданд.

Он гоҳ Абдулқодир Муҳиддинов овози эътироз баланд кард. Ӯ талаб кард, ки Артиши Сурх аз Бухоро бароварда ва Артиши миллӣ ба вуҷуд оварда шавад. Ӯ инчунн хост, ки коммунистони рус ва тотор, ки хеле зиёд аз Тошканд фиристода шуда буданд ва дар идораҳои ҳизбиву давлатӣ кор мекарданд, низ аз Бухоро бароварда шаванд, зеро онҳо мекӯшиданд, ки Бухоро ҳамаҷониба ба зери нуфузи Русияи шӯравӣ гирифта шавад. Коммунистҳои тотор, ки гурӯҳ-гурӯҳ ба Бухоро фиристода мешуданд, боиси он гардиданд, ки пантуркизм дар Бухоро бештар реша давонад. Аз ин рӯ, А. Муҳиддинов чун аз Бухоро берун кардани онҳоро талаб кард, ба андешаи суди миллати тоҷик буд.

А. Муҳиддинов инчунин хост, ки созмонҳои инқилобхоҳони Эрон, Афғонистон, Ҳинд ва ғайра барҳам дода ё аз Бухоро бароварда шаванд.

Абдулқодир Муҳиддинов барои Ҷумҳурии Бухоро истиқлоли комил мехост. Вай, чунончи масъалае пеш гузошт, ки Ҷумҳурияти Халқии Шӯравии Бухоро бо кишварҳои наздику дур, аз ҷумла бо Эрон, Афғонистон, Туркия, инчунин Инглистон, Олмон ва ғайра мустақилона муносибати сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ дошта бошад.

Ин пешнҳодҳои ватандӯстонаи Абдулқодир Муҳиддинов пазируфта нашуд. Мақомоти ҳизбии Туркистон, Турккомиссия ва ғайра А.Муҳиддиновро миллатгарои буржуазӣ эълон намуданд.

Аз ин рӯ, моҳи августи соли 1921 Абдулқодир Муҳиддиновро аз кор гирифтанд, раиси Кумитаи Иҷроияи Марказӣ интихоб накарданд. Ӯ чанд гоҳ дар вазоратхонаҳо кор кард ва боз «гуноҳҳои» дигар содир намуд. Чунончи ҳамеша бо Файзуллоҳ Хоҷа баҳс мекард. Ин баҳс чунон давом дошт, ки дар рӯзномаи «Бухоро ахбори» (ба забони ӯзбекӣ), ба гуфти Ҷалоли Икромӣ, «Файзуллоҳ Хоҷаев ба забони туркӣ

(ӯзбекӣ) мақола менавишт, Абдулқодир Муҳиддинов ба забони тоҷикӣ мақола чоп мекард»[1].

Абдулқодир Муҳиддинов аз зиёъиёни сиёсии тоҷик якумин касе буд, ки дар бораи таърихи халқи тоҷик китоб навиштааст. Китоби ӯ дар бораи таърихи Бухоро дар рӯзномаи ӯзбекии «Бухоро ахбори» ба забони тоҷикӣ дунболадор чоп шуда буд.

Ба ин тариқ, рақобати Абдулқодир Муҳиддинов ва Файзуллоҳ Хоҷа пас аз инқилоб ба муборизаи як тоҷикгарой бо як панӯзбекист табдил ёфт. Ҷараёнҳои муборизаи инқилобӣ дар Бухоро, ба вежа дар гурезагӣ гоҳ каму беш обу ранги миллӣ мегирифт, аммо пас аз инқилоб пантуркизм қувват гирифт ва рафта-рафта ошкоро муборизаи панӯзбекистҳо ва тоҷикгаройҳо ба миён омад. Сардари талошгарони тоҷикпараст, чунонки поинтар хоҳем дид, Абдулқодир Муҳиддинов буд.

Солҳои муҳоҷирати сиёсӣ (1917-1920) ё ки аз аввали инқилоби Бухоро Абдулқодир Муҳиддинов ба доми пантуркизм афтод. Сабаби ба пантуркизм гаравидани ӯ маълум нест. Шояд таъсири таблиғгарони забардасте чун Абдуррауфи Фитрат ва Файзуллоҳ Ҳоҷа, ки бо ӯ гӯё андаке хешовандӣ ҳам дошт, ё ки таъсири панӯзбекизм, ки дар солҳои 1917-1920 дар Тошканд авҷ гирифт, ё ки баъзе таъсирҳои дигар кор карда бошад, ки А. Муҳиддинов ба пантуркизм гаравид. Ба ҳар ҳол аз оғози инқилоб то нимаи даҳаи бист дар ҳамаи санадҳо миллати ӯро ӯзбек навиштаанд. Бо он ки ба ҳар тарз тоҷикгаройӣ мекард, худро ӯзбек менавишт.

Як сабаби майл кардани А. Муҳиддинов ба тоҷикгаройӣ ин буд, ки Садриддини Айнӣ бо ӯ наздикӣ дошт. Устод Айнӣ яке аз дӯстони Муҳиддини Мансурзода - падари Абдулқодир Муҳиддинов буд. Муҳиддин Мансурзода дар баъзе мавридҳо пушту паноҳи Садриддин Айнӣ буда,[2] аз солҳои 1915-1916 дар миёни Айнӣ ва фарзанди Мансурзода – Абдулқодир Муҳиддинов дӯстии пойдор, ҳатто муносибати устодиву шогирдӣ оғоз ёфт.

---

[1] *Ҷ. Икромӣ.*Ҳамон асар, с. 36.

[2] **Ниг.:** *С. Айнӣ.* Куллиёт, ҷ. 1.-С. 65-67.

Пас аз инқилоб барои ин ки Абдулқодир Муҳиддинов ба сӯйи тоҷикият ҳар чӣ бештар майл пайдо бикунад, талқинҳои устод Айнӣ аҳамияти вежа дошт. Устод Айнӣ бисёр касонро аз туркгаройӣ ба сӯйи тоҷикгаройӣ овардааст. Аз ҷумла Мунзим, Зеҳнӣ ва дигарон ба таблиғи Айнӣ аз рӯҳияи туркпарастӣ раҳоӣ ёфтанд. Яке аз онҳо Абдулқодир Муҳиддинов буд. Устод Айнӣ ба онҳо моҳияти муборизаи турку тоҷик ва пантуркизму тоҷикгаройиро равшан карда, оқибат муваффақ шуд, ки онҳо дар роҳи озодиву истиқлоли халқи тоҷик пархош оғоз намуданд. Мунзим, Зеҳнӣ, А. Муҳиддинов, ҳатто пантуркисти гузаро Абдуллоҳ Раҳимбоев барои аз таъсири пантуркизм раҳоӣ ёфтанашон аҳамияти тарғибу ташвиқи Айниро рӯйрост эътироф карда, баъзеҳо, чунончи Мунзим ва А. Муҳиддинов тавбаномаҳо чоп карда буданд.

А. Муҳиддинов ҳар сари чанд гоҳ ба устод Айнӣ дасти ёрӣ дароз мекард, то ки устод мададмаош дошта бошад. Айнӣ соли 1923 дар Самарқанд консултанти консулхонаи Бухоро таъйин шуд, ки ин кор бо далолати А. Муҳиддинов сурат гирифт. Пас аз ин дар Самарқанд мудири як шӯъбаи Бухгосторг (тиҷорати давлатии ҷумҳурии Бухоро) таъйин шудани Айнӣ ҳам бо ёрии А. Муҳиддинов ба амал омад. Мудирии Айнӣ дар ин ҷо «аз сари соли 1924 то сари соли 1925 давом кард».[1] Айнӣ навиштани «Одина»--ро дар анбори ҳамин идораи тиҷорат дар байни халтаҳову қуттиҳои пуру холӣ сар карда буд.

Соли 1924 табартақсими Осиёи Миёна сар шуд. Дар Тошканд комисиюни тақсими ҳудуди миллии Осиёи Миёна таъсис гардид. Ин комисиюн чанд зергурӯҳ дошт ва Абдулқодир Муҳиддинови тоҷикгаройро узви зергурӯҳи ӯзбекон таъйин намуданд. Мақсад аз ин кор шояд бардоштани эътибори он зергурӯҳ буд. Аз чӣ сабабе, шояд аз он сабаб, ки ҳангоми кори он зергурӯҳ низ тоҷикгаройии А. Муҳиддинов аз назарҳо пинҳон намонд ва бештар ба он сабаб, ки тоҷикгаройии ӯро ҳама медонистанд, чун кори комисиюни табартақсим ба поён расид ва Ҷумҳурияти Мухтори Шӯроии Иҷтимоии Тоҷикистон таъсис ёфт, А. Муҳиддиновро Раиси

[1] *С. Айнӣ.* Куллиёт, ч. 1, с. 97.

Шӯрои нозирони халқӣ, яъне нахустин сарвазири Тоҷикистон таъйин карданд.

Яке аз нахустин корҳое, ки А. Муҳиддинов ба унвони сарвазири Тоҷикистон кард, ин буд, ки ба устоди худаш Садриддини Айнӣ супориш дод, ки «Намунаи адабиёти тоҷик»-ро тартиб бидиҳад, то мавҷудияти халқи тоҷик ва таърихи тӯлонии забону адабиёту фарҳанги ӯ исбот шавад. Бо чоп шудани ин китоб зарбае ба пантуркизм зада шуд.

Аз соли 1927 сарварони Тоҷикистон Нусратуллоҳ Махсум, Абдулқодир Муҳиддинов, Абдураҳим Ҳоҷибоев ва Шотемур ва Нисор Муҳаммад ва дигарон барои аз ҳайъати Ӯзбекистон баровардани Тоҷикистон, барои ба Тоҷикистон додани Хуҷанд, Бухоро, Самарқанд, Сурхон ва ғайра мубориза сар карданд. Нусратуллоҳ Махсум соли 1928 ба Сталин як номаи муфассал навишт.

Муҳиддинов низ соли 1928 ба Сталин номае навишт ва баъд онро мақола карда, ба унвони «Мардуми шаҳр ва атрофи Бухоро тоҷиканд ё ӯзбек?» ба тоҷикӣ ва русӣ чоп кунонид.[1]

Ҳалли масъалаи таъсиси ҷумҳурии иттифоқии Тоҷикистон ба Абдулқодир Муҳиддинов ва муовини сарвазир Абдураҳим Ҳоҷибоев супурда шуд. Ин ду нафар дар ин роҳ бисёр кӯшиш карданд ва ба ривояте А. Ҳоҷибоев дар ин бора бо Сталин сӯҳбат кард, ки барои ҳалли масъала нақши асосӣ дошт. Ниҳоят соли 1929 Ҷумҳурияти Шӯроии Сотсиалистии Тоҷикистон – ҳафтумин ҷумҳурии Иттиҳоди Шӯравӣ таъсис ёфт. А. Ҳоҷибоев нахустин сарвазири ҷумҳурии иттифоқии Тоҷикистон таъйин гардид.

Муборизае, ки Нусратуллоҳ Махсум, Абдулқодир Муҳиддинов ва Абдураҳим Ҳоҷибоев дар роҳи таъсиси Ҷумҳурии иттифоқии Тоҷикистон карда буданд, пас аз чанд сол гуноҳи азим дониста шуд. Нусратуллоҳ Махсум ва А.Ҳоҷибоев бо ҳамин «гуноҳ» соли 1933 аз кор ронда ва соли 1937 террор шуданд.

---

[1] **Ниг.:** Дарси хештаншиносӣ. –Душанбе: Ирфон, 1989.-С.58-66*; Инч.:* Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо.-Душанбе, 2006*;*
*П. Гулмуродзода.* Забон ва худшиносии миллӣ.-Душанбе, 2007.

Абдулқодир Муҳиддинов баъзе «гуноҳҳои» дигаре ҳам карда буд. Чунончи ба Ленинобод ва Сталинобод номида шудани Хуҷанд ва Душанбе муқобилат кард. Вай ба яке аз нақшаҳои калони ҳокимияти шӯравӣ, ки дар Тоҷикистон якказироатӣ ҷорӣ карданӣ, яъне саросар танҳо пахта кориданӣ шуданд, сахт зид баромад.

Файзуллоҳ Хоҷа, ки сарвазири Ӯзбекистони бузургу қавӣ шуда буд, он «гуноҳҳои» А. Муҳиддиновро дастак карда ва боз бӯҳтонҳои дигаре бофта, (ки гӯё Муҳиддинов дар бонкҳои хориҷӣ пул дорад), коре кард, ки соли 1932 А. Муҳиддиновро зиндонӣ карданд ва соли 1934 ба қатл расониданд.

Ривояте ҳаст, ки соли 1934 Муҳиддиновро накушта буданд ва як тирро аз ӯ дареғ дошта буданд ва соли 1941 рӯзноманигоре ӯро дар як зиндони Ашқобод дидааст, ки ҳолати рӯҳиаш ба тамом хароб будааст.

Чунин аст мухтасари саргузашти яке аз қаҳрамонони инқилоби Бухоро, яке аз пешвоёни сиёсии мардуми тоҷик дар садаи бист Абдулқодир Муҳиддинов.

**-12-**

Бесабаб нест, ки бархе аз ҷадидони Бухоро ба ифроткороне чун Файзуллоҳ Хоҷа бисёр ҳамкорӣ накардаанд. Ин ҷадидони бавиҷдон ва баномус ба дастаи Файзуллохоҷаи манфиатҷӯй ва худхоҳ, ба тайёрии инқилобии ӯ, ки ҳар чӣ бештар ба болшавикон наздик мешуд ва чоплусӣ мекард, сару кор надоштаанд ё ки баъдтар дурӣ ҷустаанд, худро аз «ҳаракати инқилобии» бухороиёни Тошканд канор гирифтаанд. Ва ҳатто бархе аз ин ҷадидони поквиҷдон пас аз инқилоб ба Бухоро барнагаштаанд ва дар ғарибӣ ба хориву зорӣ аз ҷаҳон чашм пӯшидаанд.

Бархе аз ҷадидони собиқ дар муҳоҷират сар аз доми болшавик берун кашида натавонистанд ва чун Аҳмадҷони Ҳамдӣ аз рӯи маҷбурият инқилобӣ шуданд. Чанде чун Абдулқодир Муҳиддинов кӯшиданд, ки дар сафи инқилобиён бошанд ва барои пешгирии бадкирдориҳои ишғолгарони болшавик ва дастнишондагони онҳо ҷидду ҷаҳд бикунанд.

Баъзеҳо чун Садриддини Айнӣ имкон ёфтанд, ки аз фаъолияти созмонҳои «инқилобиёни Бухоро», ки соли 1918-1920 дар Туркистон хеле фаъол шуда, зери боли болшавикон даромада буданд, худро дур бидоранд. Устод Айнӣ дар рисолаи «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» мегӯяд: «Раҳбарон ва аъзоёни «инқилобчиёни Бухоро» бойҳо ва майда савдогарони Бухоро буда, як қисми ин ташкилотро муллозодагон ва махдумони Бухоро ташкил мекарданд»[1]. Ба ҳамин сабаб Айнӣ бо «инқилобиёни Бухоро» ҳамкорӣ накардааст. Ва ҳол он ки Айнӣ дар даврони маорифпарварӣ то соли 1917 бо баъзе бойбачаҳо ва бисёр махдуму махдумзодаҳо ҳамкории пурсамар дошт, аммо акнун шояд ба сабаби он ки дар ҷомиа ҷудоии синфиву табақотӣ меафзуд, як муддат нисбат ба онҳо эҳтиёткорӣ пеш гирифта буд. Ба ҳар ҳол равшан аст, ки Айнӣ ба «инқилобиёни Бухоро» чандон таваҷҷӯҳ надошт. Айнӣ солҳои 1918-1920 дар муҳоҷират ҳатто бо Мунзим, ки аз бачагӣ, аз маҳфили Садри Зиё дӯсти наздик буд, чандон алоқа надошт. Зеро пас аз инқилоби феврал, ҳангоми маъракаи ислоҳотхоҳӣ ва террори апрели 1917 Мунзим ба ифроткорон пайваст ва миёни Айниву Мунзим ихтилофи сахт ва ҷудоии маслакӣ рӯй дод, ки дар китоби Айнӣ «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» ба тафсил баён шудааст[2]. Аз ҳамон вақт, аз апрели 1917, ки Айнӣ ба «намоиши шукронаи» Файзуллоҳ Хоҷа ва Мунзим муқобил баромад, ба ҳеч ифроткорӣ ҳамроҳ нашуд. Дар давраи муҳоҷирати пеш аз инқилоби Бухоро низ Айнӣ бо баъзе дӯстону ҳамкорони пештараи худ қатъи алоқа карда, як андоза танҳо монд ва азоби танҳоӣ кашид.

Ин ҳолати ӯ дар шеъри «Шаби танҳоӣ», ки соли 1918 дар Самарқанд суруда ва соли 1920 дар якумин ҳафтаномаи тоҷикии «Шӯълаи инқилоб» чоп карда буд, акс ёфтааст:

*Шаби танҳоӣ дили ман хун шуд,*
*Дили ман хун шуд шаби танҳоӣ.*
*Дили шайдоӣ ба куҷо гум шуд?*
*Ба куҷо гум шуд дили шайдоӣ?*

---

[1] *С. Айнӣ.* Куллиёт, ҷ.1, с. 91-92.
[2] **Ниг.:** *С. Айнӣ.* Куллиёт, ҷ.14.-С. 179-206.

*Ба кӣ мегӯям дили хунгашта?*
*Дили хунгашта ба кӣ мегӯям?*
*Зи кӣ меҷӯям дили гумгашта?*
*Дили гумгашта зи кӣ меҷӯям?*

*На маро ҳамдам, на маро мӯнис,*
*На маро мӯнис, на маро ҳамдам.*
*На маро маҳрам, на маро мушфиқ,*
*На маро мушфиқ, на маро маҳрам.*

*Сари расвоӣ сари ман дорад,*
*Сари ман дорад сари расвоӣ.*

*Сари савдоӣ ба куҷо монам?*
*Ба куҷо монам сари савдоӣ?*

*На маро хона, на маро бистар,*
*На маро бистар, на маро хона.*
*На маро лона, на маро болин,*
*На маро болин, на маро лона.*

*Чӣ бало мушкил алами дурӣ?*
*Алами дурӣ чӣ бало мушкил?*
*Наравад аз дил гами маҳҷурӣ,*
*Ғами маҳҷурӣ наравад аз дил.*

*Ғами ҳамзодон чӣ ситам бар ман?*
*Чӣ ситам бар ман гами ҳамзодон?*
*Алами ҳиҷрон чӣ ҷафо бар ман?*
*Чӣ ҷафо бар ман алами ҳиҷрон?...*

*Чӣ кунам, ё раб, шаби танҳоӣ?!*
*Сари савдоӣ, дили шайдоӣ*
*Ба ҷаҳон бо ҳам зи ҷаҳон барҳам*
*Бихурад, ё раб, шаби танҳоӣ!*[1]

---

[1] *С. Айнӣ.* Куллиёт, ч. 8, с. 293

Чунонки мебинем, дар ин шеър рӯҳияи як муҳоҷири сиёсӣ, ки аз майдони талош, аз ватан ва дӯстону наздикон дур афтода буд, баён шудааст. Айнӣ дар Самарқанд низ дӯстони дерин дошт ва ёрони нав пайдо кард, ки бештари онҳо маорифпарвари талошгар буданд. Меҳру марҳамати онҳо дили Айниро нерӯ ато мекард ва Айнӣ ҳамроҳи онҳо пайкору набардро давом дод, ки фаъолияти маорифпарварии инқилобӣ буд. Лекин ба ҳар ҳол мағлубият дар мубориза ҳои Бухоро, дурӣ аз ватан ва ҳамнабардони собиқ доғе дар дилаш гузошта буд. Соли 1937 дар рӯзномаи ӯзбекии «Бухоро ҳақиқати» ба забони тоҷикӣ як мақолаи беимзо бо сарлавҳаи «Ниқобпӯшии Айнӣ» чоп шуда, муаллифи он Айниро «душмани халқ» номида, аз ҷумла шеъри «Шаби танҳоӣ»-ро суруди маъюсӣ, зиддиинқилобӣ ва намунаи майдонгурезӣ ба қалам дода буд. Албатта, ин як бӯҳтон буду бас. Шеъри мазкур мазмуни зиддиинқилобӣ надорад. Инчунин на майдонгурезӣ, балки ғами берун мондан аз майдони дирӯза, ғами ҷудоӣ аз ҳамҷангон дар ин шеър акс ёфтааст.

Оре, Айнӣ дар мубориза и иҷтимоъиву сиёсӣ эҳтиёткор ва дур аз ифроту тафрит буд. Аз соли 1917 аз Мунзиму Файзуллоҳ Хоҷа ва дигар ҳамталошони пештараи худ каме дурӣ ҷустани ӯ аз ҳамин эҳтиёткорӣ буд. Лекин солҳои 1918-1920 бо «инқилобиёни Бухоро» муқобилату мухолифат накардааст. Ҳатто боре чун ӯро ба ҳамкорӣ даъват карданд, ӯ рӯ натофт. Вай мегӯяд: «Ман дар моҳи июни соли 1920 аз тарафи ташкилоти коммунистони Бухоро ба Тошканд даъват шудам. Дар он ҷо як моҳ истода, лоиҳаҳо, баённомаҳо ва дигар чизҳоро, ки ба қалами ман эҳтиёҷ дошт, дар ду забон – дар забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ навишта додам»[1]. Ҳамин буд хидмати Айнӣ ба онҳое, ки худро «инқилобиёни Бухоро» меномиданд ва ба инқилоб омодагӣ гирифтанд.

Пас аз инқилоби Бухоро низ устод Айнӣ бо ҳукумати нави шӯравии Бухоро муносибати сарде дошт, аз онҳо мансаб нагирифт (пешниҳодро рад кард), ҳатто ба Бухоро барнагашт, яъне аз ҳукуматдорони нав дуртар истодан хост, дар Самарқанд монд.

---

[1] **Ниг.:** *С. Айнӣ.* Куллиёт, ҷ.1, с. 92.

Айнӣ сабаби онро, ки пас аз инқилоб ба Бухоро барнагашта ва бо ҳукуматдорони пантуркисти Бухоро ҳамкорӣ кардан нахост, чунин эзоҳ додааст, ки «дар сари Комитети Иҷроияи Марказӣ ва Совети Комиссарони Халқии Бухоро одамони шубҳанок буданд».[1] Ин ҷо Айнӣ Мӯъминҷон Аминовро, ки чанд гоҳ раиси КИМ буд ва Файзуллоҳ Хоҷаро, ки сарвазир-раиси СКХ буд, дар назар дорад. Айнӣ онҳоро ба нармӣ "одамони шубҳанок" номидааст, ва ҳол он ки медонист, ки масалан Файзуллоҳ Хоҷа одами зарарнок аст.

Ин ҳам маълум аст, ки Айнӣ бо Файзуллоҳ Хоҷа муносибати хуб надошт. Муносибати нохуби Айнӣ бо Файзуллоҳ Хоҷа соли 1916 ё апрели 1917 оғоз ёфт, ки дар масъалаи ислоҳотхоҳӣ ва пешвози фармони ислоҳот маорифпарварон ба ду гурӯҳ тақсим шуданд ва Айнӣ ба гурӯҳи зидди Файзуллоҳ Хоҷаву Мунзиму Фитрат даромад. Ин ихтилофи миёни Айнӣ ва Файзуллоҳ Хоҷа то охири умри Файзуллоҳ давом дошта, гоҳ-гоҳ мубоҳиса мекарданд. Ин сардии байни онҳо аз ихтилофи маслакӣ сар зада буд. Устод Айнӣ аз аввал муқобили мароми сиёсии Файзуллоҳ Хоҷа буд ва ин ихтилоф то охир давом кард.

Муносибати Айнӣ ба «инқилобиёни Бухоро», ба Файзуллоҳ Хоҷа ва ҳукумати шӯравии ӯ ҳаргиз чунин маънӣ надошт, ки ӯ ба муқобили инқилоб ва ҳокимияти шӯравӣ будааст. Айнӣ ҳар се инқилоби Русия - инқилоби соли 1905, инқилоби феврал ва октабри соли 1917-ро бо хушнудӣ пешвоз гирифт. Ба вежа пас аз он ки моҳи апрели 1917 аз дасти ҷаллодони амир 75 чӯб хӯрд ва моҳи марти соли 1918 хунхорони амир додари Айнӣ - Сироҷиддини маорифпарварро куштанд, дар натиҷаи чунин фоҷиаҳо, ки ба сари худи ӯ ва пешқадамони ҷомиа омад, ӯ рӯҳияи инқилобӣ пайдо кард. Айнӣ аз соли 1918 ба хидмати инқилоб камар баст ва фаъолияти маорифпарварии ӯ ранги инқилобӣ гирифт. Айнӣ чанд суруд дар васфи Инқилоби октабр навишт, ки аз якумии он, аз «Марши ҳуррият» (ё «Суруди озодӣ»), ки моҳи ноябри соли 1918 сурудааст, адабиёти инқилобии тоҷикӣ оғоз ёфт. Аз навиштаҳои Айнӣ намоён аст, ки ӯ аз барҳам хӯрдани низоми манғитии Бухоро, аз он роҳу равиш, ки дар инқилоб пеш

---

[1] *С. Айнӣ.* Куллиёт, ч.1, с. 94.

гирифтанд (ва моҳиятан на инқилоб, балки таҷовузкории Артиши Сурх рӯй дод), инчунин аз он режим, ки Файзуллоҳ Хоҷа ва дигар нерӯҳои зиддихалқӣ пас аз инқилоб дар Бухоро ҷорӣ карданд, норозӣ буд. Айнӣ аз рафтору кирдори «инқилобиёни Бухоро» ва натиҷаҳои норавои он норозӣ буд.

**-13-**

Маълум мешавад, ки на ҳама маорифпарварон ба инқилоби Бухоро иштирок доштаанд. Баъзеҳо аз омодагиҳои инқилоб худро канор гирифтанд, бархе чун Ҳамдӣ аз ҳамроҳӣ ба инқилобиёни болшавик пушаймон шуда, оқибат овози эътироз баланд карданд (фармони бомбаборони Бухороро имзо накардани Ҳамдӣ эътирози сахт аз ваҳшонияти инқилобӣ буд). Чанде чун Айнӣ гӯё як навъ бетарафӣ ихтиёр карда, чи пеш аз инқилоб, чи пас аз он бо инқилобкорони гурезаи Бухоро ҳамкорӣ накардаанд ё андаке барои назарфиребӣ дору мадор кардаанд. Чанде боз роҳи дигар пеш гирифтаанд. Садри Зиё дар «Рӯзнома»-и худ инқилоб ва ҷумҳурияти шӯравиро ба куллӣ рад кардааст.

Оре, муносибат ба инқилоб гуногун буд, зеро инқилоб худ рӯйдоде пурзиддият будааст. Аз шахсиятҳои намоёни замон ҳар кас вокуниши хосе дошт. Ва фаъолияти инқилобии муборизон мазмунан аз ҳам фарқ мекард. Касоне ҳам будаанд, ки инқилобро қабул надоштанд, вале дар идорахонаҳои шӯравӣ кор кардаанд.

Вале мо касеро намедонем, ки то даҳаи навад ба овози баланд гуфта бошад, ки инқилоби Бухоро инқилоб набуд. Шояд баъзеҳо гӯшакӣ гуфта бошанд. Шояд онҳое, ки пас аз инқилоб ба тарзи эътироз аз мансабҳои баланд даст кашида, ба хориҷ рафтанд, эътирозномаҳое чоп карда бошанд. Лек онҳое, ки ин ҷо монданд, ҳама пирӯзии 2 сентабри 1920-ро инқилоби Бухоро ва гоҳо ҳатто инқилоби халқии Бухоро номидаанд, ки гӯё ҳама халқ онро барпо овард. Устод Айнӣ аз соли 1920 дар ҳама нигоштаҳояш онро инқлоб меномад ва васф мекунад.

Зиёда аз ин бештарини маорифпарварони тоҷик инқилоби Бухороро гӯё хуш пазируфтаанд ва ба хидмати он камар бастаанд. Бархе аз онҳо инқилоби Бухороро

мушкилкушое дар амалӣ кардани ормонҳои маорифпарварӣ пиндоштаанд. Ҳабибуллоҳ-махдуми Авҳадӣ дар шеъри «Инқилоби сурх», ки назираи шеъри устод Лоҳутист, гуфтааст:

*Аз инқилоб мақсади аввал маориф аст,*
*Ин як сабақ ба гӯш бидор аз китоби сурх.*[1]

Маорифпарвароне чун Авҳадӣ инқилоби Бухороро инқилоби иҷтимоъии фарҳангӣ гумон карданд. Дар дили онҳо умеди таърихӣ пайдо шуд. Дар садаи ХУ11--ХУ111 дар ҷомиаи тоҷикон навмедии таърихӣ қувват гирифт, ки гӯё аз оянда умед намонд. Аммо дар нимаи дувуми садаи 19 пас аз тасарруфи Русия Осиёи Миёнаро дар осори Аҳмади Дониш боз умеди таърихӣ пайдо шуд ва равшангарон роҳҳои растагории миллиро ҷустанд. Бо инқилоби Бухоро дар дили баъзе маорифпарварон умеди бузурге, умеди ҳол шудани орзуҳои дерин бештар нерӯ ёфт. Гумон карданд, ки акнун ба орзуҳо хоҳанд расид.

Вале, ҳайҳот, бештарини он орзуҳои маорифпарварӣ барбод рафт. Инқилоб бисёр ормонҳои равшангариро рад кард ва Бухоро пас аз инқилоб ба роҳи дигаре даромад ва сарварони он мутеъу фармонбардори маркази импиротурии болшавикӣ буданд ва маслаки болшавикӣ ихтиёр карданд.

Дар натиҷа дар байни бархе аз ҷадидони собиқ, ки ба ормонҳои башардӯстии маорифпарварӣ содиқ буданд, кам-кам ноумедӣ, дилмондагӣ аз инқилоб, пушаймонӣ аз фаъолияти инқилобии худ пайдо шуда, қувват ёфтан гирифт. Аз ин ҷиҳат сарнавишти Авҳадӣ ҷолиби диққат аст.

Авҳадии мазкур (ки номи расмии ӯ дар санадҳо Ҳабибуллоҳ Ибодуллоҳов буд) набераи Абулфазли Сират, фарзанди Ибодуллоҳ-махдуми Ибрат буд. Модари ин каминаи нигоранда хоҳари Авҳадӣ буд. Авҳадӣ дар Бухоро дар китобхонаи Ибни Сино кор мекард. Ду бародари ӯ дар Бухоро дӯкони баққолӣ доштанд. Дар “Армуғони Саббоқ” омада аст,

---

[1] **Ниг.:** Таърихи адабиёти советии тоҷик, ч. 1.-Душанбе:Дониш, 1984.- С. 20.

ки номи ин ду бародар Саъдуллоҳ-махдум ва Файзуллоҳ-махдум буд.[1] Ин ду бародар ба тоқатфарсоии рӯзафзуни зиндагии поёни солҳои бист тоб наоварда, ба Афғонистон рафтанӣ шуданд. Онҳо хостанд, ки додарашон Авҳадӣ низ бо онҳо ба Афғонистон биравад. Авҳадӣ ба сафари Афғонистон розӣ нашуд ва гуфт: Ман ҷадид будам, мо ҷадидон инқилоб кардем, бино бар ин шӯравиён маро озор нахоҳанд дод, ман ҷалои ватан намекунам. Бародаронаш бо зану фарзандон ва модари кӯҳансол ба Афғонистон рафтанд. Авҳадӣ дар Бухоро монд. Вале пас аз ду-се сол тоқати ӯ низ тоқ шуд ва тахминан соли 1934 ҳавлии бобоиро фурӯхта, ба Карки (ки шаҳре наздик ба сарҳади давлатист) рафт, то аз он ҷо ба Афғонистон гузарад. Лекин ба чӣ сабабе, шояд ба сабаби ин ки барои пардохти хидматонаи туркманҳои раҳбалад, ки ӯ ва ҳамсару фарзандашро бояд аз сарҳад мегузарониданд, пул камӣ кард, Авҳадӣ ба Афғонистон рафта натавонист ва ба Бухоро баргашт. Азбаски ҳавлии худро фурӯхта буд, дар Бухоро дигар манзил надошт ва маҷбур шуд, ки иҷоранишинӣ ихтиёр бикунад.

Соли 1937 ба ин «гуноҳ», ки аз Афғонистон, аз модар ва бародарон нома гирифт, зиндонӣ ва дар Сибир ҳалок шуд.

Оқибат роҳи Афғонистон пеш гирифтани Ҳабибуллоҳи Авҳадӣ гувоҳӣ медиҳад, ки ин ҷадиди собиқ дар даҳаи сӣ, яъне пас аз даҳ соли инқилоб гирифтори навмедӣ ва афтодарӯҳӣ шуд, аз низоми шӯравӣ дилаш монд, аз инқилоб ихлосаш гашт. Дар миёни онҳое, ки солҳои бисту сӣ ҳазор-ҳазор аз Бухоро ба Афғонистон рӯ оварданд, маорифпарварони собиқ, ки ба хидмати инқилоб даромада ва баъд пушаймон шуданд, бисёр буданд. Авҳадӣ яке аз онҳост.

Дигаре Ҳошими Шоиқ аст. Шоири машҳур Ҳошими Шоиқ пеш аз инқилоб яке аз ҷадидони маорифпарвар буд, дар Туркия таҳсил кард ва пас аз инқилоб дар Ҷумҳурияти Халқии Шӯроии Бухоро ба хидмат даромад, вале зуд аз «инқилоби халқӣ» ва «ҷумҳурияти халқӣ» дилаш хунук шуд.

---

[1] **Ниг.**: *Шайх Абдулқодир Кароматуллоҳи Бухорӣ.* Тазкираи Сибоқ. Тошканд, Фан, 2007, саҳ. 100.

Чун дар Афғонистон сафир таъйин шуд, он ҷо монд ва то охири умр дар Афғонистон кори фарҳангӣ карда, шӯҳрате азим ба даст овард.

Ҳатто оқибати кори Файзуллоҳ Хоҷа – ин сарвари машҳури инқилоб ва Ҷумҳурии Бухоро ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки яке аз сиёсатмадорони забардасти Осиёи Миёна ба шумор мерафт, басе ибратомӯз аст. Гуфтем, ки фаъолияти сиёсии ӯ аз нахуст ҳамроҳ бо хиёнатҳои пай дар пай ва беимонӣ буд: ба пантуркизму панӯзбекизм гаравидани ӯ хиёнат ба миллати худ, ба миллати тоҷик буда, ҷумҳурии Бухороро ба Ӯзбекистони шӯравӣ, яъне ба импиротурии болшавикӣ илҳоқ кардани ӯ чунин маънӣ дошт, ки ба ватан хиёнат кард, Бухороро ба фурӯш гузошт ва ба нархи он аз Маскав курсии сарвазири Ӯзбекистонро харид. Ба ин сабаб, инчунин ба дигар сабабҳои сиёсӣ Сталин аз ӯ садоқат чашм надошт ва соли 1937 ӯро ба террор кашид. Он гоҳ Файзуллоҳ 42 сол дошт ва ҷавонмарг шуд.

Он чӣ гуфта омад, нишон медиҳад, ки он чӣ инқилоби Бухоро номидаанд, ниҳояти беинсофӣ ва рӯйдоде ғайриқонунӣ буд. Инқилоби Бухоро натиҷаи саҳву хатои бархе аз сиёсатмадорони бетаҷрибаи гумроҳ чун Ҳамдӣ ва Мунзим, натиҷаи хиёнату ҷинояти баъзе аз фарзандони нохалафи миллат чун Файзуллоҳ Хоҷа, натиҷаи таҷовузу ишғолгарии ҷаҳонхӯрони болшавик буд. Инқилоби Бухоро аз мароми маслаки олӣ маҳрум буд, поя бар армонҳои башардӯстӣ надошт.

**-14-**

Моҳияти инқилоби болшавикии пантуркистӣ дар Бухоро равшантар аз ҳама он гоҳ ошкор мешавад, ки нақши он дар сарнавишти таърихии мардуми тоҷик аз назар гузаронида шавад.

Барои баррасии ин масъала лозим меояд, ки ба таърихи садаҳои охир, ба як фоҷиаи бузург, ки дар Варорӯд рӯй дод, назаре афканем. Мо ин фоҷиаро дар чанд навиштаи худ ёдовар шуда будем, лекин ҳоло лозим аст, ки боз як бор онро ба ёд оварем.

Дар оғози садаи шонздаҳ Шайбониёни ӯзбек ба Вароруд сарозер шуданд. Ҷангҳои сахте, ки дар садаҳои 16-17 (10-11 ҳиҷрии қамарӣ) пайваста идома доштанд ва харобӣ меоварданд, дар садаи 18 ба ниҳояти дараҷа шиддат гирифтанд.

Варорӯд ба майдони тохтутози қабилаҳои мухталифи кӯчӣ табдил ёфт. Тоифаҳои турку муғул, ӯзбек, қазоқ, қарақалпоқ, қипчоқ, қарахитой, қалмоқ байни худ ҷидол доштанд. Баъзеи онҳо дар Варорӯд буданд, чанде дигар аз дашту биёбон ҳамла меоварданд.

Подшоҳи Русия Пётри 1 дар қарни 18-и мелодӣ – 12-и қамарӣ, солҳои 1722 то 1725 мелодӣ – 1135 то 1138 қамарӣ Флорио Беневени ном марди италиёиро ба унвони сафир ба Бухоро фиристод. Флорио Беневени дар муддати се сол ба подшоҳи худ Пётри 1 чандин нома навишт ва гузориш дод, аҳволи кишвари Бухоро ва мардуми онро батафсил баён кард. Ин номаҳои ӯро аз бойгонӣ гирифта, бо шарҳу эзоҳи муфассал соли 1988 чоп карданд[1]. Аз тасвирҳои Ф. Беневени маълум мешавад, ки кишвари бузурги Бухороро бесомонӣ, бетартибӣ ва худсарии беҳадду канори кӯчиёне, ки онҳоро "озбеки" номидааст, фаро гирифта буд (ҳарфи "о" дар калимаи "озбек" шояд муодили "ӯ"-и тоҷикӣ бошад, ки "ӯзбек" дар талаффузи тоҷикони водиҳо ба "ӯзбек" табдил ёфта буд). Ба гуфти Беневени "ӯзбекҳо" 32 қабила доштанд[2] ва ҳамаи онҳо ҳамеша бо ҳам меҷангиданд. Онҳо инчунин бо ғоратгарӣ машғул буданд. Ҳама шаҳру деҳ ғорат мешуд, ҳама роҳҳо ба дасти роҳзанони кӯчӣ буд. Ӯ гуфтааст, ки "везде грабежи, везде разбой" ("ҳама ҷой ғоратгарӣ, ҳама ҷой роҳзанӣ").[3] Роҳҳои тиҷоратии сӯйи Эрон ва Ҳинд баста ва низ ба дасти роҳзанон буд. Беневени мегӯяд: "Самарқанд низ шаҳри бузург аст, вале ҳоло ними он холӣ буда, бо тохтутози ӯзбекҳо вайрон

---

[1] Ниг.: Посланник Петра 1 на Востоке. Посольство Флорио Беневени в Персию и Бухару в 1718-1725 годах.- М., Наука, 1988. Ин китоб бо ҳиммати *Кароматуллоҳи Шукруллоҳӣ* ба дасти банда расид ва ӯро ба ҷон сипосгузорам.

[2] Ҳамон асар, саҳ. 124.

[3] Ҳамон асар, саҳ. 129.

шудааст” (половина пуст и разорён от озбецких набегов)[1]. Бумиёни тоҷик, ки аз дасти ӯзбек ба дод омада буданд, фарёдрасе надоштанд. Ф. Беневени мегӯяд: “Тоҷик ва ҳирӣ[2] пайваста ба Худо илтиҷо дорад, ки ӯро аз юғи тоқатнопазири ӯзбек раҳоӣ бахшад” (Таджик и хирец непростанно от бога просят, чтобы из-под озбецкого не сносного хомута скорее вырватся)[3]. Бумиён ба сабаби он ҳама бедоду ситам ҷилои ватан мекарданд.

Дар муддати се сол, ки Ф. Беневени дар Бухоро буд, аз ин шаҳр бештар аз чаҳор ҳазор кас ба Ҳинд муҳоҷират кардааст: “Из Бухара города больше четырех тысяч душ пошло в Мунгалы (Ҳинди муғул)”[4].

Чунин буд аҳволи Варорӯд дар чоряки аввали садаи 18.

Ба замми ҳамаи инҳо биёбонгардҳо дар садаи 18 ҳар тирамоҳ дар айни ҷамъоварии ҳосил чун мӯру малах омада, ҳама ҳосилро ба ғорат мебурданд ва нобуд мекарданд. Ин турктозии тирамоҳӣ боре ҳафт сол пайваста давом ёфт ва ба як ривоят боре идомаи он бист сол буд. Яъне бист сол ҳар тирамоҳ омада, ҳосилро мебурданд! Хунрезӣ, қаҳтиву гуруснагии тӯлонии гӯшношунид рӯй дод. Мардуми бумӣ, яъне тоҷикон ҳазор - ҳазор талаф шуданд ва рӯй ба гурез ниҳоданд. Дар охири қарни 18 дар Бухоро ду гузар одам монд. Дар Самарқанд касе намонд. Мадрасаҳои Регистони Самарқанд шағолхона шуданд. Дар бораи соли 1148 қамарӣ, яъне 1735 мелодӣ гуфтаанд:

*Ба соли ҳазору саду чиҳилу ҳашт*
*Самарқанд гардид монанди дашт.*

Устод Айнӣ дар «Таърихи амирони Манғитияи Бухоро» чун аз рӯйдодҳои соли 1215 қамарӣ, яъне 1800 мелодӣ сухан меронад, гуфтааст: «Самарқанд дер боз хароб шуда, ба ҷуз се-

---

[1] Посланник Петра 1 на Востоке. Посольство Флорио Беневени в Персию и Бухару в 1718-1725 годах. -М., 1988, саҳ. 124.
[2] Ҳирӣ - ҳиротӣ.
[3] Ҳамон асар, саҳ. 81.
[4] Ҳамон асар, саҳ. 129.

чор хонавори шаҳрдарун ҷунбандае ва иморате дар он ҷо намонда буд»[1]. Ин «се чор хонавор» ҳам лӯлиён буданд. Чунонки мебинем, аз соли 1735 то 1800, яъне дар зарфи 65 сол Самарқанд ҳанӯз ба худ наомада буд. Баъдтар Самарқанд боз ҷон гирифт, вале Марву Балх ба тамом аз байн рафт ва имрӯз танҳо вайронаҳои ин ду маркази бостонии эронинажодонро мебинему бас.

Мардуми Фалғару Масчоҳ низ кӯч бардоштанд ва ҷалои ватан карданд. Хуҷанд, Истаравшан, Ҳисор, Бухоро низ қариб нест шуда буд ва ба азобе ҷон ба рамақ дошт.

Аҳмади Дониш дар бораи охири садаи 18 мелодӣ гуфтааст, ки дар Бухоро «ҳуҷароти мадорис коҳхонаи хари обкаш ва ғалладони баққол шуда ба сабаби он ки мардуми ӯзбек дар умури давлатӣ тадохул ёфта ҷиҳати безабтии салтанат шуда»[2]. Ин ҷо оғози замони ҳукмронии сулолаи Манғития дар назар аст. Ин ҳолат хеле давом кард.

Турктозии тоҷиккуши садаи 12 қамарӣ-18 мелодӣ дар таърихи тоҷикони Варорӯд пайовардҳои нагбатбор дошт. Мавҷи калони муҳоҷирати тоҷикон шурӯъ шуд ва мардуми Бухоро, Самарқанд, Даҳбед ва ғайра ба сӯйи кӯҳсорони Тоҷикистони кунунӣ, Афғонистону Ҳиндустон, Эрону кишварҳои араб роҳи гурез пеш гирифтанд.

Меҳани азизро, он ҷоеро, ки хуни нофашон рехтааст, вайрону валангор гузошта, дурусттар он ки ба туркҳо монда мерафтанд. Онҳое, ки ба ҷалои ватан тан надоданд, ҳоли табоҳ доштанд. Ҳоли табоҳи миллату кишвар, он фоҷиаи бузурги таърихӣ, ки тухми миллатро месӯзонд, боиси ин шуд, ки дар ҷомиа як навъ **навмедии таърихӣ** ба миён омад, аз оянда умед намонд, миллатро рӯ ба сӯйи нестиву нобудӣ диданд.[3] Гӯё умри таърихии миллат дар Варорӯд ба поён расида буд. **Маҳви маънавии тоҷикон** сар шуд. Маҳви маънавӣ рӯйдоди тозае дар таърихи тоҷикон буд, ки собиқа надошт ё хеле кам дошт.

---

[1] *С. Айнӣ.* Куллиёт, ҷ. 10, с. 19.

[2] *Аҳмади Дониш.* Рисола.-Душанбе:Сарват, 1992.-С. 8.

[3] Дар бораи ин ноумедии таърихии садаи 18 ва 19 муроҷиат шавад: *М. Шакурии Бухороӣ.* Хуросон аст ин ҷо, ҷопи дувум. – Душанбе:Дониш, 2009, боби «*Ҳаёт амри маънавист*».

Аз сукути давлати Сомониён ба баъд дар тӯли қарнҳо туркону муғулон мардуми тоҷикро зери даст дошта, помол мекарданд. Мардуми тоҷик талафоти ҷониву молӣ хеле зиёд дод. Истилои муғул маъракаи тоҷиккушӣ буд. Ин «маърака» дар аҳди Темур ва пас аз садаи 15 низ давом ёфт.

Туркҳо тоҷикҳоро ҷисман нест мекарданд. Пас аз сарнагун шудани давлати Сомониён ҳазор сол маҳви ҷисмонии тоҷикон давом кард. Лекин натавонистанд тоҷикро нест бикунанд. Мардуми тоҷик дар муборизаҳо обу тоб ёфта ҷонсахт шуда буданд ва агарчи талафоти ҷониву молӣ бисёр медоданд, ба ҳар ҳол бо қувваи азими маънавӣ ва бартарии куллии фарҳангӣ тавонистанд дар нигоҳдошти худ муваффақ бошанд.

Аммо пас аз турктози тоҷиккушии қарни 18 вазъият хеле дигар шуд. Дар байни мардуми ӯзбек равандҳои этникии муттаҳидӣ – консолидатсияи этникӣ қувваи ёфт. Ин ҳолат ваҳшонияти туркиро афзоиш дод. Турк тоҷикро ба тамом зери по гирифт. Ӯзбекҳо тоҷикҳоро «қул» - барда, ғулом мехонданд ва гоҳ ғуломвор кор мефармуданд. То қарни 18 тоҷикону ӯзбекҳо аз ҳам ҷудо зистаанд, ба ҳам наомехтаанд, масалан, ба якдигар духтар ба арӯсӣ надодаанд (ғайр аз баъзе истисноҳо), аммо пас аз садаи 18 дар баъзе ҷойҳо ба ҳам омехтани бумиҳову омадаҳо оғоз ёфт, онҳо ба ҳам ё паҳлӯи ҳам зистанд. Дар баъзе ноҳияҳо таҳлили ҷабрии мардуми тоҷик – ассимилатсияи бо зӯроварӣ доман паҳн кардан гирифт. Таҳлили ҷабрӣ ҳаммаънои маҳви маънавии шахс ва миллат аст. Ин аст, ба ҷуз маҳви ҷисмонии тоҷикон маҳви маънавии онҳо шурӯъ шуд. Маҳви маънавӣ аз ин оғоз ёфт, ки дар баъзе ҷойҳо, чунончи дар Тошканд ва Фарғона бахше аз мардуми тоҷик забони туркиро пазируфтанд ва ӯзбек шуданд.

То қарни 18-19 турк шудани тоҷикон ва забони ӯзбекӣ пазируфтани онҳо кам, ягон - ягон воқеъ шудааст. Туркҳо забони форсии тоҷиконро медонистанд, аммо тоҷикон туркиро намедонистанд ё фақат бархе аз онҳо туркӣ балад буданд, дар айни ҳол забони модарии худро тарк намекарданд. Ба забони туркӣ гузаштани баъзе тоҷикон гоҳ-гоҳ ба сабаби ҷиддие воқеъ мешуду бас.

Чунонки академик А. А. Семёнов таъкид мекард, дар солҳои оғозини садаи нуздаҳ ҳама аҳолии шаҳри Тошканд ба тоҷикӣ гап мезаданд. Инро ҳам медонем, ки чун русҳо Тошкандро гирифтанд, яъне дар нимаи садаи нуздаҳ дар Тошканд туркигӯй бисёр набуд. А. П. Хорошихин чун аз рӯйдодҳои соли 1867 ҳикоят мекунад, дар бораи аҳолии онрӯзаи Тошканд мегӯяд: «Бештари тошкандиён тоҷиканд» («Ташкентцы – в большинстве те же таджики»). Ин гуфтаи А. Хорошихинро ба он маънӣ бояд фаҳмид, ки дар нимаи садаи нуздаҳ бештари тошкандиён ҳанӯз тоҷик буданду баъд ӯзбек шуданд. Ба ҳар ҳол дар нимаи аввали садаи нуздаҳ раванди туркипазирии тоҷикон дар баъзе ҷойҳо кам- кам суръат гирифт. Дар ҳамин сурат ҳам на ҳама, балки бахше аз мардуми тоҷик турк мешуданд.

Пас аз он ки Русия Осиёи Миёнаро тасарруф кард, турк шудани тоҷикон афзоиш ёфт. Академик В. В. Бартолд гуфтааст, ки «танҳо пас аз омадани русҳо, чунончи дар Самарқанд раванди турконидани мардум пешрафтҳои зиёд кард»[1] (Ин ҷо, бешак, на худи Самарқанд, балки гирду атрофи он, яъне вилояти Самарқанд дар назар аст, зеро имрӯз- дар оғози садаи бисту як низ аксарияти кулли мардуми шаҳри Самарқанд ва баъзе атрофи он тоҷик ва тоҷикизабонанд).

Раванди турксозии тоҷикон дар поёни садаи 19 то Зарафшон расид. Дар масъалаи ин ки чаро пас аз омадани русҳо дар Вароруд туркият доман паҳн кардан гирифт, мо фикри худро дар поинтар хоҳем гуфт.

Ин аст, ки туркипазирии як қисми тоҷикон аз поёни садаи ҳаждаҳ то поёни садаи нуздаҳ, дар зарфи андаке бештар аз сад сол хеле густариш ёфт. Баъзеҳо туркиро аз рӯйи маҷбурият ва бархе ба ихтиёри худ қабул мекарданд, вале пазириши ихтиёрӣ низ моҳиятан маҷбурӣ буд, зеро вазъи

---

[1] Записка академика В. Бартольда по вопросу об исторических взаимоотношениях тюркских и иранских народов Средней Азии// Бойгонии Фарҳангистони улуми Русия, фонди Бартолд, захираи 68, номгӯйи 1, парвандаи 35, с. 2.-***Иқтибоси мо аз:*** *А. Турсунов.* Исторические судьбы культур разделённых наций//Ахбороти Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон. Силсилаи шарқшиносӣ.-1991.-№ 3.-С. 17.

замон, ба вежа қувват гирифтани ҳукмронии туркҳо мардумро ба он вомедошт, ки «ба ихтиёри худ» туркӣ бипазиранд.

Чун бархе аз тоҷикон забони туркӣ пазируфтанд, ҳолати аҷибе рӯй дод. Он тоҷикон, ки турк шуданд, фарҳанги моддиву маънавиашон чун пештар монд. Урфу одат, пӯшоку хӯрок, суруду ракс ва ғайра ҳама монанди пештар буд, тоҷикӣ буд. Онҳо ба забон турк, ба фарҳанг тоҷик буданд. Тавон гуфт, зоҳиран ӯзбек, ботинан тоҷик буданд.

Ба ҳар ҳол чун забон дигар шуд, тарзи тафаккур низ андаке дигаргунӣ пазируфт. Ба шуури фарҳангии навтуркҳо каме ҳам бошад, унсурҳои фарҳанги туркӣ роҳ ёфт. То андозае дурӣ аз фарҳанги ориёии эронӣ оғоз ёфт ва чеҳраи маънавии мардум як андоза тағйир ёфт. Рафта-рафта тоҷикони туркизабон дигар худро на тоҷик, балки ӯзбек ба шумор оварданд.

Бо фоҷиаи турктози асри ҳаждаҳ, бо гуруснамаргиҳо ва муҳоҷиратҳо шумораи тоҷикон дар баъзе ҷойҳои Варорӯд кам шуда буд, бо турксозии рӯзафзун боз камтар шуд. Вале сипоси бепоён Худойро, ки афзоиши табиъии тоҷикон хеле суръат ёфт ва дар андак муддат тоҷикон сершумор шуданд.

Аз турк шудани як қисми тоҷикон чӣ натиҷа ҳосил шуд? Забони ӯзбекӣ пазируфтани бархе аз тоҷикон дар Варорӯд чӣ дигаргунии таърихӣ аз пай овард?

Посухи чунин пурсишҳо хеле тафсил мехоҳад, вале мо кӯтоҳак мегӯем, ки ба забони ӯзбекӣ гузаштани бархе аз тоҷикон як рухнамуди мудҳише дар таърихи онҳо буд. Рӯ гардонидан аз забони модарӣ ва миллияти аслии худ як фоҷиаи бузурги таърихӣ буд. Моҳияти фоҷиавии ин рӯйдод иборат аз ин буд, ки бо турк шудани баъзе аз тоҷикон осеби бузурги маънавӣ ба миллати тоҷик расид. Акнун турк тоҷикро ҷисман маҳв намекард, балки маънан нест мекард. Тоҷики туркшуда дар қиёфа, дар зоҳир ҳанӯз ҳамон буд, ки буд, лекин ба ҳар ҳол то андозае ботинан, маънан дигар шуда буд, ӯзбек шуда буд. Ӯ ба сифати тоҷик рӯҳан нест шуда, якбора ба унвони ӯзбек арзи вуҷуд кард. Ҳамин турк шудани тоҷик маънои маҳви маънавии ӯро дошт.

Аммо навӯзбекон бартарии фарҳангӣ доштанд, ҳаёти маънавии ҷомиа дар дасти онҳо буд, ҳатто дар Туркистон,

Қазоқистон ва Қирғизистони кунунӣ дар ибтидои қарни бист бештари мактабҳо тоҷикӣ буд.

Навӯзбекон фарҳанги исломии эронии тоҷикиро ба муҳити туркҳои Осиёи Марказӣ бештар аз пештар нуфуз афзуданд.

Аз ин рӯ, дар оғози садаи бист аз ҳисоби навӯзбекон, яъне аз ҳисоби тоҷикони дирӯза зиёъиёни ӯзбек хеле нерӯманд шуданд, на танҳо дар байни ӯзбекҳо, балки дар байни дигар халқҳои турк эътибори зиёъиёни ӯзбек афзудан гирифт.

Ин аст, ки тоҷикон ба фоҷиаи таърихӣ дучор шуда бошанд ҳам, барои фарҳанги нав паҳн кардан дар байни халқҳои дигар, барои баланд шудани савияи фарҳангии халқҳои атроф хидмат кардаанд.

** *

Раванди турконидани тоҷикон ба аморати Бухоро низ расид, вале нисбатан хеле кам, чунончи ба маротиб камтар аз он ки дар Тошканду Фарғона буд. Дар қаламрави Бухоро туркманҳо, қазоқҳо, ӯзбекҳо ва ғайра низ будубош доштанд, лекин аксарияти кулро тоҷикон ташкил мекарданд. Дар кишвари Бухоро дар садаи нуздаҳ ва ду даҳаи оғозини садаи бист, гарчанде ки сиёсати уруқдорӣ, яъне муборизаи манғит бо тоҷик то рафт қувват меёфт[1], ба ҳар ҳол кишвардорӣ асосан аз тарафи тоҷикон сурат мегирифт, ҳаёти маънавӣ ва иҷрои шариат ба куллӣ ба дасти тоҷикон буд, матбуоту нашриёт тоҷикӣ буда (маорифпарварони тоҷик соли 1912 баробари нахустин рӯзномаи тоҷикии «Бухорои шариф» барои ноҳияҳои ӯзбекнишини аморат рӯзномае ба номи «Тӯрон» таъсис доданд, ками дар кам ба ӯзбекӣ китобе китобат ё чоп мешуд), мактабу маориф фақат тоҷикӣ буд: дар шаҳри Бухоро тоторҳо мактаби тоторӣ кушода буданд, аммо мактаби ӯзбекӣ вуҷуд надошт (фақат як нафар пас аз баргаштан аз Туркия гӯё ба ӯзбекӣ мактаби усули ҷадид кушода буд). Мактаби нав, ки ҷадидон дар Бухоро ва баъзе вилоятҳои он боз карданд, ҳама

[1] **Ниг.:** *М. Шакурии Бухорой.* Садри Бухоро. –Душанбе: Деваштич, 2005.

ба забони тоҷикӣ буд. Ҳатто дар мадраса китоби дарсӣ ба арабӣ бошад ҳам, дарс ба форсии тоҷикӣ ҷараён мегирифт.

Чи дар ҳаёти маънавӣ, чи дар коргузории идорӣ ва ғайра сар то сари аморати Бухоро форсии тоҷикӣ ҳукмрон буд.

Ин аст, ки дар аморати Бухоро чизе наздик ба маҳви маънавии тоҷикон ба назар намерасид. Бо сиёсати урукдорӣ ё ки новобаста ба он дар баъзе ноҳияҳо, аз ҷумла дар кӯҳистони Бухоро, ки асосан баъди инқилоб Бухорои Шарқӣ ном гирифт, худсарии баъзе сардорони қабилаҳои турк афзоиш дошта бошад ҳам, хавфи ҷиддӣ ба сари ҳувияти миллии тоҷикон наомада буд.

Тоҷикон дар аморати Бухоро ба ҳама соҳаҳои ҳаёти иҷтимоъӣ ва фарҳангӣ ва иқтисодӣ ва ғайра нуфузи тамом доштанд, тоҷикият аз эътибори куллӣ бархурдор буд. Ҳарчанд дар сари ҳокимияти сиёсӣ нафаре аз ғайри тоҷик, аз манғитиён нишаста буд ва сиёсатгузорони урукдорӣ амал мекарданд, бо вуҷуди ин бояд бигӯем, ки моҳиятан аморати Бухоро давлати тоҷикон буд. Хоки поки Бухорои Шариф- ҳама кишвар, ҳама зиндагии иҷтимоъӣ ва фарҳангӣ, ҳама ҳаёти шахсиву хусусӣ ранги тоҷикии эронии худро нигаҳ дошта буд.

***

Пас аз инқилоби соли 1920 вазъият дар Бухоро якбора ба куллӣ дигар шуд.

Болшавикон бо ишғолгарии соли 1920 пантуркистҳоро ба сари қудрат нишонданд. Пантуркизм дар Осиёи Миёна солҳои 1918-1920 ба шакли панӯзбекизм даромад ва панӯзбекизм таҷовузкортарин шохаи пантуркизм шуд. Пешвои пантуркистҳо ва панӯзбекистҳо дар Бухоро Файзуллоҳ Хоҷа буд, ки нахуст мавҷудияти миллати тоҷикро инкор кард ва тоҷиконро як қабилаи ӯзбек ба шумор гирифт ва даъво пеш овард, ки дар аморати Бухоро тоҷик нест, ҳама ӯзбеканд.

Ин даъвои Файзуллоҳ Хоҷа ва ҳамдастҳои туркпарасти ӯ бешак аз воқеъияти таърихӣ фарсаххо дур буд. Бештарини мардуми аморати Бухоро тоҷик буданд, на ӯзбек.

Абдурраҳим Ҳоҷибоев барои радди он даъвоҳо ба таҳқиқоти ситоди кул (генштаб)-и Русияи подшоҳӣ, ки дур аз

мақсади сиёсӣ ва бо дақиқнигарии низомӣ анҷом дода буданд, такя карда аз ҷумла навишта буд:

«Инак, ҷоншуморе, ки Ҷамъияти ҷуғрофиёии низомӣ анҷом додааст, дар даст дорем. Дар ин мадрак гуфта шудааст, ки дар Бухоро 3 миллион аҳолӣ ҳаст, аз онҳо 2 миллиону 100 ҳазор нафар тоҷиканд, 750 ҳазор нафар ӯзбек ҳаст».[1]

Чунонки мебинем, аз се ду ҳиссаи аҳолии Бухоро, балки зиёдтар аз он чи пеш аз инқилоб ва чи пас аз он тоҷик буданд. Аз ҳамин сабаб дар аморати Бухоро пеш аз инқилоб, чунонки дар боло гуфтем, забони форсии тоҷикӣ ҳукмрони мутлақ буд. Кишвари Бухоро аз аҳди Сомониён то садаи бист кишвари тоҷикон буд. Аз ин сабаб Абдурраҳим Ҳоҷибоев дар ҳамон суханронии соли 1929, ки алъон порае аз он овардем, дар бораи Бухорои пас аз инқилоб чунин хулоса баровардааст:

«Ба ҳама маълум аст, ки ҷумҳурии Бухоро ҷумҳурии ӯзбекӣ набуд, ин як давлати эронӣ буд, ки пойтахти он Бухоро буд» («Всем известно, что Бухарская республика не была ӯзбекской республикой, это Иранское государство, столицией котрого была Бухара»).[2]

Ин ҷо А. Ҳоҷибоев айни ҳақиқатро гуфтааст. Ин ҳақиқатро аз аввали инқилоб бисёр касон медонистанд, вале пантуркистҳо бо зӯроварӣ намегузоштанд, ки касе дар ин бора лаб во бикунад.

Файзуллоҳ Хоҷа дар зери фишори эътирозҳои тоҷикон баъдтар маҷбуран эътироф кард, ки дар кишвари Бухоро 400 ҳазор тоҷик ҳаст, дар кӯҳистони Бухорои Шарқӣ зист доранд.[3] Дигар ҳама ӯзбеканд.

Пантуркистҳо бо дастгирии болшавикони рус дар Бухоро пас аз инқилоб мактабҳоро ба туркии ӯзбекӣ гардониданд ва устод Айнӣ ба алам гуфта буд: «Тоҷикон дар аввалҳои инқилоби октабр як мактаби шӯроӣ ба забони худ надоштанд».[4] Ва бояд илова бикунем, ки баъдтар ҳам дар

---

[1]**Иқтибос аз:** *Р. Масов.* История топорного разделения.-Душанбе, 1991.-С. 120

[2] Ҳамон ҷо.

[3] **Ниг.:** *Р. Масов*, ҳамон асар, с. 1 25.

[4] *С. Айнӣ.* Куллиёт, ч. 11, қ. 2.-С. 348.

масъалаи мактаб аҳвол беҳтар нашуд. Устод Айнӣ бо он гуфтаи худ на танҳо Бухоро, балки Самарқанд ва бисёр ҷойҳои дигарро низ дар назар дошт ва дар он ҷоҳо низ ҳанӯз аҳвол ҳамон аст, ки буд.

Бухоро маркази он густурае буд, ки он ҷо дар садаи 9-10 забону адабиёти форсӣ (тоҷикӣ) шакл гирифт.

Бухоро аз қадим, лоақал аз даврони Сомониён, ки давраи шаклгирии форсии нав-форсии дарист, дар сари гаҳвораи ин забон шабзиндадорӣ кардааст ва дурри дариро чун гавҳараки чашм эҳтиёт карда, то ба замони мо расондааст. Ишғолгарони болшавикии пантуркистӣ забони форсии тоҷикиро аз зодгоҳаш-Бухоро нест кардан хостанд. Бо ин ният забони тоҷикиро аз мактаб, матбуоту нашриёт ва идорахонаҳои давлатӣ берун ронданд. Касе дар идорае ба тоҷикӣ гап занад, аз ӯ ҷарима меситониданд. Ҳар кӣ аз зиндагӣ умед дошта бошад, бояд худро ӯзбек мегуфт ва ӯзбек менависонд.

Ин аст, ки маҳви маънавии тоҷикон пас аз инқилоботи солҳои 1917-1920 якбора бениҳоят густариш ёфта, то Бухоро омад ва тамоми ин кишварро фаро гирифт.

Миллати тоҷик аз инқилоб бисёр зарар дид. Бо инқилоб инкори мавҷудияти халқи тоҷик ранги расмӣ гирифт ва як ҷузъи сиёсати давлат гардид. Давлати навбунёди шӯравӣ дар Бухоро нисбат ба тоҷикон сиёсати наслкушӣ пеш гирифт, забони тоҷикӣ, халқи тоҷикро нест кардан хост ва хеле нест кард.

Ҳар қадар ки тоҷиконро ӯзбек менавиштанд, дар омори расмӣ шумораи тоҷикон кам ва шумораи ӯзбекҳо зиёд шудан гирифт. Чунончи дар вилояти кунунии Бухоро дар оғози даҳаи бисти садаи бист, яъне дар солҳои якуми инқилоб гӯё шумораи тоҷикон 160.000 нафар будааст, аммо соли 1924 ҳамагӣ 42.482 нафар боқӣ мондааст. Яъне дар муддати чаҳор сол шумораи тоҷикон дар Бухоро чаҳор баробар кам шудааст. Албатта, шумораи ӯзбекон ба ҳамин миқдор афзоиш ёфт.

Як моддаи маромномаи панӯзбекизм ҳамин буд: ба ҳар тарз - бо зӯроварии тамом як қисми дигар халқҳои Варорӯд, ба вежа тоҷиконро ӯзбек навишта, бо сохтакорӣ, ба таври сунъӣ шумораи халқи ӯзбекро зиёд карда ва аз ӯзбекҳо як халқи бузурги тавоно ба вуҷуд оварда, як давлати бошаҳомати

ӯзбекӣ бар по кардан хостанд. Панӯзбекистҳо бо зӯроварии туркиву муғулӣ дар андак муддат ба ин мақсад расиданд ва соли 1924 дар харитаҳо Ӯзбекистон ном ҷумҳурии шӯравӣ пайдо шуд.

*Барои фаъолияти манҳусонаи пантуркистҳо, ки ҳама тоҷикони водиҳои таърихии фарҳангхези Варорӯдро ӯзбек навишта, шумораи ӯзбекҳоро ба маротиб зиёд карданд,* ***халқи ӯзбек айб надорад. Ӯзбексозии тоҷикон кори мардуми ӯзбек набуд, балки маҳсули мафкураи пантуркизми болшавикӣ, кори панӯзбекистҳои миллатгарои мугулмизоҷ буд, ки ниятҳои нопоки сиёсӣ доштанд. Дар ин маврид ҳаргиз халқи бародари ӯзбекро гунаҳкор набояд донист. Баръакс, халқи ӯзбек аз наҳсияти миллатгароёни бузургманиши худ бисёр зарар дид. Яке аз зарарҳо ҳамин аст, ки худшиносии таърихии миллати ӯзбек ба роҳи нодуруст даромад, мардуми ӯзбек дар бораи худ, дар бораи таърих ва аслу насаби худ фаҳмиши хато ба даст оварданд,, дар бораи халқҳои гирду пеш, ба вежа тоҷикон ба куллӣ тасаввури нодуруст пайдо карданд. Афсӯс, ки бузургтароши пантуркистӣ дар баъзе мавридҳо шуури миллии бархе аз ӯзбекҳоро заҳролуд кард.***

Гуфта будем, ки бархе аз мардуми тоҷик низ дар таблиғоти пантуркистӣ ширкат карданд ва ҳатто яке аз пешвоёни панӯзбекизм Файзуллоҳ Хоҷаи тоҷик буд. Ва онҳо низ ин корро бо худхоҳии сиёсӣ карда буданд. Ин ҷо бояд илова бикунем, ки дар солҳои оғозини инқилоботи 1917-1920 бархе аз мардуми тоҷик ба таблиғоту ташвиқот ва фиреби пантуркистҳо афтода, ба ин пиндор омаданд, ки низ ӯзбеканд. Бисёр тоҷикҳо аз таъқибу таҳдиди пантуркистҳо тарсида, худро ӯзбек нависонданд. Бо тарсу ҳарос худро ӯзбек нависондани тоҷикҳо дар Ӯзбекистон то имрӯз давом дорад.

Бисёре аз тоҷикон, ки худро ӯзбек пиндошта буданд, баъдтар хатои худро фаҳмиданд ва ба баъзеҳо муяссар шуд, ки ин хатои худро ислоҳ кунанд.

Чунончи, Абдулқодир Муҳиддинов ба хато ва гуноҳи худ иқрор шуда, соли 1928 бо назардошти рӯйдодҳои солҳои оғозини инқилоби Бухоро навишта буд: «…мо душмани забони тоҷикӣ будем, хизматгор ва тарафдори иттиҳоди турк

ва забони туркӣ будем»[1]. Ва дар поёни мақолааш боз навиштааст: «Мо саҳв ва хиёнати сиёсии гузаштаи худро иқрор мекунем ва лозим медонем, ки ислоҳ карда шавад»[2].

Ин иқрори софдилонаи А. Муҳиддинов як навъ тавбае аз сидқи дил аст. Ӯ бо кӯшишҳое, ки барои таъсиси ҷумҳурии мухтори Тоҷикистон дар соли 1924 ва ҷумҳурии иттифоқии Тоҷикистон дар соли 1929 карда буд ва бо дигар хидматҳояш садоқати худро ба миллати тоҷик исбот намуд.

Баъзе дигарон, ки ба доми пантуркизм ва панӯзбекизм афтода буданд, баъд ҳар кадоме ба таври худ чунин садоқати комил ба миллати тоҷик намоиш доданд.

***

Оре, зӯроварии ӯзбексозии тоҷикон бе шакку шубҳа наслкушӣ ва нажодкушие буд, ки ҳукумати пантуркистии ҷумҳурии Бухоро яке аз мақсадҳои асосии худ ва муҳимтарин бахши сиёсати давлат донista, бо сахткӯшӣ ва бераҳмии тамом иҷро мекард. Фаромӯш накунем, ки ***Ҷумҳурияти Халқии Шӯроии Бухоро ва ҳукумати он бо сардории Файзуллоҳ Хоҷа дастнишондаи Русияи шӯравӣ ва мутеъу фармонбардори он буд. Аз ин рӯ, шак нест, ки сарварони Русияи болшавикӣ аз сиёсати нажодкушии ҳукумати ҷумҳурии Бухоро, аз маҳви маънавии тоҷикон огоҳӣ доштанд ва онро дастгирӣ мекарданд.***

Мумкин аст, ки Куйбишев дар аввали инқилоб пай набурда буд, ки бештарини мардуми Бухоро тоҷиканд, на ӯзбек. Вале пас аз андак муддат, чунончи пас аз он ки мактабҳо туркии усмонӣ ва ӯзбекӣ шуданд, пас аз он ки норозигии мардум ва ошӯбҳо аз табдили забони мактаб оғоз шуд, намоянда ва фиристодагони сершумори Маскав ба зудӣ метавонистанд эҳсос бикунанд, ки дар сиёсати миллии ҳукумати Бухоро нодурустиҳое ҳаст, ҳукумат дар ҳаққи мардум ситами миллӣ, ситами маънавӣ раво мебинад. Ва ин

---

[1] *Абдулқодир Муҳиддинов.* Мардуми шаҳр ва атрофи Бухоро тоҷиканд ё ӯзбек? Дар китоби *П. Гулмуродзода.* Забон ва худшиносии миллӣ. – Душанбе, 2007.-С. 199.

[2] Ҳамон асар, с. 201

хабар ҳатман ба Маскав мерасид. Аммо ***Маскав, ки дар ҳама корҳои ҳукумати Бухоро, дар кӯчактарин нуқтаҳои сиёсати ин ҳукумат дахолат дошт, дар масъалаи тоҷикон заррае дахолат зоҳир намекард. Ҳукумати Бухоро дар ҳеч масъалае бидуни ишораву тавсияи болонишинони Маскаву Тошканд наметавонист қадаме пеш бигузорад, магар масъалаи тоҷикон.*** Дар масъалаи тоҷикон ҳукумати Бухоро озод ва соҳибихтиёр буд.

Бо таъкид гӯшрас меоварем, ки ҳукумати болшавикии Маскав низ мавҷудияти тоҷиконро эътироф намекард, ё ба назар гирифтан намехост.

Ба назар нагирифтани мавҷудияти миллати тоҷик, тавон гуфт, аз як навиштаи В. И. Ленин сар шуд. Чун намояндагони қавмҳои турки Осиёи Миёна бо қатъият мухторият ва истиқлол хостанд, Ленин 13 июни соли 1920 фармоиш дод, ки «харитаи (этнографӣ ва ғайраи) Туркистон бо тақсим ба Ӯзбекия, Қирғизия ва Туркмания тартиб дода шавад».[1]

Чунонки мебинем, ин ҷо бар ин, ки дар Туркистон тоҷикон низ ҳастанд ва эшонро низ мухторият бояд дод, ишорае ба назар намерасад.

Қумитаи Марказии Ҳизби коммунисти Русия –РКП (б) 12 августи 1920 барои коммунистони Осиёи Миёна номае фиристода ва гуфта буд:

«Халқҳои бумии Туркистон ӯзбекҳо, қирғизҳо (қазоқҳо- М. Ш.), туркманҳо мебошанд. Ҳокимияти шӯравӣ ба оммаи заҳматкаши ҳамин халқҳо бояд такя бикунад» («Коренными народами Туркестана являются узбеки, киргизы, туркмены. На трудящиеся массы этих народов и должна опираться Советская власть»).[2]

Ин ҷо низ миллати тоҷик номбар нашудааст. Ва ҳол он ки **миллати тоҷик он солҳо яке аз калонтарин миллатҳои Осиёи Миёна буд ва онро нодида гузаштан имкон надошт.**

Инак, чанд рақам меоварем. **Пеш аз инқилоби соли 1917 дар Туркистони Русия ба як ҳисоб 1. 300. 000 тоҷик буд. Агар ин**

---

[1] *В. И. Ленин.* Полн. сбор. соч., т. 41, стр. 436.

[2] *Иностранная военная интервенция и гражданская война в Средней Азии и Казахстане.*- Сб. док.-Т. 2.-Алма-Ата, 1964.-С. 647.

**шумораро ба 2. 100. 000 тоҷики аморати Бухоро (ки дар боло зикр шуд) илова кунем, адади тоҷикон дар Варорӯд ба 3. 400. 000 мерасад.** Омори дигаре ҳам ҳаст (ва агарчи бештари ин шуморҳо нодақиқ, гоҳ тахминӣ ва хилофи якдигаранд), онро низ ин ҷо меорем. **Ҳангоми ҷоншумори соли 1897 ва дар даҳаи оғозини садаи бист шумораи халқҳои Осиёи Миёна ба ин қарор будааст: тоҷикон 1. 890. 000, ӯзбекҳо 2. 000. 000, қозоқу қирғизҳо 1. 571. 000, туркманҳо 450. 000. Ба ҷуз ин, қариб як миллион (967. 000) сорт мавҷуд буд, ки бештар тоҷикони навӯзбек ва тоҷиконеро, ки забони ӯзбекиро низ медонистанд, сорт номидаанд (ва кордорони Ӯзбекистон ҳангоми саршумори соли 1926 ҳамаи сотрҳоро ӯзбек навиштанд).** Аз ин ҷо ҳам пайдост, ки миллати тоҷик дар даврони инқилоботи 1917 ва 1920 дар шумора аз ҳеч халқи Осиёи Миёна камӣ надошт, аммо дар таърихсозӣ ва тамаддунофаринӣ аз ҳамаи онҳо бартар буд. Бо вуҷуди ин, чунонки дар боло дидем, Ленин дар дастурномаи худ туркманҳоро, ки 450. 000 нуфус доштаанд, номбар кардаасту тоҷиконро, ки на камтар аз 2. 000. 000 будаанд, ном нагирифтааст. Пас аз ин, тартибдиҳандагони санадҳои ҳизбии нимаи оғозини даҳаи бист аз пайи Ленин рафта, ҳеч боре номи тоҷикро ба забон нагирифтаанд (ғайр аз Ленин дар як навиштае). Пайдост, ки сарварони шӯравӣ чанд соли пас аз инқилоби 1917 дар бораи вазъи Осиёи Миёна гоҳ огоҳии мушаххас надоштанд ва дар ҳолате, ки аз қувват гирифтани пантуркизм ва талабҳои қатъии пешвоёни халқҳои турк ба ташвиш омада буданд, барои посух гуфтан ба даъватҳои он пешвоёни турк меандешиданд ва сарнавишти мардуми тоҷик дар маҳдудаи ин андеша гунҷоиш надошт.

Гузашта аз ин дар фаъолияти бисёр сарварони ҳизбии Маскав ва Тошканд чораандешиҳое бар зидди тоҷикон ва ба суди пантуркизм ба назар мерасад. Инак, чанд мисол.

Моҳи майи соли 1921 собиқ раиси Ҳизби коммунистии Бухоро Наҷиб Ҳусаинови котор аз Маскав ба Бухоро ба номи раиси онрӯзаи Ҳизби коммунистии кишвар Олимҷон Оқчурин, ки низ тотор буд, чунин телеграмма фиристод: «Бояд ба он муваффақ шуд, ки бештар аз нисфи аҳолии Бухороро ӯзбекҳо, қисми хурдеро туркманҳо, баъд эрониёну яҳудиён ташкил

бидиҳанд».[1] Ошкор аст, ки Н. Ҳусаинов мехоҳад миллати тоҷик аз феҳристи аҳолии Ҷумҳурии Бухоро берун гузошта шавад, чунин вонамуд гардад, ки дар ин кишвар тоҷик нест. Аз ин рӯ, тоҷиконро дар миёни миллатҳои муқими Бухоро ном нагирифтааст.

Ба пиндори банда, ин барқияро намунае аз муборизаи зидди халқи тоҷик, падидае аз маҳви маънавии тоҷикон бояд донист.

Аз ин номаи Наҷиб Ҳусаинов ба ду нукта бештар эътибор бояд дод: Якум он ки ин номаро як тотор ба тотори дигар фиристодааст. Дувум он ки ин нома аз Маскав омадааст.

Аз нуктаи якум бармеояд, ки тоторҳо дар Бухоро аз аввали инқилоб, чунонки гуфтем, барои пиёда кардани сиёсати пантуркистӣ ва қувват додани рӯҳияи зидди тоҷикон нақше диданӣ доштанд. Пеш аз инқилоб, дар даврони ҷунбиши ҷадидия дар Бухоро ва Туркистон бисёре аз маорифпарварони тотор ва бошқирд бо маорифпарварони тоҷик ҳамкориҳо ва хидмати таърихӣ адо кардаанд. Аммо дар остонаи инқилоб ва пас аз он, мутаассифона, нақши онҳо ранги дигар гирифт, ранги манфӣ гирифт. Дар даври инқилоб бештарини тоторҳо, бошқирдҳо ва ғайра дар Бухоро ва дигар минтақаҳои Осиёи Миёна фиристодагони ҳизби коммунисти Русия ва болшавикони Тошканд буда, барои амалӣ кардани сиёсати Русия ва ниятҳои пантуркистӣ хидмат карданд. Ҳатто тоҷиконе чун Абдуллоҳ Раҳимбоев ва Аҳмадбек Мавлонбеков, ки аз Тошканд ба Бухоро фиристода шуда, ҳизби коммунистии Бухороро чанд гоҳ сарварӣ карданд, барои иҷрои нақшаҳои пантуркистӣ кӯшидаанд.

Нуктаи дувум он аст, ки чун номаи Наҷиб Ҳусаинов аз Маскав ба Бухоро фиристода шудааст, метавон гуфт, ки нақшаҳои панӯзбекистии Н. Ҳусаинов ва О. Оқчурин дар Маскав низ замина доштааст, супориши коммунист Н. Ҳусаинов ба коммунист О. Оқчурин аз рӯҳияи баъзе доираҳои расмӣ ё ғайрирасмии Маскав илҳом шудааст. Мо аз ин ҷо ба чунин натиҷа мерасем, ки дар ӯзбексозии тоҷикон, дар маҳви

---

[1] **Ниг.:** *И. Келдиев.* Фарҷоми худношиносӣ//Садои Шарқ.-1989.-№7.-С.101; *Н. Ҳотамов.* Таърихи халқи тоҷик.-Душанбе, 2007.-С.320.

маънавии мардуми тоҷик аз аввали инқилоб кам ё беш Маскав низ даст дошт.

Ба ин ҳақиқат аз чандин рӯйдоди он солҳо бовар ҳосил мекунем. Ва бархе аз онҳоро ин ҷо зикр кардан мехоҳем.

Абдурраҳим Ҳоҷибоев 21 июни соли 1924 (ки он гоҳ узви Раёсати Ҷумҳурии Туркистон буд) як навиштаи таърихии худро, ки «Тезисы по вопросу о положении таджиков» ном дошт, имзо ва ба мақомоти боло пешниҳод кард. Инак, чанд ҷумла аз он навиштаи А. Ҳоҷибоев (ки аз тарҷумаи душвори он худдорӣ мекунам):

«Остатки пантуркизма, панисламизма и сёйчас еще существуют. […] Следствием этого является такая путаница в понимании национальных вопросов в Туркестане и Бухаре, которая прочно утверждается в глазах многих советских и партийных работников, особенно русских. […] Но для втягивания в новую культуру и разрешения проблемы одной из крупнейших народностей в Средней Азии, именно – таджиков до последнего времени ничего не предпринималось. […]

Это обстоятельство давало повод и возможность многим советским и партийным работникам Средней Азии, некоторым сознательно, из-за националистических, шовинистических соображений, некоторым по незнанию, утверждать, что таджики как отдельная народность не существуют, а если и существуют, то их следует ассимилировать ӯзбеками»[1]

Ин сатрҳо ва тамоми ин «Тезисҳо» навиштаи як талошгари ҷонсӯз аст, ки дар айни авҷи зӯроварии пантуркизми болшавикӣ ҷасурона овози эътироз баланд кардааст. Вай ҳам аҳволи тоҷикони Туркистон ва ҳам Бухороро ба назар дорад. А, Ҳоҷибоев миллатгароёни бузургманиши ӯзбек ва пушту паноҳи онҳо-русҳои идораҳои ҳизбиву ҳукуматиро ошкоро ном гирифта, беибо гуфтааст, ки онҳо тоҷиконро, ки «яке аз бузургтарин қавмҳои Осиёи Миёнаанд», ӯзбек кардан мехоҳанд. Ҳар кас, ки бо собуни паӯзбекистҳову пантуркистҳо ҷомашӯйӣ кардааст, медонад, ки он солҳо дар ин бора бо овози баланд эътироз кардан танҳо ба

[1] *Бойгонии Маркази ҳизбии Институти марксизм-ленинизм (ЦГА ИМЛ)*. Захираи 62, рӯйхати 2, парвандаи 1744, варақи 419.

ҷасоратмандони фавқулода муяссар мешуд. Сипоси бепоён Худойро, ки он солҳо аз байни тоҷикон чандин тан ҷасоратмандони фавқулода бархостанд, ки А, Ҳоҷибоев яке аз онҳо буд. Баъзеҳоро дар боло ном бурдем ва бархеро боз хоҳем гуфт.

Як мақсади мо аз овардани пораҳое аз навиштаи А. Ҳоҷибоев он аст, ки ӯ чун аз зӯроварии пантуркистӣ сухан меронад, русҳои Туркистону Бухороро низ ном мебарад. Дар наслкушии тоҷикон бисёре аз кормандони ҳизбиву ҳукуматии рус низ ширкат доштанд. Онҳо ба ҷойи ин, ки барои пешгирии худсарии пантуркистҳо бикӯшанд ё лоақал бетараф бошанд, ба дастгирии пантуркистҳо миён баста будаанд. Дурусттар он ки онҳо супориши сарварони болонишини худро иҷро мекарданд ва мекӯшиданд, ки турксозии тоҷиконро битезонанд.

Банда шак надорам, ки ***аз ин ҳама беинсофиҳо, ки дар ҳаққи тоҷикон шуд, баъзе аз сарварони ҳукумати болшавикии Маскав огоҳӣ доштанд, вале нишонае аз ин ки барои пешгирии он беинсофиҳо чорае андешида бошанд, мавҷуд нест. Ба вежа Сталин чи он гоҳ ки Комиссари халқии миллатҳо (наркомнац) буд ва чи он гоҳ ки сардабири ҳизб (генсек) шуд, ҳама хабарҳо ба дасти ӯ меомад ва бехабар монданаш имкон надошт. Ба хусус он гоҳ ки Сталин ба муносибати тақсими ҳудуди миллии Осиёи Миёна нақшаи Г. Чичеринро, ки ба суди тоҷикон буд, қатъиян рад кард ва лоиҳае пеш ниҳод, ки бар зарари тоҷикон буд, тамоман равшан шуд, ки Сталин нисбат ба тоҷикон ниятҳои нохуб дорад.***

Соли 1924 пеш аз марзбандии миллии Осиёи Миёна моҷарои турку тоҷик хеле тезу тунд шуд. Шунидаам, ки Г. В. Чичерин - комиссари халқии корҳои хориҷии Иттиҳоди Шӯравӣ барои шиносоӣ бо моҳияти масъалаи тоҷикон аз Маскав ба Самарқанд омад. Ӯ хост, ки на танҳо фикри ҳукуматдорон, балки ақидаи мардумро низ бифаҳмад. Дар майдони калони Регистони Самарқанд мардуми зиёдеро гирд оварданд ва Чичерин аз ҳозирон пурсид, ки шумо тоҷикед ё ӯзбек? Ҳама ҳозирон аз як гиребон сар бароварда ба як забон гуфтанд, ки мо ӯзбекем, тоҷик ин ҷо нест. Чичерин фаҳмид, ки ба Регистон фақат ӯзбекҳои ноҳияҳои ӯзбекнишини атрофи Самарқандро овардаанд ва бисёр кӯшидаанд, ки тоҷике ба

майдон роҳ наёбад ва агар роҳ ёфта бошад ҳам, гӯшашро тофтаанд, ки худро тоҷик нагӯяд. Чиерин чун ба Маскав баргашт, албатта ин воқиаро ба Сталин арз кард ва Сталин аз ҳама ҷузъиёти масъала огоҳӣ ёфт.

Марзбандии Осиёи Миёна барои решакани худсарии панӯзбекистҳо мавриди мувофиқе буд. Сталин баръакс ин мавридро барои қувват додани панӯзбекистҳо, барои устувории бештари появу ғояҳои панӯзбекизм истифода кард. Сталин муқобили пантуркизм буд, аммо панӯзбекизмро ниҳонӣ ва гоҳ ошкоро дастгирӣ мекард.

Дидем, ки соли 1924 ҳангоми тақсими ҳудуди миллии Осиёи Миёна ду нақша дар миён буд: яке нақшаи Чичерин, ки ба нафъи тоҷикон буд ва дигаре нақшаи Сталин, ки хилофи манфиатҳои миллии мардуми тоҷик тартиб дода шуда буд. Оқибат Сталин бо зӯроварӣ нақшаи худро гузаронд, ба тасвиб расонид. Тасвиби он нахуст дар Тошканд сурат гирифт. Комиссиюни тақсими ҳудуди миллӣ дар Тошканд пешниҳоди Сталинро айнан (ба истисное баъзе ҷузъиёти ночиз) тасдиқ кард. Касе ҳақ надошт, ки аз хатте, ки Сталин кашидааст, берун по гузорад. Банда бар ин боварам, ки *Абдураҳим Ҳоҷибоев, Чинори Имомзода ва дигар тоҷикони тоҷикгарой, ки тобистони соли 1924 он нақшаи Сталин ва пешниҳодҳои* ***пантуркистиро дастгирӣ карданд ва натавонистанд, ки манфиатҳои миллати тоҷикро ҳимоя бикунанд, имрӯз набояд мавриди сарзаниш қарор биёбанд. Онҳо наметавонистанд, ки ба дастуру фармоиши мақомоти болоии*** *ҳизбӣ ва ҳукуматӣ* ***муқобилат*** *бикунанд, хилофи он дастуру фармоишҳо ошкоро андешае пеш бигузоранд.* Ба ҳар ҳол муборизае барои ҳимояи манфиатҳои мардуми тоҷик гоҳ ошкоро ва гоҳ ба тарзи пардапӯш идома дошт ва аз ин рӯ, оқибат ба тоҷикон на вилояти мухтор, балки ҷумҳурии мухтор доданд. Аммо ин мухторияти ҷумҳурии Тоҷикистон бисёр нуқсон дошт ва ин нуқсонҳо аз он ҷо сар задаанд, ки нақшаи Сталин бар хилофи нақшаи Чичерин аз адолати таърихӣ хеле дур буд.

Сталин ҳеч нахост, ки Бухорову Самарқанду Хуҷанд ба Тоҷикистон дода шавад. Ӯ соли 1924 Тоҷикистонро танҳо бо Бухорои шарқӣ маҳдуд кард.

Пас сабаб чӣ буд, ки ин тавр шуд? Чаро Сталин соли 1924 нахост, ки Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд ва водиҳои фарҳангхез ба Тоҷикистон дода шавад? Соли 1929 низ танҳо вилояти Хуҷанд ба Тоҷикистон шомил шуд, аммо Бухорову Самарқанд дар Ӯзбекистон монд. Чаро?

*Мубоаризаи зидди Ислом ва исломиён аз бахшҳои асосии сиёсати Русияи подшоҳӣ буд ва болшавикони атеист ин мубоаризаро сахттар давом доданд. Ва ҳол он ки тоҷикон аз диндортарин халқҳои Осиёи Миёна буда, Исломро дар байни туркҳои атрофи худ паҳн карда буданд ва асрҳо боз дар байни он халқҳо таъсири пурзӯри маънавӣ доштанд. Мардуми тоҷик дар байни қавмҳои турк таъсири бузурги фарҳангӣ ва мазҳабӣ иҷро мекарданд. Ислом дар байни туркҳо ба воситаи фарҳанги эронии тоҷикон интишор ёфтааст. Дар байни ӯзбекҳо, қазоқҳо, қиргизҳо ва ғайра бештари муллоҳо аз тоҷикон буданд ва шайхҳои тоҷик дар байни туркҳо мурид зиёд доштанд. Дар қишлоқи ӯзбек, ӯбаи туркман, авули қазоқу қиргиз мактабе мавҷуд бошад, мактабдор аксаран тоҷик буд. Дар тӯли асрҳо мардуми тоҷик мардумони туркро савод омӯхтаанд, дар байни онҳо фарҳанги исломӣ паҳн кардаанд. Муллоҳои тоҷик дар бисёр мавридҳо майлу рағбати сардорони элу улуси туркро муайян мекарданд. Шуури фарҳангиву динии мардумони туркро аз бисёр ҷиҳатҳо зиёиёни мазҳабии тоҷик шакл медоданд.*

*Зиёиёни тоҷик дар шаклгирии маънавияти мардуми турк ҳамеша кам ё беш нақш гузоштаанд.* Аз ин рӯ, сиёсати зиддиисломии Русияи подшоҳӣ сиёсати зидди тоҷикон буд. Яке аз сабабҳои асосии ин, ки пас аз омадани русҳо дар Варорӯд ӯзбек шудани тоҷикон доман паҳн кард, ба пиндори мо ҳамин буд. Кам шудани шумораи тоҷикон, костани нуфузи маънавии онҳо дар байни халқҳои Вароруд бештар имкон медод, ки Русия ин халқҳоро зери даст нигоҳ бидорад, ба зери таъсири худ бикашад.

Ин сиёсатро шӯравиён идома доданд ва хостанд, ки нахуст марказҳои бузурги таърихии фарҳангиро аз дасти тоҷикон бигиранд, тоҷиконро аз пурзӯртарин хостгоҳҳои ҳастии маънавии онҳо маҳрум бикунанд, сарчашмаи нуфузи маънавию мазҳабии онҳоро бихушконанд, хостанд танҳо як қисми ин халқи бузурги тамаддунофарин дар кӯҳистони

дурдасте ба нотавонӣ ва ақибмондагӣ ба сар баранду бас ва натавонанд, ки сар бардоранд.

Халқҳои Осиёи Миёнаро аз доираи нуфузи маънавии мардуми тоҷик берун кашидан ба болшавикҳо ва пантуркистҳо баробар лозим буд. Ин ҷо мақсади импиротурии Русия ва пантуркистҳо ба ҳам созиш дошт: болшавикҳо мехостанд, ки туркҳои Осиёи Марказиро аз таъсири маънавии тоҷикон халос карда, ба сӯйи бемаънавиятӣ ва атеизм роҳнамойӣ кунанд. Панӯзбекистҳо лозим донистанд, ки халқро аз таъсири маънавии мардуми тоҷик озод бикунанд, то ки ҷои он таъсирро идеологияи пантуркизм бигирад. Инқилобро, ки нерӯи бузурги харобкорӣ дорад, барои дигар кардани бунёди маънавии ҳаёти ҷомиа истифода намудан лозим буд, то ки марому маслаки пантуркистӣ дар шуури аҳли ҷомиа ба устуворӣ ҷойгир шавад.

Барои расидан ба ин мақсад нахуст Бухоро ва таъсири бузурги маънавии онро ба нестӣ расонидан даркор буд. Файзуллоҳ Хоҷа дар бораи Бухоро гуфта буд: Бухоро «чунин вазъи ҷуғрофӣ дорад, ки дар умқи Осиёи Миёна дур аз шаҳрҳои фарҳанги замони ҳозира, вале дар маркази роҳҳои ҷаҳони бостонӣ қарор ёфтааст, аҳолӣ бесавод ва оҷиз аст ва дар айни ҳол ҳар қадам нишонаҳои фарҳанги волои арабиву эронӣ ба назар мерасад» («следы высокой арабо-персидской культуры, ставшей для нашего времени анахронизм»)[1]. Андаке поинтар Файзуллоҳ Хоҷа мегӯяд: «Фарҳанги кӯҳнаи арабиву эронӣ дар Бухоро лонае устувор дорад» («свила себе прочное гнездо»)[2].

Ин ҷо Ф. Хоҷа фарҳанги исломии эрониву тоҷикиро ба назар дорад. Файзуллоҳ Хоҷа ҳамин фарҳанги бузурги ҷаҳоншумул ва Бухороро, ки шаҳпояи бинои ин фарҳанг буд, нест кардан хост. Бухоро маркази исломият ва эронияти тоҷикӣ буд. Чунонки маълум аст, Бухоро дар ҷаҳони исломӣ пас аз Маккаву Мадина савумин маркази мазҳабӣ буд, унвони қуббатулислом дошт, онро Бухорои Шариф ва дорулфохира хондаанд, маҷмаъи илм гуфтаанд ва ҳазрати Мавлавӣ

---

[1] *Ф. Ходжаев.* Избранные труды, т. 1.-Ташкент, 1970.-С. 79.
[2] Ҳамон асар, с. 81.

«манбаъи дониш» номидааст: «Ин Бухоро манбаъи дониш бувад». Ақлу заковати тоҷикон дар Бухоро бештар аз дигар марказҳои фарҳанг марказият ёфта буд. Бухоро забону адабиёти форсӣ-тоҷикии ҷаҳоншумул, фарҳанги бузурги эронӣ-тоҷикиро дар домани худ парвардааст. Шӯравиён шуури халқҳои Осиёи Миёнаро аз ҳамин фарҳанги воло тоза кардан хостанд, маънавияти исломии эрониву тоҷикиро аз дили мардум берун афкандани буданд. Болшавикон хостанд Бухороро нест бикунанд, то ки мардуми тоҷик аз шарофати Бухорои бузург, аз файзу баракати маънавии он, аз он бахши калони ёди таърихӣ маҳрум шавад, раҳнамои маънавӣ камтар дошта бошад. ***Саркӯб доштани тоҷикон ва нест кардани Бухоро бахше аз сиёсати маънавиятзидоӣ ва исломситезии шӯравиён буд***. Маълум буд, ки ***чунин вазифаеро панӯзбекистҳо метавонанд ба хубӣ иҷро намоянд***. Аз ин рӯ, Сталин агарчи ба муқобили пантуркизм сахт мубориза мекард, белаҷом шудани панӯзбекизмро нодида мегирифт. ***Дастгирии панӯзбекизм, чашм пӯшидан аз ҷиноятҳои гӯшношуниди панӯзбекистҳо аз ҳамин ҷост.***

Натиҷаи инқилоб ҳамин шуд, ки Бухоро аз истиқлол, ҳатто аз он истиқлоли нисбӣ, ба ном истиқлол, ки дошт, ба куллӣ маҳрум шуд, *пас аз соли 1924 умри таърихии Бухоро ба поён расид. Бухоро пас аз соли 1924 ба сифати як маркази фарҳангӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ аз саҳнаи таърих берун ронда шуд ва дар андак муддат ба як шаҳри музофотии беаҳамият, ба як харобаи ҳузнангез табдил ёфт, онро тамом хароб карданд. Банда дар ёд дорам, ки дар солҳои кӯдакиву наврасии ман, яъне дар даҳаи сиюми қарни бистум Бухоро валангор буд. Бисёр ҳавлиҳо бесоҳиб монда вайрон шуда, ҳатто баъзе гузарҳо ба куллӣ ба харобазор табдил ёфта буданд. Мардум дар зиндонҳои сершумор ва яхзорҳои Сибир ҳалок гардида, бисёре ба чаҳор тараф муҳоҷират карда, бозмондагон ба сахтӣ ба сар мебурданд. Ин ҳолат чандин сол давом кард. Фақат дар ҳудуди садаи 20 ва 21 Бухоро андак обод шуд. Вале ин ҳам ободии зоҳирист. Бухоро дигар маркази фарҳанг, «маҷмаъи илм» ва «манбаъи дониш» нест.*

*Аз ин рӯ* боз мегӯем, ки ***азбаски дар Бухоро ҳастии маънавии мардуми тоҷик ба тарзи беназир таҷассум шуда, илму фарҳанг, аз ҷумла илми мазҳабӣ хеле бештар аз дигар марказҳои***

***фарҳангӣ посира шуда буд, болшавикон хостанд тоҷикро аз чунин сарчашмаи пурҷӯши маърифат маҳрум бисозанд, истиқлоли фарҳангии ӯро суст бикунанд, ӯро аз фарҳанги бостонӣ камнасиб бидоранд***.

Он чӣ инқилоби Бухоро номида шуд, амали қатъии Русияи шӯравӣ барои решакании исломияту эроният, аз ҷумла маҳви маънавии тоҷикон дар Осиёи Миёна буд. Маънои аслии инқилоби Бухороро аз ҳамин ҷо фаҳмидан мумкин аст.

Моро бовар ин аст, ки *агар Файзуллоҳ Хоҷа, ки худ тоҷик буд, ба унвони як намояндаи миллати тоҷик ба майдони мубориза инқилобӣ қадам мегузошт, ҳаргиз болшавик пуштбони ӯ намешуд. Аз ин рӯ, ба Файзуллоҳ лозим омад, ки худ ва халқи худро ӯзбек эълон бикунад, бо миллатфурӯшӣ ба мартаба бирасад. Файзуллоҳро панӯзбекизм ба мартабаҳо расонид*.

Ин масъала дар миён буд, ки агар Сталин тоҷиконро дастгирӣ мекард ва ба онҳо ҷумҳурии «мустақили» бузурге медод, албатта эҳтимоле буд, ки тоҷикон қувват бигиранд ва сар бардоранд ва рӯзе ба сӯйи ҳамхунони худ, ки дар Афғонистону Эрон ҳастанд, майл пайдо бикунанд. Қувват гирифтани тоҷикон метавонист бештар аз пантуркизм хавфе ба сари импиротурии болшевикӣ биёварад. Аз ин рӯ, тоҷиконро нотавон ва саркӯб доштан лозим буд. Як маънои сиёсати Сталин дар ҳаққи тоҷикон ҳангоми табартақсими соли 1924 ҳамин аст.

Инқилоби Бухоро фарзанди ҳаромии таърих буд, ки дар натиҷаи як силсила хиёнатҳои дохилӣ ва хориҷӣ, хиёнат ба рисолати таърихии маорифпарварӣ ва ормонҳои волои башардӯстӣ, хиёнат ба Миллат ва Модар- Ватан ба ҷаҳон омадааст.

***

Файзуллоҳ Хоҷа шояд хеле пештар аз он ки ӯро ба шиканҷаи зиндон гирифтанд (соли 1937) ё лоақал пас аз зиндонӣ шуданаш қабоҳати фаъолияти сиёсии худро, қабоҳати онро, ки аз 24-солагӣ бозичаи дасти болшавикон ва пантуркистҳо шуд ва онҳо нақшаҳои разилонаи худро ба дасти ӯ ва чанд нафари монанди ӯ амалӣ карданд, фаҳмида бошад.

Вай пеш аз шунидани ҳукми қатлаш, дар охирин сухани худ ба маҷлиси мурофиа иқрор шуд, ки дар ҳаққи мардуми тоҷик ноинсофӣ кардааст ва фақат аз ҳамин ҷиҳат худро гунаҳкор медонад. Ин иқрору эътирофи Файзуллоҳ Хоҷа дар китоби мурофиаи соли 1938 чоп нашудааст (кордорони шӯравӣ нагузоштаанд, ки эътирофи беинсофӣ нисбат ба халқе дар нашрияи шӯравӣ чоп бишавад), вале касоне ҳастанд, ки онро дар бойгонӣ дидаанд. Чунончи пажӯҳишгари тоҷик профессор Имомназар Келдиев (бародари Гулназари шоир) онро дар бойгонӣ аз мурофианома пурра хондааст.

Пеш аз марг ба як гуноҳи асосии худ иқрор шудани Файзуллоҳ Хоҷа хеле муҳим аст. Ин иқрор як навъ тавбаест дар пеши меҳан ва миллат, дар пеши Бухорои Шариф ва мардуми шарофатманди тоҷик. Вале гуноҳи Файзуллоҳ Хоҷа ва нокасоне чун ӯ чунон бузург аст, ки ба гумон аст миллату меҳан он тавбаву тазаррӯъро бипазиранд ва аз гуноҳи фарзанди нохалафи худ бигзаранд.

Бедоди пантуркизму панӯзбекизм, беинсофиҳоеро, ки дар ҷумҳурии Бухоро ва Ӯзбекистон ба ҳаққи тоҷикон раво диданд, аз тарафи дигар, як сарвари Ӯзбекистони болшавикӣ Акмал Икромов, ки котиби якуми КМ ҳизби коммунистии Ӯзбекистон ва пас аз Файзуллоҳ Хоҷа шахси дувуми ин ҷумҳурӣ буд, низ эътироф кард. Акмал Икромов 8 майи 1929 дар маҷлиси Дафтари созмондиҳӣ (оргбюро)-и Кумитаи Марказии ҳизби коммунисти Иттиҳоди Шӯравӣ (ВКП (б) гуфт:

«Дар бораи тоҷикон, ки дар ҷумҳурии мо пурзӯртарини ақаллиятҳои миллианд, низ (як- ду сухан) мегӯям. Пеш аз тақсими ҳудуди миллии собиқ Туркистон ва Ҷумҳурии Бухоро ва ҳангоми таъсиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон таъсири пурзӯри идеологияи пантуркизм ба мо зиёд буд, мо нисбат ба миллатҳои хурд бузургманишии шовинистии ӯзбекистонӣ (велико-узбекистанский шовинизм) доштем».[1]

[1] *Бойгонии марказии давлатии Институти марксизм-ленинизм (ЦГА ИМЛ)*. Захираи 17, рӯйхати 69, парвандаи 660. Ин мадраки бойгониро зиндаёд профессор *АлександрВишневский*-собиқ муовини директори

Пас аз ин Акмал Икромов гуфтааст, ки пеш аз тақсими ҳудуди миллӣ, яъне пеш аз соли 1924 дар Бухоро як мактаби тоҷикӣ набуд. Акмал Икромов ба чӣ сабабе, шояд аз рӯйи маҷбурият дар пеши сарварони давлати шӯравӣ ба гуноҳҳои панӯзбекизм иқрор шудааст, гӯё тавба кардааст. Лекин сарварони Ӯзбекистон ин тавбаро ҳамон замон шикастанд ва аҳволи тоҷикон дар Ӯзбекистон, аз ҷумла дар Бухоро монанди пештар давом кардан гирифт ва сарварони шӯравӣ низ аз ин чашм пӯшиданд ва худро ба нодонӣ мезаданд.

Шояд бо вуҷуди инҳо, инқилоб ба мардуми тоҷик суде ҳам овард? Шояд дар ҳақиқат рӯйдоди мусбат буд, ки Артиши Сурхи Русия дар кӯҳистони Бухорои Шарқӣ бо ҷанги зидди босмачиён баъзе сардорони ҳокимиятталоши қабилаҳои туркро саркӯб кард ва мардуми бумиро аз тааррузи онҳо раҳоӣ бахшид. Албатта, ин як кори муҳим буд. Вале ин нақши мусбати инқилоб ва дигар ин гуна нақшҳои вай (хоҳ иқтисодӣ, хоҳ фарҳангӣ, хоҳ иҷтимоъиву сиёсӣ) ба он нақшҳои манфӣ, ки дар сарнавишти таърихии миллати тоҷик дорад, баробар шуда наметавонад. Суду зиён баробар нест, зиён ба маротиб зиёдтар аст. Ғайр аз ин, суде, ки аз инқилоб расид, бештар суди моддӣ буд, зиён ҳама маънавӣ.

*Оре, **инқилоб мардуми тоҷикро аз зулми мангит озод кард, вале гирифтории нав овард***. Инқилоб тоҷикро аз дасти манғит гирифту ба дасти пантуркист супурд. ***Ва зуд ошкор гардид, ки пантуркист бадтар аз мангит будааст.*** *Мангит моро ҷисман нест мекард ва рӯҳан азоб медод,* ***пантуркист маҳви маънавии моро пеш гирифт.*** *Маҳви маънавӣ бадтар аз маҳви ҷисмонист. Осеби маънавӣ инсонро аз ёди таърихӣ, аз мансубияти нажодӣ, аз ифтихори миллӣ, аз бархе хислатҳои муҳими инсонӣ маҳрум мекунад, ба манқуртият наздик мебарад, ба ғуломи ҳалқабаргӯш табдил медиҳад.*

Дар аҳди манғития ба истилоҳи имрӯз адолати иҷтимоъӣ поймол шуда буд, ҷабру зулм ва истибдод ба авҷи аъло расид. Аммо ба даврони пантуркистҳо на танҳо ситами иҷтимоъӣ кам нашуд, балки боз ситами маънавӣ ба он илова

---

Институти таърихи ҳизб дар Душанбе ба дастраси ин камина гузошта буд. Ёдаш ба хайр.

шуд. Ба назари онҳое, ки дар замони шӯравӣ, дар даврони моддигароӣ ва маънавиятзидоии болшавикӣ ба воя расидаанд, ҷанбаи маънавии рӯйдодҳо чандон аҳамият надорад, аз ҳар рухнамуди таърихӣ маънои иҷтимоъӣ, моддӣ, иқтисодӣ меҷӯянд ва ба пайовардҳои маънавии он аҳамият намедиҳанд. Ва ҳол он ки, ба такрор бигӯем, дар ҳар маврид моҳияти маънавии ҳар рухдод бештар аз дигар ҷанбаҳои он, бештар аз ҷанбаи иҷтимоъиву иқтисодии он аҳамият дорад. Аз ин рӯ, ситами маънавии даврони пантуркистӣ бештар аз ситами иҷтимоъии аҳди манғития зарар дошт.

Ситами маънавӣ инсонро аз чеҳраи инсонӣ маҳрум мекунад. **Пантуркизми болшевикӣ бисёр кӯшид, ки тоҷик дигар тоҷик набошад, аз маниши худ маҳрум гардад, аз манияти худ, аз худии худ рӯ гардонад, ба ҳастии дигаре, ба ҳастии хилофи маънавияти воло, хилофи расми одамият рӯ оварад. Ситами маънавӣ одамро ба сӯйи ноодамӣ равон мекунад.**

**Пантуркизму болшавизм дар бисёр мавридҳо ба ин нияти худ ноил нашуд, натавонист тоҷикро аз тоҷикият баргардонад, аз роҳи одамият барорад. Дар бештари мавридҳо мардум зоҳиран, барои чашмфиребӣ ҳастии дигареро бипазируфтанд, ботинан ҳамчунон буданд, ки буданд. Аммо дар бисёр мавридҳои дигар мардум таблиғоти панӯзбекистиро айни ҳақиқат пиндоштанд ва худро ӯзбек ба қалам доданд. Дар баъзе мавридҳо мардум барои замонасозӣ, гоҳ барои судҷӯйӣ ва мансабхоҳӣ худро ӯзбек эълон карданд. Дар бештари мавридҳо кордорони ӯзбек мардумро напурсида, ӯзбек менавиштанд**.

Ин аст, ки пантуркизм ва болшавизм, ки бо инқилоб ба Бухоро омад, теша ба решаҳои ҳастии маънавии тоҷикон ва вежагиҳои таърихии эшон зад. Аз ин рӯ бояд боз бигӯем, ки инқилобро зиён бештар аз суд буд. Инқилоби болшавикии пантуркисти як табаддулоти куллии камсуду пурзиён овард. Миллати тоҷик аз самараҳои инқилоб ҳар чӣ баҳра бурда бошад, ҳама бисёр гарон афтод.

Дар «Таърихи Байҳақӣ» ривояте ҳаст, ки дар бораи як ҳоким гуфтаанд:

*«Ин худованди мо ҳама ҳунар асту мардӣ, аммо истибдоде азим дорад, ки ҳунарҳоро мепӯшонад».*

Мо бар ин боварем, ки **ҳокими инқилоби болшевикӣ** низ чунин буд: ***истибдодаш ҳама ҳунарҳояшро пӯшонид.***

***

Азбаски он чӣ инқилоби Бухоро хондаанд, дар воқеъ, як истилои болшевикии пантуркистӣ будааст, имрӯз онро набояд инқилоб биномем, номи дигаре барои он бояд пайдо кард, ки муносиб бошад. Шояд таърихшиносон номе шоиста хоҳанд ёфт. Беҳтар аст, ки аз номҳое, ки шоҳидони нуктасанҷи воқиа додаанд, якеро интихоб бикунем. Чунонки дар боло дида будем, *Садри Зиё инқилоби Бухороро **«балову балво»*** гуфта буд. Дар ҷойи дигар Садри Зиё аз таърихи таълифи «Наводири зиёъия» -и худ сухан ронда, аз ҷумла гуфтааст: «Дар санаи 1338 (1918 мелодӣ-М. Ш.) *дар **фитнаи инқилоб*** ин китоб мафқуд гашт». Ба пиндори ин бандаи нигоранда «фитнаи инқилоб» таъбири хубе барои фаҳмондани маънои рӯйдодҳои инқилобӣ дар Бухорост. «Фитна» ба маънои балво, ошӯб, шӯру шар, ҷангу ҷӯш омадааст. Инқилоби Бухоро як фитнаи инқилобнамо буду бас. Аз ин рӯ, сарлавҳаи ин мақолаи мо «Фитнаи инқилоб дар Бухоро» шуд.

**-15-**

Зӯроварии пантуркистӣ, сиёсати нажодкушӣ ва тоҷикзидоӣ, ки аз аввали инқилоб ҳар чӣ бештар қувват ёфтан гирифт, инчунин муборизаи синфӣ, ки низ моҳиятан роҳ тоза кардан барои ҳокимияти мутлақи худкома буд, муқобилати сахте ба шаклҳои гуногун ба миён овард. Мо дар боло талошу пархоши чанде аз шахсҳои алоҳида чун Аҳмадҷони Ҳамдӣ, Абдулқодир Муҳиддинов ва дигаронро дида будем. Имрӯз-дар оғози садаи бисту як касоне пайдо шудаанд, ки он муборизаи зидди пантуркизму болшавизмро нодида мегиранд, ҳатто мардуми ҳамиятманди Бухоро (ва Самарқанд ва Хуҷанд ва ғайра), ба вежа равшанфикрони пархошгари тоҷикро сарзаниш мекунанд, ки гӯё майдонгурезӣ карданд, бо бадхоҳони миллат созиш кардаанд ва ҳоказо. Чунончи, Ғаффор Ашуров соли 2006 навишт: «Қариб ҳама зиёъиёни тоҷики Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд солҳои аввали инқилоб,

солҳои 20-ум дар зӯроварии турксозии халқи худ фаъолона иштирок карданд»[1]. Ин даъвои Ғаффор Ашуров ба куллӣ бебунёд аст, натиҷаи ноогоҳӣ, дурусттар он ки падидае аз шуури маҳдуди музофотист, ки нисбат ба мардуми музофоти дигаре нобоварӣ, бадгумонӣ ва ҳатто нафрат ба вуҷуд меоварад.

Албатта, дар байни равшанфикрони Бухоро (ва Самарқанд ва Хуҷанд ва ҳар ҷойи дигаре) чи пеш аз инқилоб ва асрҳои гузашта, чи пас аз инқилоб, чи солҳои аввали истиқлоли Тоҷикистон касоне буданд ва имрӯз ҳам ҳастанд, ки манфиати шахсии худро болотар аз манфиатҳои миллат гузошта, ба худғаразӣ бар зарари миллат кор кардаанд ва мекунанд. Аз ҷумла, чунонки гуфтаем, Файзуллоҳ Хоҷа ва бештари атрофиёни ӯ нисбат ба миллати худ хиёнат пеша карданд. Абдуллоҳ Раҳимбоев низ тоҷик буда ва шояд баъзе ҳамдастҳои ӯ низ тоҷик бошанд, вале низ хилофи манфиатҳои миллии мардуми тоҷик амал карданд ва мисли Файзуллоҳ Хоҷа худфурӯхтае буданд. Вале бояд бидонем, ки инҳо гурӯҳҳои алоҳидае буданд, ки ба роҳи худфурӯхтагӣ даромаданд. Ҳамаи зиёъиён, аз ҷумла ҳамаи зиёъиёни сиёсӣ чунин набуданд ва ба миллат хиёнат накардаанд. Ба муқобили гурӯҳҳои хоин ва худфурӯш гурӯҳҳои миллатпарвар ва ватандӯст низ буданд, ки ба ҳимояи миллат талош мекарданд. Чун болшевикон хоинони миллатфурӯшро ба сари кор нишонданд, майдони талошгарони миллатхоҳ танг шуд, имкони комёбии миллатхоҳон кам монд. Бо вуҷуди ин миллатхоҳони тоҷик мубориза мекарданд.

Инак, як мисол. Банда медонистам, ки пас аз инқилоб дар Бухоро чун ҳама мардумро ӯзбек эълон карданд ва забони туркии ӯзбекиро ҳукмронӣ доданд, оммаи мардум ва зиёъиён ба ин сиёсати пантуркистӣ сахт муқобилат карданд ва соли 1922 ё 1923 шӯрише рӯй дод. Ҳамшаҳриҳо ба ин камина аз ин шӯриш гоҳ-гоҳ ба нимовоз чизе мегуфтанд. Чун соли 2006 ёддоштномаи Ҷалоли Икромӣ чоп шуд, дидам, ки ӯ аз ин шӯриш ёдовар шудааст ва ҷузъиёти ҷолибе хабар додааст.

---

[1] *Г. Ашуров.* Философия эпохи Саманидов. –Душанбе:Ирфон, 2006.-С. 216.

Ҷалол Икромӣ дар бораи Аббос Алиев (Аббоси Ализода) хеле маълумоти муҳим дода, аз ҷумла гуфтааст, ки Аббос Алиев «дар Бухоро бо Файзулло Хоҷаев ва дигарон дастбагиребон буд». Яъне бо баъзе ақидаҳои Файзуллоҳ Хоҷа ва сиёсати ҳукумати ӯ розӣ набуд ва бо ӯ сахт мубориза кардааст. Ҷалол Икромӣ афзудааст: «Дар хотир дорам, ки Аббос Алиев боре бо рафиқонаш дар Бухоро шӯриш барин ҳодисаро барпо кард. Ҳама мактабҳо ва одамони гузарҳоро ба по хезонда, ба кӯча намоиш ташкил дод. Мақсад ҳамин буд, ки мактабҳои Бухороро тоҷикӣ кунанд! Дар ҳақиқат, пас аз намоиш тақрибан ҳамаи мактабҳои Бухоро ба забони тоҷикӣ баргардонида шуданд»[1].

Оре, ин шӯриш, ки Ҷ. Икромӣ дар охири умр аз солҳои ҷавонӣ ба ёд овардааст, яъне як умр фаромӯш накарда будааст, даъвоҳои Р. Масов ва масовиёне чун Ғ. Ашӯровро, ки нисбат ба равшанфикрони Бухоро (ва Самарқанд ва Хуҷанд ва Истаравшан ва ғайра) вожаҳоеро чун «предательство», «трусость», «лживость», «беспринципность» ба кор мебаранд,[2] ба қатъият рад мекунад. Оре, оре, чунонки Ҷ. Икромӣ гуфтааст Аббос Алиев «бо рафиқонаш» амал мекард, яъне танҳо набуд, чандин нафар талош мекарданд, яъне на фақат Файзуллоҳ Хоҷа, балки муқобилони тоҷикгарои ӯ низ гурӯҳ доштанд ва гоҳ ба танҳоӣ, як нафар-ду нафар, гоҳ гурӯҳ-гурӯҳ мубориза кардаанд. Ба Аббос Алиеви таблиғгари суханвар бо муборизаи дастҷамъӣ муяссар шуд, ки «ҳама мактабҳо ва одамони гузарҳо»-ро ба по бихезонад ва ба ҳақталабии иҷтимоъии миллӣ сафарбар бикунад.

---

[1] *Ҷ. Икромӣ.* Он чӣ аз сар гузашт// Садои Шарқ.-2006.-№ 3.-С. 39-40.

[2] Р. Масов сифатҳои «*хиёнаткорӣ*», «*буздилӣ*», «*дурӯйӣ*», «*беақидатӣ*»-ро нисбат ба зиёъиёни Бухоро кор фармуда буд, ки гӯё онҳо пеш аз инқилоб ба манғитиён ва пас аз инқилоб ба пантуркистҳо фурӯхта шуда, ба миллати тоҷик хиёнат карданд, хоини миллатфурӯш мебошанд. **Ниг.:** *Р. Масов.* Наследие мангытской власти или о предательстве, трусости, лицемерии и беспринципности как позорных явлениях нашей истории. Душанбе, 2002. *Ин музахрафотро банда дар баъзе аз навиштаҳои худ бо чандин бурҳон рад кардам.*

Аз гуфтаи Ҷ. Икромӣ, ки «ҳама мактабҳо ва одамони гузарҳо» ба по бархостаанд, ошкор аст, ки шӯриш хеле калон шуд. Инро ҳам ба даъвогарони имрӯз гӯшгузор меоварем, ки муборизаи зидди пантуркистҳо фақат бо чанд нафар-Айнӣ, Ҳамдӣ, Абдулқодир Муҳиддинов, Аббос Алиев ва дигарон маҳдуд намонда, гоҳ хеле доман паҳн мекард ва умумӣ мешуд. Он шӯриши соли 1922, ки алъон дидем, намоиши умумӣ, намоиши ҳама халқ буд. Ва аз ин рӯ натиҷаҳои калон дод: ба гуфти Ҷ. Икромӣ пас аз ин шӯриш «тақрибан ҳама мактабҳои Бухоро ба забони тоҷикӣ баргардонида шуданд». Ин, бешак, комёбии ҷиддӣ буд ва ин комёбиро боиси сарбаландии зиёъиёни тоҷик бояд донист.

Аббос Алиев муборизаи зидди пантуркизмро чандин сол ва ба чандин тарз идома додааст. Ҳама ҳамлаҳоро мардвор рад карда, атрофиёнашро ба талошу пархош рӯҳбаландӣ бахшидааст. Ба наздикӣ Пайванди Гулмуродзода маҷмӯае чоп кард, ки «Забон ва худшиносии миллӣ» ном дорад. Дар ин китоб мақолаи машҳури Аббос Алиев «Масъалаи миллӣ дар Бухоро ва атрофи он» низ чоп шудааст. Ин мақолаи Аббос Алиев моломол аз ҳиссиёту ҳаяҷон, пур аз меҳри миллат ва забони модарӣ ва нафрат ба пантуркизм аст. Аббос Алиев дар ин мақола мегӯяд: «*Бухоро ва Самарқанд яке аз марказҳои мадании порсҳо-тоҷикон будааст. Халқи тоҷик ин сарзаминро ҳазорон сол тарбия дода ва масокини обову аҷдоди ӯст».* Муаллиф бо ҳамин қатъият чанд матолиби муҳим баён намуда, дар охир мегӯяд: *«Бояд масъалаи миллиро дар Бухоро ҳал кард. Макотиб ва кори идораҷотро ба забони модарии халқ- ба забони тоҷикӣ бояд бурд»*[1].

Албатта, мардони ҷасуре чун Аббос Алиев бисёр набуданд, вале кам ҳам набудаанд. Пайравонашон аз онҳо ҷасорат омӯхта, кори онҳоро бо ҷасорат давом медоданд.

Бо ҷандалаи ин ҷавонмардон дар даҳаи бисту сӣ ва пас аз он ҳам дар Бухоро мактабҳои тоҷикӣ кушода мешуданд, вале пас аз чанд гоҳ ҳукуматдорон боз мактабҳоро ба ӯзбекӣ мегардонданд. Ҳар боре пайдо шудани мактаби тоҷикӣ дар

---

[1] *П. Гулмуродзода.* Забон ва худшиносии миллӣ. Маҷмӯаи мақолаҳо, қ.1.-Душанбе, 2007.-С. 212.

Бухоро ва Самарқанд бар асари талошҳои зиёъиён муяссар мегардид ва ҳар бор натиҷаи ин талоши онҳо дер намепоид. Ташаббускорони ин талош таъқиб мешуданд, ҷазо медиданд, лекин мубориза қатъ намегардид.

Ҷалол Икромӣ дар китоби ёдмондаҳои мазкури худ аз муборизаҳои устод Айнӣ ба муқобили пантуркистҳо, аз нашри «Намунаи адабиёти тоҷик» ва монанди онҳо сухан ронда, муборизаи устод Айниро намунаи қаҳрамонӣ дониста ва гуфтааст: «*Он вақтҳо (солҳои 1926-1927) чунин ҷасорат ҳақиқатан қаҳрамонӣ ҳисоб мееёфт*»[1]. Алҳақ, дуруст гуфтааст. Дар ҳақиқат, пас аз фаро расидани истиқлоли Тоҷикистон чун унвони «Қаҳрамони Тоҷикистон» таъсис шуд, якумин касе, ки ба ин унвон расид, Устод Айнӣ буд (пас аз панҷоҳ соли даргузашташ).

Бояд гуфт, ки онҳое, ки дар солҳои бисту сӣ ва пас аз он дар Бухорову Самарқанд барои нигаҳдошти забони тоҷикӣ, барои кушодани мактаби тоҷикӣ пархош кардаанд, аз ҷумла онҳое, ки дар шӯриши соли 1922 (ё 1923) ҷонбозӣ карданд, ба вежа пешвои ин шӯриш Аббос Алиев дар ҳақиқат қаҳрамон буданд. Ва қаҳрамонӣ карданд. Чун Ҷ. Икромӣ гуфтааст, ки Аббос Алиев ҳамеша «бо Файзуллоҳ Хоҷаев ва дигарон даст ба гиребон буд» ин низ намунаи қаҳрамонист. Оқибат Аббос Алиев барои ҳамин даст ба гиребониҳо, барои он ки Файзуллоҳ Хоҷа ва Акмал Икромов (котиби якуми Кумитаи Марказии Ҳизби коммунистии Ӯзбекистон)-ро рӯзе сахт таҳқир кард, дар даҳаи сӣ бо фармони Файзуллоҳ Хоҷа зиндонӣ шуд. Ва чун соли 1937 Файзуллоҳ Хоҷа ва Акмал Икромовро низ ҳабс карданд, Аббос Алиев аз зиндон озод шуд.

**Аббос Алиев соли 1924 якумин вазир (комиссари халқӣ)-и маорифи Тоҷикистон ва солҳои сӣ нахустин профессори тоҷик шуда буд. Афсӯс, ки имрӯз номи ӯ чун номи Ҳамдӣ, Абдулқодир Муҳиддинов, Абдурраҳим Ҳоҷибоев ва дигарон қариб ба тамом фаромӯш шудааст. Номи онҳо монанди номи Нусратуллоҳ Махсум, Шириншо Шотемур, Чинор Имомзода, Нисор Муҳаммад ва**

---

[1] *Ҷ. Икромӣ.* Он чӣ аз сар гузашт// Садои Шарқ.-2006.-№ 3.-С. 25.

**дигарон бояд дар як гӯшаи ёди таърихии мардуми тоҷик ҷойгир бошад.**

***

Ин ҷо лозим аст боз як шӯриши зидди пантуркизмро, ки дар даҳаи бист дар Бухоро рӯй дода буд, ёдовар бишавем. Банда дар як навиштаи худ аз он ёд кардаам, вале ҳоло маврид аст, ки аз такрор нагурезем.

Соли 1926 дар кишвари шӯравӣ ҷоншумор баргузор шуд. Пеш аз ин маърака дастгоҳи таблиғоти ҳизбиву давлатӣ дар Бухоро, Самарқанд ва ғайра беш аз пеш фаъол шуда, ин матлаб ба гӯши мардум рехтанд, ки ҳангоми саршумори ҷамъият бояд ҳама миллати худро ӯзбек бигӯянд. Дар рӯзи ҷоншумор бисёр касон худро тоҷик гуфта бошанд ҳам, маъмурони кор ҳамаро ӯзбек навиштанд.

Чун натиҷаҳои ҷоншумор чоп шуд ва ҳама диданд, ки дар Бухоро шумораи тоҷикон дар натиҷанома ночиз аст, яъне ҳукуматдорон ҳама мардуми Бухороро ӯзбек навиштаанд, мардум ба шӯр омаданд, парчамҳо ва шиорҳо бардошта ба кӯча баромаданд, ҳар ҷо митинг карданд ва дар майдони Регистон митинги калоне бар по шуд. Дар қатъномаи ин ҷамъомади Регистон навиштанд, ки саршумори аҳолӣ дар Бухоро нодуруст баргузор шудааст ва бояд саршуморе ба тарзи дигар баргузор шавад. Ин қатъномаро ба Маскав фиристоданд

Пас аз чанд гоҳ хабар омад, ки ҳукумати Иттиҳоди Шӯравӣ барои баррасии масъала комиссионе таъсис додааст, ки раиси он В.В. Куйбишев аст. Ин комисиюн дар урфият «комисиюни Куйбишев» ном гирифт. Яке аз аъзои ин ҳайъат Александр Алексадрович Семёнов буд, ки аз тоторҳои русшуда, таърихшинос, мутахассиси таърихи Осиёи Миёна, пажӯҳишгари баинсоф, аз соли 1951, ки Фарҳангистони улуми Тоҷикистон таъсис гардид, узви пайвастаи ин Фарҳангистон ва раиси Пажӯҳишгоҳи таърих (дар ҳамон Фарҳангистон) буд. Академик А. Семёнов чанд бор дар нишастҳо аз «комиссиюни Кӯйбишев» ёд кард ва гуфт, ки он комисиюн коре накард ва худ ба худ пароканда шуд.

Яъне аз он ҳама шӯридани халқ дар баробари зӯровариву макру сохтакориҳои пантуркистон, аз шикояту хостнома фиристодани шӯридагон ба Маскав суде нашуд.

Боз ба диққат мерасонем, ки «предательство», «лживость», «трусость» ва ғайра на аз зиёъиёни шарофатманди Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд ва вилоятҳои монанди инҳо, балки аз пантуркистҳо ва ҳукумати марказии Маскав, ки пушту паноҳи он пантуркистҳо буд, содир шудааст.

Афсӯс, ки номи пешво ва пешвоёни шӯриши соли 1926 маълум нест. Сад дареғ, ки ин номҳоро дар ёд нигоҳ надоштем. Шояд рӯзе ин номҳоро аз бойгонӣ ё аз ёди мардуми қадрдон биёбем.

***Ба гӯши камшунави эҷодкорони «назарияи» «худфурӯхтагии зиёъиёни Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд» бирасад, ки дар шаш-ҳафт соли пас аз инқилоб дар Бухоро ду шӯриши бузург барпо шуд, ки ҳар ду ҳам пеш аз ҳама ба муқобили пантуркизм равона шуда буд. Инро фаромӯш накунед: дар шаш сол ду шӯриш!***

Ошкор аст, ки пархошгарони ҷонсупори зидди пантуркизм дар Бухоро хеле фаъол будаанд, дар роҳи ҳифзи ҳуқуқи миллат, ҳифзи забону фарҳанги миллӣ сахткӯш будаанд.

Ба ҷуз ин ду шӯриши бузург шӯришу намоишҳои хурд, задухӯрдҳои майда бисёр рӯй медоданд, вале аҳли илм аз онҳо низ ҳанӯз огоҳӣ надоранд. Набардҳои баъзе аз дастаҳои босмачӣ низ навъе аз муборизаи зидди инқилоби болшавикии пантуркистӣ буд.

Аз ин ки ду шӯриши калони соли 1922 ва 1926 (ё 1927) дар Бухоро бенатиҷа монд, равшан аст, ки Маскав дар масъалаи турку тоҷик тарафи тоҷиконро нагирифта, пантуркистро ба ихтиёри худ гузошт, ки ҳар чӣ расвоӣ мехоҳад, бикунад. Гуфтанист, ки Маскав дар аҳди шӯравӣ ҳеч гоҳ дар моҷарои турку тоҷик (*ғайр аз баъзе истисноҳо*) тоҷиконро ҳимоя накардааст.

Боз гӯшгузор овардан мехоҳем, ки *«назарияи» «худфурӯхтагии зиёъиёни Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд» як пиндори ботил аст.* Ин «назария»--ро онҳое бофтаанд, ки ҳақиқати таърихиро намедонанд ва донистан намехоҳанд.

Албатта, надонистан гоҳ чандон айб нест, вале он ки хоҳиши донистан надорад, оқибат худ ва дигаронро ба гумроҳӣ мебарад. Гуфтаанд:

*Ҳар кас, ки надонад ва надонад, ки надонад,*
*Ӯ дар ҷаҳли мураккаб абадуддаҳр бимонад.*
*Он кас, ки надонад ва бидонад, ки надонад,*
*Ӯ лошахари хеш ба манзил бирасонад.*

Дилу нияти пок лозим аст, ки роҳи ҳақро бубинанд. Чашми ин назариябофони охирзамонро ғубори маҳалгароӣ гирифтааст ва то чашмро аз он ғубор пок накунанд, наметавонанд дар илм роҳи ҳақ биҷӯянд.

***

Барои ин, ба ҷуз он чӣ гуфта шуд, боз як мисол меоварем.

Агарчи шояд аз мавзӯъ андак дур биравем, мехоҳем таъкид бикунем, ки дар китоби номбурдаи Ғаффор Ашуров дар ҳаққи зиёъиёни Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд ва монанди инҳо боз як бӯҳтони маҳз ба қалам омадааст. Вай китобашро бо як гуфтаи академик С. П. Толстов ба поён расонидааст. Ғаффор Ашӯров гуфтааст:

«Таърихшинос С. П. Толстов дар як мақолаи худ («Советская этнография», 1950, № 1), ки ба муносибати 25-умин солгашти тақсими ҳудуди миллии Осиёи Миёна навишта шудааст, рафтори зиёъиёни тоҷик дар он солҳоро одилона хиёнат (предательство) ҳисобидааст. Вай (С. П. Толстов) таъкид мекунад, ки «зиёъиёни тоҷик муборизаи миллии озодихоҳии халқи худро сарварӣ накарданд (не возглавила). Онҳо (зиёъиёни тоҷик) зери парчами панисломизм ва пантуркизм баромад карданд ва манфиатҳои халқи худро фаромӯш намуданд»[1].

Мо дар ҳайратем, ки китоби «Фалсафаи даврони Сомониён» чаро бо масъалаҳои даҳаи бистуми садаи бистум, бо масъалаи марзбандии миллии соли 1924 ба поён расидааст.

---

[1] *Г. Ашуров.* Философия эпохи Саманидов, с. 216.

Шояд Г. Ашӯров ба ин пиндор аст, ки он масъалаҳо пайомади равияҳои фалсафии аҳди оли Сомонанд?

Дигар ин ки С. П. Толстов бостоншинос буд ва ӯро ҳаргиз мутахассиси таърихи инқилоб ва замони шӯравӣ надонистаанд . Фақат ба сабаби ин ки раиси Пажӯҳишгоҳи мардумшиносии Фарҳангистони улуми шӯравӣ буд, ба тақозои маснади маъмурии худ мақолае дар бораи марзбандии миллии соли 1924 навиштааст. Аз ин рӯ, хатоҳои фоҳиш аз ӯ гузаштаанд.

Чунончи зиёъиёни тоҷикро хиёнаткор номидан, ки гӯё ҳангоми тақсими ҳудуди миллӣ ба халқи худ хиёнат кардаанд, аз ноогоҳии куллии таърихӣ ва як навъ назари таҳқиромез ба мардуми тоҷик гувоҳӣ медиҳад. Охир табартақсими соли 1924-ро зиёъиёни тоҷик амалӣ накардаанд. Агар марзбандии Осиёи Миёнаро ба ихтиёри зиёъиёни халқҳои ин сарзамин мегузоштанд, ин зиёъиён имкон пайдо мекарданд, ки барои ҳақталабӣ ҷандала намоянд ё бархе аз онҳо ба миллати худ хиёнат раво бинанд ва хоин шаванд. Албатта, Файзуллоҳ Хоҷа ва Абдуллоҳ Раҳимбоев ба халқи худ хиёнат карданд. Лекин ба касофати ин ду нафар ва чанд нафар ҳамкорони онҳо тамоми зиъиёни тоҷикро хоин номидан ниҳояти ноинсофист, натиҷаи дурӣ аз инсофи таърихӣ, аз инсофи илмист.

Марзбандии соли 1924 аз рӯи нақшае, ки аз Маскав омада буд, сурат гирифт. Маскав нақшаҳои худро ба дасти А. Раҳимбоев ва Файзуллоҳ Хоҷа иҷро кард ва инҳо фармудаи Маскавро бандавор ба ҷо оварданд. С. П. Толстов *беинсофиҳоеро, ки раҳбарони ҳокимияти шӯравӣ соли 1920 (инқилоби Бухоро), соли 1924 (марзбандӣ) ва соли 1929 (ҷумҳурии иттифоқӣ шудани Тоҷикистон) дар ҳаққи мардуми тоҷик раво диданд, ба зиёъиёни тоҷик нисбат додааст, то ки гуноҳи ҳукуматдорони Маскавро ба гардани зиёъиёни тоҷик партояд, гуноҳи марказро рӯпӯш бикунад.* Зиёъиёни тоҷик бар зидди сиёсати миллии Маскав, ба муқобили пантуркизм ва табартақсими соли 1924 қаҳрамонона талошу пархош кардаанд, ки мо мисоли мушаххаси онро дар фаслҳои боло ва дар дигар навиштаҳо бисёр дидем.

Дар порае, ки Ғ. Ашӯров аз забони С. Толстов овардааст, ишорае ҳаст, ки гӯё зиёъиёни тоҷик ба панисломизм гаравида

буданд. Банда дар ин бора мадорики кофӣ ба даст надорам ва аз ин рӯ, чизе наметавонам бигӯям. Аммо дар ин бора ки гӯё зиёъиёни тоҷик солҳои бисти садаи бист ҳама ё қариб ҳама пантуркист шуда буданд, манфиатҳои миллати худро фаромӯш карданд, натавонистанд, ки миллатро сарварӣ бикунанд, бо қатъияти тамом мегӯям, ки ин даъво низ ба тамом бебунёд аст. Зиёъиёни тоҷик, хоҳ онҳое, ки пеш аз инқилоб ҷадиду маорифпарвар ба шумор мерафтанд, хоҳ онҳое, ки баъдтар ба майдон баромаданд, дар солҳои бист чи барои ҳимояи манфиатҳои миллии мардуми тоҷик, чи дар раҳбарӣ ба муборизаи миллии озодихоҳии тоҷикон, чи барои ҳимояи ҳуқуқи ҳаммиллатони худ мубориза кардаанд ва гоҳ сахт ва фидокорона ба пайкор даромадаанд. Инро надидан ва гуноҳҳои баъзе фарзандони нохалафи миллатро ба ҳама зиёъиён нисбат додан ниҳояти беинсофист ва рӯ гардондан аз адолати таърихист. Мардони майдонро номард хондан худ номардист.

Дуруст аст, ки чун тобистони соли 1924 дар Тошканд комиссиюни тақсими ҳудуди миллии Осиёи Миёна ва таъсиси ҷумҳуриҳои миллӣ кор сар кард, намояндагони мардуми тоҷик дар ин комиссиюн натавонистанд бо қатъият амал ва манфиатҳои миллати тоҷикро ҳимоя кунанд. Аз аввал дар ин комиссиюн аз тоҷикон намояндае набуд. Баъд дар як зергурӯҳи комиссиюн се нафар тоҷикро роҳ доданд, лекин дигар вақт намонда буд, ки ин намояндагон барои мубоҳиса омода шаванд. Ҷуз ин, ба назар мерасад, ки фармондеҳони маъракаи марзбандӣ намояндагони мардуми тоҷикро маҷбур карданд, то нақшаи аз Маскав омадаи марзбандиро дастгирӣ бикунанд ва хилофи он нараванд. Қарори Бурои осиёимиёнагии Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунистии (болшевикии) Русия – Средазбюро ЦК РКП (б) дар бораи манъи баҳсу мунозираи перомуни тақсими ҳудуди миллӣ чунин маънӣ гирифт, ки нақшаи Сталин дар марзбандӣ «хатти машйи ҳизб» («линия партии») ҳисоб шуд ва баҳс ба сари он мумкин набуд. Ба вежа пас аз он ки Абдуллоҳ Раҳимбоеви туркпараст – котиби якуми ҳизби коммунистии Туркистони Русия сардори зергурӯҳи тоҷикон таъйин шуд, аъзои гурӯҳи тоҷикон Чинор Имомов, Абдураҳим Ҳоҷибоев ва Мусо Саъидҷановро лозим омад, ки ба дастгирии санаде, ки пешниҳод шуда буд, сухан бигӯянд.

Албатта, он гоҳ мубориза дар роҳи ҳақталабии миллии мардуми тоҷик идома дошт, лекин на дар маҷлиси комиссиюни

марзбандӣ, балки берун аз он ҷараён дошт. Натиҷаи ҳамин мубориза буд, ки дар ниҳояти кор ба тоҷикон на вилояти мухтор, балки ҷумҳурияти мухтор доданд. Моро пиндор он аст, ки дар ин талошу пархош на як-ду нафар, балки чандин тан ширкат доштанд ва ин пархошгаронро сару сарваре ҳам буд.

*Тамоман нодуруст мегӯянд, ки гӯё халқи тоҷик дар солҳои бисти қарни бист бидуни сардору раҳбар монда буд, зиёъиён гӯё раҳбариву сарварии миллатро ба ӯҳда нагирифтанд ва ҳоказо. На, ҳаргиз чунин нест!* Халқи тоҷик дар солҳои бист-дар нозуктарин лаҳзаҳои таърих пешвоёни забардаст дошт. *Пешвои маънавии тоҷикони Варорӯд дар даҳаи бисту сӣ устод Айнӣ буд.* Бесабаб нест, ки баъд ӯро ***падари миллат*** номиданд[1]. *Абдулқодир Муҳиддинов, Нусратуллоҳ Махсум Лутфуллоев, Абдурраҳим Ҳоҷибоев, ва Шириншо Шотемур нахустин пешвоёни сиёсии мо, пешвоёни забардасте буданд, ки бо ҷандалаҳо Тоҷикистонро таъсис карданд ва ба роҳи рушду камол даровարданд. Барои ин ки бузургии ин пешвоёни худро бифаҳмем, кофист, ки номаи Шириншо Шотемур ба Сталин, номаи Нусратуллоҳ Махсум ба Сталин, номаи Абдулқодир Муҳиддинов низ ба Сталин, инчунин матни як суханронии Абдурраҳим Ҳоҷибоевро бихонем.* Таҳлили ин номаҳо ва он суханронӣ аз мавзӯъи ин рисолаи мо берун аст. бо вуҷуди ин, лозим медонем, ки аҳамияти таърихии онҳо ба кӯтоҳӣ гуфта шавад.

Итак, мы видим, что *население Бухары и ее окрестностей таджики, но их насильно считают узбеками и хотят обузбечить. Эта политическая ошибка совершается в то время, как Советская власть уже 11 лет существует в Ср. Азии, когда Коммунистическая партия руководит страной, когда мы во всем Советском Союзе и в частности в Средней Азии строим национальную политику на основе ленинских директив.*

**Мы, которые начали это преступное дело, - признаем свою ошибку, хотим, чтобы она была исправлена. Только жаль, что некоторые из тех, кто бьет нас за эти ошибки прошлого, сами за эти же ошибки крепко держатся и стремятся их усилить.**

*Таджикская масса Бухары и ее окрестностей еще не настолько активна, чтобы поднять против этого свой голос - это результат слабости нашей партийной работы среди масс. Те же, кто стоят во главе, частично заменили свой пантюркизм узбекизмом, частично же считают не в своих личных интересах поднимать этот вопрос, а поэтому этот вопрос должна поднять и обеспечить его продвижение партия в целом* («**За партию**» --орган

Среднеазиатского бюро ЦК ВКП (б) и Казкрайкома, *сентябрь 1928 г., № 9/13, стр. 66-70).*

***

Приложение № 7

**ДОКЛАДНАЯ ЗАПИСКА В СЕКРЕТАРИАТ ЦК КП(б) Уз.**

На основании решений Совещания по работе среди нацмен при ЦККП(б)Уз. П/О Нацмен АЛО ЦК было предпринято ряд мероприятий по оживлению работы среди нацмен, в частности проведение агитации и пропаганды среди таджикского населения на их родном языке.

По директивам П/0 Нацмен АПО ЦККП(б)Уз. агиткампания 9-й годовщины Октябрьской Революции в старом городе Самарканде, должна была проводиться и на таджикском языке, на что дал свое согласие и АПО Самобком КП(б)Уз. С этой целью были мобилизованы соответствующие докладчики. Казалось бы, что это вполне нормально и вполне законно. И только Самобком счел совершенно не нужным выступление с докладом на таджикском языке. Так на вопрос тов. Нисар-Мухамедова, который должен был выступить на торжественном заседании в доме Свободы – «состоится ли мой доклад на таджикском языке?» - последовал ответ «решено делать доклад только на узбекском языке, а посему Вы свободны».

Другой момент, характеризующий затушевывание таджикского вопроса - это отношение Угоркома Ст. Гор. Самарканда и Таджикской Нацсекции в период той же подготовительной работы к 9-й годовщине Октября. На просьбу нацсекции предоставить один из клубов для проведения торжественного заседания нацсекции, пионер-организаций и др. Угорком ни чуть не растерявшись ответил – «выберите день, когда клубы будут свободные и проводите!» Нацсекции ничего не оставалось делать, как провести Октябрьскую Годовщину 4-го ноября. Строго разбираясь в этом вопросе, то получается, что нацменьшинства - это особый тип трудящихся, у которых празднование такого праздника, как ОКТЯБРЬ должен праздноваться тогда, когда будут свободны помещения и когда

будет на это особое разрешение. При чем к 9-й годовщине не было ни одного плаката на таджикском языке.

Все это не больше, не меньше, как способы игнорирования таджикских масс, тенденция к затушевыванию национального вопроса, Как следствие этого мы сталкиваемся с фактом нежелания таджиков коммунистов, входить и работать в таджикских нацсекциях. В Бухаре секции до сих пор нет, несмотря на 55.000 массу населения и нет инициаторов, которые бы могли взяться за эту работу. В Самарканде с большим трудом нам приходится втягивать коммунистов - таджиков в секцию.

Совершенно не хочу иллюстрировать характернейшими документами свидетельствующие и подтверждающие мое выражение – игнорирование таджикских масс, фактов, тлеется много. Мне хочется поставить перед Секретариатом вопрос в плоскости принципиального разрешения, дабы мне как работнику среди нацмен было на что опираться в работе.

Полагаю, что развертывание работы среди таджиков, как национальных меньшинств своевременно и необходимо, для чего нужна основная директива Секретариата ЦККП(б)Уз,, без чего, по моему глубокому убеждению, мы будем работать впустую. Своевременность я определил анализом тех настроений среди таджиков, которые мне удалось в короткий период работы в Узбекистане выявить. Они заключаются в недовольстве масс, что может послужить нездоровым явлением.

Просьба параллельно с разрешением школьного вопроса (он до сих пор еще не разрешен) среди таджиков, разрешить и принципиальную сторону вопроса в целом, обеспечивая развертывание работы среди таджиков, при чем указать Самобкому КП(б)Уз. на недопустимость с его стороны такого отношения, которое существует до сих пор.

Зав. П/0 Нацмен АПО ЦККП(б)Уз.
подпись (Лушников)

КМ-4 ПА Узф ИМЛ. ф. 58, оп. 2, ед. хр. 1316, лл. 12-12 об.

***

**ИЗВЕЩЕНИЕ**

***26-го октября 1926 года в кишлаке Ак-Мечеть, Махаллинской волости был случай, о котором я - учитель школы Ак-Мечеть Саади Максуд-Заде настоящим сообщаю Предсовнацмену тов. Нисар Мухамедову***

26-го октября в кишлаке Ак-Мечеть были перевыборы волостного совета. До начала указанного собрания секретарю, который является одновременно и заведующим библиотекой, было поручено зарегистрировать всех делегатов. Во время регистрации многие называли себя таджиками и так их записывал секретарь. В это время некто по имени Атауллаев пришел и увидев, что многие записаны таджиками, спросил у секретаря, который являлся татарином, по узбекски: «Почему ты записываешь таджики. В Махаллинской волости таджиков нет, все узбеки». Я сказал, что так как я таджик, как я могу записать себя узбеком, он мне ответил: «Вы один таджик, кроме вас таджиков нет».

Тогда одни стали говорить другим: «Не говорили-ли мы, что не называй себя таджиком. Мы говорили правильно». Те люди, которые ранее записали себя таджиками, раскаивались в этом. После ухода Атауллаева некоторые назвавшие себя таджиками, были записаны секретарем, как узбеки. Я спросил секретаря: «Почему вы записываете тех, которые назвали себя таджиками – узбеками». Секретарь мне ответил: «Что я мог сделать. Приказ его таков». Я на это ничего не ответил.

В действительности положение таково, что все население Ак-Мечети таджики и прибывшие из кишлаков (делегаты) также таджики. Атауллаев является членом партии и работником местного кооператива. Следовало бы члену партии быть хорошо знакомым со взглядами партии на национальный вопрос.

Этот случай, кроме меня могут подтвердить и другие свидетели если они, конечно, не побоятся.

Что касается населенного места, то принадлежность его к таджикам яснее солнечного света (вне всякого сомнения).

Все это сообщаю Вам для того, чтобы таджики при советской власти не были бы угнетаемы.

**САДИ МАКСУД-ЗАДЕ**

Прошу, чтобы этот человек не узнал о том, что я представляю указанные сведения, т. к. конечно, я его боюсь.

Свидетель: *Насим Салими*

***

**Другой случай**

В этой волости имеется доктор, который живет напротив школы, в которой начались занятия с 1-го октября. Т.к. все учащиеся указанной школы таджики, занятия там ведутся на таджикском языке, то доктор пришел в школу и сказал: «Здесь Узбекистан, почему ведете преподавание на таджикском языке» и стал с нами ругаться и вымотал нам всю душу. А сам, когда к нему пришли на осмотр во время записи называли себя таджиками, он записывал узбеками, даже говорил: «Не учитесь по-таджикски, здесь Узбекистан, учитесь поузбекски».

Мы говорили, что каждая нация и язык ее - свободны и обучение на родном языке ведет к скорейшему достижению социализма. Он сказал: «Разве может быть Узбекистан разделен на 3 части?». Мы сказали: «Почему вы не учитесь на узбекском языке и во ваших школах занятия ведутся порусски». Он сказал: «Мы – в (?) Как пришли, так и уйдем».

Следовало бы доктору быть также знакомым с политикой, не быть настолько темным.

**СААДИ МАКСУД-ЗАДЕ**

Свидетель: *Насим Салими,* служащий доктора - Федоров.

27/Х-26 г.

С подлинным верно: Секретарь (подпись)

ПА УзФ ИМЛ, ф.58,оп.2, ед.хр.1316, л.л. 15-15об.

***

Перевод выписки из рапорта преподавателя таджикской школы кишлака Ходжа-Ахрар Самаркандского уезда тов. ЗИЯ-ЗАДЕ от 6/IV-26 г.

п.2) Совсем недавно к нам был послан правительством т. ЗАКИРИ, узбек, для проведения перевыборов в кишлачный совет.

Он навел меня на критику из-за того, что я веду преподавание в школе на таджикском языке и сказал: «Здесь не Таджикистан, почему вы ведете занятия на таджикском языке.

Если Вы будете так продолжать, то будете высланы в Таджикистан».

После этого он, пригласил меня к себе и предложил мне приветствовать делегатов собрания от имени пионеров Ходжа-Ахрара. Я ответил, что так как я не могу говорить приветствия на узбекском языке, прошу разрешить мне говорить на таджикском. Тогда он стал меня сильно критиковать и сказал: «Вы не имеете права говорить так в Узбекистане» и заставил меня против воли произнести приветствие на узбекском языке.

***

**ЗАЯВЛЕНИЕ**

*От Ходжентского преподавателя*

**КУЛИХАН АСИМ-ЗАДЕ**.

После окончания курсов переподготовки учителей я поехал в место службы в гор. Ходжент и хотел вести преподавание на таджикском языке, о чем просил разрешения УОНО, но УОНО противилось этому и когда (мы преподаватели) хотели соединиться вместе в одной школе, чтобы преподавать на таджикском языке,УОНО распылило нас по разным школам и заставило преподавать на узбекском языке. Я до последнего времени хотя и не имел учебников, но вел преподавание на родном языке. УОНО угрожало мне и сняв с работы в этой школе, перевело в узбекскую, а на мое место назначили узбека. В случае, если такое отношение будет продолжаться, я хочу отказаться от преподавательской деятельности. Кроме угроз УОНО было еще следующее: когда приехал инспектор Самаркандского виллайата для проведения учительской конференции АТАУЛЛАЕВ он тоже протестовал против меня и называл мою школу таджикской.

Подаю настоящее заявление, чтобы вы приняли меры к введению преподавания на тадж. языке и также дали бы таджикских книг, а в противном случае прошу снять меня с работы.

**КУЛИХАН АСИМЗАДЕ**

ПА УзФ ИМЛ, ф. 58, оп. 2, ед. хр. 1316, л. 16

****

Копия

Перевод

**СПРАВКА**

**ПРЕДС0ВНАЦМЕНУ**
**УЗНАРКОМПРОСА**

По моему мнению наша школа является в основе своей таджикской, так как большинство учащихся таджики и только 10% учащихся считаются узбеками, но в действительности и эти 10% не знают узбекского языка. Приняв во внимание вышеуказанное, я официально обратился в Обл. ОНО с просьбой разрешить вести преподавание на таджикском языке. Обл. ОНО на наш запрос ничего не ответил. Тогда не желая высказывать несправедливость по отношению учащихся, мы начали вести занятия на родном языке, для каковой цели я получил от Тадж.Научн. Комиссии 400 штук букварей для распределения таковых между учащимися. Но Зав. Соцвоса Обл. ОНО тов. АБДУДЖАБАР НАРЗЫКУЛОВ запретил нам продолжать занятия на таджикском языке и угрожал нам в случае распределения букварей и ведения занятии на родном языке привлечь к ответственности. О всем вышеуказанном довожу до Вашего сведения, для разрешения вопроса.-

п.п. Зав. Школой № 3 ДЖЕЛАЛУТДИН-ЗАДЕ.
ПА УзФ ИМЛ, ф. 56, оп. 2, ед. хр. 1316. л.л. 16-17.

***

*К протоколу № 7 от 28 марта 1935 г.*
**Постановление Совета Народных Комиссаров Тадж. ССР № 455**

**«*О Бухарском Педагогическом техникуме*».**

1. Учитывая явно неудовлетворительную постановку учебной, воспитательной работы, приведшей к прямым извращениям - национальная вражда, издевательство над студентами, наличие академически неподготовленного состава студентов и совершенно неудовлетворительного состава преподавателей (значительная националистическая группа), а также безграничная бесхозяйственность

и полный отрыв техникума от руководства Наркомпроса, признать необходимым, после окончания 34/35 учебного года Бухарский Педтехникум ликвидировать.

2. Для проведения работы, связанной с окончанием учебного года и ликвидацией техникума, назначить директором техникума т. Вали-Ходжаева.

3. Всех студентов Бухарского Техникума разместить по другим Педтехникумам.

4. Поручить Наркомпросу проработать вопрос и внести свои предложения на СНК о состоянии и работе педтехникумов по Республике.

Зам. Пред. СНК ТаджССР подпись (Кактынь)
Управделам СНК подпись (Дворников)
27/III-35 г.

ЦГА ТаджССР, ф. 18, оп.8, ед. хр. 207, л. 16.

***

«**Нома ба М. С. Горбачов**» (ки акнун чунин унвон гирифт ва дар асл сарлавҳа надошт) соли 1987-1988 навишта шудааст. Онро ба ҷуз ман дувоздаҳ нафар равшанфикрони тоҷик имзо карданд. Ному унвонҳои эшон ва имзояшон дар охири қисми асосии нома омадааст.

Дар навиштани ин нома ғайр аз мадорике, ки худ гирд оварда будам, бархе аз мадорики гаронбаҳои бойгонӣ, ки профессор *Александр Яковлевич Вишневский* ба ихтиёри ин ҷониб гузошт, истифода гардид. А. Вишневский муовини раиси Институти таърихи Ҳизби коммунистии Тоҷикистон буд ва аз бойгониҳои Душанбе, Тошканд, Маскав ва ғайра маводи бешумор, ки ҳама ҷолиб аст, ҷамъ оварда буд. Камина дар ин номаи кӯтоҳ бештари он мадорики бешуморро, ки А. Вишневский ба ихтиёри ман гузошт, натавонистам ба кор бигирам. Бештари он баъдтар дар дигар навиштаҳои ман ва дигарон, аз ҷумла дар китоби Р. Масов «**Таърихи табартақсим**» (История топорного разделения, Душанбе, Ирфон, 1991) истифода гардид.

Ин аст, ки ёрмандии А. Вишневский барои устувор шудани пояҳои илмии ин «Нома ба М. С. Горбачов» ва баъзе асарҳои дигар хеле калон аст. Ёдаш ба хайр. Рӯҳи покаш шод бод.

Дар вироиши матни русии ин нома профессор *Лариса Николаевна Демидчик*, ки аз ҳамкорони банда дар Пажӯҳишгоҳи забону адабиёти Рӯдакӣ буд, ҳамчунин фарзандонам профессор *Анвар Шукуров* ва дотсент *Рустам Шукуров* кӯмак карданд.

Чун таълифу таҳрири ин нома ба поён расид ва мулоҳизаҳои имзогузорон ба назар гирифта шуд, онро ба Маскав бурдам ва 6 марти 1989 ба қабулгоҳи Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунисти Иттиҳоди Шӯравӣ супурдам.

Лекин зуд ошкор гардид, ки ин нома ба дасти М. С. Горбачов нарасидааст. Пас аз андаке аз дастгоҳи Дабири Кулли ҳизб Рамазон Абуллатифов (аз соли 2005 то соли 2008 сафири Русия дар Тоҷикистон) ба Душанбе омад. Нусхае аз номаи мо дар дасташ буд ва дар бораи он бо сарварони Тоҷикистон сӯҳбат карда, рӯзе ба Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон муаллифони ин номаро (ғайр аз банда, ки он гоҳ дар Душанбе набудам) даъват намуда, бо онҳо низ сӯҳбат кардааст ва хостааст онҳоро ором кунад. Ҳамин шуд вокуниши М. Горбачов ва Дафтари Сиёсӣ (Политбюро) ба номаи мо.

Мо кӯшиш кардем, ки матни нома ба дасти бархе аз аъзои Дафтари Сиёсӣ бирасад. Чун Борис Елсин ба Тоҷикистон омад, бо як ҷасорати камназири Оишаи Ҳомидӣ, ки чандин мониаро бартараф карда, ба як маҷлиси ҳукуматӣ даромад ва нусхаи он ба Борис Елсин супурда шуд (ҳоло О. Ҳомидӣ муовини раиси Бунёди забон аст). Б. Елсин аз сарварони Тоҷикистон пурсидааст, ки дар ин нома масъалаҳои калон ҳаст ва модом ин қадар гап дар миён будааст, чаро дар Маскав то ҳол раҳбарони ҳизб аз он бехабар буданд? Албатта сарварони Тоҷикистон дар посух хомӯш мондаанд.

Бо кӯшишҳои баъдии мо гӯё бархе аз аъзои Дафтари Сиёсӣ, аз ҷумла Крючков – раиси Кумитаи амнияти давлат номаро хондаанд. Вале аз онҳо низ вокунише нашуд. Бо кӯшиши Камол Айнӣ ду-се нафар ҷавонони гурҷӣ матни номаро ба Эдуард Амбросович Шварнадзе, ки низ узви Дафтари Сиёсӣ ва Вазири корҳои хориҷии кишвари шӯравӣ буд, расонданд. Э. Шварнадзе онро ба ҳайрату тааҷҷуб хондааст ва низ мисли Б. Елсин гуфтааст, ки чаро ҳамчунин масъалаи бузург ва санадҳои муҳим ба диққати раҳбарони кишвар расонида нашуда буд? Э. Шварнадзе чунин изҳори ақида кардааст, ки охири нома маводи

мушаххас кам дорад, яъне дар бораи вазъи тоҷикони Ӯзбекистон ва маорифи онҳо дар даҳаи ҳафтоду ҳаштод бештар мадорик овардан лозим аст.

Мо бо камоли мамнуният ба Э Шварнадзе аз дилу ҷон сипосномае фиристодем.

Банда дар бораи вазъи тоҷикони Ӯзбекистон дар даҳаи ҳафтоду ҳаштоди садаи бист маводи мушаххас омода доштам, вале намедонистам, чӣ кор кунам: ин маводро ба поёни нома илова кунам ва номаро дубора ба Маскав фиристам ба номи М. Горбачов ё фақат ба номи Э Шварнадзе? Дар ин андеша будем, ки аҳволи давлати шӯравӣ ва ҳизби коммунист ба тамом бад шуд. Ҳама умедҳо бар бод рафт. Он гоҳ банда аз ин нома як мақода сохтам. Дар он мақола ин нома қариб айнан истифода шуда фақат бо назардошти дархости Э Шварнадзе баъзе чизҳо илова шуда буд. Мақоларо ба Маскав бурдам ва хостам дар ягон маҷаллаи марказӣ ба чоп бидиҳам. Лекин мақолаи маро ҳеч яке аз нашриёҳои Маскав қабул накард. Он гоҳ онро ба тоҷикӣ гардондам ва ба маҷаллаи «Садои Шарқ» додам. Ин мақола дар «Садои Шарқ (1990, № 10) ба номи «Он чӣ ба табари ноинсофӣ тарош хӯрдааст» чоп шуд. Асли русии он дар маҷаллаи «Помир» (1990, № 12) ба табъ расид.

Солҳои 1989-1990 аз рӯйи «Нома ба М. С. Горбачов» мақолае ба забони русӣ навишта, чандин нусхаи онро бо имзои худ дар байни донишҷӯёни Душанбе паҳн карда будам.

Аҳамияти «Нома ба М. С. Горбачов» ва мақолаҳое ки аз рӯи он навишта шуданд, имрӯз кам нашудааст. Он нома ва он мақолаҳо имрӯз ба сифати намунае аз пархошу набарди халқи тоҷик дар роҳи ҳақталошии таърихӣ ва истиқлоли миллӣ, чун намунае аз ширкати зиёъиёни тоҷик дар ин мубориза аҳамият дорад.

Ҳоло мақолаи «Он чӣ бо табари ноинсофӣ тарош хӯрдааст», ки дар «Садои шарқ» чоп шуда буд, меорем.

# ОН ЧӢ БО ТАБАРИ НОИНСОФӢ ТАРОШ ХӮРДААСТ[1]

## -1-

Барои халқҳои Осиёи Миёна як мӯҳраи асосӣ дар халқаи раванди бозсозӣ ислоҳи он хатоҳоест, ки ҳангоми тақсими худуди миллии ин минтақа содир шуда буд.

Зарур аст, ки масъалаи тоҷикони Ӯзбекистон, алалхусус масъалаи Бухорову Самарқанд дар радифи муҳимтарин масъалаҳои муносибати байни миллатҳои мамлакат ҳаллу фасл бишавад. Ин масъала беш аз пеш тезу тунд гардида, тақозо мекунад, ки оқибатҳои он беадолатии таърихӣ, ки соли 1924 ҳангоми марзбандии миллии Осиёи Миёна нисбати халқи тоҷик раво диданд, ҳар чӣ зудтар бартараф шавад.

Тақсими ҳудуди миллӣ дар таърихи халқҳои ин сарзамин як марҳалаи муҳим буд, вале ба ин рӯйдоди азим зиддиятҳои мураккабе низ хос буд, ки баъзе қарорҳои беасос ва нимкора, таҳрифкорӣ ва амалиёти ғайриқонунии зӯроварона, беадолатии миллии ошкоро нисбат ба тоҷикон аз ҳамин ҷумла аст. Поймол шудани ҳуқуқи халқи тоҷик муносибатҳои ду халқи бародар – тоҷикону ӯзбеконро тезу тунд гардонид.

Чаро он замон нисбат ба халқи тоҷик чунин ноинсофии гӯшношуниди миллӣ имконпазир гардид? Ин беадолатӣ чӣ натиҷаҳое ба бор овард?

Маълум аст, ки аз қарни VI сар карда, дар кишвари тоҷикон ва аҷдоди онҳо кам-кам унсурҳои этноси туркӣ роҳ ёфтан гирифт. Туркон аз садаи XI дар Осиёи Миёна ҳукмронии ҳарбиву сиёсии худро устувор карданд. Дар асри XVI фавҷи нави туркҳо, ин дафъа ақвоми ӯзбек ба ин сарзамин сар даровარданд. Номи халқи ӯзбек аз номи ҳамин қабилаҳо гирифта шудааст. Низоми хонӣ ва

---

[1] *Ин мақола аз рӯи «Номаи ба М. С. Горбачов» навишта ва баъзе фаслҳо илова шуда буд. Матни русии ин нома ва таърихи он дар саҳифаҳои пеш омадааст.*

ашрофияи ҳарбию маъмурии ӯзбек бо зӯри шамшер мардуми таҳҷоии ин кишварро дар ҳолати мутеъӣ нигоҳ медоштанд.

Пантуркизм, ки дар охири қарни XIX ва ибтидои асри XX нуфузи зиёд пайдо карда буд, назарияи мавҷудияти «миллати ягонаи турк»-ро ба миён гузошт ва бунёд намудани «давлати ягонаи туркӣ»-ро, ки аз соҳили баҳри Сиёҳ, то Ёқутистон доман паҳн карда, бо тамоми қудрат, пеш аз ҳама, бар зидди Русия равона шуда бошад, мақсади асосии худ қарор дод. Барои амалӣ шудани ин мақсад тоҷикон, ки аз халқҳои эронӣ буда, ба шохаи ҳинду аврупоии халқҳо тааллуқ доранд, халал мерасониданд. Яке аз даъвоҳои асосии миллатгароёни ӯзбек дар аввали асри XX инкори куллии мавҷудияти халқи тоҷик чун умумияти мустақили этникӣ буд, мавҷудияти ӯ чи дар гузашта ва чи дар замони мо бахусус дар Самарқанду Бухоро инкор мегардид.

Дар тӯли ду ҳазор соли охир Бухорову Самарқанд марказҳои муҳимми сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии халқи тоҷик ба шумор меомаданд. Маҳз дар ин шаҳрҳо дар тӯли қарнҳо забони адабии тоҷикӣ (форсӣ) ва як адабиёти оламшумули классикӣ ташаккул ёфта гул-гул шукуфт. Пойтахти давлатҳои қадимаи феодалии тоҷикон ва аҷдоди онҳо низ шаҳрҳои мазкур маҳсуб мешаванд. Вале аз асри XI Бухорову Самарқанд чандин бор маркази салтанати истилогарони мухталифи турку ӯзбек гардиданд. Самарқанд ҳатто пойтахти давлати Темур буд. Ва ҳол он ки номи шуми Темур ливои пантуркизм гардид. Бинобар ин барои мафкурасозони пантуркизм ин ду шаҳр рамзи зӯриву қудрат ба шумор меомад. Ин ҳама як назарияи дурӯғин ва бебунёдеро тавлид намуд, ки гӯё ҳама мардумони Самарқанду Бухоро, ҳамчунин мардумони водинишини Осиёи Миёна, ки худро тоҷик меноманд, дар асл ӯзбеканд, вале забони модариашонро гум карда, забони вайрони форсиро қабул кардаанд.

Пантуркизм баъди Инқилоби Октабр бузургтароишии ӯзбекиро ба вуҷуд овард, ки миллатгароии таҷовузкоре буда, махсусан бар зидди тоҷикон нигаронида шуда буд. Ҳомилони ғояи миллатгароии бузургдавлатӣ баъди инқилоб мансабҳои калони маъмурӣ ва ҳизбиро ба дасти қудрат даровapда, рӯйрост сиёсате пеш гирифтанд, ки зӯроварона ӯзбек гардонидани тоҷикон буд. Ба он сиёсат бисёр асирони Туркия мадад

мекарданд. Ин туркҳои асир аз роҳи Осиёи Миёна бояд ба ватан бармегаштанд, вале дар ин кишвар чанд сол маскан гузида, махсусан дар муа-ссисаҳои маориф амиқ реша ронда буданд ва фикрҳоро ба заҳри пантуркистӣ олуданд. Як идда зиёиёни тотор, аз ҷумлаи кормандони ҳизбиву шӯроӣ, ки рӯҳияи миллат-гароӣ доштанд, низ ба онҳо кӯмак мекарданд. Дар байни намояндагони бонуфузи пантуркизми солҳои бист тоҷикон ҳам дучор меоянд: аз ҷумла баъзе тоҷикон, ки дар Туркия хатми таҳсил карда буданд, пайрави пантуркизм шуданд.

Ошкоро эътироф накардани мавҷудияти халқи тоҷик ҳам дар Ҷумҳурияти Шӯроии Сотсиалистии Мухтори Туркистон ва ҳам дар Ҷумҳурияти Халқии Шӯроии Бухоро баъзе тамоюлҳои асосии сиёсати расмиро муайян намуд. Аз солҳои аввали Инқилоби Октябр дар сатҳи сиёсати давлатӣ паи ҳам чанд қадами ғалат ва ё огоҳонаи миллатгароёна ба вуқӯъ пайваст, ки бар зидди тоҷикон равона шуда буд. Ин ҷо баъзе аз онҳоро гӯшрас меорем.

**-2-**

Пеш аз инқилоби 1917 ҳам маъмурони ҳукумати подшоҳии Русия аксаран тоҷикони водинишин, махсусан тоҷикони дузабонро, яъне онҳоеро, ки забони ӯзбекиро медонистанд, ба қатори ӯзбекон медароварданд. Чунончи профессор И. И. Зарубин қайд мекунад, ки соли 1917 дар Туркистон ҳангоми саршумори мардуми деҳот тоҷикони дузабонро, аз ҷумла онҳоеро, ки сорт меномиданд, ӯзбек менавиштанд. И. И. Зарубин гуфтааст: «Дар ҷараёни кор раҳбарон ба кормандон фаҳмониданд, ки халқи махсуси сорт вуҷуд надорад ва истилоҳи мазкур дар ҳама ҷо ба истилоҳи «ӯзбек» бояд иваз шавад».[1]

Бино бар чунин сабабҳои дигар маълумоте, ки роҷеъ ба шумораи тоҷикони Туркистон мавҷуд аст, на ҳамеша мутобиқи воқеъият аст. Маълумоте, ки доир ба аҳолии аморати Бухоро вуҷуд дорад, низ комилу мӯътамад нест. Оид ба шумораи тоҷикони Туркистону Бухоро рақамҳои гуногун ва гоҳо хилофи

[1] *И. И. Зарубин.* Список народностей Туркестанского края. Ленинград. 1925, с. 15-16.

якдигар зикр шудаанд. Бино ба баъзе маълумот, соли 1914 аморати Бухоро 2.700.000 аҳолӣ дошт, ки зиёда аз ду миллиони онҳо тоҷик буданд. Дар ибтидои солҳои бист шумораи тоҷикони Осиёи Миёна ба 3.400.000 расид, аз ҷумла дар Ҷумҳурияти Шӯроии Халқии Бухоро 2.100.000, дар вилояти Самарқанд 750.000, дар водии Фарғона – 400.000, дар ноҳияҳои дигар 100.000 тоҷик зиндагӣ мекард (Рӯзномаи «Зарафшон», 11 сентабри 1923).

Агар ин шумораҳо дуруст бошанд, бояд гуфт, ки шумораи халқи тоҷик дар Мовароуннаҳр дар остонаи инқилоб аз ҳама халқҳои дигар зиёдтар буд.

Агар он рақамҳоеро, ки дар ҳуҷҷатҳои расмӣ зикр шудаанд ва ё дар адабиёти илмӣ қабул гардидаанд (бо вуҷуди он ки онҳо низ чандон дақиқ намебошанд), саҳеҳтар ба шумор оварем, бояд бигӯем, ки солҳои аввали инқилоб дар ҷумҳурияти Туркистон 2,5 миллион ӯзбек ва 1,3 миллион тоҷик умр ба сар мебурд (АМД Инқ. Окт., захираи 1318, номгӯи I, парвандаи 627(2), вар. 132-133),[1] аммо дар ҶХШ Бухоро баъди инқилоби соли 1920 шумораи тоҷикон ба 800.000 расид (*И. И. Зарубин*. Список народностей Туркестанского края. – Л., 1925, с. 8), яъне якбора беш аз чор маротиба кам гардид. Чунки тоҷиконро ӯзбек навиштанд.

Чунон ки дидем, ҳатто аз рӯи маълумоти зиддиятнок ва камнавишта тоҷикон солҳои аввали октабр ба эътибори шумораи умумӣ (2,1 миллион) дар Осиёи Миёна ҷои дуюмро ишғол мекарданд.

Бо вуҷуди ин, «ҳангоме ки соли 1920 конститутсияи ҷумҳурияти Туркистон тасдиқ гардид, фақат қирғизҳо, ӯзбекҳо, туркманҳо «миллатҳои таҳҷоӣ» шинохта шуданд: тоҷикон – қадимтарин сокинони кишвар фаромӯш гардиданд» (*В. В. Бартольд*, Соч., т. 2, ч. I, - М., 1963, с. 468).

Расман эътироф накардани мавҷудияти халқи тоҷик дар ҳуҷҷатҳои сиёсӣ ҳамин тариқ оғоз ёфт. То соли 1924 дар ҳуҷҷатҳои асосии давлатӣ ва ҳизбӣ номи тоҷикон қариб зикр намегардад. Талаби эътирофи мавҷудияти тоҷикон ба муқовимати сахт дучор меомад. Сиёсатеро амалӣ кардан

[1] Ин маълумот ва баъзе маълумоти дигари архивро доктори илми таърих А. Я. Вишневский лутфан ба ихтиёри мо гузошт. Муаллиф аз сидқи дил ба ӯ ташаккур мегӯяд.

гирифтанд, ки мақсади он чунин буд: тамоми аҳолии кишвар бояд ӯзбекнажод будани худро ба гардан гиранд, ҳар кас, ки худро тоҷик медонад ӯзбекнажод шавад.

Ӯзбек гардонидани тоҷикон ба таблиғоти доманадоре такья дошт, ки ба таҳрифи ҳуҷҷатҳои таърихи гузаштаву ҳозира, ба дағалтарин роҳу усулҳои зӯроварӣ бунёд ёфта буд. Аз рӯзи аввали таъсиси ҷумҳурияти Бухоро (1920) бо ташаббуси раиси Шӯрои Нозирони Халқ Файзуллоҳ Хоҷаев ки аз соли 1924 раиси Шӯрои Нозирони Халқи ҷумҳурияти Ӯзбекистон шуд, дар ҳама мактабҳо таълим аз забони тоҷикӣ ба ӯзбекӣ гузаронида шуд. Дурустар он ки то соли 1922, яъне то торумори дастаи собиқ вазири ҳарбин Туркия Анвар-пошо, ки дар Бухоро яке аз ташкилкунандагони муборизаи зидди Ҳукумати Шӯроӣ гардида буд, таълим дар мактабҳо ба забони турки усмонӣ сурат мегирифт. Нависандаи халқии Тоҷкистон Ҷалоли Икромӣ чандин бор шаҳодат додааст, ки ба ӯ дар дорулмуаллимини Бухоро ба туркӣ дарс медоданд ва ҳатто он муаллимоне, ки тоҷики бухороӣ буданд, ба туркии усмонӣ дарс мегуфтанд (*Дж. Икрами.* Бухара устода Айни//«Коммунист Таджикистана», I7 янв. I990).

Ҷ. Икромӣ дар ёддоштҳояш такроран таъкид мекунад, ки «баъди инқилоби Бухоро мактабҳо ҳама ба забони туркӣ шуданд... Зобитони турк, ки аксарияти онҳо муаллим шуда буданд, …. ба шогирдон ба туркӣ дарс медоданд... Ҳар кас ки ба ҳукумат аризае навиштанӣ бошад, албатта бояд ба забони туркӣ менавишт» (*Ҷ. Икромӣ.* БХШҶ чӣ маънӣ дорад! «Адабиёт ва санъат», 7 дек. 1989). Баъди соли 1922 дар мактабҳо таҳсил ба забони ӯзбекӣ гузашт.

Ҳамин тариқ дар таърихи Бухорои бостонӣ нахустинбор забони тоҷикӣ аз мактабҳо, аз ҳаёти расмии ҷамъиятиву сиёсӣ берун ронда шуд.

Узви Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунистии Бухоро Абдурраруфи Фитрат (ки то инқилоб нависандаи намоёни тоҷик буда, дар Туркия хатми таҳсил карда буд) дар идораи худ қароре баровард, ки аз ҳар касе вақти кор ба забони тоҷикӣ гап занад, 5 сӯм ҷарима ситонда мешуд (ниг. ба рӯзномаи «Тоҷикистони Сурх», I сент. 1930, № 196). Дар дигар идораҳои ҶХШ Бухоро низ забони тоҷикӣ бо роҳи таҳдиду ҷазо манъ гардид. Аз ибтидои солҳои бист дар доираҳои расмии Самарқанд ҳам забони тоҷикӣ

ба ҳамин дастур манъ шуда буд (ниг. маҷҷалаи «За партию», І929, № 1-2).

Ин аст, ки халқи тоҷик аз се миллион зиёдтар нуфус дошта бошад ҳам, ба забони модарии худ рӯзнома ё маҷалла надошт. Пеш аз инқилоб амири Бухоро аввалин рӯзномаи тоҷикии «Бухорои Шариф»-ро (І9І2-І9ІЗ) баста буд, баъди инқилоб аз номи Ҳукумати Шӯравӣ, нахустин маҷаллаи тоҷикии «Шӯълаи инқилоб» (1919-1921), ки нашрияи кумитаи партиявии вилояти Самарқанд ба шумор меомад, манъ гардид. Ба забони тоҷикӣ нашри китобҳои дарсӣ, адабиёти бадеӣ ва асарҳои дигар қатъ шуд.

Шарқшиносони намоёни рус В. Бартолд, проф. А.Семёнов, проф. В. Поливанов ба ҳимояи халқи тоҷик бархостанд. Соли 1922 узви коллегияи комиссариати халқии миллатҳои ҷумҳурияти Туркистон проф. А. Э. Шмидт навишта буд: «Он ҳақиқат, ки тоҷикон дар байни қавмҳои Осиёи Миёна қавми комилан ба худ хос буда, авлоди қадимтарин аҳолии таҳҷоии он мебошанд гумон аст, ки шубҳае ба миён оварад (…) Бино ба ин мулоҳизаҳо лозим аст, ки масъалаи мавҷудияти халқи хоссаи тоҷик дар Туркистон, масъалаи ин ки вай дар баробари қавмҳои дигар ҳуқуқ дорад нисбати манфиатҳои миллии қонунии худ таваҷҷӯҳи лозимаи комиссариати халқии миллатҳоро чашмдор бошад, ба таври мусбат ҳал шавад» (АМД ҶШС Ӯзб., захираи 36, номгӯи I, парвандаи 195, вар. 10).

Вале муборизаи зидди тоҷикон ва муқобили тоҷикият ба вусъати том идома дошт ва махсусан дар Самарқанду Бухоро ба шаклҳои бераҳмонае зуҳур мекард.

Дар нимаи солҳои бист миллатгароён маҷбур шуданд, ки мавҷудияти халқи тоҷикро то андозае эътироф намоянд, вале даъво мекарданд, ки тоҷикон фақат дар Бухорои Шарқӣ, яъне дар қаламрави марказӣ ва ҷанубии Тоҷисистони имрӯза вуҷуд доранду бас. Дар Самарқанду Бухоро ҳангоми ҷамъомадҳо чунин хитобҳо ба гӯш мерасид: «Ҳар муаллиме, ки дар мактаб ба забони тоҷикӣ таълим диҳад, беамон ба кӯҳсорони Тоҷикистон фиристода шуда, ба ҷояш муаллими ӯзбек таъин хоҳад шуд» - ин гуфтаҳои як «корманди маориф» буд, ки шоҳиде нақл кардааст (**ниг**.: ба маҷаллаи «**За партию**», 1929, № 1-2). Ҳатто кӯдаконро метарсонданд, ки «агар ба ӯзбекӣ нею ба тоҷикӣ таълим гиранд,

ҳатман ба Душанбе фиристода мешаванд» («**Правда Востока**», 30 авг. 1926).[1] Як корманди маориф, ки «яке аз роҳбарони намоёни маорифи халқ» ҳисоб мешудааст, аз фаъолияти «таблиғотӣ»-и худ, ки бар зидди мактабҳои тоҷикӣ равона гардида буд, чунин ҳисобот додааст: «Ман дар байни муаллимони самарқандӣ ташвиқот бурда, муваффақ шудам, ки онҳоро ба ӯзбекӣ гардонидани мактабҳо розӣ намоям. Ба ҳар ҳол барои тоҷикон 5 мактабро боқӣ хоҳем гузошт. Тадриҷан дар тӯли як сол метавонем ҳамаи мактабҳоро ӯзбекӣ гардонем» (Арх. ҳизбии Тоҷ. захираи I, номгӯи 2, парвандаи 208, вар. 8).

Солҳои бист «мактабҳоро ӯзбекӣ мекунем!» яке аз шиорҳои асосии замон буд, ки дар ҳама ҷо пайгирона амалӣ мегардид.

Соли 1924, ҳангоми тақсими ҳудуди миллӣ ва рӯйхатгирии соли 1926 ошкоро изҳор медоштанд, ки ҳар касе худро тоҷик шуморад, молашро мусодира намуда худашро ба Бухорои Шарқӣ хоҳанд фиристод.

Солҳои бист дар Бухоро воқиае рӯй дода буд, ки то ҳол аз ёдҳо зудуда нашудааст:

Дар Бухоро масҷиди ҷомеъи бузурге ҳаст, ки рӯзҳои ҷумъа ва рӯзҳои ид дар он ҷо намоз мегузоранд. Дар миёнаҷои ин масҷид як бинои зебои шипангмонанд ҳаст. Дар арафаи маъракаи тақсими ҳудуди миллӣ, рӯзе баъди адои намози ҷумъа, ҳангоме ки тӯдаи бузурги мардум ҳанӯз пароканда нашуда буд, Файзуллоҳ Хоҷаев ба масҷид даромад ва ба ҳозирон рӯ оварда, ба мазмуни зер ваъз гуфт: Дар Бухоро тоҷик нест, ҳамаи мо турку ӯзбекем. Ҳар касе худро тоҷик шуморад, бигзор ба Бухорои Шарқӣ биравад. Пештар амирони Бухоро ба Бухорои Шарқӣ ҷинояткорони давлатиро бадарға мекарданд, вале мо касеро бадарға намекунем, бигзор худашон раванд, аммо ҳақ надоранд, ки молашонро бо худ баранд. Молу мулкашон ба Бухоро тааллуқ дорад. Бигзор дар Бухорои Шарқӣ боз молу ҳол ҷамъ оваранд.

Ф. Хоҷаев ин мегуфт ва дар даст тапоначае дошт, ки таҳдидкорона болои сар алвонҷ медод. Ин аст, ки масъалаи миллӣ дар он замон тапонча дар даст ҳал мегардид.

---

[1] Ниг.: *М. Р. Раҳимов*. Проблемы межнациональных отношений в Ӯзбекистане//Актуальные проблемы межнациональных отношений в СССР. -Л., 1989.-Сс. 28.

Дар даврони тақсими ҳудуди миллӣ ва рӯйхати аҳолӣибораи «тоҷик нест, мо ҳама ӯзбекем!» ба шиоре табдил ёфта буд, ки дар ноҳияҳои тоҷикнишини Бухорову Самарқанд пайваста садо медод ва ба ин ҳақиқат аз маводи фаровони бойгонӣ бовар ҳосил кардан мумкин аст.

**-3-**

Тақсими ҳудуди миллии Осиёи Миёна хеле шитобкорона давом кард ва анҷом ёфт. Ин маърака дафъатан баъди вафоти В. И. Ленин - 25 феврали соли 1924 оғоз ёфта, моҳиятан 27 октабри ҳамон сол, яъне дар зарфи 7-8 моҳ ба анҷом расид (Дар ин хусус ва ҳамчунин дар бораи равиши маъракаи тақсими ҳудуди миллӣ ба мақолаҳои зерин муроҷиат кунед: *А.Вишневский*. Ҳақиқат ва адолат «Омзӯзгор», 29 ноябри 1989; инчунин чанд мақола соли 1989-1990 дар рӯзномаҳои «Омӯзгор» ва «Коммунист Таджикистана» ба табъ расидаанд).

Намояндагони он гурӯҳи аҳолии Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд ва ноҳияҳои атрофи онҳо, ки худро тоҷик мешумориданд, ба маъракаи омодагии марзбандии миллӣ роҳ дода нашуданд. Ба ин маърака мутахассисон - шарқшиносони маъруфи рус, ки таърихи гузашта ва рӯзгори кунунии халқҳои Осиёи Миёнаро меомӯхтанд, низ ҷалб карда нашуданд. Баъдтар академик В. В. Бартолд бо дарду алам дар ин хусус навишта буд.

Он намояндагони фидокори халқи тоҷик, ки бар зидди ин беадолатиҳо алами мубориза барафрохта буданд, имкон надоштанд, ки ба мардум асли ҳолро бифаҳмонанд: соли 1924 бурои Осиёимиёнагии КМ РКП (б) дастур дод, ки ба баҳсу мунозираҳои ошкорое, ки метавонанд муносибати байни миллатҳоро тезу тунд гардонанд, роҳ дода нашавад (АМП ИМЛ, захираи 62, номгӯи I, парвандаи 2, вар. 39-44). Ин нишондод яктарафа риоя шуда, фаъолони ӯзбекгардонӣ ҳамчунон амал мекарданд.

Рӯзномаи «Правда» дар давраи тақсими ҳудуди миллӣ масъалаи тоҷиконро чунин шарҳ дода буд: «Бино ба сабабҳои зерин дар байни тоҷикон ҳеч таблиғоте сурат намегирифт: қисми асосии ноҳияҳое, ки аҳолиаш саросар аз тоҷикон иборат аст (Бухорои Шарқӣ, Мастчоҳ), то соли 1923 дар дасти босмачиён

буд ва онҳо дар ҳаёти ҷумҳуриятҳои шӯравӣ ширкат намекарданд; тоҷикони водинишине, ки қисман дар вилоятҳои Самарқанду Фарғона ва ба теъдоди зиёд дар Бухорои Ғарбӣ умр ба сар мебаранд (аҳолии Хуҷанд, Самарқанд ва Бухоро тоҷиканд) ва шаҳриён, ки бахши фаъоли онҳо ба шумор меомаданд, бо ӯзбекон паҳлӯ ба паҳлӯ зиста, дузабон гардида буданд ва зиёиёни онҳо ба қавми тавонотари ӯзбекҳо пайвастанд» («Правда», 18 сент. 1924).

Ин ҷо бояд афзуд, ки гурӯҳе аз равшанфикрони тоҷик на фақат аз рӯи ғараз ва ё гумроҳӣ, балки маҷбуран, дар натиҷаи таҳдиду таъқиби доимӣ ба фаъолони ӯзбеконидан ҳамроҳ шуданд. Баъзе зиёиёни тоҷики Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд ва дигар ноҳияҳо ба сиёсати зӯран ӯзбеконидани тоҷикон созиш карда, чун «интернатсионалистон» шӯҳрат ёфтанд (истилоҳи «интернатсионалист» дар баъзе ҳуҷҷатҳои он замон маҳз ба ҳамин маънӣ истифода мешуд), хурдтарин кӯшиши дур шудан аз ин сиёсат чун зуҳуроти миллатгароӣ маънидод мегардид.

Аз хусусияти бадғаразона ва яктарафаи маъракаи ҷоншумори аҳолӣ гуфтаи зерини созмондиҳони он равшан шаҳодат медиҳад: «Барои ба рӯйхат тайёр кардани аҳолӣ маъракаи доманадори ташвиқотӣ гузаронида шуд. Китобчаҳо ва варақаю хитобномаҳо, ки ба забонҳои ӯзбекиву русӣ чоп гардида буданд, ба таври васеъ дар байни омма паҳн карда шуданд» (Материалы Всесоюзной переписи населения 1926 г. в Узбекистане, вып.I, Самарканд, 1927,с. I, предисловие).

Чунонки мебинем, боз ҳам мавҷудияти тоҷикон расман инкор шудааст. Умуман мақсад аз ин ҳама ташвиқот ва талошу муборизаҳо нодида гирифтани халқи тоҷик буд.

Ин ҳама боиси он шуд, ки дар ҳудуди имрӯзаи Ӯзбекистон шумораи тоҷикон ба таври сунъӣ якбора хеле кам гардид. Суръати кам шудани шумораи расмии тоҷикон дар ақл намеғунҷид. Чунонки ишора шуд, агар соли 1918 дар ҷумҳурияти Туркистон 1,3 миллион нафар тоҷикон ба ҳисоб гирифта шуда бошад, тибқи маълумоти рӯйхати соли 1920 шумораи онҳо камтар аз 400.000 аст, яъне дар зарфи ду сол се баробар кам шудаанд. Суръати кам шудани тоҷикони шаҳри Самарқанд ба тариқи зайл аст: соли 1916 - 59.901, соли 1920 44,760, соли I926 - 10.700. Таъкид мекунем, ки тибқи маълумоти проф. И. И.

Зарубин, соли 1920 дар Самарканд тоҷикон 54,4 фоиз, аммо ӯзбекон ҳамагӣ 4 фоизи аҳолиро ташкил медоданд. Соли 1920 аз 41.839 нафар аҳолии шаҳри Бухоро фақат 8.646 нафарашон тоҷик навишта шудаанд, аммо шумораи ӯзбекон ба 27.823 расидааст.

Дар нимаи аввали солҳои бист шумораи тоҷикон дар Самарқанд 6 баробар, дар вилояти Бухоро 8 баробар кам гардид. Инро аз маълумоти зерин, ки ба шумораи тоҷикони вилоятҳои навтаъсиси Самарқанду Бухоро оид аст, ба хубӣ дидан мумкин.

Бухоро: ибтидои солхои 20 - 160.000, соли 1924 - 42.482, соли I926 - 22.387, соли 1959 - 16.026, соли 1970 - 19.585, соли 1979 – 19.728.

Самарқанд: соли 1916 - 236.957, соли 1920 - 120.361, соли 1926 - ? соли 1959 - 45,314, соли 1970 - 62,826, соли 1979 - 86.557.

Мо ин рақамҳоро аз манбаъҳои гуногуни расмӣ ҷамъ овардем. Қисми зиёди онҳо дар мақолаи Р. Раҳимов «Иван Иванович Зарубин», ки дар маҷаллаи «Советская этнография» (№ I, соли 1989) ба табь расидааст, гирд оварда шудааст.

Бо кам шудани шумораи тоҷикон мутаносибан шумораи ӯзбекон меафзуд, зеро тоҷикон ӯзбек навишта мешуданд.

Қабл аз ҳама коммунистон бояд миллати худро ӯзбек навишта, ба дигарон намунаи ибрат нишон медоданд. Дар моҳи августи соли 1924 дар ҷумҳурияти Бухоро 2.226 нафар коммунист буд, ки аз ҷумла ӯзбекҳо 49 фоиз, русҳо 22 фоиз, туркманҳо 8 фоиз, тоторҳо 5,5 фоизро ташкил медоданд, вале дар байнашон ягон нафар худро тоҷик нанависонда-аст. Гузашта аз ин коммунистони Бухорои Шарқӣ, ки ба аслу нажоди тоҷикии аҳолиаш ҳатто дар он замон касе шубҳа намекард, ҳама бидуни истисно ӯзбек нависонда шудаанд, яъне дар байни коммунистони Бухорои Шарқӣ як нафар тоҷик набудааст! (ниг.: История Бухарской Народной Советской Республики, сб. материалов. Ташкент, 1976, с 162, 182). Ба ин минвол, аслу насаби ӯзбекӣ, хоҳ воқеъӣ бошаду хоҳ қалбакӣ, нишонаи садоқати болшевикӣ ба идеалҳои коммунистӣ ҳисоб меёфт. Ӯзбеконидани тоҷикон як ҷузъи сиёсати миллии ҳизби коммунист буд.

Таҳрифкорӣ, худсарию қонуншиканӣ, дағалона вайрон кардани шартҳои адлу инсоф дар тафаккури одамон нақши даҳшатангез мегузошт. Ба назар мерасад, ки мардум маҷбур шуданд ба талаботи бераҳмонаи ӯзбеконидан роҳи муросо пеш

гиранд. Соли 1926, баъди рӯйхати аҳолӣ М. Габриэлян ном духтур қайд карда буд, ки ҳангоми таҳқиқу муоинаи Бухоро ва атрофи он одамон «баъзан ба ин суол, ки ба кадом миллат мансубанд, чунин ҷавоб медоданд: «Пештар мо тоҷик будем, акнун ӯзбек шудем». Зимнан дар аксари мавридҳо занҳо худро тоҷик мехонданду шавҳаронашон хешро ӯзбек меномиданд» (*О. А. Сухарева.* Бухара. XIX - начало XX в. - М. Наука, 1966, с.122), яъне мардҳо, ки ба ҳаёти иҷтимоъӣ иштирок доштанд, маҷбур буданд, ки зери фишори расмии маъмурӣ худро ӯзбек гӯянд.

Шубҳае нест, ки чунин муросокорӣ ва эътирофҳое аз қабили «мо ӯзбек шудем» натиҷаи сиёсати зӯроварист, ки дар он айём «ташвиқот» ва «фаъолияти равшангарӣ» номида мешуд.

То Инқилоби Октябр дар аморати Бухоро муносибатҳои феодалию патриархалӣ ҳукмронӣ мекард, кишвари Туркистон нав ба роҳи тараққиёти капиталистӣ даромада буд. Бинобар ин худшиносии мардуми бумии Осиёи Миёна ҳанӯз ба ҳадди камол ташаккул наёфта буд. Мафҳуми миллат нав ба доираи муомилоти сиёсиву мафкуравӣ ворид гардида, маънои ҳақиқӣ ва фаҳмиши тозаи иҷтимоии он барои бисёр одамон норавшан буд. Аз ин ҳолат мафкурабардорони миллатгароии азаматталабӣ истифода бурданд, таблиғоти пайвастаи онҳо тафаккури норасидаи иҷтимоъӣ ва миллии оммаро дар ҳадаф дошт. Аксарият онро чун ҳақиқати холис пазируфтанд.

**-4-**

Дар чунин шароити фиребгариву қаллобӣ ва худсарии комили доираҳои муқтадири маъмурию сиёсӣ маъракаи тақсими ҳудуди миллӣ баргузор шуд. Табиист, ки барои тоҷикон ин маърака аз бисёр ҷиҳатҳо зуҳуроти ҳақиқии таъйини сарнавишти миллии худ нагардид.

Натиҷаи асосии тақсими ҳудуди миллии Осиёи Миёна барои тоҷикон ин буд, ки фақат сеяки тоҷикон, - аз 2.100.000 нафар танҳо 739.503 нафар, асосан тоҷикони кӯҳистони Бухорои Шарқӣ, яъне Тоҷикистони марказӣ ва ҷанубии имрӯза соҳиби ҷумҳурии мухтор шуданд. Аз се ду ҳиссаи тоҷикон дар Ӯзбекистон, яъне берун аз марзи Тоҷикистон монданд. Бешак, чунин ҳалли масъала аз инсоф дур буд.

Дар Бухорои Шарқӣ таъсиси ҷумҳурияти Тоҷикистон чунин маънӣ дошт, ки тоҷикон фақат дар як гӯшаи дурдасту ақабмондаи ватани таърихӣ ва кунунии худ ба ном истиқлоли давлатӣ ба даст овардаанд. Асосҳои маънавии ҳастии чандинасраи онҳо - шаҳрҳои бостонии Бухоро, Самарқанд ва Хуҷанд дар ҳайати Ӯзбекистон монданд. Дар ҷумҳурияти навтаъсиси мухтори халқи қадимаи тоҷик, ки арзишҳои оламшумули маънавӣ офаридааст, ягон шаҳр набуд. Тоҷикистон дар тамоми Иттифоқи Шӯравӣ ягона ҷумҳурие буд, ки шаҳр надошт. Ҳамин тариқ тоҷикон аз муҳимтарин воситаи инкишофи босуръат маҳрум гардиданд, зеро чунонки В. И. Ленин қайд кардааст, шаҳрҳо «марказҳои ҳаёти иқтисодӣ, сиёсӣ ва маънавӣ», «муҳаррикони асосии пешрафтанд» (Полн. собр. соч., т. 23, с, 341).

Тоҷиконро аз он шаҳрҳои машҳур ҷудо кардан мақсаде дошт, ки онҳоро аз «муҳаррикони асосии пешрафт» маҳрум намуда комилан «ба кӯҳҳои баланд биронанд».

Вазъият фақат баъди ба ҷумҳурияти иттифоқӣ табдил ёфтани Тоҷикистон (соли 1929) каме ислоҳ гардид: вилояти Хуҷандро ба он ҳамроҳ карданд. Лекин дар Самарқанду Бухоро чун пештара ӯзбекгардонии тоҷикон ҳамоно дар авҷ буд.

Самарқанд, ки замоне пойтахти Темур буд, соли 1924 пойтахти Ӯзбекистон гардид ва ин ҳол мебоист пирӯзии ғояҳои бузургдавлатиро ифода мекард. Ин иқдом бо мақсадҳои ташвиқотӣ хеле васеъ истифода гардид. Баъдтар Шароф Рашидов маҳз ҳамин «анъанаҳои» солҳои бистро идома дод. Солҳои шаст бо нишондоди Шароф Рашидов китобе ба чоп расид, ки аз саҳми таърихии Темур, ки гӯё саҳми пешбар будааст, ҳикоят мекард. Зиёда аз ин ният доштанд, ки ҷашни ин амири хунхорро ботантана таҷлил намуда, барои поси хотираш пайкарае бунёд кунанд.

Аз даст рафтани Бухорою Самарқанд чунин маънӣ дошт, ки тоҷикон чанде аз пояҳои асосии маънавият ва қисмати умдаи дороиҳои таърихии худро аз даст додаанд, он муқаддасотеро аз даст додаанд, ки дар асрҳои IX-X забони адабӣ ва адабиёти классикии онҳоро ба вуҷуд оварда, асрҳо парварда буд, он сарчашмаҳои итмомнопазири эҷодиётро аз даст додаанд, ки дар арзи даҳ аср садҳо абармардони илму адаб ва ҳунарро ба камол

расонида буд. Бо вуҷуди ҳукмронии дуру дарози ҳарбию сиёсии сулолаҳои турку ӯзбек аз Самарқанду Бухоро ягон шоири тавонои ӯзбек ба миён наомад. Ин худ беҳтар аз ҳама бозгӯй аст, ки вилоятҳои мазкур ба фарҳанги кадомин халқе тааллуқ доранд.

Маълум аст, ки тақсими ҳудуди миллӣ барои тоҷикон на як падидаи ҳақиқии таъиини сарнавишти миллӣ, балки як амри маҷбурии маъмурию волюнтаристӣ буд, бино бар ин, рисолати таърихии худро ба ҷо наовард – дар роҳи таъмини ваҳдати миллат ва иттиҳоди кулли нирӯҳои иқтисодиву маънавии он омили ҷиддие шуда натавонист. Марзбандӣ на фақат сиёсати зӯран ӯзбекониро пешгирӣ накард, баръакс барои зудтар амалӣ гардидани ин сиёсат нисбат ба аксарияти кулли тоҷикони Осиёи Миёна, яъне нисбат ба аз се ду ҳиссаи онҳо роҳро васеъ кард, барои аз миллат ҷудо шудани тоҷикони ноҳияҳои мутараққии иқтисодиву фарҳангӣ, ки барои ташаккули шуури ҷамъиятии миллат аҳамияти махсус доштанд, шароити мусоид фароҳам овард. Ҳама имкониятҳои таҷрибаи ӯзбексозӣ дар солҳои баъд пурра истифода шуда, махсусан дар Самарқанду Бухоро бо шаклҳои дағале ба амал ҷорӣ гардиданд.

Ҳангоме ки бори аввал масъалаи тақсими ҳудуди миллии Осиёи Миёна ба миён омад, ба тоҷикон ҷудо кардани воҳиди марзии маъмурӣ ҳатто ба назар дошта нашуда буд. Он вақт инкори расмии мавҷудияти халқи тоҷик бо қувваи тамом амал мекард. Баъд тасмим гирифтанд, ки дар Бухорои Шарқӣ як вилояти худмухтори тоҷиконро таъсис диҳанд. Фақат дар марҳалаи охир ба туфайли фаъолияти ватандӯстони фидокоре, ки пешвои маънавии онҳо устод Айнӣ буда, аз қабили Абдулқодир Муҳиддинов, Нусратуллоҳ Махсум, Чинори Имомзода, Шириншо Шотемур ва дигарон, ба шарофати дурандешии сиёсӣ ва дастгирии Г. В. Чичерин оид ба таъсиси ҷумхурияти мухтори Тоҷкистон қарор қабул шуд.

Ва ҳол он ки дар ҳамон соли 1924 тамоми шароит муҳайё буд, ки Тоҷикистон мақоми ҷумҳурияти иттифоқиро бигирад. Намояндагони халқи тоҷик чунин дархост пеш гузоштанд. Вале барои амалӣ шудани он мавқеъи баъзе роҳбарони ҷумҳурияти мухтори Туркистон ва ҷумҳурияти халқии Бухоро, пеш аз ҳама раиси КМ Ҳизби Коммунистии Туркистон Абдуллоҳ Раҳимбоев, раиси Шӯрои Комиссарони Халқи ҶХШ Бухоро Файзуллоҳ

Хоҷаев ва атрофиёни онҳо халал расонид, ки зўр зада дар водиҳои Осиёи Миёна, алалхусус дар Бухорову Самарқанд мавҷуд будани тоҷиконро инкор мекарданд. Масалан, Абдуллоҳ Раҳимбоев баисрор таъкид мекард, ки «Осиёи Миёна аз рўи ҳайати миллии худ кишварест, ки ўзбекҳову қирғизҳо ва туркманҳо миллати бонуфузи он буда, боқӣ ҳама қавмҳои алоҳидаи майда=чуйдаанд» (АМП ИМЛ, захираи 62, номгўи 2, парвандаи 87, вар. 79). Мавқеи мазкур, дар ҳоле ки номи тоҷикон ҳатто дар қатори «қавмҳои алоҳидаи майда-чуйда» зикр намегардид, сиёсати онвақтаи расмиро муайян менамуд. Ин сиёсат аз рўи моҳияти худ хилофи воқеият, хилофи адолати иҷимоӣ буд. Он гуфтаҳои А. Раҳимбоев дар Тошканд айнан ба санадҳои расмӣ дохил шуд ва ба Маскав рафт.

Дар ҳуҷҷатҳои солҳои бист роҷеъ ба иқдоми ҷиддии сиёсие чун ба Ўзбекистон ҳамроҳ кардани Бухорову Самарқанд далели мўътамаде мавҷуд нест. Бебунёд будани далелҳои ҳуҷҷатҳои мазкур ҳамон вақт ҳам маълум буд ва гузашти айём зуд нодурустии онро собит намуд. Чунончи, яке аз баҳонаҳои дар ҳайати Ўзбекистон монондани Бухорову Самарқанд ин буд, ки гўё вилоятҳои мазкур қисми таркибии иқтисоди мардумони водинишини Осиёи Миёна мебошанд ва ба кўҳистони Тоҷикистони қафомонда тобеъ гардидани онҳо дар роҳи инкишофи иқтисодии ин минтақа мамониат хоҳад кард. Дар нисбати округи Хуҷанд, ки дар он вақт ба водии Фарғона иртиботи қавии иқтисодӣ дошт, дар нисбати Ўротеппа, Панҷакент ва дигар ноҳияҳо низ чунин баҳона пеш оварда шуд. Бо вуҷуди ин, ҳангоме, ки ноҳияҳои мазкур ва округи Хуҷанд ба ҳайати ҷумҳурияти Тоҷикистон дохил гардиданд, иқтисоди Осиёи Миёна, аз ҷумла, водии Фарғона, аз ин иқдом зараре надид, баръакс дар натиҷаи ин кор нирўи иҷтимоиву иқтисодии Тоҷикистон бамаротиб афзоиш ёфт ва ин қувваафзоии Тоҷикистон дар навбати худ ба инкишофи иқтисодии тамоми минтақаи Осиёи Миёна мусоидат намуд. Мо мўътақидем, ки агар он вақт ноҳияи иқтисодии Бухорову Самарқанд ба ҳайати Тоҷикистон дохил мегардид, барои инкишофи иқтисодиву фарҳангии худ на камтар аз он ки ҳоло дорад, имконият пайдо мекард.

Заиф сохтани омилҳои иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистон, ки мақсади миллатгароён буд ва онҳо ба ин мақсади хеш расиданд, барои пешрафти тамоми минтақа фақат зарар оварду бас.

Далелҳои дигаре, ки он вақт барои дар ҳайати Ӯзбекистон монондани Бухорову Самарқанд ба миён гузошта буданд, ҳамчунин бебунёду беасосанд.

Моҳияти ин «далелҳо»-ро боре раиси комиссияи таъйини сарҳади байни Тоҷикистону Ӯзбекистон хеле равшан ифода кард. Дар маҷлиси комиссия ӯ рӯйрост изҳор намуд: «Бухоро барои тоҷикон луқмаи муносиб нест» (АМП ИМЛ, захираи 62, номгӯи 2, парвандаи 1744, вар. 36). Ҳамин буд «далели» ӯ! Бешубҳа, ягона «далел» амри дили нохоҳами ҳукуматдорон ва сабаби ягона сиёсати худсаронаи соҳибони «бозуи қавӣ» буд.

Оре, нисбат ба тоҷикон содир шудани беадолатии гӯшношуниди миллӣ аз ҳамон вақт, яъне аз солҳои бист маълум буд. Аз ҳамон вақт бисёр чораандешиҳои масъулони тақсими ҳудуди миллӣ нодуруст шуморида шуда буданд. Аз ҷумла, соли 1924 раиси бурои Осиёимиёнагии КМ РКП(б) И. А. Зеленский таъкид карда буд: «Ин ҷо корҳои нимасомон ҳанӯз зиёданд, ин корест, ки табартарош кардаанд – эта работа проделана топором» - гуфтааст ӯ (АМП ИМЛ, захираи 62, номгӯи 2, парвандаи 177, вар. 41).

Вале аз чӣ бошад, ки маҳсули сустбунёди он табартароши беадолатӣ, он ноинсофии маҳз то имрӯз имтиёзи дастнорасии худро гум накардааст.

**-5-**

Раҳбарони ҷумҳурияти Тоҷикистон, чунончи Нусратуллоҳ-махсум Лутфуллоҳов, Шириншо Шотемур, Абдулқодир Муҳиддинов, Абдураҳим Ҳоҷибоев ва дигарон аз соли 1924 сар карда, дар мавридҳои гуногун роҷеъ ба ташкили нодурусти тақсими ҳудуди миллӣ, дар бораи аҳволи тоҷикони Ӯзбекистон, оид ба масъалаи Бухорову Самарқанд чандин бор ба номи Сталин мактуб навиштанд, вале чораи ҷиддие андешида нашуд.

Дуруст аст, ки ҷиддияти масъала дар баъзе ҳуҷҷатҳои ҳизбии солҳои бист таъкид гардидааст. Истилоҳоте аз қабили

«миллатгароии бузургӯзбекӣ», «миллатгароии бузургдавлатии ӯзбекӣ» ва ғайра ҳамон замон пайдо шуда буданд. Баъзе аз онҳо ҳамон вақт ба ҳуҷҷатҳои ҳизбӣ, чунончи ба Резолютсияи анҷумани XII РКП (б) дохил гардида буд. Аз ҷумла дар Қарори КМ ВКП (б) «Дар бораи ташкилоти ҳизбии Ӯзбекистон (25 май соли 1929) дар хусуси «зуҳуроти… миллатгароии бузургӯзбекӣ, махсусан нисбат ба тоҷикон ва яҳудиёни таҳҷоӣ» сухан рафтааст.

Соли 1929 инструктори КМ ВКП (б) Аммосов доир ба вазъияти тоҷикони Ӯзбекистон чунин гуфта буд: «Мо ассимилатсияи маҷбурии миллатҳои камнуфусро мушоҳида мекунем, ки бо роҳи пинҳон доштани миллат ва табдили онҳо ба ӯзбек сурат мегирад. Ҳатто ҳизбиён бо тарсу ҳарос мансубияти миллиашонро пинҳон медоранд ва худро ӯзбек менависонанд» (АМП ИМЛ, захираи 62, номгӯи 2, парвандаи 1744, вар. 19).

Ин огоҳии ҷиддие буд, вале чун дигар ҳушдорҳои изтиробангез мавриди таваҷҷӯҳ қарор нагирифт ва натиҷае ба бор наовард.

15 ноябри соли 1924 рӯзномаи «Правда» дар бораи мушкилоти ҷумҳурияти навтаъсиси худмухтори Тоҷикистон мақолае чоп карда, дар бораи вазифаи бағоят душвори «ба ҳаёти мустақилонаи давлатӣ қадам ниҳодани тоҷикон, дар хусуси он ки тоҷикон бо қувваи худ ин вазифаро ӯҳда карда наметавонанд», масъала гузошта, таъкид намуда буд, ки бино бар ин, «зарур аст, ки дар ин роҳ ба онҳо амалан мадад расонида шавад», аз ҷумла, «дар ҳама маҳалҳое, ки тоҷикон зиндагӣ мекунанд, мактабҳои тоҷикӣ кушода шавад».

Дар Ӯзбекистон солҳои сӣ ва даҳаҳои баъд ҳама чораҳоро диданд, то робитаи тоҷикон бо Тоҷикистон то ҳадди ақал маҳдуд гардад, то ин ки онҳо ҳақиқати сарнавишт ва мансубияти миллии худро надонанд, саргаҳу сарчашмаҳои иҷтимоъиву таърихиашонро фаромӯш созанд, ҳофизаи таърихии онҳо ба самти нодурусте ташаккул ёбад.

Барои он ки ин мақсад ба даст ояд, тамоми кувваҳо, пеш аз ҳама мактабро сафарбар карданд. Азбаски қариб ҳамаи тоҷикони Бухорову Самарқанд ӯзбек навишта шуда бошанд ҳам, забони модарии худ - забони тоҷикиро тарк накарданд, сиёсатмадорон ва баъзе олимони ӯзбек маҷбур шуданд, ки солҳои сӣ нисбат ба тоҷикони Ӯзбекистон истилоҳи «ӯзбекони тоҷикзабон»-ро ба

муомилоти мафкуравӣ дохил кунанд. Агарчи ин истилоҳ комилан истилоҳи зиддиилмӣ буд, гуё таълим ба забони ӯзбекӣ дар мактабҳои тоҷикие, ки охири солҳои бист дар Самарқанду Бухоро кушода шуда буданд, «илман асоснок» шуд. Солҳои сӣ, ҳамчунин солҳои чилу панҷоҳ дар натиҷаи муборизаи суботкоронаи як қисми аҳолӣ ва ашхоси алоҳида (ки баъдтар бисёре аз онҳо барои ин кирдор ба ҷазоҳои сахт гирифтор шуданд) миқдори мактабҳои тоҷикӣ дар Бухорову Самарқанд гоҳе андак зиёд мешуд, вале сонитар торафт кам шудан гирифт.

Дар даврони касодиву рукуд, дар солҳои хукмронии рашидовиён миқдори мактабҳои тоҷикӣ якбора кам гардид. Чунончи:

**Бухоро:**

соли таҳсили 1966–1967: дар вилоят 36 мактаби тоҷикӣ, аз ҷумла дар шаҳои Бухоро 6.

Соли 1987: дар вилоят 11, дар шаҳр ягон мактаби тоҷикӣ намонд.

**Самарқанд:**

соли таҳсили 1964–1965: дар вияоят 32 мактаби тоҷикӣ, аз ҷумла дар шаҳри Самарқанд 20.

Соли 1987: амалан қариб ҳама мактабҳоро ба забони ӯзбекӣ гардониданд ва ё ба ҳам омехтанд. Аз 236 синфи тоҷикии соли таълими 1964-1965 соли 1987 ҳамагӣ 114 синф монд, яъне ду баробар кам гардид.

Баҳонаи баста шудани синфҳо ва мактабҳои тоҷикӣ ин буд, ки «падарону модарон фарзандони худро ба мактабҳои тоҷикӣ додан намехоҳанд." Дар ин бобат чӣ метавон гуфт? Албатта, ба ин баҳона бовар кардан мумкин аст. Охир, дар Ӯзбекистон шароите фароҳам овардаанд, ки бачагонро дар мактабҳои тоҷикӣ хонондан бефоида аст, зарар дорад. Одаме, ки ба забони тоҷикӣ маълумот гирифтааст, дар ҷое кор карда наметавонад, ҳатто имкон надорад, ки ба мактаби олӣ дохил шавад. Дар мактабҳои олии Бухоро гурӯҳҳои тоҷикӣ набуд, аз мактабҳои олии Самарқанд фақат ду факултети донишкадаи омӯзгорӣ ва факултети филологияи университет дорои гурӯҳҳои тоҷикӣ буданду бас. Дастпарварони мактабҳои Ӯзбекистонро дар мактабҳои олии Тоҷикистон ба баҳонаи он, ки барои намояндагони ҷумҳуриятҳои дигар ҷой нест, қабул намекарданд.

Ба ин тариқ бачагон маҷбур буданд, ки «ихтиёран» ба мактабҳои ӯзбекӣ раванд. Дар мактабҳо шогирдону устодон тоҷиканд, вале дарс ба забони ӯзбекӣ, бар илова бо забони шикастаи ӯзбекӣ мегузарад. Дар синфи якум саводи бачаи ҳафтсоларо ба забони ӯзбекӣ мебароваранд ва ҳол он ки забони ӯзбекиро кӯдак ҳоло намедонад ва дузабонӣ хеле баъдтар муяссар мегардад. Чунин тарзи таълим, ки бар хилофи дастурҳои педагогикаву психология аст, рушди ақли бачагонро суст карда, тафаккурашонро аз инкишоф бозмедорад. Дар натиҷа, онҳо амалан на забони модарии хешро медонанду на забони ӯзбекиро. Муаллиме аз ноҳияи Бухоро шаҳодат медиҳад: «Шогирдоне, ки мактабҳои моро хатм кардаанд, на ба забони ӯзбекӣ ва на ба забони адабии тоҷикӣ дуруст ва бехато сухан карда метавонанд» (рӯзномаи «Бухоро ҳақиқати», 11 марти соли 1986).

Натиҷаи асосии ӯзбекӣ гардондани таълим касолати ақлии ҷавонон асту бас!

Вобаста ба ин таъкид кардан зарур аст, ки ӯзбекони Тоҷикистон бо чунин масъала сар ба сар нашудаанд. Ӯзбекони Тоҷикистон одатан бо масъалаҳое аз қабили он, ки агар фарзандро ба мактаби ӯзбекӣ диҳанд, баъд дар Тоҷикистон чӣ гуна зиндагӣ хоҳад кард, дучор намеоянд. Дар Тоҷикистон чун дар бисёр ҷумҳуриятҳои дигар барои соҳиби маълумоти олӣ шудан, умуман барои кору фаъолият аҳамият надорад, ки одам ба кадом забон - тоҷикӣ, русӣ ё ӯзбекӣ - маълумоти миёна гирифтааст. Яъне, шароите фароҳам овардан мумкин будааст, ки намояндагони халқҳои гуногун барои фаъолияту зиндагӣ имконияти баробар дошта бошанд, имконияте, ки ба мансубияти миллӣ ва забони таълим ҳеч вобастагӣ надорад. Дар Ӯзбекистон барои тоҷикон чунин шароит муҳайё нест, дурусттараш онро огоҳона ва бо мақсадҳои ғаразнок барҳам додаанд.

Дар мактабҳои олии Тоҷикистон ҳамеша гурӯҳҳои ӯзбекӣ амал мекарданд. Дар Тоҷикистон ба ғайр аз рӯзномаи «Совет Тожикисгони» пурра ва ё қисман ба забони ӯзбекӣ нуздаҳ рӯзномаи вилоятиву ноҳиявӣ нашр мешавад, театри ӯзбекӣ, дастаҳои худфаъолияти ҳунарии ӯзбекӣ ва ғайра мавҷуданд.

Дар Ӯзбекистон манзараи тамоман дигареро мушоҳида мекунем. Дар Тошканд ягона рӯзномаи тоҷикии «Ҳақиқати Ӯзбекистон», он ҳам ҳафтае се маротиба нашр мешуд. Дар зарфи

панҷоҳ соли охир - то соли 1988 дар ноҳияву вилоятҳои Ӯзбекистон ба забони тоҷикӣ рӯзномае ба табъ намерасид. Дар Бухоро, ки ватани матбуоти тоҷик ба шумор меомад, - дар ин ҷо соли 1912 аввалин рӯзномаи тоҷикӣ чоп шуда буд - баъди инқилоб натавонистанд, ки боре ҳам ба нашри рӯзномаи тоҷикӣ муваффақ шаванд. Танҳо аз моҳи феврали соли 1990, фақат як саҳифаи рӯзномаи вилоятии ӯзбекӣ, ҳамагӣ ҳафтае як маротиба ба забони тоҷикӣ нашр мегардад. Аз аввали соли 1990 дар Самарқанд рӯзномаи вилоятии тоҷикии «Овози Самарқанд» ба формати майдаи рӯзномаи пионерӣ аз чоп баромад. Қисми асосӣ ва ё аксарияти кулли аҳолии ноҳияҳои Пешкӯҳу Самарқанд ва дигар ноҳияҳои вилоятҳои Бухоро, Самарқанд, Сурхондарё ва дигар вилоятҳо аз тоҷикон иборат аст, вале алҳол фақат як саҳифаи рӯзномаи ноҳиявӣ ба забони тоҷикӣ чоп мешаваду бас.

Чунин таносуби ҳайати миллии аҳолӣ ва саҳифаи рӯзномаро фақат таҳқири ошкорои халқи тоҷик донистан мумкин аст.

Театрҳои Бухорову Самарқанд тамошоҳои худро танҳо ба забони ӯзбекӣ тайёр мекунанд, театри драмавии Бухоро дар таърихи худ фақат як пйесаро ба тоҷикӣ таҳия намуд, ки он ҳам ба туфайли сафари ҳунарии театр ба Афғонистон сурат гирифт. Дар Самарқанду Бухоро ва дигар ноҳияҳое, ки тоҷикон зиндагӣ мекунанд, ба забони тоҷикӣ ягон эълон, шиор ва ё навиштаҷоте ба назар намерасад. Он ҷо забони тоҷикӣ аз ҳаёти иҷтимоӣ - аз маҷлису ҷамъомадҳо, аз доираи фаъолияти таблиғотӣ, суд ва ғайра бароварда шудааст. Уйғурҳо, тоторҳои Қирим ва дигар халқҳои Ӯзбекистон соҳиби дастаҳои худфаъолиятӣ ва касбии ҳунаранд, аммо тоҷикон аз он маҳруманд.

Тоҷикони Ӯзбекистон ба он сабаб аз неъматҳои мазкур маҳруманд, ки дар ин ҷумҳурият, ба хусус дар Бухорову Самарқанд ӯзбек ба шумор меоянд ва ин расман дар паспортҳояшон сабт гардидааст.

Чунонки дар боло дидем, солҳои бист ҳатто коммунистон аз тарс мансубияти миллиашонро пинҳон дошта, ҳатман худро ӯзбек менависонданд. Ин зуҳуроти таҷовузкоронаи нангин солҳои сиву чил, махсусан, солҳои шасту ҳафтод хеле вусъат гирифт. Бисёр одамон шаҳодат медиҳанад, ки А. Каримов ҳангоме ки котиби якуми кумитаи ҳизбии вилояти Бухоро таъин шуд, дар яке аз аввалин маҷлисҳои бурои кумитаи ҳизбӣ бо

қатъияти тамом чунин вазифа пеш гузошт: «Рӯҳи тоҷикиро аз Бухоро нест кардан даркор аст, ба кадом роҳе, ки бошад, ба ин мақсад расидан зарур аст». Сиёсати «нест кардани рӯҳи тоҷикӣ» ва парвариши рӯҳияи ӯзбекӣ дар ҳама ҷо ва дар ҳама риштаҳои зиндагӣ - дар забон, адабиёт, санъат, маорифи халқ, паспортнависӣ рӯйрост ба амал ҷорӣ мегардид.

Дар Бухорову Самарқанд ба даст овардани паспорте, ки миллати соҳибаш тоҷик навишта шуда бошад, қариб имконнопазир аст. Дар даврони Рашидов дар ин ҷода баъзе «нуқсонҳо», «ислоҳ» шуданд: аксарияти онҳое, ки аз рӯи паспорташон тоҷик буданд, ногаҳон дар ҳуҷҷатҳо ӯзбек сабт гардиданд. Як гурӯҳ - 40 нафар бошандагони ноҳияи Шофиркоми вилояти Бухоро дар мактубе, ки 31 декабри соли 1987 ба КМ ПК Тоҷикистон равон кардаанд, чунин менависанд: «То солҳои 50-ум дар ҳуҷҷатҳои падару бобоёни мо миллаташон тоҷик навишта шуда буд. Дар ҳамон солҳо ҳуҷҷатҳоро (гувоҳномаҳоии таваллуд) нав карданд. Дар натиҷаи ин миллати моён ҳам ӯзбек шуда монд. Гӯё акнун дар Бухоро тоҷик нест».

**Дар чунин шароит одамон намехостанд, ки миллаташон дар паспорт тоҷик навишта шавад. Даҳҳо сол боз шароите ҳукмрон аст, ки одамонро маҷбур месозад ба олами дурӯғу дурӯягию бемаънавиятӣ қадам гузоранд, миллат ва забони модарии хешро пинҳон доранд ва ҳол он ки ин баробар аст ба он, ки аз халқи худ, аз ватан, аз падару модар, аз ҳама муқаддасот даст бикашанд. Ин нажодкушии ҳақиқӣ – геносид аст, фақат нажодкушии ҷисмонӣ не, балки мудҳиштар аз он - нажодкушии маънавию ахлоқист. Ин сиёсатест, ки маҳви маънавии инсонро дар ҳадаф дорад. Биноан образи машҳури романи Ч. Айтматов ба ёд меояд, ки халқеро ба манқурт табдил медиҳанд**...

Ин сиёсат чунин натиҷаҳо овард: агар дар ибтидои солҳои бист дар ҳудуди имрӯзаи Ӯзбекистон ақаллан беш аз 2 миллион тоҷикон зиндагӣ мекарданд, бино ба рӯйхати соли 1979 онҳо 594.627 нафар шуданд. Агар дар солҳои аввали инқилоб тоҷикон аз рӯи шумораи умумӣ дар ҳудуди имрӯзаи Ӯзбекистон – он вақт РАСС Туркистон ва РХС Бухоро ҳатто ба омори расмии дуруғин дар ҷои дуюм бошанд, ҳоло дар ҳамон қаламрав ба ҷои шашум фаромадаанд ва соли 1979 фақат 4 фоизи аҳолиро ташкил доданд. Ҳатто дар вилояти Бухоро соли 1979 тоҷикон ба эътибори

шумора ба ҷои шашум фаромаданд: 1,6 фоизи аҳолиро (19.728 нафар) фароҳам овarданд. Дар вилояти Самарқанд ҳамон сол тоҷикон 4,1 фоизи аҳолиро ташкил мекарданд.

Ва ҳол он ки дурӯғ аст ин рақамҳо! Тоҷикони Бухорову Самарқанд намурдаанд. Сол аз сол шумораи онҳо, чун шумораи дигар халқҳои серфарзанди Ӯзбекистон ва тамоми Осиёи Миёна меафзояд. Шиносоии бевосита бо вазъияти вилояти Бухоро санадҳои зеринро намоён сохт:

**дар шаҳри Бухоро** тоҷикон бештар аз 60 фоизи аҳолиро ташкил медиҳанд, ӯзбекон бошанд, аз 10 фоиз зиёд нестанд;

**дар ноҳияи Рометан** аз 140 деҳае, ки Н. Ҳотамов аз назар гузоринидааст, дар 75 деҳа тоҷикон, дар 48 деҳа ӯзбекҳо, дар 9 деха тоҷикону ӯзбекон, дар 6 деҳа туркманҳо, дар 2 деҳа туркманҳову қазоқҳо умр ба сар мебаранд;

**дар ноҳияи Шофирком** аз 135 деҳа, дар 35 деҳа тоҷикон, дар 73 деҳа ӯзбекҳо, дар 24 деҳа тоҷикҳою ӯзбекҳо, дар 1 деҳа тоҷикону туркманҳо, дар 21 деҳа туркманҳо зиндагӣ мекунанд.

Таъкид кардан зарур аст, ки дар ноҳияҳои Шофирком, Рометан ва ноҳияҳои дигари вилояти Бухоро деҳоти тоҷикнишин аз деҳаҳои ӯзбекнишин хеле бузургтар буда, онҷо шумораи аҳолӣ низ бамаротиб зиёдтар аст.

Дар Ғиҷдувон, Свердлов ва дигар ноҳияҳои вилояти Бухоро тоҷикон қисмати асосии аҳолиро ташкил медиҳанд (Муроҷиат кунед ба мақолаи *Н. Ҳотамов*. Сиёсати миллии лениниро ба ҳаёт татбиқ намоем//«Омӯзгор», 19 сент. 1990).

Бино ба ҳособи мардумшиносони ленинградӣ, масалан Р. Раҳимов зиёда аз 80 фоизи аҳолии вилояти Бухоро тоҷиканд.

Тақрибан чунин манзараро дар шаҳои Самарқанд, дар ноҳияи Советобод, Самарқанд ва Қизилтеппа мушоҳида кардан мумкин аст.

Чунин аст асли ҳол, асли воқеият, ки аз маълумоти расмӣ куллан фарқ мекунад: маълумоти расмӣ асли ҳолро ба маънии дигар, ба маънии беҳуқуқии миллии тоҷикони Ӯзбекистон, ки аз имконияти ошкоро ва бо ифтихор эълон доштани мансубияти миллии худ маҳруманд, таҷассум месозад. Он руйдод, ки соли 1929 буд, яъне чунин ҳолат, ки «ҳатто ҳизбиён метарсиданд ва ҳатман худро ӯзбек менавиштанд», ҳамоно идома дорад.

Ҳарчанд бояд гуфт, ки ҳоло вазъият каме дигар шудааст. Агар соли 1979 тоҷикони Ӯзбекистон 595,000 буданд, бино ба омори соли 1989 шумораи онҳо ба 934.000 расидааст. Инро то андозае як падидаи пешбар шуморидан мумкин аст, вале дар айни замон бояд гуфт, ки рақамҳои мазкур шаҳодат бар он медиҳанд, ки равандҳои инкилобии нимаи дуюми солҳои ҳаштод ба худогоҳии миллии тоҷикони Ӯзбекистон ва ё ба фаъолиятмандии ошкорои иҷтимоии онҳо кам таъсир бахшидааст. Фишори замони волунтаризм ва касодиву рукуд дар шуури мардум хеле реша рондааст.

**-6-**

Аз солҳои бист боз як тамоюли дигар авҷ гирифт, ки ӯзбеконидани таърих метавон номид. Ин тамюл махсусан дар даҳаҳои охир хеле қувват ёфт. Моҳияти тамоюли мазкур иборат аз он аст, ки аз сиёсати ӯзбекгардонӣ чунин «хулосаи мантиқӣ» баровcareанд: модомки аҳолии Бухорову Самарқанд ӯзбек будаанд, табиъист, ки он ҳама арзишҳои маънавӣ, ки дар зарфи чандин садаҳо дар ин шаҳрҳо офарида шудаанд, ба ӯзбекҳо таалluқ доранд. Ёдгориҳои таърихии илму фарҳанг, олимону адибони бузург, ҳунармандони забардасти гузашта ҳама ӯзбеку моли ӯзбек эълон шуданд. Дар тадқиқоти илмӣ, дар асарҳои илмии оммабоби таърихӣ ақидае пайваста гӯшзад меояд, ки аз асрҳои XIV-XV, яъне аз замони Темури ланг ин ҷониб дар Мовароуннаҳр фақат туркҳову ӯзбекҳо умр ба сар мебаранд. Гоҳо дар омади гап таъкид мешавад, ки дар шаҳрҳо тоҷикон ҳам хол-хол гӯё дар ҷазираҳои алоҳида мезистанд. Чунин ақидахои зиддиилмию бебунёд ҳотто дар баъзе нашрияҳои Маскаву Ленинград ба чашм мерасанд.

Агар асарҳои муҳаққиқони Маскаву Ленинград ба забони ӯзбекӣ чоп шавад ва дар он таърихи гузаштаи Осиёи Миёна холисона нишон дода шуда, ба ин васила ногузир аз адабиёти классикии тоҷикӣ ва намояндагони он сухане рафта бошад ва ғайра, нoширони ӯзбек диққаткорона матнро аз калимаҳои «тоҷик» ва «тоҷикӣ» тоза мекунанд, онро ба «ӯзбек» ва «ӯзбекӣ», дар баъзе мавридҳо онро ба «форсӣ» иваз менамоянд.

Дар шиносномаҳо, раҳномаи сайёҳон ва ҳатто дар энсиклопедияи советии Ӯзбекистон номи олимон, адибон, ҳунармандони Бухорову Самарқанди асрҳои гузашта аксаран бе таъкиди он ки эшон намояндагони маданияти тоҷиканд, зикр мегардад. Хонандаи ноогоҳ гумон мекунад, ки модом онҳо дар Самарқанд ва ё Бухоро ба дунё омада дар он ҷо умр ба сар бурдаанд, пас ба халқи ӯзбек тааллуқ доранд. Ҳадаф аз нишон надодани мансубияти миллии мардони таърих маҳз гӯл задани ин тоифа мардуми нобалад аст.

Дар мавзуъҳои таърихӣ низ ба ҳамин «дастур» асарҳои бадеӣ офарида мешаванд. Дар романҳо, достонҳо ва драмаҳои нависандагони ӯзбек, ки ба таърихи қадиму ҷадиди Осиёи Миёна бахшида шудаанд, тамоми таърих ба ӯзбекон мансуб дониста мешавад ва фақат онҳо чун мардуми таҳҷоӣ зиндагию амал мекунанд. Ғояи асосии ин қабил асарҳоро як персонажи романи М. Маҳмудов «Қуллаҳои ҷовид» луччаку пӯстканда ифода кардааст. Вай дар бораи аморати Бухоро ва кишвари Туркистони миёнаи асри XIX чунин гуфтааст: «Ин замин, ин кишвар ба ӯзбекон тааллук, дорад! Ҳама азони ӯзбекҳост...» (маҷаллаи «Шарқ юлдузӣ», 1981, № 10, с. 71).

Чанд мисоли ин гуна таърихфаҳмиву таърихфаҳмониро аз мақолаи камина «Дурустиҳо асоси ошноист» («Садои Шарқ», 1990, № 2, саҳ. 109-121) дидан мумкин аст.

Ин аст, ки шиори «тоҷик нест, мо ҳама ӯзбек ҳастем», ки солҳои 20-ум хеле васеъ таблиғ мегардид, солҳои сӣ ҳам зинда буду имрӯз ҳам аз байн нарафтааст.

Нависандаи халқии Ӯзбекиетон Мирмӯҳсин дар бораи ёдгориҳои оламшумули Бухорову Самарқанд чунин навиштааст: «Сарзамини мо соҳиби ёдгориҳои бебаҳои таърихиву фарҳангист, ки аз гузаштаи пуршарафи халқи ӯзбек шаҳодат медиҳад. Регистон, Манораи Калон, Арк, мақбараи Исмоили Сомонӣ, Кукалтош, расадхонаи Ӯлуғбек, мадрасаҳои бешумор, пулҳо, қалъаҳо, қасрҳо… Офаридаҳои олиҷаноб, ки барҳақ достонҳое аз санг, мусиқие аз санг номидаанд» (*Мирмӯҳсин*. За правду истории//«Правда Востока», 7 июли 1989).

Дар ин ҷо Мирмӯҳсин ҳама осори таърихии Бухорову Самарқанд ва чанде аз Фарғонаву Тошкандро ном бурдааст. Ҳар кас, ки аз таърих андак хабар дорад, медонад, ки нерӯи асосии

таърихсозӣ ва фарҳангофаринӣ дар сарзамини Ӯзбекистони кунунӣ аҷдоди тоҷикон буданд, аммо истилогарони турку ӯзбек бо тохтутози доимӣ ин осори таърихиро хароб мекарданд.

Камина бар инам, ки чунин лофҳо ба ҳофизаи таърихии асил, ба худшиносии ҳақиқии миллӣ ҳеч нисбате надоранд, зеро ҷӯши «эҳооси ватандӯстӣ» ва «ифтихори миллӣ» муаллифро ба он водоштааст, ки ҳама чизро ба халқи худ нисбат диҳад, имкон надодааст, ки дар паҳлӯи халқаш халқи дигареро бубинад.

Изофанависии ба худ хоси таърихиву фарҳангӣ, кӯшиши қадимтар ва беҳтар нишон додани таърихи халқи худ, таҳрифи саҳми таърихии халқҳои дигар, махсусан халқи тоҷик, бештар аз ҳама ба пояҳои маънавию ахлоқии ӯзбекони ҳозира теша мезанад ва барои худшиносии онҳо зарар дорад Мо кайҳо ба мушоҳида гирифтаем, ки худшиносии иҷтимоиву таърихии чанд насли ҷавонони ӯзбек, ҳофизаи таърихии онҳо аз бисёр ҷиҳатҳо ба самти нодуруст ва дурӯғин ҷараён гирифтааст: тасаввуроти онҳо дар бораи худ, дар бораи халқи худ ва таърихи он, дар бораи халқҳои дигар, аз ҷумла тоҷикон на ҳамеша ба воқеият мувофиқ меояд. Ба ин ҳақиқат аз рӯйи эссеи шоири шинохтаи ӯзбек Муҳаммад Алӣ «**Худро бишнос**», ки 30-31 августи соли 1988 дар рӯзномаи ҷавонон «Ёш ленинчӣ» ба табъ расидааст ва бисёр асару мақолаҳои дигар бовар ҳосил кардан мумкин аст.

Албатта ҳар гуна зуҳуроти миллатгароӣ, шовинизми размҷӯй пеш аз ҳама теша ба решаи халқи худ задан аст, зеро ки дар миёни мардум муҳити носолими ахлоқиву психологиро парвариш медиҳад. Ин амал ба муносибати байни халқҳои тоҷику ӯзбек зарарҳои бисёр овард.

Мо бояд он вазъиятро ба эътибор бигирем, ки ин ҳама беадолатиҳо дар пеши назари дигарон ба вуқӯъ мепайвандад ва то андозае ба аҳли ҷомиаи ҷумҳуриятҳои Осиёи Миёна, балки хориҷ аз он ҳам маълум аст. Онҳое, ки аз минтақаҳои дигари мамлакат ба Бухорову Самарқанд меоянд, зуд ба носозии «вазъияти миллӣ» бовар ҳосил мекунанд, ки ин ҳам ба мафкураи одамон таъсири манфӣ мебахшад. Дар хусуси меҳмонони хориҷӣ, бахусус меҳмонони Афғонистон, Эрон, Ҳиндустон ва Покистон - ин кишварҳое, ки ба воқеаҳои Осиёи Миёна ҳамеша диққати махсус зоҳир мекунанд, ҳоҷати гап ҳам нест.

Баъди анҷумани XXVII КПСС бисёр тоҷикони Самарқанду Бухоро чанд бор ба мақомоти боло муроҷиат карда, аз аҳволи вазнини худ шикоят намуданд. Дар натиҷа байни КМ ПК Тоҷикистон ва Ӯзбекистон бо мақсади ҳамкорӣ ва қонеъ гардонидани талаботи тоҷикони Ӯзбекистон робитаҳое муқаррар гардид. Соли 1988 КМ ПК Ӯзбекистон роҷеъ ба кушодани мактабҳои тоҷикӣ (ба он шарт, ки падарону модарон розӣ бошанд) ва гурӯҳҳои тоҷикӣ дар мактабҳои олӣ (ба он шарт, ки хоҳишмандон пайдо шаванд), нашри рӯзномаҳои тоҷикӣ (албатта, агар обуна ҷамъ ояд), намоиши барномаҳои телевизиони тоҷик ва ғайра нақшаи чорабиниҳо тартиб дод.

Зимнан, дар Ӯзбекистон бо исрори ҷомиа пештар ҳам на як бору ду бор чунин қарорҳо ва чорабинҳои мушобеҳ қабул гардидаю ба нақша гирифта шуда буданд. Вале ҳеч яке аз онҳо иҷро нагардид ва вазъият беҳ нашуд, бадтар шуд. Албатта, имрӯз бештар эътимод ҳаст, ки он чӣ ба нақша гирифтаанд, амалӣ хоҳад шуд. Вале чораҳои ночизе пешбинӣ шудааст. Ин чорабиниҳои ночиз ҳам асосан дар рӯйи қоғаз иҷро шуду бас. Нақшаи чорасозиҳои КМ ПК фақат дар рӯзномаҳои вилоятии Тоҷикистон чоп шуда, ба саҳифаи матбуоти марказии ҷумҳурии Тоҷикистону Ӯзбекистон роҳ наёфтанд, яъне ҷомиа аз онҳо аксаран бехабар аст ва имкон надорад, ки иҷрои онҳоро зери назорат бигирад.

Аз ин ҳама маълум мегардад, ки он нақшаҳоро иҷро кардан чандон намехоҳанд, ин дафъа низ ният надоранд, ки вазъиятро қатъиян тағйир дода, оқибатҳои сиёсати ӯзбекониданро бартараф намоянд. Чунончи, ҳанӯз ҳалли амалии чораҳои пешбинишуда оғоз наёфта дар Бухоро бар зидди кушодани синфҳои тоҷикӣ, чанд далел пеш оварданд (муроҷиат шавад ба рӯзномаи «Советская Бухара», 21 январи 1988, мусоҳиба бо котиби кумитаи вилоятии ҳизб). Дар байни падару модарон дар он хусус, ки агар фарзандонро ба мактабҳои тоҷикӣ диҳанд, бо чӣ душвориҳо рӯ ба рӯ хоҳанд шуд, фаъолияти «дилсӯзона»-и тавзеҳотӣ авҷ гирифт. Дар натиҷа соли таҳсили 1988-1989 дар Бухоро ҳамагӣ як синфи тоҷикӣ кушода шуд. Ин ягона синфе буд, дар шаҳре, ки аксарияти кулли аҳолиаш тоҷиканд.

Дар вилояти Бухоро дар моҳи сентабри соли 1988 ҳамагӣ 10 синфи нави тоҷикӣ кушода шуд. Ва ҳол он ки дар охири солҳои панҷоҳ дар вилоят миқдори мактабҳои тоҷикӣ ба 100 мерасид. Ва акнун 10 синф ба ҷои 100 мактаб!

Дар ин миён воситаҳои ахбори умум, аз ҷумла, ТАСС ва нашрияи Агентии «Новости» ин «комёбиҳои» қонеъ гардидани манфиатҳои тоҷикони Ӯзбекистонро дар саросари ҷаҳон овозаю дарвоза карданд. Раиси комиссияи доимии Шӯрои Олии Ӯзбекистон оид ба муносибатҳои байни миллатҳо ва тарбияи интернатсионалӣ Эркин Юсупов аз саҳифаи маҷаллаи «Коммунист» (1989, № 8) ин хабарро такрор намуда, хост моро бовар кунонад, ки «фақат дар Самарқанд 8 мактаби тоҷикӣ» кушода шуд (ҳол он ки на ҳашт мактаб, балки ҳашт синф кушода шуда буд), «нашри рӯзномаҳои вилоятии Самарқанду Бухоро ба забонҳои ӯзбекӣ, русӣ ва тоҷикӣ шурӯъ гардид», «бисёр тоҷикон... паспортҳои нав гирифтанд, ки мансубияти миллиашон аниқ карда шудааст» ва ғайра. Ба ин ҳама баъзе олимон низ моро бовар кунондан хостанд («Вопросы истории», 1989, №5). Ва ҳол он ки ҳеч яке аз ин бовар кунониданҳо ба воқеият мувофиқат намекард, ин ҳама дурӯғи маҳз буд ва дар ин хусус дар матбуот андаке сухан рафтааст (аз ҷумла муроҷиат шавад ба навиштаи камина дар маҷаллаи «Коммунист»-и Маскав, 1990, № I)

Чунонки мебинем, воситаҳои ахбори умум, матбуоти ҳизбиву шӯравӣ ва нашрияҳои илмӣ барои гӯлзанӣ ва интишори маълумоти дурӯғ истифода мешаванд. Сохтакорию қалбкорӣ, таҳрифи санадҳо ба таври расмӣ густариш меёбад. Ин ҳама ба сиёсати ӯзбеконидани солҳои бист ва даҳаҳои баъдӣ куллан монандӣ дорад. Ҳадафҳо ва усулҳои амалӣ кардани ин сиёсат тағйир наёфтааст.

Ба тоҷикони Бухорову Самарқанд ба азобу машаққати зиёд гоҳо муяссар мешавад, ки аз гов ғадуде рӯёнанд, чунончи, дар рӯзномае як саҳифаи тоҷикӣ, дар баъзе мактабҳо як синфи тоҷикӣ кушоянд ва ғайра. Кори тоҷикон дар Ӯзбекистон ба пои мӯрча пеш меравад.

Бино бар ин, аҳли ҷомиа кайҳо дар сари чунин ақида омадаанд, ки вазъияти тоҷикони Ӯзбекистон, махсусан, тоҷикони Бухорову Самарқандро фақат бо маҷмӯи чораҳои қатъие, ки аз ҷониби Марказ дастгирӣ ва амалӣ шавад, тағйир додан мумкин

аст. Вақти он расидааст, ки бо ҷидду ҷаҳди тамом ва қатъият он беадолатии миллӣ, ки солҳои бист содир шуда беш аз пеш натиҷаҳои фалокатбори иҷтимоиву ахлоқӣ ва милливу психологӣ ба бор меорад, бархам дода шавад.

Зиёиёни тоҷик, раҳбарияти ҷумҳурияти Тоҷикистон аз солҳои бист сар карда, чандин маротиба масъалаи Бухорову Самарқандро ба миён гузошта буданд. Абдулқодир Муҳиддинов, ки гаштаю баргашта бар зидди бузургманишии ӯзбекӣ баромад менамуд, таъкид дошт, ки «вазъияте, ки дар ҳоли ҳозир мавҷуд аст, бешубҳа ғайритабиист» (маҷаллаи «За партию», 1928, № 9, с. 66). Яке аз роҳбарони маъракаи тақсими ҳудуди миллии Осиёи Миёна (1924) И. Зеленский, чунон ки дидем, на фақат эътироф кард, ки марзбандӣ як кори табартарош аст («работа, проделенная топором»), балки зарур медонист, ки ин масъала «вобаста ба ирода ва хоҳиши аҳолӣ» аз нав баррасӣ шавад (муроҷиат кунед ба мақолаи ӯ «Национально-государственное размежевание Средней Азии» дар кит. «На историческом рубеже», Ташкент, 1974).

Вобаста ба ин санади зеринро таъкидан гӯшрас меорем: соли 1924 Бухорову Самарқанд, ба шаҳодати ҳуҷҷатҳо «муваққатан, то фаро расидани шароити мусоид барои густариши минбаъдаи давлатдории ҳамаи тоҷикони Осиёи Миёна дар ҳудуди Ӯзбекистон мононда шуданд». Дар ин бобат Абдураҳим Ҳоҷибоев, ки дар маъракаи таъсиси мухторияти Тоҷикистон (1924) ва ба ҷумҳурияти иттифоқӣ табдил ёфтани он (1929) ширкат варзида буд, низ гувоҳӣ медиҳад. Вай, ки баъдтар раиси Совети Комиссарони Халқи Тоҷикистон таъин шуда буд, дар бораи воқиаҳои соли 1924 чунин навиштааст: «Барои чандин сабабҳои умумӣ Бухоро, Самарқанд ва Хуҷанд бо ин укругҳо, ки аксарияти нуфусашон тоҷиканд, муваққатан дар дохили ҷумҳурияти Ӯзбекистон монданд» (*А.Ҳоҷибоев.* Ҷумҳурияти ҳафтум - Тоҷикистон. Тошканд - Сталинобод, 1930, саҳ. 10).

Ин ҳақиқат, ки ҳам дар соли 1924 ва ҳам дар соли 1929 Бухорову Самарқанд дар ҳудуди республикаи Ӯзбекистон муваққатан мононда шуда буд, дар ёди бисёр одамони огоҳи он даврон боқӣ мондааст.

Маълумоте ҳаст, ки солҳои бист таҳти роҳбарии В. В. Куйбишев комиссияе ташкил шуда буд, солҳои баъди ҷанг ҳам комиссияи дигаре амал мекард, ки ба он Г. М. Маленков роҳбарӣ менамуд. Муддати зиёд ҳар ду комиссия бо ҳалли масъалаҳои Бухорову Самарқанд ва вилояти Сурхондарё машғул буд. 3 феврали соли 1930 дар хусуси ба ҶШС Тоҷикистон дода шудани вилояти Сурхондарё қарори Кумитаи Марказии Иҷроияи СССР қабул шуд. 13 феврали ҳамон сол бо сабабҳои номаълум Қарори мазкурро бекор карданд. Ҳеч маълум нест, ки чаро чунин қарори ҷиддии сатҳи олиро пас аз даҳ рӯз бекор кардан лозим омад. Ҳамин тариқ, фаъолияти комиссияҳои ёдшуда низ ба анҷом нарасид. Бино бар он ки архиви мавод дастнорасанд, фақат тахмин кардан мумкин аст, ки кадом кувваҳо ба ҳалли ин масъала халал расонидаанд. Шояд муносибати И. В. Сталин ба масъалаи мазкур низ ба таъхир пазируфтани ҳалли он сабаб шуда бошад. Охир ӯ чандин маротиба ба муроҷиати раҳбарони Тоҷикистон роҷеъ ба Самарқанду Бухоро ва вазъияти тоҷикони Ӯзбекистон таваҷҷӯҳе зоҳир накард.

Ҳоло, дар ҷараёни бозсозиҳои ҷомиа мо ҳақ дорем ҳалли қатъии чунин проблемаҳои ҷиддиро, ки аз системаи маъмурию фармонфармоӣ мерос мондааст, чашмдор бошем. Дар айни замон масъалаи Бухоро, Самарқанд ва Сурхондарё дар Тоҷикиситон яке аз мониаҳои асосии бозсозӣ гардидааст, зеро ки бевосита ба замони зӯроварию карахтӣ вобастагӣ дорад.

Ҳоло такя ба ақли салим ва ҳақиқати объективӣ, омӯзиши ҳамаҷонибаи маводу ҳуҷҷатҳо (материали таърихӣ, этнографӣ, забоншиносӣ, демографӣ ва ғайра) ва шиносоии бевосита бо вазъияти маҳалҳои тоҷикнишин беш аз ҳама ба ҳалли масъала мусоидат хоҳад кард. Тааммули амиқ ва гуногунҷиҳати илмие, ки ба олитарин ғояҳои башарпарварӣ бунёд ёфтааст, бояд мӯҳраи асосии ҳалли масъала қарор бигирад.

Мо ақидаи комил дорем, ки масъалаи тоҷикони Бухорову Самарқанд пеш аз ҳама фақат масъалаи иҷтимоиву иқтисодӣ набуда, дорои аҳамияти гуманитарӣ, иҷтимоиву маънавӣ ва ахлоқист: ин ҷо гап дар сари ниёзҳои иқтисодӣ, моддӣ ва мадании мардум набуда, сухан аз қисмати минбаъдаи маънавию ахлоқии халқ меравад, гап ба сарнавишти халқи

қадиме, ки дар офариниши тамаддуни ҷаҳонӣ фаъолона ширкат варзидааст, дахл дорад.

Феълан мо бояд имкон дошта бошем, ки ҳақиқатро, бебунёдии тарғиботи таҳрифкоронаро, ки дар зарфи солҳои зиёд дар байни тоҷикони Бухорову Самарқанд сурат мегирифт, ба мардум бинамоем. Мардум бояд дар бораи худ, дар бораи мансубияти миллии худ ҳақиқатро донанд. Зарур аст, ки дар миёни тоҷикони Ӯзбекистон фаъолияти равшангарӣ ба роҳ монда шавад ва дар саҳифаҳои матбуоти ҷумҳурӣ ва марказӣ баҳсу мунозираҳо ба вуқуъ пайвандад.

Чунин фаъолияти равшангарӣ дар байни аҳолии ӯзбеки Ӯзбекистон ва ӯзбекони Тоҷикистон низ бояд ба роҳмонда шавад. Номзади илми таърих Намоз Ҳотамов, ки бо вазъи Бухоро ба хубӣ ошност, шаҳодат медихад, ки «дар ин вилоят тоҷикон, ӯзбекон ва турманҳо дӯстона умр ба сар мебаранд. Ҳар вақте ки дар байни ӯзбекҳо дар бораи тоҷикон гуфтугӯи номатлубе ба миён ояд, худи ӯзбекон мекӯшанд, ки онро пешгирӣ намоянд. Тоҷикону туркманҳо низ дар навбати худ ҳамин тавр рафтор мекунанд». Хуллас, на фақат дар Бухоро, балки дар тамоми Осиёи Миёна мардумони гуногунмиллат бо сулҳу салоҳ зиндагӣ доранд. Ин ҳолат ба муваффақияти чораҷӯиҳои тавзеҳотие, ки ҳамаҷониба, андешида ва дақиқ ташкил шуда бошад, ба фаъолияти ҳақиқатан илмии оммабоби равшангарӣ мусоидат намуда, ҳам худшиносии иҷтимоиву таърихии тоҷикон ва ҳам ӯзбеконро амиқ хоҳад бурд.

То имрӯз чунин фаъолияту чораҷӯиҳо ғаразкоронаву яктарафа пеш гирифта мешуданд ва дар мафкураи тоҷикони Ӯзбекистон ва худи ӯзбекҳо тасаввуроти дурӯғине дар бораи худ, дар бораи ҳастии иҷтимоиву таърихии хеш ҳосил мекарданд. Чунин таблиғоти яктарафаро, ки бар зидди тоҷикон - яке аз халқҳои бародар равона шудааст, ҳатман решакан бояд кард. Таблиғот бояд хосияти объективӣ дошта, аз ҷиҳати илмӣ асоснок бошад ва манфиати ҳамаи халқҳои ин сарзаминро баробар ба эътибор гирад.

Фикри мазкур на фақат ба таблиғот, балки ба ҷамеи фаъолияти мо дар ҷараёнгоҳи муносибати байни миллатҳо тааллуқ дорад. В. И. Ленин навишта буд: «Таҷрибаи мо дар ниҳодамон чунин ақидаи қатъиеро устувор кард, ки фақат

таваҷҷӯҳи азим нисбат ба манфиати миллатҳои гуногун заминаи низоъҳоро нест намуда, нобоварии дутарафаро бартараф месозад» (Полн. собр. соч., т.45, с.240). Аҳамияти ин суханҳо дар рӯзгори мо, ки муносибати байни миллатҳо ниҳоят тезу тунд гардидааст, беш аз пеш меафзояд.

Дар кори ҷиддие монанди ташаккули мазмуни ҳақиқии худшиносии иҷтимоъиву маънавӣ ва миллӣ, софкорӣ кардани он аз дурӯғу таҳриф фақат ба қудрати воситаҳои таблиғот умед бастан нашояд. Бояд шароити зиндагӣ тағйир дода шавад. Зарур аст, ки бунёди маънавию ахлоқии воқеияти иҷтимоъӣ устуворӣ ёбад ва дар зеҳни мардумон эҳсоси шаъни инсонӣ ва ифтихори ҳақиқии миллиро ангезиш диҳад. Мо пеш аз ҳама аз инкишофи демократия ва устувории қонун, ҳамчунин аз хукмдории тавоною комилҳуқуқи президентӣ умед дорем, ки чунин шароити иҷтимоъиву сиёсие фароҳам меоварад, шароите ба вуҷуд меорад, ки ҳар халқ дар куҷо ки бошад, оромона зиндагӣ хоҳад кард ва зарурате пайдо нахоҳад шуд, ки миллати хешро пинҳон намояд.

Мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идорӣ, прокуратура, ташкилоти ҳизбӣ бояд сахтгирона назорат кунанд, ки дар ягон риштаи ҳаёти ҷамъият ҳуқуқи шаҳрвандии мардум бино ба мансубияти миллӣ заррае коҳиш наёбад, масалан, ҳангоми ба кор даромадан мансубияти миллӣ ва ё забони таълим набояд ба таври ошкор ё ниҳон мониае пеш оварад ва ғайра. Ин иқдом имрӯз махсусан барои он муҳим аст, ки мардумон на фақат дар маишату урфият, балки дар фаъолияти ҷамъиятӣ низ бояд ба якдигар комилан бовар кунанд. Ҳатман муваффақ бояд шуд, ки дар маҳалҳои тоҷикнишини Ӯзбекистон, алалхусус дар Бухоро, Самарқанд, Қашқадарё ва Сурхондарё дар муносибатҳои ҷамъиятӣ ва расмии байни тоҷикону ӯзбекҳо муҳити солими ахлоқиву психологӣ ҳукмфармо гардад. Дар зисту маишати мардуми заҳматкаш барои амалӣ гардидани ин иқдоми наҷиб заминаи мусоид мавҷуд аст, ки самараи зиндагонии якҷояи чандинасраи ду халқи бародар мебошад. Ҳама чораҳоро бояд дид, то дар ҳаёти ҷамъиятӣ низ чунин замина фароҳам оварда шавад.

Тафаккури нав ва бозсозӣ дар ноҳияҳои тоҷикнишини Ӯзбекистон бидуни бунёд ниҳодани муносибатҳои солими иҷтимоиву ахлоқии байни тоҷикону ӯзбекон номумкин аст.

Ба назари мо, бағоят муҳим аст, ки он қонуни нонавишта, ки иборат аз манъи забони тоҷикӣ мебошад, аз миён бардошта шавад, забони тоҷикӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ, дар мақомоти ҳукуматӣ, дар коргузорӣ ва мукотибаи расмии муассисоти ноҳияҳои тоҷикзабон, дар маҷлису чорабиниҳои ҷамъиятӣ, маъракаҳои додгустарӣ ва ғайра бояд ҳамаҷониба ҷорӣ гардад. На фақат дар Бухорову Самарқанд ва Сурхондарёву Қашқадарё, балки дар ноҳияҳои тоҷикнишини Тошканд, Намангон, Фарғона ва дигар вилоятҳо тибқи «Қонуни забони РСС Ӯзбекистон» забони тоҷикӣ бояд ба сифати забони асосии расмӣ шинохта шавад ва истифодаи он дар тамоми риштаҳои ҳаёти ҷамъият ҳатман чун амри зарурӣ эътироф гардад. Фақат эътирофи ҳамагонии ҷамьиятӣ ва муносибати эҳтиромкоронаи расмӣ эътибори забони модариро дар чашми соҳибони он баланд бардошта, ба инкишофи он мусоидат хоҳад кард.

То даме ки ин матлабҳо дар маҳалҳои тоҷикнишини Ӯзбекистон ҷомаи амал напӯшад, ба инкишофи пурсамари маориф ва мактабҳои тоҷикӣ, муассисаҳои фарҳангӣ, матбуоти даврӣ, радио ва телевизион ва ба дунболаи ин ҳама ба инкишофи забони тоҷикӣ умед наметавон баст.

Бубинед, ки бино ба маълумоти расмии Вазорати маорифи ҶШС Ӯзбекистон соли таҳсили 1989-I990 дар вилояти Бухоро ва баъзе вилоятҳои дигари Ӯзбекистон адади мактабҳое, ки синфи тоҷикӣ доранд, чӣ гуна буд: («Омӯзгор», 16 январи 1990):

вилояти Тошканд - 31
вилояти Фарғона - 31
вилояти Намангон - 24
вилояти Қашқадарё - 50
вилояти Бухоро - 18

Ҳарчанд ақл қабул намекунад, мусаллам аст: дар вилояти Бухоро, ки он ҷо назар ба дигар маҳалҳои тоҷикнишини Ӯзбекистон тоҷик зиёдтар аст, синфҳои тоҷикӣ аз ҳама кам аст.

Ба назари мо, яке аз вазифаҳои ҳукумати президентӣ ин аст, ки дар ҳама маҳалҳои тоҷикнишини Ӯзбекистон мониаҳои сершумори қаллобонаро аз миён бардорад, то ин ки мактабҳои тоҷикӣ бемалол кушода шаванд; забони тоҷикӣ дар ҳама ҷабҳаҳои ҳаёти ҷамъият бемамониат амал намояд.

Соли таълими 1989-1990 дар донишкадаи омӯзгории Бухоро якумин бор дар таърихи он; ду гурӯҳи тоҷикӣ кушода шуд, ки воқиан як падидаи таърихист. Вале чаро фақат ду гурӯҳ дар ду факултет? Агар мо хоста бошем, ки дар маҳалҳои тоҷикнишини Ӯзбекистон маорифи тоҷик густариш ёбад, бояд дар ҳама факултетҳои мактабҳои олии Самарқанд, Бухоро, Қаршӣ, Тирмиз ва ҳатто Тошканд миқдоре гурӯҳҳои тоҷикӣ мавҷуд бошанд (мисли гурӯҳҳои сершумори ӯзбекии донишкадаҳои Душанбе, Хуҷанд ва Қӯрғонтеппаи Тоҷикистон).

Зиндагӣ боисрор тақозо мекунад, ки ҳарчӣ зудтар техникумҳо ва омӯзишгоҳҳои ҳунарии тоҷикизабон таъсис ёбанд. Ин ҳам тақозои зиндагист, ки дар ҳама ноҳияҳои тоҷикнишини Ӯзбекистон кӯдакистонҳои мустақили тоҷикӣ ва дигар муассисаҳои томактабӣ таъсис ёбанд, дар ҳама ҷо чунин шароит ба вуҷуд оварда шавад, ки кӯдакон ҳарчӣ барвақттар аз доираи танги забономӯзии хонагӣ баромада, зудтар ба ганҷинаҳои забони адабӣ даст ёбанд, яъне чунин хурдаиқлими махсусе фароҳам бошад, ки забони адабӣ аз кӯдакӣ баробари шири модар ба сиришти инсон роҳ ёбад. Агар чунин шароит фароҳам нашавад, Бухорову Самарқанд барои тараққии забони адабии тоҷикӣ (форсӣ) ва маданияти тоҷикон чунон мақоми махсус, ки дар зарфи ҳазор сол бозида буданд, бозида наметавонанд.

Он қувваҳое, ки ошкору ниҳон ба инкишофи мактабҳои тоҷикӣ ва муассисоти томактабӣ, интишори китобҳои таълим, матбуот ва китобҳои тоҷикӣ дар маҳалҳои тоҷикнишини Ӯзбекистон, махсусан Бухоро, Самарканд ва Сурхондарё халал мерасонанд, бояд решакан шаванд. Ба ин қувваҳои коршикан, ки қисман дар Тоҷикистон низ амал мекунанд, рӯйрост ва беамон мубориза бояд бурд. Вагарна муқовамати онҳоро шикастан имконпазир нахоҳад шуд.

Инак, яке аз зуҳуроти амали ин қувваҳо: Соли таълими 1989-1990 бо мақсади мадад расонидан ба тарбияи мутахассисоне, ки дар мактабҳои тоҷикӣ ва муассисаҳои томактабии навтаъсиси Ӯзбекистон кор хоҳанд кард, дар мактабҳои олии Тоҷикистон 325 ҷой ҷудо карда буданд. Инчунин чораҷӯӣ бори нахуст ба вуқӯъ пайваст. Вале чӣ гуна иҷро гардид? Барои он ки иқдоми мазкур амалӣ нашавад, ҳар чӣ аз дасташон меомад, карданд. ***Аввал*** *ин ки* дар Ӯзбекистон мавҷудияти чойҳои мазкурро зълон накарданд ва барои ишғоли онҳо озмун баргузор нашуд. ***Дигар*** *ин ки* ба Душанбе он довталабоне фиристода шуданд, ки дар донишкадаҳои Самарқанд, Бухоро, Қаршӣ ва Тирмиз аз имтиҳони қабул баҳои паст гирифта буданд. **Савум**, ба Душанбе бачаҳое омаданд, ки миллаташон ӯзбек буда, забони тоҷикиро намедонанд. Комиссияи маҳфили «Рӯ ба рӯ» аз ин дидгоҳ донишкадаи давлатии омӯзгории Душанберо тафтиш намуд. Маълум шуд, ки ба факултети химияву биология, ки бояд 19 нафарро қабул мекард, як нафар дохил шудааст, ки он ҳам ӯзбек аст, ба факултети математика, ки 39 нафарро бояд қабул мекарданд, 14 кас дохил шудааст, ки 9 нафараш ӯзбек мебошад; ба факултети забонҳои хориҷӣ аз руйи нақша 14 нафар қабул гардиданд, ки дар байнашон фақат як тоҷик ҳасту бас ва ҳоказо.

Чунин «иҷрои нақша» бо маҳви он нақшаҳо, ки аз ҷониби муассисаҳои маорифи халқи Ӯзбекистон ба зуҳур омад, баробар аст. Инро инчунин назарфиребӣ донистан лозим аст. Вале то ҷое, ки ба мо маълум аст, ҳеч касе аз масъулон барои ин амали носавоб ҷазое нагирифт.

Мо бовар дорем, ки бо коршиканон мубориза бояд бурд. Вале бо онҳое, ки дар Ӯзбекистон ҳалли масъалаи тоҷиконро рӯйрост сарфи назар мекунанд, касе мубориза намебарад. Ҳеч кас касеро ба чунин мубориза ӯҳдадор ҳам накардааст. Баръакс, қаллобӣ ва назарфиребӣ дар Ӯзбекистон як ҷузъи сиёсати нисбат ба тоҷикон аст.

Аммо ҳар амале, ки ба ӯзбеконидан равона шуда бошад, ҳарҷониба дастгирӣ мебинад. Ҳатто муллоҳои Бухоро, Самарқанд ва дигар ноҳияҳои тоҷикнишин ӯзбеканд. Дар масҷидҳо хутбаю ваъз ба забони ӯзбекӣ хонда мешавад.

Яъне, ҳатто идораҳои диниро маҷбур намудаанд, ки ба ӯзбеконӣ шарик бошанд.

Мо комилан ҷонибдори ҷамъияти тоҷикони Бухоро «Офтоби суғдиён» ҳастем, ки талаб мекунад, ки дар Бухоро ва дар ҳамаи маҳалҳои тоҷикнишини Ӯзбекистон хутбаю ваъз ба забони тоҷикӣ хонда шуда, дар донишкадаҳои динӣ (сар карда аз мадрасаи Мири Араб) гурӯҳҳои тоҷикӣ кушода шавад.

Маълум аст, ки дар асри VII, ки арабҳо Осиёи Миёнаро забт карданд, маҷбур шуданд иҷозат бидиҳанд, ки суғдиён намозро на ба арабӣ, балки ба тоҷикӣ ба ҷо оваранд. Вале бубинед, ки дар асри XX муваффақ шуданд, ки дар намоз набошад ҳам дар хутбаю ваъз забони тоҷикиро ба ӯзбекӣ иваз кунанд. Чунин аст қудрати сиёсате, ки зӯран дар ҳама ҷо ба амал ҷорӣ мегардад, махсусан тамоюли азаматҷӯйии миллатгароёнаи он ки ҳамаро, ҳатто динро, ки аз давлат ҷудост, таҳти нуфузи худ гирифт.

Форсӣ-тоҷикӣ пас аз забони арабӣ дар ҷаҳони ислом дувумин забони мазҳабист. Бухоро пас аз Маккаву Мадина севумин маркази мазҳабии аҳли ислом буд. Аз ин рӯ созмонҳои ӯзбеклаштурув (ӯзбеконидан) маҳз Бухорову Самарқандро бештар, зери нуфузи забони ӯзбекӣ, матбуоту нашриёт ва таблиғоти мазҳабии ӯзбекӣ, муллову нимчамуллоҳои ӯзбек гирифаанд то ки миёни мусулмонони қаламравҳои турки шӯравӣ бештар нуфуз ба даст биёваранд. Пешвоёни сиёсати ӯзбеконидан ресмонро хеле дароз партофтаанд.

Ин ҳодиса боз як бори дигар аз хавфи азими сиёсати бамуддао ва ҳарҷонибаи ӯзбеконидани тоҷикони Ӯзбекистон гувоҳӣ медиҳад.

**-8-**

Мо бо қатъияти тамом бояд ба ин хулоса розӣ шавем: «Ҳозир дар Самарқанду Бухоро дар мавриди таъмини эҳтиёҷоти забонӣ ва иҷтимоъиву мадании тоҷикон … вазъи фоҷиаомезе (катастрофическая ситуация) рӯй додааст: дар забон ва масъалаҳои иҷтимоъиву маданӣ аз баробарҳуқуқӣ

маҳрум мондани тоҷикони ин шаҳрҳо тунду тез эҳсос мешавад».[1] Инҳо гуфтаи номзади илми таърих Р. Раҳимов, ки чандин сол боз дар ҳайати экспедитсияи илмии шӯъбаи ленинградии Институти этнографияи АИ СССР вазъи тоҷикони Самарқанду Бухороро меомӯзад ва аз ин рӯ ба хулосаи ӯ бовар кардани мо лозим аст.

Аммо доираҳои маъмуриву сиёсӣ моро бовар бахшидан мехоҳад, ки ҳеч гоҳ сиёсати ӯзбеклаштурув вуҷуд надошт, фақат баъзе саҳву хатоҳо рӯй дода буданд, ки имрӯз ба зудӣ ислоҳ хоҳанд шуд: Чунончи, **Раиси Шӯрои Миллатҳои Шӯрои Олии СССР Р. Н. Нишонов** дар вақташ чун **котиби якуми КМ ПК Ӯзбекистон** гуфта буд: «*Баъди тақсими ҳудуди миллӣ, ки пас аз инқилоби Октабр ба вуқӯъ пайваст, бо гуноҳи амалдорони миллати ӯзбек баъзе тоҷиконе, ки дар Ӯзбекистон зиндагӣ мекарданд, дар паспорташон ӯзбек навишта шуд. Баъзе мактабҳои тоҷикӣ баста шуданд. Гуфтан мумкин аст, ки ба андозаи муайян ҳуқуқи тоҷикон маҳдуд мешуд*» («Комсомольская правда», I июли 1983).

Чунонки мебинем, гуё ҳеч воқиае рӯй надодааст. Фақат баъзе ноҳамвориҳое мавҷуд аст, ки ислоҳашон ҳеч душворие надорад. Чунин хотирҷамъӣ, чунин шарҳи масъалаи мазкур аз ҷониби арбобони сиёсиву ҷамъиятӣ, намояндагони машҳури илм ва адабиёту санъат фақат он чизро собит менамояд, ки хоҳиши самимии ислоҳи вазъият вуҷуд надорад. Ин иқдом дар воқеъ инкори мавҷудияти масъалаи ҷиддиву мураккаб аст.

То даме ки дар солҳои бист ва даҳаҳои баъд вазъияти фоҷиаангези тоҷикон, ҷиддияти ҳозираи масъалаи тоҷикони Ӯзбекистон эътироф нашавад, ба беҳбудие умед бастан намебояд. Фақат эътирофи ҷиддияти масъала, эътирофи ошкорои он дар мақомоти олӣ метавонад дар роҳи ҳалли он ба ҷустуҷӯҳои пурсамар оғоз ниҳад,

**Файзуллоҳ Хоҷаев** - яке аз сарварони маъракаи тақсими ҳудуди миллии Осиёи Миёна дафъатан баъди итмоми

---

[1] *Р. Раҳимов*. К вопросу об узбекско-таджикских межязыковых отношениях//Краткое содерж. докладов среднеазиатокавказских чтений. Апрел 1988.- Л., 199.- С. 13

маъракаи мазкур, аниқтаращ 4 марти соли 1925 маҷбур шуд эътироф кунад, ки «*масъалаи тоҷикон дар Ӯзбекистон яке аз масъалаҳои асосии сиёсӣ буда, таваҷҷӯҳи ҷиддии кулли партияро талаб мекунад*» (АП ҶШС Ӯзб. захираи 58, номгӯи I, парвандаи 64, вар. 5) Дар боло дида будем, ки **Зелинский** низ чунин заруратро, ки масъалаи тақсими худуди миллии Осиёи Миёна бояд дар оянда дубора баррасӣ шавад, таъкид карда буд.

Ҷиддияту шиддати ин масъала, ки ҳамон вақт аз ҷониби гунаҳкорони асосии он ҳама беадолатиҳо эътироф гардида буд, имрӯзҳо бамаротиб афзудааст ва аз эҳтимол дур нест, ки оқибатҳои ғайричашмдоште аз пай орад.

Беш аз пеш маълум шуда истодааст, ки мувофиқи ҷиддияти вазъият қадамҳои қатъӣ гузоштан зарур аст.

Дар вилоятҳои Тошканд, Намангон, Фарғона ва Сурхондарё барпо кардани ноҳияҳои миллии тоҷикӣ ба вилоятҳои худмухтор табдил додани Бухоро, Самарқанд, Қашқадарё ва Сурхондарё, таъсиси шӯроҳои деҳот ва ноҳияҳои миллии ӯзбекӣ дар он маҳалҳои вилоятҳои мазкур, ки ӯзбекон сарҷамъ зиндагӣ мекунанд ва ғайра метавонад дар ин ҷода яке аз қадамҳои нахустин бошад.

Гузашта аз ин, чор вилояте, ки дар охир зикр гардид, ҳамчунин ноҳияҳои тоҷикнишини онҳо бояд воҳиди яклухти маъмуриро ташкил карда, соҳиби мухторияти ягона бошанд, ки ин албатта ба мавҷудияти тақсимоти муайяни дохилии маъмуриву марзӣ халал нахоҳад расонд. Ин гап чунин маънӣ дорад, ки ба тоҷиконе, ки дар бисёр ноҳияҳои вилоятҳои мазкур сарҷамъу яклухт зиндагӣ мекунанд, ҳуқуқи комили худтаъйинӣ дода шавад, то ки онҳо сарнавишташонро худашон муайян карда тавонанд, на фақат масъалаҳои муҳими фарҳангӣ, аз қабили кушодани мактабҳои тоҷикӣ, донишкадаҳо, институтҳои илмиву тадқиқӣ, таъини таносуби саҳифаҳои тоҷикӣ, ӯзбекӣ ва русии рӯзномаҳо, нашри маҷаллаҳо, китобҳои таълим ва ғайра, балки масъалаҳои инкишофи иҷтимоъиву иқтисодӣ, масъалаҳои муҳити зист, экологияву демография ва монанди инҳоро низ худашон ҳаллу фасл кунанд.

Ба ақидаи ман, Президенти мамлакат бо назардошти ҷиддияти масъала барои пешгирии мудохила ва фишори беруна назорати қатъии қаламрави худмухтори тоҷикон – Самарқанд, Бухоро, Қашқадарё ва Сурхондарёро бояд ба ихтиёри худ бигард. Ҳукмдории комилҳуқуқи Президент, ба назари ман, бояд на фақат дар ҷорӣ кардани вазъияти фавқулъода, балки дар пешгирии он дар пешбинии ҳама чораҳо, гоҳо чораҳои таъҷиливу фавқулодае зоҳир гардад, то ин ки минтақаҳои миллӣ барои инкишофи осоишта ва пурсамар имкон дошта бошанд.

Муносибати байни миллатҳо essential онҷунон масъалаи мураккаб аст, ки дар ҳалли он Марказ сари вақт ва бо камоли кордонӣ бояд иштирок кунад, ҳангоми зарурат ҳукмдории президентӣ низ фаъолияти махсус нишон диҳад. Вагарна Марказ муқтадир нахоҳад буд, ҳукмдории Президентӣ низ ба ихтиёроту салоҳияти олии башарпарварӣ, ки ба нигаҳдошти оромии мамлакат равон шудааст, доро нахоҳад гардид.

Мо инчунин пешниҳодоти мардумшиносони Ленинград, аз ҷумла таклифҳои мушаххаси Р. Раҳимовро тарафдорӣ мекунем. Яке аз таклифҳои амалии донишманди мазкур ин аст: «Салоҳ, медонем, ки дар назди Шӯрои вазирони ҶШС Ӯзбекистон Намояндагии Шӯрои вазирони ҶШС Тоҷикистон мавҷуд ва дар Самарқанду Бухоро шӯъбаҳо дошта бошад. Ин намояндагӣ ва шӯъбаҳои он дар маҳалҳо намояндаву маъмуроне, чунончи, барои масъалаи кадрҳо, масъалаи маданият, иттилоот, маориф ва ғайра метавонанд дошта бошанд».[1]

Иҷрои чунин пешниҳод низ як навъи таъмини аҳолии тоҷики Ӯзбекистон ба пуштибонии расмии давлатӣ ва ҷамъиятӣ хоҳад буд, ки зиёда зарур аст.

Бо кадом роҳҳо ки бошад, мардумро аз заволи маънавият ва фасоди ахлоқу руҳоният наҷот бояд дод, аз гирдоби зиндагие, ки ба сӯйи ботлоқи дурӯягиву

---

[1] *Р. Раҳимов*. Проблемы межнациональных отношений в Узбекистане//Актуальные проблемы межнациональных отношений в СССР.—Л., 1989.-- С. 31.

бемаънавиятӣ ва таҳқиру хорӣ мекашад, берун бояд овард. Ба ин маънӣ, ба такрор гӯшгузор меоварем, ки масъалаи миллӣ на масъалаи иқтисодиву моддӣ, балки масъалаи амиқи маънавист, ки асосҳои ахлоқии ҳаёти одамизод ва таҳкурсии сиёсиву ахлоқии ҷомиаро куллан фаро мегирад. Ҳалли қатъии ин масъала чунин иқдомоти ҷасуронаи сиёсиро тақозо дорад, ки дар роҳи иҷрои муҳимтарин вазифаи даврони мо - таъмини сиҳҳати маънавию ахлоқии ҷомиа саҳми муҳимме хоҳад буд.

1988-1990

# АББОС АЛИЕВ

## -1-

***Аббос Алиев (Аббоси Ализода,*** 1899-1958) аз фарзандони арҷманди Бухорои Шариф буд. Асли ӯ аз эрониёни Бухоро будааст. Набераи хоҳари Аббос Алиев Зулфия Раҳимова, ки дар Душанбе, дар Китобхонаи миллии ба номи Фирдавсӣ кор мекард ва ҳанӯз дар Душанбе аст, ба мо гуфт, ки аҷдоди Аббос Алиев аз Ҳамадон будаанд.

Солҳое, ки каминаи нигоранда донишҷӯй будам (солҳои 1941-1945) ва профессор Аббос Алиев ба мо дарс медод, гумон доштем, ки ӯ аз эрониёни Марв аст. Имрӯз намедонам, ки ин пиндор аз куҷо пайдо шуда буд. Шояд ба он сабаб пайдо шуда бошад, ки бештари эрониёни Бухоро аз Марв буданд. Амир Шоҳмуроди манғит (ҷулусаш 1199 қ., яъне 1784 м.) чанд бор ба Хуросон, аз ҷумла ба Машҳад ва Марв ҳамла бурда, боре «банди султониро хароб карда, (ки об шаҳрро шуста бурд- М.Ш.) Марвро ба як сурати абадӣ ба харобӣ андохт, мардумеро, ки дар он сарзамин сукно доштанд, ба Мовароуннаҳр кӯчонида, ба атрофи Бухоро ва Самарқанд манзил дод».[1] Ин эрониёни хуросонӣ худро *тод* меномиданд. Тодҳо ҳама мардуми ҳунарманд буда, дар ҳаёти фарҳангӣ ва иҷтимоъиву сиёсии Мовароуннаҳр ҷойгоҳе босазо ёфтанд. Ҳунари «маврихонӣ», ки аз ҷолибтарин бахшҳои санъати мусиқии тоҷикист, ба Бухоро бо ҳамин тодҳо омада, бо фолклори тоҷик омехта, жанри наве ба вуҷуд овард ва имрӯз ҳам шӯҳрат дорад.

Имрӯз маълум шуд, ки Аббос Алиев аз дигар шохаи эрониёни Бухоро, аз ҳамадониён будааст.

Эрониёни Бухоро дар гуфтору рафтор ба тамом бухорой шуда буданд ва дар гуфтори Аббос Алиев низ аз лаҳҷаи эронӣ нишонае боқӣ намонда буд, ба тамом тоҷикӣ гап мезад.

Аббос Алиев хушгапу суханвар буда, дар зебосуханӣ ва бурро ва пуртаъсир гап задан касеро монанди ӯ надидаам.

---

[1] *С. Айнӣ.* Куллиёт, ч. 10 (Таърихи амирони манғитияи Бухоро), саҳ. 17.

Шунидаам, ки Абдулқодир Муҳиддинов бисёр буррову зебо ва дилнишин сӯҳбат мекард. Аз шахсиятҳои намоёни даврони инқилоб Абдурраруфи Фитрат суханвари забардаст буда, сухани зебо, муассир ва боварбахши ӯ дар Бухоро, Самарқанд ва Тошканд шӯҳрат доштааст. Файзуллоҳ Хоҷа-пешвои инқилоби Бухоро низ санъати суханварӣ дошт. Замони талошҳои сахти таърихӣ суханварони шӯълаварро ба майдон меоварад. Дар даврони дигаргуниҳои калони инқилобӣ аз миёни мардуми тоҷик низ чанд нафар суханвар пайдо шуд. Ин каминаи нигоранда аз онҳо танҳо якеро-фақат Аббос Алиевро дидаам ва аз гуфтори шевои ӯ, чи дар шароити расмӣ ва чи ғайрирасмӣ бисёр ҳаловат бурдаам.

Мо донишҷӯён ӯро, ки устоди мо буд, муҷассамаи зебоӣ мегуфтем. Дар ҳастии ӯ ҳусни зоҳириву ботинӣ ба ҳам омада буд. Бо хушсӯҳбативу базлагӯйии ширин, хушқомативу ҷомазебӣ моро мафтун карда буд. Аспрӯй, сафедпӯст, мешчашм, фарохпешонӣ ва сермӯй буд. Миёнақад, чусту чолок, ҳама ҳаракатҳояш табиъӣ ва ба худаш зебанда буданд.

Аббос Алиев худ ва табори эрониасли худро дар санадҳои расмӣ тоҷик номидааст. Дар гувоҳиномае, ки дар Бойгонии давлатии Тоҷикистон, дар парвандаи Аббос Алиев ҳаст (Справка о научно-педагогической работе профессора А. А. Алиева), гуфта шудааст: «Аббос Алиевич Алиев дар хонаводаи тоҷики коргар дар шаҳри Бухоро ба дунё омадааст».

Чун бо инқилоб пантуркистҳо ба сари кор омаданд ва тоҷиконро ӯзбек навиштан гирифтанд, ба бархе аз эрониёни Бухоро муяссар гардид, ки худро эронӣ ё форс бинависанд ва бархе худро тоҷик навиштанд. Яке аз онҳое, ки аз аввали инқилоб худро тоҷик навиштанд, Аббос Алиев буд. Ҳамчунонки аз пажӯҳишҳои илмӣ бармеояд, аз як санади 20 октябри соли 1920 маълум мегардад, ки аз рӯзҳои аввали инқилоб «дар Ҷумҳурияти Халқии Шӯроии Бухоро танҳо се нафар аз кормандони масъул тоҷик буданд – ду тан дар Трибунали ҳарбии инқилобӣ ва як тан (Аббос Алиев) дар Нозироти маориф».[1] Яъне аз нахустин рӯзҳои инқилоби

[1] *Р. Масов.* История топорного разделения.-Душанбе, 1992.-С. 23

Бухоро (ки 2 сентабри 1920 пирӯзӣ ёфт) ба Аббос Алиеви ҷавон он саодат даст дод, ки худро аз зӯроварии турксозӣ, ки сарварони инқилоб дар ҳаққи тоҷикон раво диданд, ҳифз намояд. Ва ҳол он ки бисёре аз онҳое, ки дар инқилоб ширкат кардаанд ва дар синну сол аз Аббос Алиев калонтар буда, дар зиндагии иҷтимоъӣ бештар таҷриба доштанд, фиреби таблиғоти пантуркистиро хӯрда, худро ӯзбек пиндоштанд, ӯзбек навиштанд, баъзеи онҳо пас аз ду-се сол ин хатои худро фаҳмиданд ва ислоҳ намуданд. Аммо Аббос Алиев тавонист, ки аз ҷавонӣ ба ин роҳи хато пой нагузорад.

Аз гувоҳиномаи боло падидор аст, ки падари Аббос Алиев коргар будааст. Аммо чӣ коргаре буд ва дар куҷо кор мекард, - маълум нест. Дар гувоҳинома гуфтаанд: «Амири Бухоро дар соли 1916 падари ӯро барои корҳои инқилобӣ дар Бухоро ба қатл расонид». Боз ҳам маълум нест, ки кадом корҳои инқилобӣ боиси таъқиб ва кушта шудани падари Аббос Алиев гардидааст. Аз номи хонаводагии Аббос Алиев метавон пай бурд, ки номи падараш Алӣ буд. Аз ҷумлаи боло ин ҳам маълум аст, ки Аббос Алиев фарзанди як муборизи зидди ситами иҷтимоъӣ, фарзанди як инқилобҷӯе буда, сипас худ ин пархоши падарро давом дод.

Аббос Алиев дар хурдсолӣ аз падару модар маҳрум монда, ба шаҳри Чорҷӯй шояд ба назди хешовандонаш рафта, солҳои наврасиаш дар он ҷо гузашт.[1]

Дар гувоҳиномаи ёдшуда гуфтаанд, ки Аббос Алиев дар Чорҷӯй «дар хонаводаи болшевики рус Хрони парвариш ёфт ва ба ҷунбиши озодихоҳии инқилобии Бухоро ҳамроҳ шуд» (воспитивался в семье русского большевика Хрони и приобщился к революционно-освободительному движению в Бухаре).

Чорҷӯй яке аз калонтарин вилоятҳои аморати Бухоро буд. Дар ин шаҳр ва атрофи он тоҷикон бисёр буданд ва шояд ҳоло ҳам бошанд.

Чорҷӯй дар лаби дарёи Омӯ воқеъ шуда, бандари калон ва истгоҳи роҳи оҳан дошт. Аз ин рӯ он ҷо русҳо бисёр

---

[1] *Шӯҳрат Саъдиев.* Аввалин нозири маорифи Тоҷикистон//Адаб, 2004, № 6, с. 67.

буданд ва дар паҳлуи он як шаҳри нави русӣ низ сохта буданд (ҳангоми марзбандии миллии соли 1924 Чорҷӯй ба Туркманистон гузашт ва соли 1991, ки Туркманистон ба истиқлоли давлатӣ расид, Чорҷӯйро Туркманобод ном карданд). Шӯҳрат Саъдиев дар асоси он чӣ аз Бойгонии давлатии Тоҷикистон ба даст овардааст, мегӯяд, ки Аббос Алиев дар Чорҷӯй бо русҳо «чун коргар ба фаолияти меҳнатӣ шурӯъ намудааст» ва «ҳамроҳи болшавикони рус ба муборизаи озодихоҳии зидди амирӣ ҳамроҳ шудааст»

Дар Донишномаи Тоҷикистони Шӯравӣ-Энсиклопедияи советии тоҷик ва Донишномаи Ӯзбекистони шӯравӣ-Ӯзбек совет энсиклопедияси омадааст, ки Аббос Алиев аз соли 1917 узви Ҳизби коммунистӣ буд. Вале соли 1917 Ҳизби коммунистии Бухоро ҳанӯз таъсис нашуда буд. Пас шояд Аббос Алиев ҳангоми кор бо коргарони руси Чорҷӯй ба узвияти Ҳизби коммунистии болшавикии Русия қабул шуда бошад. Агар дар ҳақиқат чунин бошад, тавон гуфт, фаъолияти инқилобии Аббос Алиев соли 1917, дар 18-солагии ӯ *огоз* ёфтааст.

Тобистони соли 1918 дар Тошканд Ҳизби коммунистии Бухоро таъсис ва 25 сентабри 1918 нахустин Кумитаи марказии он интихоб гардид. Аббос Алиев аз ҳамон вақт узви Ҳизби коммунистии Бухоро буд. Ӯ солҳои 1918-1920 дар созмонҳои коммунистии Бухоро ва Когон (Бухорои Нав) кор кард.

Чунончи дар Донишномаи Тоҷикистон ва Донишномаи Ӯзбекистон омадааст, Аббос Алиев солҳои 1918-1920 сардори Кумитаи ҳизбии пинҳонкори Чорҷӯй буд. Созмони коммунистии Чорҷӯй аз калонтарин гурӯҳҳои ҳизбӣ буда, дар тайёрии инқилоби Бухоро фаъолона ширкат варзид ва Аббос Алиев яке аз бунёдгузорони Ҷумҳурияти Халқии Шӯроии Бухоро ба шумор меравад.

Ҳама инқилобкорони Бухоро, ғайр аз касоне чун Абдулвоҳиди Мунзим (1877-1934) ҷавон буданд. Чунончи соли 1920 соли пирӯзии инқилоб Файзуллоҳ Хоҷа (1896-1938) 24-сола буд ва дар ин син сарвазир – шахси якуми Ҷумҳурияти Халқии Шӯроии Бухоро шуд. Абдулқодир Муҳиддинов (1892-1934) 4 сентабри соли 1920, яъне дар 28-солагӣ Раиси Кумитаи инқилобӣ таъин шуд, ки баробари Раиси Ҷумҳурист. Аббос

Алиев аз ҳамаи онҳо ҷавонтар – яке аз ҷавонтарин инқилобкорон буд.

**-2-**

Мутаассифона, чандон маълум нест, ки Аббос Алиев пас аз инқилоб бо чӣ корҳо машғул буд ва ба чӣ мансабҳо расид. Дар ин бора ҳар ҷо ишораҳои пароканда ва норавшан мавҷуд асту бас. Чунончи дар боло дидем, ки дар нахустин моҳҳои пас аз инқилоб ӯ дар нозирот (комиссариат)-и маориф кор мекардааст. Шӯҳрат Саъдиев овардааст, ки Аббос Алиевро соли 1922 ба Маскав, ба Донишгоҳи коммунистии заҳматкашони Шарқ барои таҳсил фиристоданд, лекин пас аз як сол бозпас хонданд ва дар Бухоро вазифаҳои ҳизбӣ доданд. Дар Донишномаи мазкури Ӯзбекистон гуфтаанд, ки узви Кумитаи марказии комсомоли Бухоро буд. Банда шунидаам, ки котиби якуми комсомоли Бухоро буд. Дар ҳақиқат дар гувоҳиномаи мазкур навиштаанд, ки ӯ котиби якуми комсомоли Бухоро буд. Лекин маълум нест, ки аз кай то кай ин вазифаро иҷро кард. Ш. Саъдиев мегӯяд, ки Аббос Алиев чанд гоҳ сармуҳаррири рӯзномаи «Озод Бухоро» ва муовини нозири маорифи Бухоро буд. Нависандаи тоҷик Ҷалол Икромӣ дар саргузаштномааш, ки ба номи «Он чӣ аз сар гузашт» соли 2006 (пас аз вафоти муаллиф) чоп шуд, навиштааст, ки Аббос Алиев «пас аз инқилоби 1920 дар Комитети марказии партияи коммунистии Бухоро кор карда, ба гумонам, шӯъбаи ташвиқот ва тарғиботро идора мекард».[1]

Чунонки мебинем, ин ҷо Ҷ. Икромӣ ҳам ба тахмин сухан рондааст. Лекин тахмини ӯ ба шӯъбаи таблиғот дахл дошта, дар Кумитаи марказии ҳизб кор кардани Аббос Алиевро бидуни шакку шубҳа таъкид намудааст. Пас ин хабарро, ки Аббос Алиев дар Кумитаи марказии ҳизби коммунистии Бухоро кор кардааст, тавон пазируфт. Аммо боз маълум нест, ки кай ва чанд гоҳ он ҷо кор кард.

Ҳоло равшан он аст, ки Аббос Алиеви чобук ва боғайрат ҳар ҷо кор кунад, аз дилу ҷон ва бо рӯҳбаландӣ кор мекард. Аз

---

[1] *Ҷ. Икромӣ.* Он чӣ аз сар гузашт//Садои Шарқ, 2008.-№ 3.-С. 39.

ин сабаб ва бо назардошти хидматҳои инқилобии ӯ соли 1922 бо нишони «Ситораи заррин» («Олтин юлдуз») сарфароз гардид.

Ҷалоли Икромӣ гуфтааст: «Ҷавони базеб, далер ва боақл буд. Ҳамин қадар айб дошт, ки дар як ҷо ором кор карда наметавонист. Албатта ба яке аз калонҳо мечаспид ва танқид мекард ва бо оппозитсия бармехост».[1] Ба фаҳми банда, ин таъкиди Ҷ. Икромӣ чунин маъно дорад, ки Аббос Алиев дар ҳар маврид ва дар ҳар масъала фикри мустақил дошт ва ба андешаи хоси худ амал мекард. Ӯ табъи салим ва андешаи миллӣ дошта ва наметавонист бо роҳу равиши нораво, судҷӯйӣ ва сиёсати пантуркистии баъзе сардорони ҳукумати Ҷумҳурии Ҳалқии Шӯроии Бухоро созиш бикунад.

Банда шунида будам, ки Аббос Алиев бо Файзуллоҳ Хоҷа – шахси якуми кишвар ихтилофи назар дошт. Ҷалоли Икромӣ навиштааст, ки Аббос Алиев «бо Файзулло Хоҷаев ва дигарон даст ба гиребон буд».[2] Яъне Аббос Алиев бо Файзуллоҳ Хоҷа сахт мубориза мекард. Гоҳ мубоҳисаву мунозираи Аббос Алиев бо Файзуллоҳ Хоҷа хеле тезу тунд мешуд. Хоҳарнабераи Аббос Алиев Зулфия Раҳимова ба мо аз шунидаҳояш чунин ҳикоят кард, ки боре баҳси Аббос Алиев ва Файзуллоҳ Хоҷа чунон шиддат гирифт, ки Аббос беихтиёр тапонча аз ҷайб баровард, Файзуллоҳ Хоҷа гурехт, Аббос тапонча ба даст аз паси ӯ давид, вале худро ба даст гирифт ва тир холӣ накард.

Ба гумони қавӣ яке аз моддаҳои асосии ин ихтилофи назар, як сабаби ин талошу пархоши сахт масъалаи тоҷикон буд. Файзуллоҳ Хоҷа пешвои пантуркистҳои Бухоро буда, турксозии тоҷиконро як моддаи сиёсати ҳукумати шӯравии Бухоро қарор дода буд, аммо Аббос Алиев яке аз тоҷикгароёни фидокор буда, барои ҳимояи ҳуқуқи мардуми тоҷик, барои пешгирии маҳви маънавии тоҷикон мубориза мекард .[3]

---

[1] *Ҷ. Икромӣ.* Он чӣ аз сар гузашт//Садои Шарқ, 2008.-№ 3.-С. 39.

[2] Ҳамон ҷо.

[2] Дар бораи маҳви маънавии тоҷикон **ниг.**: *М. Шакурии Бухороӣ.* Фитнаи инқилоб// Озодагон, 2008,- №39-46.

Ин талоши Аббос Алиев боре чунон тезу тунд шуд, ки ӯ бо ҳаммаслакони тоҷикгарояш халқи Бухороро ба по хезонида ба кӯчаҳо баровард. Ин рӯйдодро Ҷалоли Икромӣ худ дида буд ва чунин ҳикоят кардааст:

«Дар хотир дорам, ки боре бо рафиқонаш дар Бухоро шӯриш барин ҳодисаеро барпо кард. Ҳамаи мактабҳо ва одамони гузарҳоро ба по хезонда ба кӯча намоиш ташкил дод. Мақсад ҳамин буд, ки мактабҳои Бухороро тоҷикӣ кунанд! Дар ҳақиқат пас аз намоиш тақрибан ҳамаи мактабҳои Бухоро ба забони тоҷикӣ баргардонида шуданд».[1]

Аз ин ҳикоят ба чанд нукта диққат ҷалб кардан мехоҳем.

***Якум*** ин ки он намоиш на як рухнамуди андак, балки як воқиаи калон будааст, зеро чунончи Ҷ. Икромӣ мегӯяд, Аббос Алиев «бо рафиқонаш» «ҳамаи мактабҳо ва одамони гузарҳо»-ро, яъне қариб тамоми халқи шаҳрро ба по хезонида буд. Аз ин рӯ бояд гуфт, ки он намоиш ба як шӯриши умумӣ табдил ёфт. Аз ин мебарояд, ки дар Бухоро ба муқобили сиёсати пантуркистии ҳукумати инқилобӣ шӯриш барпо шуда буд, ки намунае аз талошҳои фарзандони баруманди миллат дар роҳи ҳифзи ҳувияти миллӣ, дар роҳи ҳифзи забон ва фарҳанги миллист. Ин намоишу шӯриш ҳанӯз дар таърихи тоҷикони садаи бист (замони шӯравӣ) қайд нашудааст.

***Дувум*** ин ки Аббос Алиев дар ин мубориза и қаҳрамононаи зидди пантуркизм танҳо набуд, балки «бо рафиқонаш» амал мекард ва он ҳаммаслакони тоҷикгаройи ӯ, он зиёъиёни талошгари тоҷик чунон зиёд буданд, ки тавонистанд қариб тамоми шаҳрро ба шӯр биёваранд. Яъне он даъво, ки гӯё зиёъиёни тоҷик дар Бухоро пеш аз инқилоб ба туркони манғитӣ ва пас аз инқилоб ба пантуркистҳо фурӯхта шуда буданд ва нисбат ба ин «худфурӯхтагон» калимаҳои «предательство», «трусость», «лживость», «беспринципность»-ро бояд ба кор андохт--ин «назария»-и «худфурӯхтагии зиёъиёни Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд» як пиндори ботил аст.

[1] *Ҷ. Икромӣ.* Он чӣ аз сар гузашт//Садои Шарқ, 2008.-№ 3.--С.39-40.

Мо ин матлабро пеш аз ин чанд бор гӯшгузор оварда будем[1] ва лозим донистем, ки ин ҷо ҳам аз гӯшрас худдорӣ накунем.

***Севум.*** Аз ин ёдмондаи Икромӣ маълум мешавад, ки Аббос Алиев муборизи шӯълавари зидди пантуркизм буда, дар роҳи ҳақ ба нотарсӣ ва ҷонсупорӣ талош кардааст, қобилияте доштааст, ки ҷавонони ҳамиятмандро гирди худ ҷамъ биёварад ва ба мубориза сафарбар бикунад, бо санъати суханварӣ мардумони зиёдеро ба муборизаи миллии озодихоҳӣ бихезонад.

Аз ин рӯ, банда соли 2008 хидмати Ҷаноби Олӣ Эмомалии Раҳмон – Раиси Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод кардам, ки номи Аббос Алиев дар қатори онҳое, ки унвони олии «Қаҳрамони Тоҷикистон»-ро доранд, сабт шавад.

Дар ёддоштномаи Ҷалоли Икромӣ, мутаасифона, гуфта нашудааст, ки он намоиш ва шӯриши Аббос Алиев кай рӯй дода буд. Аз рафти сухани Икромӣ ҳам ба тахмин замони вуқӯъи воқиаро дарёфтан имкон надорад. Банда дар рисолаи «Фитнаи инқилоб» фикри худро чунин баён карда будам, ки ин намоиш бояд соли 1922 ё 1923 рӯй дода бошад.[1] Дар овони ҷавонӣ аз хешовандон ва ҳамшаҳриҳо як-ду бор ба гӯшам расида буд, ки соли 1922 ё 1923 дар Бухоро ғалаёне сар зада, мардум бар асари сиёсати пантуркистӣ ва зидди тоҷикии ҳукумати инқилобии Файзуллоҳ Хоҷа ба шӯр омадаанд ва бетартибиҳо кардаанд. Агар хато накунам, Ҷалоли Икромӣ ҳамин рухдодро ба назар дорад. Имрӯз банда ба ин андешаам, ки дар Бухоро – он намоиши зидди пантуркизм, ки Аббос Алиев сардорӣ кард, ба гумони қавӣ соли 1922 рӯй дода буд.

Шояд ин воқеа дар нимаи аввали соли 1922 рӯй дода, дар нимаи дувуми сол, моҳи август-сентабр Аббос Алиевро ба Маскав, ба Донишгоҳи коммунистии заҳматкашони Шарқ фиристоданд, яъне аз Бухоро дуртар ронданд, табъид карданд. Агар ин тахмини мо дуруст бошад, тавон гуфт, ба Маскав, ба таҳсил фиристода шудани Аббос Алиев як навъ ҷазо барои ташкили шӯриши зидди пантуркизм буд.

---

[1] **Ниг**.: *М. Шакурии Бухорой*. Садри Бухоро.-Душанбе: Деваштич, 2005; Фитнаи инқилоб//Озодагон, 2008.--№39--46.

Чунончи Икромӣ мегӯяд, пас аз ин намоишу шӯриш қариб ҳамаи мактабҳои Бухоро ба забони тоҷикӣ – ба забони модарии аҳолии шаҳр гардонда шуд. Ин як пирӯзии бузург буд, ки Аббос Алиев ва намоишгарон ба даст оварданд. Вале ин пирӯзӣ дер напоид. Ҳукуматдорон дар андак муддат кам-кам боз мактабҳои Бухороро ба забони ӯзбекӣ гардонданд. Маълумоте ҳаст, ки соли 1924 – дар охирин соли мавҷудияти Ҷумҳурияти Халқии Шӯроии Бухоро як мактаби тоҷикӣ боқӣ намонда буд, ҳамаро ӯзбекӣ карда буданд.

Дар даҳаи бисту сии садаи бист дар Бухоро ва Самарқанд чанд бор бо ҷидду ҷаҳди зиёъиён мактабҳои шаҳру атроф ё як қисми он тоҷикӣ шудааст. Лекин баъдтар боз он мактабҳоро ба ӯзбекӣ гардондаанд, зиёъиёни мубориз ва ташаббускори тоҷикӣ кардани мактабро таъқиб кардаанд, ҷазо додаанд, аз шаҳр дур рондаанд ва ҳоказо. Агар таърихи мактаби тоҷикии Бухорову Самарқанди садаи бист навишта шавад, ҳама иборат аз талошу пархоши зиёъиёни маорифпарвар дар роҳи ҳифзи забони модарӣ ва ҳувияти миллӣ буда, баъзе саҳифаҳои он хунин ва ҳокӣ аз фоҷиаҳо хоҳад буд. Афсӯс, ки барои пажӯҳиш ва навиштани чунин таърихе иҷозат нахоҳанд дод.

***

Ҷалоли Икромӣ аз ҷузъиёти ҳаёти Аббос Алиев боз якеро ёдовар шудааст. Ӯ мегӯяд:

«Аз ҳамон рӯзҳо як чиз ба хотирам мондааст: Соли 1924, моҳи январ дар Бухоро кадом як дастаи артистони тотор ба гастрол омада, пйесаи «Йӯлбосар Алим» ва чанд пйесаи дигарро намоиш медоданд. Як шаб дар посоҷ, дар бинои театр ба тамошои «Йӯлбосар Алим» машғул будем, ки нохост дар айни рафтаистодани бозӣ пардаро пӯшонданду ба пеши саҳна Аббос Алиев баромад ва гиря карда хабар дод, ки «доҳии меҳнаткашони олам», «падари бузургвори мо» - Владимир Илич Ленин аз дунё чашм пӯшид! Мо ҳама маъюс ва ғамгин

шудем. Театр ва саҳнаро фаромӯш карда, аз ҷо бархостем ва хона ба хона шудем. Рӯзи дигар митинги калоне бар по шуд. Дар ин ҷо ҳам Аббос Алиев ба сухан баромад».[1]

Аз ин тасвири Икромӣ, аз ин ки Аббос Алиев ашкрезон аз даргузашти Ленин хабар дод, бармеояд, ки ӯ ба ормонҳои коммунистӣ содиқ аст, агарчи бо сиёсати пантуркистии баъзе ҳукуматдорони Бухорои шӯравӣ ва баъзе сарварони Ҳизби коммунистии Бухоро мубориза мекард ва шояд дар бархе масъалаҳои дигар ҳам бо онҳо ихтилоф дошт, ба мароми коммунистӣ ва шояд ба болшавизм низ шак наоварда буд, ба маслаки коммунистии худ устувор буд.

Аз ин ки хабари даргузашти Ленинро Аббос Алиев ба мардум расонид ва рӯзи дигар ҳам дар митинги шаҳрӣ ӯ суханронӣ кард, тавон пай бурд, ки ӯ соли 1924 дар ҳақиқат корманди шӯъбаи таблиғоти Кумитаи марказии ҳизби коммунистии Бухоро ё ки мудири ин шӯъба буд. Пас он гуфтаи Икромӣ (чунончи дар боло дидем), ки Аббос Алиев гӯё дар шӯъбаи ташвиқоту тарғиботи КМ кор мекард, аз ҳақиқат дур нест.

## -3-

Соли 1924 Ҷумҳурияти Халқии Шӯроии Бухоро барҳам хӯрд. Бухороро ба импиротурии болшавикӣ илҳоқ карданд. Бо марзбандии миллии Осиёи Миёна соли 1924 Ҷумҳурияти Шӯроии Сотсиалистии Ӯзбекистон ва дар ҳайъати он Ҷумҳурияти Мухтори Шӯроии Сотсиалистии Тоҷикистон таъсис шуд. Аз Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд, Истаравшан, Конибодом, Исфара ва ғайра мардумоне, ки касбу кори гуногун доштанд, ба шаҳри Душанбе омадан гирифтанд ва бештари онҳо мақсад доштанд, ки Тоҷикистон бисозанд. Бисёре аз тоҷикгароёни Бухоро, касоне чун Абдулқодир Муҳиддинов ва Аббос Алиев ба Тоҷикистон омаданд. Абдулқодир Муҳиддинов нахустин сарвазири Тоҷикистон–раиси Шӯрои комиссарони халқӣ ва Аббос Алиев якумин

[1] *Ҷ. Икромӣ.* Он чӣ аз сар гузашт//Садои Шарқ, 2008.-№ 3.-С.39.

вазири маорифи Тоҷикистон – комиссари халқии маориф шуд. Муовини Аббос Алиев устод Лоҳутӣ буд.

Дар зиндагиномаи мухтасари Аббос Алиев дар донишномаҳои мазкури Тоҷикистон ва Ӯзбекистон гуфта шудааст, ки ӯ солҳои 1924 –1927 вазири маориф ва дар айни замон узви Бюрои Кумитаи марказии ҳизби коммунистии Тоҷикистон будааст. Банда медонам, ки Аббос Алиев он солҳо сардори якумин ятимхона (интернат)-и Тоҷикистон дар Душанбе низ буд ва Мирзо Турсунзода чанд гоҳ дар ин сағирхона ба дасти Аббос Алиев тарбия дидааст.

Аббос Алиев ба сифати вазири маориф бо кушодани нахустин мактабҳои шӯравӣ ва бо тарбияи якумин муаллимони ин мактабҳо машғул буда, барои ба вуҷуд овардани низоми нави замонии таҳсилот дар Тоҷикистон аввалин қадамҳои ҷиддӣ гузошт. Дар Донишномаи Тоҷикистони шӯравӣ ӯро «яке аз муассисони маорифи халқ» номидаанд.

Он солҳо, ки вазири маориф буд, дар ҳама соҳаҳои ҳаёти фарҳангии Тоҷикистон, ки нав шакл мегирифт, ширкат дошт. Барои таъсиси якумин маҷаллаи Тоҷикистон «Дониш ва омӯзгор» бисёр давутоз кард ва соли 1926 сармуҳаррири он буд. Инчунин нахустин рӯзномаи Тоҷикистон «Бедории тоҷик» бо ширкати фаъолонаи ӯ таъсис ёфт.[1] Ш. Саъдиев мегӯяд: «Ӯ чун рӯзноманигори оташсухан бо мақолаҳои рӯзмарааш дар ҷумҳурӣ машҳур буд».

Дар солҳои вазирӣ муборизаи зидди пантуркизмро идома дод. Намунаи барҷастаи ин мубориза мақолаи машҳури ӯ «***Масъалаи миллӣ дар Бухоро ва атрофи он***» аст, ки соли 1928 чоп шуд. Дар ин мақола ӯ чун Абдулқодир Муҳиддинов ва дигарон кӯшидааст исбот бикунад, ки мардуми Бухоро ва атрофи он тоҷиканд ва бояд мактаби тоҷикӣ дошта бошанд. Ин мақолаи Аббос Алиев падидае аз ҳақталабии миллии мардуми тоҷик ва муборизаи миллии озодихоҳии эшон аст. Ба

---

[1] Дар ин бора **ниг**.: *П. Гулмуродзода.* Маорифпарварӣ ва низоми нави ҷаҳон.-Душанбе: Ирфон, 2006.-С. 152-158 .

наздикӣ Пайванди Гулмуродзода ин мақоларо бори дувум чоп кард.[1]

Азбаски устод Айни аз душманони сахтрави пантуркизм буд ва бо Файзуллоҳ Хоҷа ихтилоф дошт, Аббос Алиев ӯро бисёр ҳурмат мекард. Шояд аз ҳамин сабаб бошад, мақолаеро, ки дар бораи «Намунаи адабиёти тоҷик» навишт ва эродҳо дошт, нахост, ки аз номи худ чоп бикунад. Ин мақолаи Аббос Алиев аз номи Ҷалоли Икромӣ ба чоп расид.

***

Сабаби рафтани Аббос Алиев аз вазорати маорифи Тоҷикистони мухтор маълум нест. Дар ҳамон гувоҳинома (Справка о научно-педагогической работе профессора А. А. Алиева), ки дар Бойгонии давлатии Тоҷикистон дар парвандаи Аббос Алиев ҳаст, ишора шудааст, ки ба сабаби ихтилофи назар бо И. А. Зеленский – котиби Дафтари осиёимиёнагии Кумитаи Марказии Ҳизби коммунистии Иттиҳоди Шӯравӣ охири соли 1926 Аббос Алиев ба Тошканд пас хонда шуд: «В связи с его разногласием с секретарем Средазбюро ЦК Зеленским (впоследствии расстрелянным врагом народа), А. А. Алиев был отозван из Таджикистана в конце 1926 г».

Чунонки мебинем, сабаби барканории Аббос Алиев аз Вазорати маорифи Тоҷикистон ихтилофи ӯ бо И. Зеленский будааст. Маълум мешавад, ки на танҳо бо Файзуллоҳ Хоҷа ва раҳбарони ҷумҳурии Бухоро, балки бо раҳбарияти созмони коммунистии Осиёи Миёна низ ихтилоф доштааст. Ин ҷо он гуфтаи Ҷалоли Икромӣ, ки Аббос Алиев ҳамеша бо сардорон даст ба гиребон буд, боз як бор тасдиқ мешавад.

Мутаассифона, аз ҳеч сарчашмае ошкор нагардид, ки Аббос Алиев бо И. А. Зеленский чӣ ихтилоф дошт. Шояд ин ихтилоф ба табартақсими соли 1924, ки И. Зеленский яке аз сардорони он буд, алоқа дошта бошад. Маҳз дар ҳамин вақт Аббос Алиев дар бораи вазъи онрӯзаи мардуми Бухоро мақолае ба номи «Масъалаи миллӣ дар Бухоро ва атрофи он»

[1] **Ниг.**: *П. Гулмуродзода.* Забон ва худшиносии миллӣ, қ. 1.-Душанбе, 2007.-С.202-212.

навишта буд, ки соли 1928 чоп шуд. Ё мумкин аст, ки баръакс ихтилофи назар бо созмони ҳизбии Осиёи Миёна сабаби навиштани ин мақола шуда бошад. Ба ҳар ҳол аз эҳтимол дур нест, ки талошу пархоши Аббос Алиев бо падидаҳои гуногуни пантуркизм, ки боиси душмании ӯ бо Файзуллоҳ Хоҷа шуда буд, муносибати ӯро, бо И. А. Зеленский низ вайрон кард.

Аббос Алиев бо Файзуллоҳ Хоҷа ва созмонҳои ҳизбии Бухорову Ӯзбекистон асосан дар ***ду масъала*** ихтилоф дошт: ***Якум***, ба сари қудрат овардани пантуркизму панӯзбекизм дар Бухоро, ***дувум*** – таҳрифи таърихи инқилоби Бухоро дар навиштаҳои Файзуллоҳ Хоҷа. Гумони банда ин аст, ки дар соли 1926 ба хашми А. И. Зеленский дучор омадани Аббос Алиев низ ба ҳамин масъалаҳо вобастагӣ дорад.

Инҳо ҳама тахмин аст. Асли масъала аз бойгонии Дафтари Осиёи Миёна – Средазбюро маълум хоҳад шуд. Камина ҳоло ба ин бойгонӣ дастрас надорам.

Дар гувоҳиномаи мазкур таъкид шудааст, ки пас аз он ки созмони ҳизбии Осиёи Миёна Аббос Алиевро аз вазифаи вазири маорифи Тоҷикистон сабукдӯш кард, ӯ муовини вазири маорифи ҶШС Ӯзбекистон таъин гардид.

Дар як пурсишнома (личный листок по учёту кадров), ки Аббос Алиев пур кардааст ва дар Бойгонии давлатии Тоҷикистон нигаҳдорӣ мешавад, дар бораи таъинаш чун муовини вазири маорифи Ӯзбекистон ишорае нест.

Дар ин пурсишнома ба дасти худи Аббос Алиев навишта шудааст, ки солҳои 1927 то 1930 дар Институти шарқшиносии Маскав таҳсил ва кор кардааст. Яъне чунонки соли 1922 дар Бухоро Аббос Алиевро аз кор холӣ карда ба Маскав барои таҳсил фиристода буданд ва ин як навъ ҷазо барои «гуноҳе» буд, чунин ҷазое боз ба сари ӯ омад.

Дар пурсишномаи мазкур Аббос Алиев навиштааст, ки аз соли 1927 то 1936 узви Шӯрои шаҳрии Тошканд буд. Яъне шояд то тобистони соли 1927 ӯ дар Тошканд будааст ва баъд ба Маскав рафта бошад ҳам, узвияти ӯ дар Шӯрои шаҳри Тошканд ҳамчунон идома дошт.

Мо дар бораи таҳсили Аббос Алиев дар Донишкадаи шарқшиносии Маскав пойинтар сухан хоҳем ронд. Ҳоло ёдовар мешавем, ки ба гувоҳии Ҷалоли Икромӣ тобистони

соли 1928 Аббос Алиев дар Бухоро будааст Икромӣ дар ёддоштҳои мазкури худ мегӯяд:

«Ҳамон соле, ки (1928) ман аз мактаби олии Самарқанд нағз имтиҳон дода, хурсанду шод ба Бухоро баргаштам, Аббос Алиев дар Бухоро мудири илмии курси тобистонии такрории муаллимон шуда будааст. Ман, ки пештар каме шиносоӣ доштам, рафиқонам маро ба назди вай бурданд. Вай маро хуш қабул карду дарҳол муаллими адабиёти ӯзбек таъин намуд».[1]

Аз ин мебарояд, ки Аббос Алиев солҳое, ки дар Маскав, дар Донишкадаи шарқшиносӣ таҳсил дошт (солҳои 1927-1930), гоҳ-гоҳ, шояд ҳангоми таътили тобистонӣ ба Бухоро (эҳтимол ба Душанбе низ) меомад ва барои мадади маош кор мекард.

***

Аз як хабари рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» маълум мешавад, ки 4 январи соли 1929 Аббос Алиев дар Бухоро будааст. Ин хабари рӯзнома бисёр ҷолиб буда, вазъи Бухоро, идомаи муборизаи зидди пантуркизм ва чигунагии онро нишон медиҳад. Аз ин рӯ мо ин ҷо ин хабарро ба таври комил меоварем:

«4 январи соли 1929 дар Бухоро ... бо иштироки фирқагиҳои миллатҳои майда маҷлиси умумии комиссияи мазкур нишасте кард... Зиёдтар аз 100 нафар ҷамъ шуда буд. Аз байни онҳо 14 нафар сухан кард. Ҳамаи онҳое, ки сухан карданд..., дар сухани худашон исбот мекарданд, ки аҳолии Бухоро аслан тоҷиканд, аксариятро дар ин ҷо тоҷикон ташкил мекунанд, тоҷиконро дар ин ҷо ба қатори миллатҳои майда даровардан дуруст нест ва ҳоказо...

Дар бораи таълиму тарбияи кӯдакони хурдсол бисёре аз нотиқон дар сухани худашон изҳор намуданд, ки бачагони Бухоро тоҷикзабон, вале дар мактабҳои ибтидоии шаҳрӣ

---

[1] *Ҷ. Икромӣ.* Он чӣ аз сар гузашт//Садои Шарқ, 2008.-№ 3.-С. 38.

онҳоро маҷбур мекунанд, ки ба забони ӯзбекӣ бихонанд. Чун онҳо забони ӯзбекиро намефаҳманд, корҳои таълиму тарбия бисёр сахт ва балки пешрав нест. Як қисм аз наттоқҳо дар бораи матбуот ва нашрияи миллатҳои майда сухан карда гуфтанд, ки мо аз идораи рӯзномаи «Озод Бухоро» талаб кардем, ки барои бурдани корҳои фирқавиро дар байни миллатҳои майда як саҳифаи рӯзномаи мазкур ба забони тоҷикӣ нашр бишавад. Ин талаби моро Окружкоми фирқа ҳам қабул намуда буд. Бинобар он, мо мақолаҳое чанд ба забони тоҷикӣ навишта, ба идораи «Озод Бухоро» бурдем, ки ба рӯзнома дарҷ бикунанд. Вале аз он ҷо ба мо ҷавоб доданд, ки шрифти тоҷикӣ нест ва ҳол он ки рӯзнома бо шрифти алифбои арабӣ чоп мешуд, ки вай барои забони тоҷикӣ ва ӯзбекӣ як аст... Гуфтанд, ки дар атрофи Бухоро 11 Шӯрои тоҷикзабон ҳаст. Аввалан, ин шӯроҳо тамоман ба забони ӯзбекӣ кор мекунанд, сониян, дар ҳар ҷо ки шӯрои тоҷикӣ аст, халқи маҳалли он ҷо худашонро тоҷик мегӯянд, гӯё дар ин мобайн вайронкорӣ ҳаст...

*Рафиқ Аббос Алиев дар сухани худаш баъзе аз санадҳои таърихро ёдоварӣ карда, ба таври хулоса ва асоснок нишон дод, ки халқи аслии Бухоро тоҷиконанд, тоҷиконро дар ин ҷо аз миллати майда ҳисоб кардан аз инсоф нест, чигуна ки дар аввал буданд, ҳамин тавр ҳам ҳоло ва дар оянда онҳо тоҷик мебошанд».*[1]

Чунонки мебинем, дар охири даҳаи бист дар Бухоро муборизаи зидди пантуркизм идома дошт. Он солҳо дар Бухоро, Самарқанд ва дигар манотиқи Ӯзбекистон калимаи «майдамиллат» маънои таҳқиромез пайдо карда буд ва яҳудиёну тоҷиконро ба таҳқир майдамиллат мегуфтанд ва аз бисёр ҷиҳатҳо ба миллати ӯзбек, ки гӯё миллати асосӣ буд, баробарҳуқуқ намедонистанд. Ҳуқуқи тоҷикон поймол шуда буд, дар ҳаёти иҷтимоӣ, дар мактабу маориф ва матбуоту нашриёт ба тамом аз ҳуқуқ маҳрум монда буданд. Баъзе тоҷикҳо аз бадномии «майдамиллат» шармида, худро ӯзбек менависонданд. Ошкор аст, ки Аббос Алиев барои дафъи

---

[1] *Қосимов.* Бухоро тоҷик ё ӯзбак?// Тоҷикистони сурх, 1929, 12 январ. Ин мақоларо ҷаноби *Пайванди Гулмуродзода* дар ихтиёри банда гузошт, ки аз ин бобат сипоси бепоён арз мекунам.

чунин ҳолати нангин мубориза кардааст. Ӯ ҳанӯз муборизи зидди пантуркизм будааст.

Аз ин хабари рӯзнома ва дигар манбаъҳо маълум нест, ки чаро он гоҳ Аббос Алиев дар Бухоро буд ва он ҷо чӣ машғулият дошт. Шояд ин бор ҳам ҳангоми таътил ба зиёрати ватан омада буд.

**-4-**

Имомназар Келдиев ва Салоҳ Солеҳов – муаллифони зиндагиномаи Аббос Алиев дар Донишномаи Тоҷикистони Шӯравӣ гуфтаанд: Аббос Алиев «мактаби олии партиявӣ ва сиёсии «Красная профессура»-и назди КМ ВКП (б)-ро хатм кардааст».

Банда низ аз солҳои донишҷӯйӣ (1941-1945) медонистам, ки устоди мо дар Институти профессорони сурх таҳсили илм кардааст, вале намедонистам, ки он институтро кай ба поён расонид.

Шояд Салоҳ Солеҳов, ки солҳои донишҷӯйии банда низ донишҷӯй буд, аз рӯйи ҳамон пиндори донишҷӯён хабари таҳсили Аббос Алиев дар Донишкадаи профессорони сурхро ба Донишнома дарҷ карда бошад.

Пас маълум шуд, ки ин пиндор ботил аст. Чунонки болотар гузашт, аз пурсишномаи худнавиштаи Аббос Алиев маълум мешавад, ки ӯ солҳои 1927-1930 донишҷӯйи Донишкадаи шарқшиносии Маскав буд.

Ш. Саъдиев дар бораи таҳсили Аббос Алиев дар Институти шарқшиносии Маскав андак ба тафсил сухан рондааст. Ш. Саъдиев навиштааст, ки «дар ин солҳо ӯ ҳамчун донандаи забонҳои халқҳои Осиёи Миёна, арабӣ, туркӣ, урду ном бароварда, забонҳои русӣ, лотинӣ ва англисиро низ аз худ мекунад».

Ин маълумот аз ҳамон пурсишнома, ки дар боло аз он чанд иқтибос оварда будем, гирифта шудааст. Аббос Алиев дар боби 24-и пурсишнома аз забонҳое, ки медонад ва чанде аз онҳоро дар Донишкадаи шарқшиносии Маскав ёд гирифта буд, инҳоро номбар кардааст: англисӣ, лотинӣ, арабӣ, урду, туркӣ, форсӣ ва «забони халқҳои Осиёи Миёна». Ин ҷо мақсад

аз «забони халқҳои Осиёи Миёна» пеш аз ҳама ӯзбекӣ ва туркманӣ бояд дар назар бошад. Ба ин рӯйхат забони русиро низ илова кардан лозим аст. Пас Аббос Алиев нӯҳ забонро медонистааст. Алҳақ, Аббос Алиев дар забондонӣ дар даҳаи сии садаи бист дар миёни равшанфикрони тоҷик шояд ягона бошад.

Зиёда аз ин, Ш Саъдиев порае аз назарнома (изҳори назар)-и академик В. В. Струверо дар бораи Аббос Алиев дар солҳои таҳсили ӯ дар Институти шарқшиносии Маскав овардааст, ки аҷаб баҳои баланд дар бораи дониши Аббос Алиев аст. Дар мақолаи Ш. Саъдиев омадааст:

«Шарқшиноси машҳур академик В. В. Струве дар бораи ӯ менависад: «Профессор Аббос Алиевро ман аз соли 1929 мешиносам. Ӯ дар таҳқиқи илмиву тарҷумаи хатти қадимаи оромӣ (мехӣ) иштирок мекард ва аз фанни «Таърихи мамлакатҳои Шарқи қадим» дарс медод. Тадқиқотчии боистеъдоди тоҷик барои хидматҳояш дар тарҷумаи хатти қадимаи мехӣ ду маротиба аз ҷониби роҳбарият қадршиносӣ гардид».[1]

Забони оромӣ-забони кӯҳнаи мурда забони даҳум аст, ки Аббос Алиев то расидан ба синни 32-33 омӯхтааст.

Ин ҳам муҳим аст, ки дар солҳои таҳсили олӣ дар ҳамон Донишкадаи Маскав аз таърихи Шарқи қадим дарс ҳам мегуфтааст.

Пас санаҳои асосии зиндагии Аббос Алиев, тартиби замонии рӯзгори ӯро аз нимаи даҳаи бист то нимаи даҳаи сӣ ба ин тарз метавон таъйин кард:

Солҳои 1924-1927 –вазири маорифи Тоҷикистон;

Солҳои 1927-1930-таҳсили илм ва кор дар Институти ховаршиносии Маскав;

Солҳои 1930-1936-устоди Донишгоҳи давлатии Осиёи Миёна (САГУ, Тошканд) ва Дорулмуаллимини тоҷикон (Тошканд).

---

[1] *Ш. Саъдиев.* Аввалин нозири маорифи Тоҷикистон//Адаб, 2004.-№6.-С. 68

Дар бораи ин ки кори Аббос Алиев дар Донишгоҳи Осиёи Миёна ва Дорулмуаллимини тоҷикон чӣ гуна буд, дар фасли шашуми ин мақола сухан хоҳад рафт.

**-5-**

Икромӣ дар ёдмонданомаи мазкури худ аз мардумони оғози даҳаи сӣ, аз ҷумла аз Мисбоҳ Бурҳонов, ки сармуҳаррири рӯзномаи ҳизбии «Тоҷикистони сурх» буд, ҳикоя карда, дар бораи як зиёфате, ки дар Душанбе, дар ҳавлии Мисбоҳ Бурҳонов бар по шуд, андак ба тафсил қалам ронда ва гуфтааст:

«Рӯзе дар ҳавлии Мисбоҳ Бурҳонов зиёфати калоне шуд. Аз Тошканд хоҳараш Фотимаҷон омада буд. Аббос Алиев бар зидди Фитрат, ки шавҳари Фотимаҷон буд, ташвиқот бурд. Ба Фотимаҷон таъсир карданӣ шуд, ки Фитрат пир аст, Фотимаҷон ҷавон ва лоиқи шавҳари ҷавони баобрӯст. Ба гумон ҳамин маҷлис ва ҳамин ташвиқотҳо сабаб шуданду Фотимаҷон аз ин ҷо рафта бо Фитрат муносибаташро канд ва ҷудо шуд».[1]

Чунонки дидем, ин ҷо Аббос Алиев ба Фотимаҷон шавҳараш Фитратро бад карда, боиси аз ҳам ҷудо шудани Фотимаҷону Фитрат гардидааст. Ин воқиа, ки аз хонадони Абдуррауфи Фитрат занаш гурехтааст, дар даҳаи сӣ хеле шӯҳрат ёфта, шеъри пурсӯзе, ки Фитрат ба ин муносибат суруда буд, ба гуфти Икромӣ, «даҳон ба даҳон гашт ва дар байни соҳибфикрони замонаш хеле машҳур буд»:

*Рафт аз барам ёри нозанин*
*Бар ҷабин зи қаҳр барфиканда чин.*
*Хасми беамон дид то чунин,*
*Ҷаст аз камин, санги зулму кин*
*Кӯфт бар сарам,*
*К-аз шарорааш дидаи тарам.*
*Мекунад равон хуни оташин…*

---

[1] *Ҷ. Икромӣ.* Он чӣ аз сар гузашт//Садои Шарқ, 2008.-№ 3.-С. 17

*Дилбарам зи даст рафту доғ монд,*
*Тирагун шабам бечароғ монд.*
*Шоми зулматам бечароғ монд,*
*На оҳ монд, на воҳ монд,*
*Дар дилам ҳамин дарду доғ монд,*
*Сина меканам, дод мезанам,*
*Аз ягон тараф як ҷавоб нест,*
*Дод, дод, дод!*
*Додрас намонд,*
*Ҳамнафас намонд,*
*Ҳамқафас намонд, хок бар сарам*!

Алҳақ, шеъри аҷибест. Шеърест зебо ва пуртаъсир, ки ҳам ба эътибори мазмун ва ҳам аз ҷиҳати шакл нав, дар адабиёти тоҷикӣ равияи тоза мекушод. Бузургон чунинанд: ҳатто ба сарашон рӯзи сахте биёяд, ҳиссу ҳаяҷони худро чунон ифода мекунанд, ки пеши чашми мо ҷаҳоне тоза боз мегардад.

Лекин ба пиндори ин камина, Аббос Алиевро, ки боиси хонавайронӣ ва сар задани ин ҳама дарду алами Фитрат гардид, сахт сарзаниш набояд кард. Банда бар инам, ки он иғвои Аббос Алиев, ки боиси фоҷиаи хонаводагии Фитрат гардид, ҳаргиз падидае аз бадкирдорӣ набуд, балки ангезаи иҷтимоъӣ дошт ва як навъи вежаи муборизаи зидди пантуркизм буд. Медонем, ки Абдурраufi Фитрат пантуркист буд ва панӯзбекист шуд, ба халқи худ хиёнат ва чанде адабиёти тоҷикиро тарк кард. Агарчи аз поёни даҳаи бист Фитрат боз ба хидмати миллати тоҷик омад, бисёре аз зиёъиёни тоҷик гуноҳи пантуркистии ӯро набахшида буданд. Аз ин рӯ, Аббос Алиев ба таври худ аз Фитрати пантуркист интиқом гирифт: коре кард, ки Фитрат хонавайрон шавад.

Агар дар ҳақиқат қазия чунин ранг дошта бошад, мо бояд гуноҳи иғвогариро бар Аббос Алиев бубахшем. Ба хусус ки иғвои Аббос Алиев на танҳо кулфате ба сари Фитрат овард, балки боиси пайдоиши як шеъри оличаноб шуд.

Ба андешаи мо, ин иғвои Аббос Алиев бозгӯйи он ҳақиқат аст, ки талошҳои тезу тунди солҳои бисту сии садаи бист гоҳ шаклҳои аҷибу ғарибе дошт ва ҳеч ба муборизаи сиёсӣ монанд набуд. Вале лозим меояд, ки онро низ намунае аз

пархоши миллии озодихоҳӣ бидонем. Албатта, намунаи номаънус ва ғайри чашмдошт аст, аммо ба ҳар ҳол холӣ аз аҳамият нест.

Устоди равоншод Раҳими Ҳошим боре ҳикоят карда буд, ки рӯзе ӯ ва Пайрав ба ҳолпурсии Фитрат рафтанд. Он гоҳ Фотимаҷон нав аз хонаи Фитрат рафта буд ва Фитрат бо сӯзу гудоз ин воқиаро ба Пайрав ва Раҳими Ҳошим нақл карда ба чашмони пуроб шеъри мазкурро хонд. Шеър ва хониши Фитрат дили Пайрав ва Раҳими Ҳошимро ба шӯр овард. Фитрат чун шеърро хонда шуд, коғазеро, ки шеър навишта шуда буд, қат карда, зери кӯрпача гузошт ва аз хона берун рафт, то чой дам бикунад. Пайрав он коғазро аз таги кӯрпача гирифту ба кисаи худ гузошт ва бо худ бурд. Чанд гоҳ онро гаштаву баргашта мехонд. Ва як сабаби шӯҳрат ёфтани он шеър дар байни аҳли адаб ҳамин нусхаи дастхатти Фитрат буд, ки Пайрав ба ҳар кас нишон медод ва таъриф мекард.

Фотимаҷон пас аз андаке ба Рашидӣ ном ҷавони зебо ва чаққону кордон, ки муносиби Фотимаҷон буд, расид. Аз ӯ як духтар ёфт, ки Дилбар ном карданд. Дилбари Рашидӣ бо истеъдоди худодод ва таҳсилоти хуб санъатшиноси намоён шуд.

Дӯсти азизам, профессор Пӯлодҷони Муҳаммадӣ бо илтимоси ман 5 октябри 2008 ба Тошканд ба Дилбари Рашидӣ телефон кард ва пурсид, ки аз Фитрат ҷудо шудани Фотимаҷон кадом сол рӯй дода буд. Ҷавоби Дилбари Рашидӣ ин буд, ки он воқиа соли 1932 иттифоқ афтод.

Аз ин мебарояд, ки Аббос Алиев солҳои 1931 ва 1932 ба Душанбе (шояд инчунин ба Бухоро, Самарқанд низ) меомад, лоақал як бор омада дар зиёфати хонаи Мисбоҳ Бурҳонов иштирок карда, Фотимаҷонро ба ҷудо шудан аз шавҳар тарғиб карда буд.

Он рӯз, ки Пӯлодҷони Муҳаммадӣ ба Дилбари Рашидӣ телефон кард, Дилбари Рашидӣ сабаби ҷудо шудани Фотимаҷон аз шавҳарро чунин эзоҳ дод, ки Фотимаҷони воломашраб Рашидиро дӯст дошта буд ва ишқ ӯро аз хонаи Фитрат берун бурд.

Пас сабаби асосии хонавайронии Фитрат иғвои Аббос Алиев набудааст. Шояд таблиғоти Аббос Алиев ҳангоми

дудилагии Фотимаҷон таконе барои тасмими қатъӣ шуда бошад. Дар ин сурат гуноҳи Аббос Алиев дар иғво ва интиқом аз Фитрат камтар хоҳад буд.

Дилбари Рашидӣ ҳикоят мекунад, ки пас аз чанд сол аз пайи он шеъри машҳури Фитрат афтод, вале натавонист пайдо бикунад. Оқибат ба Душанбе омад, то аз Раҳими Ҳошим ё аз бойгонии Пайрав нусхаи дастхатти Фитратро биҷӯяд. Устод Раҳим Ҳошим аз байни коғазҳои худ он шеърро ёфт ва ба Дилбари Рашидӣ дод.[1] Ин нусхаи дастхатти Фитрат, ки дар дасти Раҳими Ҳошим буд, аз он нусха, ки Икромӣ дар ёддоштҳояш овардааст, андак фарқ дорад. Агарчи андак аз сари мақсад дур меравем, ин нусхаро ин ҷо меоварем:

*Рафт аз барам*
*Ёри нозанин,*
*Бар ҷабин зи қаҳр*
*Барфиканда чин.*
*Лолаам зи даст*
*Рафту боғ монд.*
*Тирагун шабам*
*Бечароғ монд.*
*Ақлу ҳушу дил*
*Бесуроғ монд.*
*На боғ монд,*
*На роғ монд.*
*На лола, на чароғ монд,*
*Дар дилам ҳамин*
*Дарду доғ монд.*
*Дар шаби ғамам*
*Моҳтоб нест,*
*Рӯзи мотамам*
*Офтоб нест.*
*Оҳу нолаамро*
*Ҳисоб нест.*
*Сина меканам,*
*Дод мезанам,*

[1] *Д. Рашидӣ*. Профессор Фитрат в нашей семье, дастнавис, саҳ. 10-12.

*Аз ягон тараф*
*Як ҷавоб нест.*
*Ҳамнафас намонд,*
*Ҳамқафас намонд,*
*Додрас намонд,*
*Ҳеч кас намонд.*
*Хок бар сарам*!

Чунонки Д. Рашидӣ мегӯяд, бо илтимоси ӯ қиссаи ин шеърро худи Раҳими Ҳошим навист ва 28 декабри 1989 дар рӯзномаи «Адабиёт ва санъат» чоп кард. Гулчеҳраи Сулаймонӣ – фарзанди Пайрав ба ин мақола сарсухане навишта хабар дод, ки шеъри Пайрав «Боғбони гул» (Боғбони гул, Посбони гул, чанд хун шавам аз барои гул…) назираи ҳамон шеъри Фитрат буд.[1]

Чунонки мебинем, таърихи пайдоиши шеъри Абдурраufи Фитрат «Рафт аз барам» худ як достони дилкаш аст ва яке аз қаҳрамонони ин достон Аббос Алиев аст.

**-6-**

Гӯё Аббос Алиевро ба Институти шарқшиносии Маскав ҳукуматдорони Тошканд (пойтахти нави Ӯзбекистон) фиристода буданд, ки пас аз хатми он институт ба Тошканд ба кор омад.

Дар Донишномаҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон гуфта шудааст, ки «фаъолияти илмӣ ва педагогии ӯ аз соли 1933 дар Университети давлатии Осиёи Миёна (УДОМ) сар шуд».

Ин маълумотро аз рӯйи пурсишномаи ёдшуда, ки худи Аббос Алиев пур кардааст, андак ислоҳ кардан лозим меояд. Аз ин пурсишнома дида мешавад, ки ӯ соли 1930 ба Тошканд омада соли 1930-1931 ассистенти институте, соли 1931-1932 дотсенти САГУ – Донишгоҳи давлатии Осиёи Миёна, соли 1932-1936 профессори САКУ – Среднеазиатский коммунистический университет – Донишгоҳи коммунистии Осиёи Миёна будааст. Чунонки дар гувоҳинома (справка)-и номбурда гуфта шудааст, унвони профессории Аббос Алиевро

[1] *Д. Рашидӣ*. Профессор Фитрат в нашей семье, дастнавис, саҳ.13.

Шӯрои илмии давлатии РСФСР (Ҷумҳурии Шӯравии Федеративии сотсиалистии Русия) тасдиқ карда буд.

Ин аст, ки Аббос Алиев аз тоҷикон якумин донишманде буд, ки ба унвони профессорӣ расид. Абдурраufi Фитрат хеле пештар аз Аббос Алиев унвони профессорӣ дарёфт, лекин Фитрат худро турк ба қалам дода, ба сифати як донишманди ӯзбек соҳиби ин унвон гардид. Аз ин рӯ мо на Фитрат, балки Аббос Алиевро ***нахустин профессори тоҷик*** ба шумор меоварем.

Он солҳо, ки дар Донишгоҳи Осиёи Миёна кор мекард, дар Дорулмуаллимини тоҷикон, ки дар Тошканд буд, низ дарс медод. Он солҳо, ки дар Тоҷикистон вазири маориф буд, барои таъсиси ин Дорулмуаллимини тоҷикон хеле кӯшиш карда буд ва ӯ яке аз муассисони ин Дорулмуаллимин аст, ки якумин мактаби олии Тоҷикистон, мактаби олии нопурра буд.

Аббос Алиев илми таърихро хеле ба густурдагӣ фаро гирифта буд. Дар Донишгоҳи Осиёи Миёна ва Дорулмуаллимини тоҷикон аз риштаҳои гуногуни таърих дарс мегуфт. Эҳтимол аст, ки чунончи Икромӣ ишора кардааст, аз таърихи Ҳизби комунистии Русия ва назарияи марксизм низ дарс дода бошад.

Дар солҳои баъд бештар аз таърихи Шарқи қадим дарс медод.

Дарсҳои Аббос Алиев дар Тошканд шукӯҳе дошт. Ӯ бо ҳашамат ва пӯшоки зебо ба дарс меомад ва чун худаш ҳам зебо ва бархурдор аз санъати суханварӣ буд, аз тамоми он шаҳри бузург донишҷӯён ба дарси ӯ меомаданд. Дар Донишгоҳи Осиёи Миёна чун ӯ ба дарсхона суханронӣ мекард, аз ду тарафаш ду тунднавис нишаста, дарси ӯро сабт мекарданд ва ба шумораи зиёде мошиннавис карда, ба донишҷӯён медоданд. Обрӯйи ӯ чун омӯзгори забардаст ва донишманд ба суръат афзудан гирифт.

Бозмондагони Аббос Алиев, ки имрӯз дар Душанбе ҳастанд, гуфтанд, ки ӯ дар Бухоро зан гирифта буд ва аз он зан ду фарзанд дошт. Лекин баъд ба чӣ сабабе аз зан ҷудо шуд. Чун таҳсилро тамом карда ба Тошканд омад, боз издивоҷ кард. Пас аз чанде ин ҳамсараш аз ӯ худро канор гирифт ва ғайб зад. Хоҳарзодаи Аббос Алиев  Азим Боқиев, ки сокини Душанбест, ба мо гуфт, ки Аббос Алиев дар бораи бевафоии

ҳамсараш шеърҳо гуфтааст. Як байт аз он шеърҳо, ки ба ёди А. Боқиев мондааст, ин аст:

*Чун лабони лолабаргат бар лабонам дӯхтӣ,*
*Сахт бӯсидӣ марову хонумонам сӯхтӣ.*

Аз ин зан гӯё фарзанде наёфтааст.

**-7-**

Дар солҳое, ки Аббос Алиев дар Тошканд кор мекард, яъне аз соли 1930 ба баъд, ихтилофи ӯ бо Файзуллоҳ Хоҷа ҳамчунон идома дошт. Файзуллоҳ Хоҷа аз соли 1924, пас аз таъсиси Ӯзбекистони бузургу тавоно сарвазир ва шахси якуми ин ҷумҳурии шӯравӣ буд. Барҳам дода шудани Ҷумҳурии Бухоро ва таъсиси Ӯзбекистон худ натиҷаи азаматхоҳии пантуркистии сиёсатмадороне чун Файзуллоҳ Хоҷа буд ва Файзуллоҳ Хоҷа дар Ӯзбекистон ҳамон сиёсати пантуркистии пештараи худро бо фарохдомании бештаре давом дод. Дар ин масъала ва чанд масъалаи дигар баҳсу мунозираи Аббос Алиев бо Файзуллоҳ Хоҷа бештар тезиву тундӣ пайдо кард.

Аз Азим Боқиев – хоҳарзодаи Аббос Алиев шунидаам, ки боре баҳси Аббос бо Файзуллоҳ Хоҷа оҳанги сахте гирифт ва Файзуллоҳ Хоҷа ба Аббос Алиев гуфт:

- Аббос, ман гӯратро кандаам.

Аббос Алиев чунин ҷавоб дод:

- Ман ба он гӯр туро ҷо мекунам.

Ба ин тариқ Файзуллоҳ Хоҷа Аббос Алиевро сахт таҳдид кард, вале Аббос Алиев бепарво ҳамчунон мубоҳисаро давом дод.

Рӯзе дар Тошканд Аббос Алиев аз хиёбоне гузарон буд, ки як мошини ҳукуматӣ ба паҳлӯи ӯ биистод ва чун дари мошин кушода шуд, Аббос Алиев дид, ки ба мошин Файзуллоҳ Хоҷа ва Акмал Икромов – котиби Кумитаи Марказии Ҳизби коммунистии Ӯзбекистон, ки шахси дувум дар ҷумҳурӣ буд,

нишастаанд. Файзуллоҳ Хоҷа ба Аббос Алиев ба нармӣ ва сулҳҷӯёна ба тоҷикӣ гуфт:

- Аббос, ба мошин нишин, мо туро ба хонаат мебарем.

Аббос Алиев гуфт:

- Ман бо к…нтеҳо як ҷо намешинам.

Ва ба роҳи худ рафтан гирифт.

Рӯзи дигар Аббос Алиевро ҳабс карданд. Мо донишҷӯён шунида будем, ки сабаби зиндонӣ шудани ӯ «за оскорбление советско – партийного руководства» - «барои таҳқири роҳбарони ҳукумативу ҳизбӣ» буд.

Дар пурсишномае, ки зикраш гузашт, Аббос Алиев сабаби ба зиндон афтоданашро чунин эзоҳ додааст:

«Барои таҳқири собиқ раиси КИМ СССР Файзуллоҳ Хоҷаев ва Икромов соли 1936 ба 5 сол маҳкум шуда будам» (За оскорбление бывшего председателя ЦИК СССР Файзуллы Ходжаева и Икрамова в 1936 г. был осужден на 5 лет).

Дар мақолаи Ш. Саъдиев порае аз тарҷумаи ҳоли Аббос Алиев оварда шудааст, ки ӯ сабаби зиндонӣ шуданашро эзоҳ медиҳад. Аббос Алиев навиштааст:

«Дар Ӯзбекистон ман боз ба «абарқудратон» рӯ ба рӯ шудам…Сабаби ба ҳабс гирифта шуданам навиштани асаре буд, ки дар он ман ғалату камбудиҳои китоби Раиси Шӯрои нозирони ҶШС Ӯзбекистон Файзулло Хоҷаевро, ки ба инқилоби Бухоро бахшида шуда буд, фош ва танқид карда будам».[1]

Ин аст, ки Аббос Алиев дар масъалаи таърихи инқилоби Бухоро низ бо Файзуллоҳ Хоҷа ихтилоф доштааст. Дар яке аз санадҳои парвандаи Аббос Алиев, ки дар Бойгонии давлатии Тоҷикистон нигаҳдорӣ мешаванд, овардаанд, ки Аббос Алиев дар бораи таърихи инқилоби Бухоро асарҳо («работы по истории Бухарской революции») навишта буд. Каминаи нигоранда ин асарҳои ӯро надидаам, лекин гумон дорам, ки дар ин асарҳо низ таҳрифкориҳои Файзуллоҳ Хоҷаев фош шудааст. Дар ҳақиқат китоби Файзуллоҳ Хоҷа «Оид ба таърихи инқилоби Бухоро» (« К истории революции в

[1] *Ш.Саъдиев.* Аввалин нозири маорифи Тоҷикистон//Адаб, 2004.-№6.- С. 68

Бухаре») норасоӣ бисёр дошт ва муаллиф баъзе масъалаҳоро аз рӯйи судҷӯйӣ ва худманишӣ нодуруст эзоҳ дода буд. Аббос Алиев ҳатто пас аз 15 соли инқилоб ва 10 соли барҳам хӯрдани давлати Бухоро, ки натиҷаи миллатфурӯшиву меҳанфурӯшии Файзуллоҳ Хоҷа буд, муборизаро барои ифшои хиёнатҳои ӯ ҳамчунон идома дод. Ин худ гувоҳи он аст, ки Аббос Алиев дар талошу пархош далеру нотарс ва собитқадам буд.

Хоҳарзодаи ӯ Азим Боқиев ба мо гуфт, ки Аббос Алиев чун зиндонӣ шуд, пас аз андак муддат ӯро ҳукми қатл содир шуд. Хоҳари Аббос Алиев гирёну нолон пеши Сисилия Бону – ҳамсари устод Лоҳутӣ рафт ва аз устод мадад пурсид. Лоҳутӣ дар Маскав ба идораҳои боло муроҷиат кард ва ба ӯ муяссар шуд, ки ҳукми қатлро бекор кунонад. Ҳукми қатл ба панҷ соли табъид бадал шуд.

Солҳои донишҷӯйӣ медонистем, ки чун ҳангоми террори сталинин соли 1937 Файзуллоҳ Хоҷа, инчунин Акмал Икромов ҳабс ва соли 1938 паронда шуданд, Аббос Алиев озод гардид. Ш.Саъдиев ин хабарро тасдиқ карда ва гуфтааст, ки Аббос Алиев соли 1939, яъне як сол пеш аз мӯҳлати ҳукм озод шуд.

Аббос Алиев соли 1940 ба Душанбе омад ва дар Институти омӯзгории Душанбе мудири кафедраи таърих ва декани факултет буд. Чанд гоҳ сардори курси тайёрии Институти омӯзгорӣ низ буд.

**-8-**

Банда соли 1941 ба Институти омӯзгории Душанбе қабул шудам ва чаҳор соли ҷанги зидди фашизми Олмон, дар душвортарин солҳои маҳрумият, гуруснагиву бараҳнагӣ то охири ҷанг, то соли 1945 дар ин таълимгоҳ таҳсил доштам.

Аббос Алиев ба мо таърихи умумӣ ва таърихи СССР-ро дарс дод.

Дарси ӯ бисёр аҷиб буд ва банда ин гуна дарсгӯйиро дар умрам дигар надидаам. Устод гӯё дарс намегуфт, балки бо мо сӯҳбат мекард, сӯҳбати озод ва шавқовар, омехта бо хушгӯйӣ ва зарофату базла. Гоҳ чунон хандаовар сӯҳбат мекард, ки мо донишҷӯён ҳама баробар механдидем. Дар ду соат дарси ӯ чанд бор моро ханда мегирифт. Азбаски солҳои ҷанг

донишҷӯён кам буданд ва дар ҳар гурӯҳ 5-6 ё 8-10 нафар донишҷӯ буд, дарсхонаҳоро ба ду тақсим карда, аз миёна девори тунуки фанерӣ бардошта буданд. Аз ин рӯ чун мо ҳангоми дарси Аббос Алиев ба завқи тамом ба овози баланд механдидем, ба дарси гурӯҳи ҳамсоя, ки дар паси девори тунук буд, халал мерасид ва гоҳ бачаҳои он гурӯҳ ҳам беихтиёр механдидаанд ва баъзан устоди онҳо дари моро тақ-тақ карда илтимос менамуд, ки хомӯш бошем ва ба дарси онҳо халал нарасонем. Чанд бор чунин ҳолат рӯй дод, ки чун устоди гурӯҳи ҳамсоя аз мо хомӯшӣ хоҳиш карда, бо узргӯйӣ дари дарсхонаи моро пӯшид, Аббос Алиев чизе гуфт, ки мо боз баланд хандидем.

Хуллас ки Аббос Алиев бисёр шӯх ва ҳазлкаш, дарсҳояш хандазор буд, намедонам чӣ мегуфт ва чӣ тавр мегуфт, ки моро ин қадар механдонд.

Фаромӯш накунед, ки овони донишҷӯйии мо замони ҷанги хонумонсӯз буд ва мардумро лаб ба табассум намерафт. Он солҳо кам дидаам, ки устодони мо ба ҳазлу шӯхӣ майл карда бошанд. Танҳо Аббос Алиев хушҳол буд ва механдиду механдонд. Лекин ӯ низ ин корро ба дарсхона мекард ва берун аз дарс бо муаллимони мо ба худдорӣ муомила мекард. Дурусттар ин ки бо ҳамкорони худаш, бо омӯзгорони мо ҳеч муомила надошт, гӯё фақат саломалейк буду бас. Ва гоҳ бо бархе аз онҳо андаке гуфтугӯ бикунад, медидем, ки суханаш андак нештар дорад, баъзеҳоро каме неш мезанад.

Ӯ бештар бо донишҷӯён буд. Мо панҷ-шаш нафарро ҳамеша дар гирди худ дошт. Вақти танаффусҳо бо ҳам будем, пас аз дарс бо ҳам сайругашт мекардем ва мо ӯро то хонаааш мебурдем. Барои ба ошхонаи институт даромадан ба навбат истодан лозим буд ва Аббос Алиев гоҳ на бо муаллимон, балки бо мо ба сафи навбат меистод. Гӯё аз ҳамкоронаш озурдагие дошт ё онҳо аз ӯ каме мехӯсиданд.

Дар солҳои ҷанги Олмон Институти омӯзгорӣ дар кӯчаи Беҳзод, дар рӯ ба рӯйи ҳозира Донишгоҳи техникӣ дар як бинои дуошёнаи на чандон калон ҷойгир буд. Театри опера ва балети Айнӣ дар наздикии ин бино воқеъ шудааст. Он солҳо дар ошёнаи севуми ин театр як толори хурдро намоишгоҳи синамо карда буданд. Як вақт ба ин намоишгоҳ филми

англисии «Се мушкадор» омад, ки мазҳака ва хандазор буд. Ин филм ба Аббос Алиев писанд омадааст. Ӯ ҳар рӯз мо 5-6 донишҷӯйро ба тамошои ин филм мебурд. Пагоҳӣ ба яке аз мо пул медод, то ки барои соати чаҳор билет бихарем. Пас аз дарс Аббос Алиев пеш-пеш, мо аз паси ӯ ба тамошои «Се мушкадор» мерафтем. Намоиши ин филм қариб ду моҳ идома ёфт. Дар ин муддат мо ҳар рӯз як бор ин филмро тамошо мекардем. Филми бисёр хуб буд, ба дил назад. Мо тамоми филм ва суханони қаҳрамонони онро аз ёд медонистем, медонистем, ки дар кадом лаҳза кадом қаҳрамон чӣ мегӯяд ва чӣ мекунад, сухани ӯро пеш аз ӯ мегуфтем ва механдидем. Яку ним соат, ки филм давом дошт, механдидем ва хандон-хандон аз намоишхона берун мешудем. Устодамон аз мо бештар ханда мекард.

Ҳамин тавр мо чанд тан донишҷӯ ҳамеша бо Аббос Алиев будем ва аз сӯҳбати файзбори ӯ баҳра мебурдем. Солҳои баъд чанд донишҷӯйи дигар ба гурӯҳи мо пайваст, худи Аббос Алиев онҳоро ба мо ҳамроҳ кард.

Ба сардорони институт, аз ҷумла ба созмони ҳизбии он маъқул набудааст, ки Аббос Алиев бо як гурӯҳ донишҷӯён ҳамнишинӣ ва ҳамроҳӣ дорад. Гӯё чанд бор ӯро барои ин кораш сарзаниш кардаанд, ин корашро манъ намудаанд. Ва ӯ чанд гоҳ худро аз мо дур мекашид. Вале баъд кам-кам боз бо ҳам гирд меомадем  Ин ҳам маро гӯшрас омада буд, ки як-ду нафар аз донишҷӯёни ҳамгарди Аббос Алиевро кормандони НКВД ба пурсиш гирифтаанд, ки Аббос Алиев ба шумоён чиҳо мегӯяд, сӯҳбатҳои шумо чӣ мавзӯъҳо дорад ва ҳоказо. Вале аз банда ҳеч боре чунин пурсиш нашудааст.

Сӯҳбатҳои Аббос Алиев ба мо бештар илмӣ ва фарҳангӣ буд. Гоҳ гумон мекардам, ки дарси имрӯзаашро идома медиҳад ва он чӣ ба дарс нагуфта буд, акнун мегӯяд. «Сӯҳбатҳои кӯчагии» Аббос Алиев хеле судманд ва донишафзо буданд. Дар бораи сиёсати рӯз, вазъи замон, рафти ҷанг ва монанди онҳо чизе намегуфт. Мо донишҷӯён мекӯшидем, ки ҳар саҳар радиои Маскавро гӯш биандозем, то бидонем, ки дар майдони ҷанг чӣ дигаргунӣ шуд. Шояд Аббос Алиев низ ҳар рӯз радио мешунид, аммо дар бораи ҷанг ҳамеша хомӯш буд, гӯё замон замони ҷанг нест. Танҳо аввали соли 1943, ки лашкари Ҳитлер

дар Сталинград сахт шикаст хӯрд ва 300 ҳазор сипоҳии ӯ бо як фелд-маршал ба асорати Артиши Сурхи шӯравӣ афтоданд, Аббос Алиев гуфт: Ана ин кори зӯр шуд! Лекин боз ҳам мо нафаҳмидем, ки хуб шуд ё бад. Ба оҳанги бетарафӣ гап зад.

Солҳои баъд, ҳар гоҳ ки он даврони донишҷӯйӣ ва сӯҳбатҳои Аббос Алиевро ба ёд меовардам, чанд бор ба назарам чунон намуд, ки Аббос Алиев соли аввали ҷанг аз шикастҳои сахти артиши шӯравӣ андаке хушнудӣ дар дил дошт. Шояд сабаби хандидану хандонданҳои ӯ ҳам ҳамин буд. Ҳоло ба ин гумонам, ки аз замон розӣ набуд ва агарчи дар бораи замон, дар бораи дирӯзу имрӯзи кишвари шӯравӣ ва муборизаи солҳои бисту сӣ, аз саргузашти худ чизе ба забон намеовард (ва мо ҳам чизе намепурсидем), аз оҳанги баъзе гапҳояш пай бурдан мумкин буд, ки ӯ дигар он коммунисти суботкор нест, ки дар вафоти Ленин зор гириста буд. Боре террори соли 1937 ва мурофиаи «душманони халқ»-ро ба ёд оварда, бо тамасхур гуфт, ки он «душманони халқ» ба чалакҳои равған мех андохтаанд, то ки мардумони советӣ хӯранду муранд. Аз ин истеҳзои Аббос Алиев ошкор гардид, ки он роҳу равишеро, ки сарварони шӯравӣ дар даҳаи сӣ доштанд, намеписандад.

Ман намедонистам, ки Аббос Алиев солҳои ҷанг ханӯз узви Ҳизби коммунистии шӯравӣ буд ё солҳои зиндонӣ шуданаш ӯро аз ҳизб берун карда дигар ба ҳизб қабул накарда буданд. Ҳоло аз санадҳои бойгонии Тоҷикистон маълум аст, ки ӯ то соли 1936 узви Ҳизби коммунистӣ будааст. Дар пурсишномаи мазкур, ки соли 1954 пур карда буд, дар моддаи «партийность» (ҳизбият) навиштааст: б/п, яъне «безпартийный» - бидуни узвияти ҳизбӣ. Ин ҷо масъала равшан аст. Вале ба назари мо донишҷӯён чандон равшан набуд. Гоҳ мо медидем, ки рафтору гуфтори ӯ дар он солҳо, ки ба мо дарс медод (солҳои 1941-1945), ҳеч ба рафтору гуфтори коммунист монандӣ надошт.

Инак, воқиае, ки барои фаҳмидани рӯҳияи онвақтаи Аббос Алиев ва ақидаҳои ӯ хеле муҳим аст.

Он рӯз, ки мо ба Аббос Алиев аз таърихи СССР имтиҳон медодем, дар имтиҳонгирӣ Очилов ном муаллими мо низ иштирок кард. Очилов муаллими асосҳои марксизм-ленинизм,

яке аз «даҳанкалонони маҳалла», котиби бюрои ҳизбии институт буд ва ба сари ҳама чормағз мешикаст. Агарчи ҷоҳил буд, материализми таърихӣ ва материализми диалектикӣ низ дарс медод. Мо каме медонистем, ки Очилов аз бадхоҳони Аббос Алиев аст ва азбаски Аббос Алиев дар доман доғе дорад – чанд гоҳ зиндонӣ шуда буд, Очилов аз пайи ӯ мепойид ва аз ӯ айби сиёсӣ меҷуст. Аз ин рӯ чун Очилов ба имтиҳони мо даромад, ҳамаи моро нохотирҷамъӣ рӯй дод.

Навбати имтиҳон ба ман расид. Варақаи суолро гирифтам, ки се суол дошт. Имрӯз ду суоли аввалро фаромӯш кардаам, суоли севум Осиёи Миёнаро забт кардани Русияи подшоҳӣ буд. Ман ба ин суол ба тафсил ҷавоб додан гирифтам. Очилов гуфт, ки кӯтоҳ гап занам. Пас мухтасар гап зада, ҷавобро зуд тамом кардам. Очилов гуфт, ки ҷавоби ту ҳанӯз ба поён нарасидааст, аҳамияти ба Русия ҳамроҳ шудани Осиёи Миёнаро бигӯй. Ман ба ин суол тайёр набудам, хомӯш мондам. Очилов ба суоли худ пофишорӣ кард, ки ба Русия ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна аз кадом ҷиҳат ҳодисаи муҳимми таърихӣ буд, чӣ нақши мусбат дошт? Банда ҳамчунон хомӯш будам. Очилов ба Аббос Алиев, ки дар паҳлӯяш нишаста буд, ишора карда гуфт, ки пас муаллиматон аҳамияти таърихии ба Русия ҳамроҳ шудани Осиёи Миёнаро ба шумо нагуфта буд? Банда боз ҳам чизе нагуфтам. Он гоҳ Очилов шӯрида ба Аббос Алиев рӯ овард, ки чаро аҳамияти бузурги ин воқиаи таърихиро ба донишҷӯён нагуфтед, ба инҳо нафаҳмондед, ки пас аз ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна ба Русия халқи тоҷик аз маданияти пешқадами халқи рус баҳраманд шуд, ба ҳаракати инқилобии Русия ҳамроҳ гардид ва ҳоказо, халқи рус дар тақдири халқи тоҷик нақши бузурги мусбат иҷро кард. Очилов бисёр гап задан гирифт ва ба Аббос Алиев гуфт, ки нодуруст дарс додаед, дарсатон ноқис будааст. Мунтаҳо Аббос Алиев гуфт: Ин даъвоҳо маънӣ надорад, тасарруфи Русия таҷовуз буд, истило ва ишғол буд.

Дигар ҳар чӣ Очилов мегуфт, Аббос Алиев гӯш мекарду ҷавобе намедод. Он рӯзи имтиҳон шӯридагии Очилов хеле давом кард. Мани ҳайратзада намедонистам чӣ кунам: берун биравам ё баҳси ин ду нафарро гӯш бикунам. Оқибат ба дафтарчаи ман як панҷ гузоштанду маро ҷавоб доданд.

Пас аз чанд рӯз Аббос Алиев маро диду ба як гӯша бурда гуфт, ки ҷавоби ту дар бораи тасарруфи Русия дуруст буд, гапҳои Очилов асос надорад, подшоҳи Русия магар барои ин ки мо аз маданияти русӣ хабардор бишавем, ба сари мо лашкари гарон бо тӯпу туфанг фиристод ва мардуми моро ба хоку хун оғушт? Ба мо маданияти оғушта ба хун овард?!

Баъд ҳар рӯз мешунидем, ки Очилов ин масъаларо ба Шӯрои илмӣ ва маҷлиси ҳизбии институт, ба вазорати маориф ва Кумитаи марказии ҳизби коммунистии Тоҷикистон бурдааст ва Аббос Алиевро ҳар сӯ кашида хеле азоб додаанд.

Аз он баҳси Очилов ва Аббос Алиев, ки рӯзи имтиҳони мо рӯй дод, ошкор шуд, ки ақидаҳои Аббос Алиев дигар ба ақидаҳои расмии замон ва талқиноти дастгоҳи идеологии ҳизби коммунистӣ созгор намеояд. Аббос Алиев дар марому маслак дигар шуда буд ва бо идеологияи ҳукмрон созиш кардан намехост.

Шояд аз ҳамин сабаб мардумгурезӣ ихтиёр карда буд ва бештар бо мо донишҷӯён, ки ҳанӯз аз кашмакашҳои маслакии замон дур будем, ҳамсӯҳбатиро беҳтар медонист.

***

Аббос Алиев шеърро бисёр хуб мехонд. Ман шеър хондани ӯро чанд бор дидаам. Якумин бор соли 1942 ё 1943 буд, ки рӯзе эълон хондем, ки дар толори Институти омӯзгорӣ мулоқот бо устод Лоҳутӣ баргузор мешавад. Ба толор, ки дар ошёнаи дувум буд (дар бинои рӯ ба рӯйи Донишгоҳи техникии ҳозира), ҷамъ шудем. Ман бо Салоҳ Солеҳов, Шавкат Ниёзӣ (додари Фотеҳ Ниёзии насрнавис), Эргаш Рустамов (ки солҳои баъд доктори илми филология шуд ва дар Тошканд кор мекард) ва дигарон нишаста будем. Дар сафи пеш аз мо устодам Носирҷони Маъсумӣ нишаста буданд ва як шеъри Эргаш Рустамовро, ки нав дар рӯзнома чоп шуда буд, ба эшон додем, хонданду ба тарзи тазкираҳо гуфтанд: Хуб гуфта, бад нагуфта.

Чун устод Лоҳутӣ бо директори институт Ҳошим Содиқов ва дигарон ба толор даромад, садои кафкӯбӣ баланд шуд ва нахуст ба Аббос Алиев сухан доданд. Ӯ дар бораи Лоҳутӣ ба забони русӣ маърӯза кард. Овози равғанине дошт ва бисёр зебо

сухан мекарл. Дар дасташ «Девони Лоҳутӣ» буд, ки ба хатти форсӣ соли 1939 чоп шудааст. Китоб ба даст дар пешгоҳи толор бо салобат гоҳ ин сӯ-он сӯ қадам мезад ва хеле пурмазмун суханҳо мегуфт. Чун шеър хондан лозим шуд, аз қадамзанӣ боз меистод ва аз китобе, ки дар даст дошт, ба забони асл шеър мехонд. Ба тоҷикӣ, лекин андак моил ба лаҳҷаи форсӣ чунон зебо, буррову гӯё шеър мехонд, ки ҳама ҳозирон – тоҷику рус мафтун шуданд. Ман ин гуна шеърхонии зеборо дигар аз ҳеч кас (ҳатто аз артистони хушхони имрӯз) надидаам.

Баъд ба устод Лоҳутӣ сухан доданд. Ӯ гуфт:

- Лоҳутӣ шеър бигӯяд, Аббос шеър бихонад. Акнун ман шеъри худ мехонам, вале наметавонам мисли Аббос бихонам, шарманда мешавам. Пас аз Аббос касе бояд шеър нахонад. Ман бояд пеш аз ӯ шеър мехондам.

Устод Лоҳутӣ ҳам бисёр нағз шеър хонд. На мисли шоирон, балки мисли артистон бисёр хушоҳанг ва пуртаъсир тамоми достони «Паҳлавон Оштӣ» ва «Достони Мардистон»-ро қироат кард. Лоҳутӣ сухани оташбор дошт ва шеърхониаш низ чунин буд.

Ман баъдтар чанд бор шеър хондани Аббос Алиевро шунидам, аммо он саодат, ки шеърхонии мисли он рӯзро шунавам, дигар даст надод.

Ба гумонам, банда ҳеч яке аз ҷузъиёти он нишасти адабиро фаромӯш накардаам. Шодравон Салоҳ Солеҳ низ онро ҳама умр дар ёд дошт ва гоҳ бо шавқ ёдовар мешуд. Нишасти фаромӯшношуданӣ буд.

***

Аббос Алиев чанд бор ман ва ду-се донишҷӯйи дигарро ба хонаи худ бурда буд. Хонаи ӯ дар зистгоҳи тахтагии дуошёнаи муаллимони Институти омӯзгорӣ буд, ки ҳанӯз ҳаст ва дар ақиби биноҳои имрӯза Донишгоҳи омӯзгории ба номи Айнӣ воқеъ шудааст. Ин иқоматгоҳи муаллимон аз ду бино иборат аст ва ҳуҷраи Аббос Алиев дар бинои якум, даромадгоҳи дувум, ошёнаи якум, ҳуҷраи калони дасти чап буд. Пас аз се-чор сол ин ҳуҷра ба камина расид ва он ҷо солҳои 1948-1951 зистаам. Ва

ифтихор доштам, ки зистан дар зистгоҳи устоди бузургворам муяссар шуд.

Устодам дар ин ҳуҷра танҳо мезист. Зану фарзанд надошт. Мегуфтанд, ки дар Тошканд зану фарзанд дорад, лекин банда инро он солҳо ҳақиқат накарда будам.

Ҳар бор ки ба хонаааш меовард, чойи хуб бо қанд мехӯрдем. Ӯ одат дошт, ки ҳар рӯз ба донишҷӯе 15 сӯм пул медод, то аз бозор се дона қанди рафинад биёварад. Як донаи онро пагоҳӣ, як донаашро пешин ва севумашро бегоҳӣ бо чой мехӯрдааст. Гоҳ барои 5-6 дона қанд пул медод. Як бор ки мо ду-се донишҷӯй ба хонаи ӯ омадем, дар рӯи мизаш се-чор дона қанд буд. Ва боз моро қандчой зиёфат кард.

Як-ду бор ба хонааш, ки омадем, аз шеъраш ба мо хонд. Як дафтари калон дошт, ки гӯё пур аз шеъри худаш буд. Чанд шеър хонд, ки ҳама ба мо писанд омад. Шеърҳои ҳаҷвӣ ҳам доштааст. Дар яке аз ин шеърҳо нависандагони ҳамзамон, аз ҷумла Мирзо Турсунзодаро ҳаҷв кардааст. Шояд чунин шеърҳо ба гӯши нависандагони мо расида бошад, ки масалан Мирзо Турсунзода Аббос Алиевро бисёр бад медиданд.

Боре дар хонаи Аббос Алиев ҳангоми сӯҳбат ба чӣ муносибате ба ёди ман омад, ки дар охирҳои даҳаи бист дар маҷаллаи ҳаҷвии «Мушфиқӣ» шеъре дар ҳаҷви лаҳҷаи хуҷандиён ё истаравшаниён чоп шуда буд, ки аз ҷумла чунин байте дошт:

*Санги ҷафо ту сӯйи ман гуррондай,*
*Ман кӯкракамро дошта қапидиям.*

Аббос Алиев табассум карду гуфт, ки ин шеъри ман аст, ки бо фалон номи мустаор ба чоп дода будам.

Намедонам ин гапаш то чӣ андоза ҳақиқат дорад.

***

Фитнаи Очилов ва дигар касон рӯз то рӯз меафзуд. Оқибат шароити кор барои Аббос Алиев тоқатфарсо шуд. Ҷузъиёти азобҳоеро, ки аз дасти онҳо дид, банда намедонам, лекин рӯзе ӯро дидам, ки гуфт:

- Дигар тоқатам тоқ шуд. Аз ин ҷо меравам.

Ва соли 1945 аз Душанбе рафт.

Рӯзе шунидам, ки Аббос Алиев рафтааст. Ба шаҳри Фрунзе (Бишкеки имрӯза – пойтахти Қирғизистон) рафтааст ва дар Институти омӯзгорӣ мудири кафедраи таърих шудааст.

Пас аз чанд гоҳ, намедонам кадом сол буд, хабар омад, ки Аббос Алиев дар шаҳри Фрунзе қирғизҳоро бо русҳо ҷанг андохтааст ва ӯро аз Фрунзе пеш кардаанд.

Ҳанӯз намедонам, ки ин хабар то чӣ андоза ҳақиқат дорад.

Ҳоло аз Бойгонии давлатии Тоҷикистон медонем, ки Аббос Алиев дар Қирғизистон солҳои 1945-1947 кор кард. Инчунин медонем, ки соли 1946 ӯ соҳиби дараҷаи илмии доктори илми таърих гардид. Чунонки, Ш. Саъдиев дар мақолаи мазкур таъкид кардааст, ба ӯ барои ду китоби «Таърихнигории Шарқи Қадим» (1933) ва «Таърихи халқҳои Осиёи Миёна» (1935) бидуни маросими расмии ҳимоя унвони докторӣ доданд.

Медонистем, ки Аббос Алиев аз Бишкек ба Днепропетровск (Украина) рафт. Дар пурсишномаи ёдшуда навишта шудааст, ки ӯ солҳои 1947-1953 дар Донишгоҳи давлатии Днепропетровск профессор ва мудири курсии таърих буд. Солҳои 1953-1954 ҳамин вазифаро дар Институти омӯзгории шаҳри Орҷоникидзе иҷро кардааст.

Ниҳоят соли 1954 ба Алма-Ато пойтахти Қазоқистон омад ва то охири умр, то соли 1958 он ҷо дар Донишгоҳи давлатии Қазоқистон профессор ва мудири курсии таърихи умумӣ буд.

Дар Алма-Ато 15 январи 1958 аз ҷаҳон чашм пӯшид. Мегӯянд, ки дар як маҷлиси калон байни ҳайъати раёсат нишаста буд ва ногоҳ афтод ва дафъатан ҷон ба Ҳақ супурд.

Чандин бор шунидаам, ки бародарони қазоқ Аббос Алиевро бисёр ҳурмат мекарданд ва ба мартабаҳои баланд расониданд.

Соли 1962 дар Украина Даҳаи адабиёти тоҷикон баргузор шуд. Пас аз расми кушоди Даҳа дар Киев як гурӯҳи нависандагони тоҷик ба Днепропетровск рафтанд. Онҳо дар Донишгоҳи Днепропетровск касонеро диданд, ки бо Аббос Алиев кор кардаанд. Баъзеи онҳо шогирди Аббос Алиев будаанд, ки баъд ба мартабаҳои баланд расидаанд. Ҳама Аббос Алиевро ба некӣ ёд карда, миллати тоҷикро сипос гуфтанд, ки чунин фарзанди бузургашро ба Украина фиристода буд. Нависандагони тоҷик диданд, ки Аббос Алиев дар Днепропетровск номи миллати тоҷикро ба некӣ шӯҳрат додаст.

Афсӯс, ки охири умри ин фарзанди бузурги халқи тоҷик ба сарсонӣ ва оворагии шаҳр ба шаҳр гузашт. На танҳо поёни умр, балки ҳама умраш ба ноором ӣ ва таҳлука, бо талошҳои шадид сипарӣ шуд. Дар ҳеч мавриде дар ватан қадри ӯро надонистанд…

***

Банда соли 1954 дар Маскав будам. Як рӯзи офтобии тобистон аз китобхонаи Ленин берун шуда, аз зина пойин рафтанӣ будам, ки дар рӯ ба рӯ устодам Аббос Алиевро дидам. Хандону шукуфон оғӯш кушода ба сӯям меомад. Устодам ҳамон буд, ки буд, хандааш низ ҳамон буд – бисёр зебо. Ин хандаи зебои ӯ ҳанӯз дар пеши чашмам аст, ҳеч фаромӯш намекунам. Афсӯс, сад афсӯс, ки устодам саросема буд: лозим будааст, ки зуд ба китобхона дарояд. Гуфт, ки пагоҳ ин вақт ба китобхона биё, сӯҳбат хоҳем кард. Дареғ, сад дареғ, рӯзи дигар ба китобхона омадаму ӯро наёфтам. Он гоҳ бандаро чандрӯза сафаре пеш омад ва чун аз сафар баргаштам, ба ҷустуҷӯйи устод афтодам. Ҳар рӯз ба китобхона меомадам ва толори профессоронро медидам, табақаи пойинро, ки ҷойи сӯҳбатҳост, медидам, вале ӯро дигар пайдо накардам.

Бо ҳамон чеҳракушодӣ ва самимият, бо ҳамон хандонии ҷаҳонафрӯз ба лавҳи хотирам нақш бастааст.

***

Дафтари шеърҳояш, ки банда дар Душанбе дар хонааш дида будам, дигар дастнависҳояш шояд дар бойгонии Алма-Ато бошад.

Дар Донишномаи Ӯзбекистони Шӯравӣ гуфта шудааст, ки ӯ муаллифи 29 асари илмист. Ин асарҳои ӯ парокандаанд, ҳанӯз гирдоварӣ нашудаанд. Дар мақолаи Ш. Саъдиев гуфта шудааст, ки Аббос Алиев 60 асари асосгузорони марксизм-ленинизмро ба тоҷикӣ тарҷума кардааст.

Рӯзгори пурошӯби Аббос Алиев як бахши муҳимми таърихи мардуми тоҷик дар садаи бист аст. Мо ин бахши таърихи худро бояд бидонем. Ҳангоме ки банда барои навиштани рисолаи «Фитнаи инқилоб» (2008) бархе аз рӯйдодҳои инқилоби Бухоро ва саргузашти баъзе аз иштироккардагони дар ин инқилобро ба таҳқиқ гирифтам, тамоман ғайричашмдошт Аббос Алиев чун як қаҳрамони муборизаи зидди пантуркизм, муборизаи миллии озодихоҳии мардуми тоҷик намоён шуд ва банда ҳеҷ гумон надоштам, ки ин устоди ман қаҳрамони майдони пархошҳост. Пас, агар пажӯҳишро густариш бидиҳем, мардони таърих кашф хоҳанд шуд ва умед аст, ки аз ҷумла бо пажӯҳишҳои мукаммал ҳолномаи Аббос Алиев ба вуҷуд хоҳад омад.

13.12. 09

# БУХОРО ҲЕЧ ГОҲ ВАТАНИ ТУРКОН НАБУД

*Номаи саркушода ба Алишери Хӯҷа*[1]

Дар ҳафтаномаи «Озод Бухоро» («Бухорои озод», 17-26 январи соли 1992, рақами 3) - органи шӯъбаи ҳизби демократии «Эрк»-и Ӯзбекистон дар Бухоро, дар ин ҳафтаномаи навбунёди демократӣ мусоҳибаи шумо бо журналист Сафаров Мулло Қотӣ нашр гардид, ки «Мубориза ҳам гаште дорад...» («Курашнинг ҳам гашти бор…») номида шудааст. Рости гап, агар шумо шахси одӣ мебудед, ҳамон қисми мусоҳибаатонро, ки ба тақдири тоҷикон дахл дорад, мисли дигар каҷфаҳмиҳои зиёде, ки ҳафтод сол боз нисбати тоҷикон дар сарзамини Ӯзбекистон мавҷуданд, беаҳамият мегузоштем. Вале маълум шуд, ки шумо котиби шӯъбаи вилоятии ҳизби демократии «Эрк» будаед. Дар чунин ҳолат сиёсати шӯъбаи вилоятии ҳизб кам ё беш ба фаҳмишу мавқеи шумо вобастагӣ пайдо мекунад. Фаҳмиш ва мавқеи раҳбар доир ба масъалаи муҳимме нодуруст бошад, мумкин аст, ҳизбе, ҷамъияте ё худ гурӯҳе оҳиста-оҳиста ба роҳи хато дарояд.

Инак, мо ба даст хома гирифтем, то ки фақат оид ба тоҷикону забони форсии тоҷикӣ, ки дар мусоҳибаи шумо дахл шудааст, ақидаи худро ба тарзи мухтасар изҳор намоем.

Пеш аз ҳама таъкид карданием, ки он чӣ шумо дар бораи худ гуфтаед, на ин ки танҳо ба худи шумо, балки ба бисёр тоҷикони вилояти Бухоро ва умуман тоҷикони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон мансуб аст. Охир, бисёре аз тоҷикони Ӯзбекистон забони худро тоҷикию аслашонро турк - ӯзбек меҳисобанд. Чунин тасаввури нодуруст бо гуноҳи худи халқи тоҷик ба амал наомадааст. Ин гуноҳи халқи ӯзбек ҳам нест. Ин гуна фикрҳои бебунёд натиҷаи ташвиқоти зиддитоҷикиест, ки дар сарзамини Ӯзбекистон аз аввали инқилоб давом дошт ва сад афсӯс, ки ҳанӯз ҳам давом дорад. Азбаски, чунин ақидаҳои нодурустро бисёр паҳн мекарданд, мардум ҳақиқатро намедонанд, аз аслу насаби худ бехабаранд.

---

[1] *Ин нома соли 1992 њамроњи доктори илмњои таърих* ***Намози Њотамї*** *навишта шудааст.*

Мо, нависандагони ин сатрҳо, низ фарзандони Бухорои Шариф буда, аз пасту баланди зиндагии мардуми ин диёр то андозае огоҳ ҳастем, бо ҳамроҳии онҳо кам ё беш талху ширини зиндагиро чашидаем, муҳите, ки шумо дар он зистаеду дар асоси он хулоса баровардаед, ба мо ҳам шинос аст. Медонем, ки баъзе аз мардумони Бухоро ҳоло ҳам забони ӯзбекиро намедонанд, вале мегӯянд: «Мо худамон ӯзбеку забонамон тоҷикӣ». Аламовар аст, ки чунин суханҳоро баъзан аз шахсоне мешунавем, ки маълумоти олии соҳаи илмҳои ҷамъиятӣ доранд, муаллими таърих ё забону адабиёт мебошанд.

Худро ӯзбек шуморидани баъзе тоҷикони Бухоро, Самарқанд ва дигар минтақаҳои Ӯзбекистон аз он ҷо пайдо шудааст, ки ташвиқоти расмӣ солҳои сол инро ба онҳо талқин мекард. Мактаб, китоб ва газету журналҳо, ҳама воситаҳои ташвиқу таблиғ ва фишори маъмурӣ тасаввуре ба вуҷуд овардан мехостанд, ки гӯё дар ин сарзамин ҳама аҳолӣ ӯзбек аст, гӯё ҳамаи муваффақиятҳои гузаштаи мардуми сарзамини Ӯзбекистони ҳозира асосан ба халқи турк ё худ аниқтараш ба халқи ӯзбек тааллуқ дорад.

Мардум дар бораи таърихи халқи тоҷик, аз ҷумла тоҷикони Бухоро кам чизе медонанд ё маълумоти нодуруст гирифтаанд. Маҳз маҳсули ташвиқоти яктарафа ва нодуруст аст, ки имрӯз ҳам дар Ҷумҳурияти Ӯзбекистон қисме аз тоҷикон тоҷик буданашонро инкор мекунанд. Агар онҳо ҳақиқатро медонистанд, мефаҳмиданд, ки фақат ду шаҳри қадимӣ - Бухорою Самарқанд қариб ду ҳазор тан арбоби адабиёт ва илму маданияти тоҷикро додааст. Халқи ин сарзамин тоҷик буд, аз ҳамин сабаб фарзандони ин халқ ба забони форсии тоҷикӣ асар эҷод кардаанд.

Он андешаҳои шумо, ки моро ба навиштани ин сатрҳо водор намуд, ин аст, ки гуфтаед: «Аз таърих маълум, ки вардонхудотҳо туркони хеле қадим буда, дар Вардонзе зиндагӣ кардаанд. Бобоҳоямон ба забони тоҷикӣ гуфтугӯ карда бошанд ҳам, решаҳояшон туркӣ буд» (айнан: «Тарихдан маълум, ки энг қадимий туркий вардонхудотлар Вардонзеда яшаган. Боболаримиз тожик тилида гаплашишган, лекнн илдизлари туркий»).

Аввало дар ин ҷо маълум нест, ки шумо давраи қадим гуфта кадом давраҳоро дар назар доред. Назар ба маъхазҳои таърихӣ ва ковишҳои бостоншиносон аз ҳазораи дуюми то солшумории мо (ва аз он ҳам пештар) дар сарзамини имрӯзаи Осиёи Миёна халқҳои ориёии эронинажод: суғдиён, бохтариҳо, хоразмиҳо, портиён ва сакоиҳову масагетҳо зиндагӣ мекарданд.

Туркҳо ва туркинажодҳо дар он давр асосан дар соҳилҳои дарёи Онасой (Енисей), дар Олтой ва Дашти Қипчоқ зиндагӣ доштанд. То мелод фақат дар баъзе қисматҳои шимоли Осиёи Миёна дар қатори мардуми зронинажод гурӯҳҳои алоҳида ва камшумори туркон пайдо шуданд. Ба Осиёи Миёна омадани мардуми туркинажод асосан аз асри VI мелодӣ сар шуд ва хусусан аз асри XI афзоиш ёфт. Бештари қабилаҳои туркинажод ба Осиёи Миёна солҳои истилои муғул (асри XIII) ва ҳуҷуми Шайбониён (асри XVI) омаданд. Ба ин ҳақиқат омӯзиши таърихи ҳар яке аз қабилаҳое (қариб сад қабила), ки имрӯз якҷоя миллати ӯзбекро ташкил мекунад, гувоҳӣ медиҳад.

Аксарияти шарқшиносони ҷаҳон, аз ҷумла олимони собиқ кишвари шӯравӣ Осиёи Миёнаро маркази асосии мардуми эронинажод донистаанд. Сарчашмаҳои хаттӣ ва ковишҳои бостоншиносон далолат медиҳад, ки мардуми эронинажод - аҷдоди точикон тахминан дар миёнаҳои ҳазораи дуюми пеш аз мелод аз Осиёи Миёна ба сарзамини имрӯзаи Эрону Афғонистон, Покистону Ҳиндустон ва Хитой паҳн гардидаанд (Ниг.: **Б. Ғ. Ғафуров** - Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна. Кит. якум. Душанбе, 1983, с. 45; Нашри русӣ – М., 1972, с. 33). Инро таърихшиносони Ӯзбекистон низ эътироф кардаанд: «Дар тамоми водии Зарафшон суғдиён, ки ба забони эронии шарқӣ гуфтугӯ мекарданд, муқимӣ буданд» (История Узбекской ССР: С древнейших времен до середины XIX в. Ташкент, 1967, т. 1, с. 68).

Вардонзе яке аз нуқтаҳои асосии водии Зарафшон ва Суғдзамин ба ҳисоб меравад. Шаҳрҳои Бухорову Самарқанд марказҳои асосии ин водӣ буданд. Пас мардуми ин ноҳияҳо аз қадим эронизабон ва эронинажод буданд, яъне аҷдои халқи тоҷиканд. Ин ҳақиқати таърих аст. Пас чаро шумо онҳоро «энг қадимий турк» ҳисоб мекунед? На танҳо шумо, балки баъзе дигар қаламкашҳои Ӯзбекистон ҳам бе ягон далел ин марказҳои

қадимии тоҷиконро таьрихан шаҳрҳои туркӣ мешуморанд. Чунончи Н. Норқулов дар мақолаи «Бобокалонлар шаҳри» (маҷ. «Фан ва турмуш», 1990, № 10, с. 10, 14-15) чунин даъво дорад.

Маьлум аст, ки ӯзбекҳо халқи туркинажод мебошанд. Ҳоло баъзе олимони туркшинос баромади ӯзбекҳоро низ аз суғдиҳо, бохтариҳо, хоразмиҳо ва ғайра медонанд, ки ин аз ҳақиқат дур аст. Албатта, ӯзбекҳо ҳам дар тан, масалан, хуни суғдӣ доранд. Вале ин хун ба онҳо аз тоҷиконе, ки баъдтар ӯзбек шуданд ва забони ӯзбекиро қабул карданд, омадааст. Асли ӯзбекҳо аз суғдиҳою бохтариҳо нест, балки ӯзбекҳо пас аз чандин аср ба воситаи тоҷикон ба он халқҳои қадимӣ андаке хунпайвандӣ пайдо карданд. Унсури эронӣ, яьне унсури суғдӣ, бохтарӣ. хоразмӣ ва монанди ин дар этногенези халқи ӯзбек чун унсури бегонае иштирок кардааст ва асосан на бевосита, балки аксаран ба воситаи тоҷикон хеле баьдтар омадааст.

Доир ба калимаҳои «вардонхудот», «Вардонзе», ки дар гуфтугӯ баъзан «Варзонзе» ҳам мегӯянд, ҳаминро гуфтанием, ки ин калимаҳо ҳам ба туркӣ алоқае надоранд. Решаи онҳо «варз» ё худ «барз»-и суғдӣ мебошад, ки маьнои «боло» ё худ «баландӣ»-ро дорад. Номи дарёи Варзоб, ки аз миёнаи шаҳри Душанбе ҷорист, низ аз ҳамин калима буда, дарёи баланд гуфтан аст. Эҳтимол меравад, ки номи аслии Вардонзе Варзондеҳ бошад. Дар чунин ҳолат маънои он «деҳи боло» хоҳад буд. Зеро Вардонзе дар ҳақиқат нисбат ба Бухоро дар шимол ва нисбат ба Шофирком дар шимолу ғарб ҷойгир аст. Мардуми Бухоро бештар ба ҷои «шимол» «боло» ва ба ҷои «ҷануб» «пойин» мегӯянд.

«Худот» дар «Вардонхудот» низ калимаи суғдӣ буда, маъноящ соҳиб, шоҳ аст. Яьне, Вардонхудот шоҳи Вардонзе гуфтан аст.

Решаи калимаи «Шофирком» ба номи қадимии Шопур вобастагӣ дорад. Чунончи яке аз шоҳони Сосонӣ Шопури 1 (242-272) ва дигаре Шопури II (309-379) ном дошт. «Ком» ҳам калимаи сермаъноӣ форсии тоҷикӣ буда, яке аз маъноҳояш «ҷӯи калон» мебошад (**Ниг**.: С. Айнӣ. Куллиёт.- Душанбе, 1976, ҷ. 12, с. 161).

Маълум аст, ки Осиёи Миёна як давраи тӯлонӣ ба ҳайати давлати Сосониён дохил буд. Аз ин сабаб ҳеҷ ҷои тааҷҷуб нест, ки шояд номи Шофирком ба номи Шопур (эҳтимол Шопури II) алоқае дорад. Ба ҳар ҳол Шопуре он ҷо ҷӯи калоне бароварда будааст. Баъд «Шопурком» ба «Шофирком» табдил ёфтааст.

Ин гуна мисолҳое, ки дар асл эронӣ, яъне тоҷикӣ будани номи аксари маҳалҳои Ӯзбекистони ҳозираро нишон медиҳанд, хеле бисёранд. Ҳамаи номҳои эронӣ номҳои қадимиянд ва дар қадимтарин маъхазҳо сабт шудаанд, аммо номҳои туркӣ дар китобҳои асрҳои наздик бештар ба назар мерасанд, яъне асосан баъдтар пайдо шудаанд.

Ин ҳам гувоҳӣ медиҳад, ки дар он воҳаҳо аз қадим аҷдоди халқи тоҷик зисту зиндагӣ доштанд, дар тӯли асрҳо мардуми таҳҷоӣ ва сершумор буданд.

Тамоман дуруст аст, ки халқи тоҷик чандин аср боз бо халқи ӯзбек ҳампаҳлӯ зиндагӣ мекунад. Дар асрҳои охир, асосан дар асри XIX ва XX тоҷикону ӯзбекон ба якдигар духтар медоданд, қудову анда мешуданд ва хунашон ба ҳам бештар омехт. Аз ин сабаб урфу одатҳо ва маданияташон торафт ба ҳам наздик мешуд. Ин наздикиву монандиро баъзеҳо чунон эзоҳ медиҳанд, ки гӯё ин ҳама ӯзбеканд, ҳатто забонашон тоҷикӣ бошад ҳам, худашон дар асл турк мебошанд. Шумо, мӯҳтарам Алишер Хӯҷа, низ ҳамин фикри беасосро пеш рондаед. Шумо дониста ё надониста ба осиёи миллатгароён об мондаед.

Инкори мавҷудияти халқи тоҷик, ҳамаро турку ӯзбек номидан кайҳо боз дида мешавад. Чунин инкор солҳои 1917-1924 дар Ҷумҳурияти худмухтори Туркистон ва солҳои 1920-1924 дар Ҷумҳурияти Халқии Шӯроии Бухоро асоси сиёсати расмии доираҳои ҳукмронро ташкил кард. Дар ин ҷумҳуриятҳо касоне дар сари кор буданд, ки ҳастии халқи тоҷикро инкор карда, тоҷиконро маҷбуран ӯзбек менависонданд.

Бунёдгузори ҳизби ҷавонбухороиёни инқилобӣ Файзуллоҳ Хоҷаев аввали соли 1920 дар муқаддимаи барномаи ин ҳизб тамоми аҳолии аморати Бухороро «қабилаҳои туркӣ» номида буд. Ба ақидаи ӯ, гӯё «қабилаҳои туркиро аз ҷумла: кенагазҳо, манғитҳо, ӯзбекҳо, туркманҳо ва тоҷикҳо, ки асрҳо боз дар сарзамини Бухоро зиндагӣ мекунанд», ташкил медодаанд (ниг. Архиви Институти илмҳои ҷамъиятии Ӯзбекистон, фонди 722,

рӯйхати 1, ҳуҷҷати 3, вараҳи 28). Чунонки, мебинед, ин ҷо Ф. Хоҷаев тоҷиконро яке аз халқҳои турк донистааст. Ин нишонаи бесаводии таърихист. Миллатгароии пантуркистӣ ба ҳамин бесаводии таърихӣ ё ба таҳрифи таърих, яъне вайрон кардани он асос ёфтааст. Дар ҳамин асос Файзуллоҳ Хоҷаев дар Бухоро ва Ӯзбекистон тоҷиконро ӯзбек менависонид. Бисёре аз тоҷикон ҳам рафта-рафта ба ин фикри ғайриилмӣ бовар карданд.

Ҳоло мо имкон дорем, ки саводи таърихӣ барорем. Бисёр китобҳое ҳастанд, ки ҳақиқати таърихиро аз роҳи илм падид овардаанд. Аз ин китобҳо тамоман равшан аст, ки тоҷикон ва ӯзбекон халқҳои бародаранд, дурусттар он ки бародархонди таърихӣ мебошанд, яъне дар асл падару модари ҳар кадоми онҳо дигар аст: тоҷикон дар аслу насаб эронӣ ва ӯзбекон дар аслу насаб турканд. Бино бар ин, ақидаи шумо, мӯҳтарам Алишер Хӯҷа, ки гӯё тоҷикзабонҳои Бухоро «решаҳои туркӣ» доранд, ба таърихи аслӣ ҳеч мувофиқ намеояд.

Бино бар чунин тасаввуроти дур аз ҳақиқати таърих ва хилофи воқеияти имрӯзист, ки тоҷиконро гӯё ба «решаҳои туркӣ» пайвастан ва ба забони ӯзбекӣ «баргардондан» мехоҳанд. Баъзеҳо ин корро бо зӯроварӣ иҷро карданиянд. Бинед, яке аз мухлисони ҳафтаномаи «Озод Бухоро» И. Аҳмадови ғичдувонӣ чӣ гуфтааст. Ӯ қатъиян талаб кардааст: «Шахсоне, ки забони даалатии ҷумҳуриятро (яъне забони ӯзбекиро - М. Ш., Н. Ҳ.) намедонанд, аз ҳуқуқи фуқароии шаҳри Бухоро маҳрум карда шаванд» (айнан: «Жумҳурият Давлат тилини билмаган кишилар Бухоро шаҳри фуқаролигидан маҳрум этилсин». **Ниг**.: *И. Аҳмедов*. Биз киммиз? Қаёқа кетаяпмиз? «Озод Бухоро», 28 . Х11. 1991).

Ҳафтаномаи «Озод Бухоро» шумораи якуми худро бо ҳамин гуна талаботи қатъӣ сар кардааст. Наход ин ҳафтанома ва ҳизби «Эрк» тоҷикони Бухороро ҷабран ӯзбекигӯй кардан мехоҳад, наход ин ният як ҷузъи маромномаи «Эрк» аст?! Агар чунин бошад, бояд гӯем, ки «Эрк» барака намеёбад.

И. Аҳмадов хоҳишҳои ноинсофонаи худро чунин асоснок кардан мехоҳад, ки гӯё «Бухорои қадим понздаҳ аср боз ватани туркизабонҳо будааст» (айнан: «Қадимий Бухоро ӯн беш асрдан буён туркий тилда сӯзлашувчилар ватани бӯлиб келган»). Аммо маълум нест, ки ин гап ба чӣ асос гуфта шудааст. Ин ҳукм заррае

асос надорад. Ҳанӯз ягон таърихшинос ягон далелу бурҳон наовардааст, ки дар ягон давру замон туркигӯйии халқи таҳҷойии Бухороро исбот мекарда бошад. Барьакс, аз таърих маълум аст, ки мардуми аслии Бухорову Самарқанд аз аввал форсигӯй буданд, яьне забони онҳо монанди имрӯз форсии тоҷикӣ буд. На танҳо дар Бухорову Самарқанд аҳвол чунин буд, балки эронинажодон, яьне тоҷикон дар Қашқадарё ва Фарғонаву Тошканд ҳам мисли ҳозира бисёр, ҳатто аз ҳозира хеле зиёдтар буданд ва табиист, ки ба тоҷикӣ сухан меронданд. Аз ҳамин ҷост, ки баъди барҳам хӯрдани давлати тоҷикии Сомониён, яьне аз асри XI сулолаҳои туркӣ ва баъди асри XV сулолаҳои ӯзбекӣ ҳукмрон шуда бошанд ҳам, забони халқ, забони давлатӣ ва забони таълим забони форсии тоҷикӣ буд. На танҳо дар Бухорову Самарқанд, балки дар бисёр ноҳияҳои дигар тоҷикон на ақаллият, балки аксариятро ташкил мекарданд ва маҳз ба ҳамин сабаб забони онҳо забони расмии давлатдорӣ, мактабу мадраса ва адабиёту илм буд.

Ин ҳол дар Бухоро то соли 1920 давом ёфт. Аввалин коре, ки Файзулло Хоҷаев баъди ба сари ҳокимият омадан кард, ин буд, ки забони форсии тоҷикиро чун забони давлатӣ ва маорифу маданият аз байн бардошт ва ба ҷои он забони туркиро ҷорӣ кард. Вай 11 марти соли 1921 бо қарори Шӯрои нозирони халқи ҷумҳурияти Бухоро ба таври расмӣ забони туркиро забони давлатӣ эълон намуд (ниг. рӯзномаи «Известия ТуркЦИК», 17 марти с. 1921). Ин яке аз он ноинсофиҳои таърихӣ буд, ки дар замони мо бисёр рӯй додааст.

Аз ҳамон вақтҳо дар муддати зиёда аз 70 сол дар бисёр вилояту ноҳияҳо, махсусан дар Бухоро, тоҷиконро дар ҳуҷҷатҳои расмӣ «ӯзбек» навиштанд, мактабҳои тоҷикиро бастанд, аз тамошои телевизиони Тоҷикистон, аз мутолиаи матбуоту китобҳои тоҷикӣ дар канор нигоҳ доштанӣ шуданд, вале забони тоҷикиро аз байн бардошта натавонистанд. Инак, И. Аҳмадов ба воситаи ҳафтаномаи ҳизби «Эрк» роҳи нави ҳалли масъалаи забони мардуми Бухороро пешниҳод кардааст.

Ба андешаи мо, барои дуруст бурдани сиёсати миллӣ дар шароити Бухоро ба хубӣ донистани таьрихи ҳар се халқи асосии он: тоҷикон, ӯзбекҳо ва туркманҳо зарур аст. Бояд донем, ки дар вилояти Бухоро аз ҷиҳати шумора тоҷикон нисбат ба ӯзбекҳо ду

баробар зиёд мебошанд. Мардуми Бухоро, ки пантуркистҳо онҳоро «забонашон тоҷикию худашон турк» мегӯянд, дар асл тоҷик ва авлоди бевоситаи суғдиёнанд. Ва инро бояд эътироф кард; Сониян, бояд донист, ки дар ин вилоят на танҳо тоҷикон, балки туркманҳо ҳам дар ҳуҷҷатҳои расмӣ аксаран «ӯзбек» навишта шудаанд. Дар натиҷаи чунин сиёсат дар замони шӯравӣ дар баъзе деҳаҳо забони тоҷикӣ аз байн рафтааст ва ё меравад. Барои мисол, дар деҳаи Соктареи ноҳияи Ғиҷдувон, ба авлоди навраси С. Айнӣ назар афканед. Бисёре аз ҷавонони ин деҳ акнун забони тоҷикиро намедонанд. Ва ҳол он ки солҳои инқилоб аҳвол дигар буд: ҳама тоҷикигӯй буданд.

Таҳқири миллӣ ба некӣ намеанҷомад. Алҳазар аз ихтилофи миллӣ, аз низоъ ва кашмакаш! Ва ҳол он ки инкори мавҷудияти халқе, аз ҷумла инкори ҳастии тоҷикон дар марказҳои таърихӣ зуд ё дер метавонад низоъ ба миён орад. Гуфтаҳои мазкури шумо, Алишер Хӯҷаи мӯҳтарам, гуфтаҳои И. Аҳмадов ва дигарҳо, ҳамовозии онҳо аз тарафи шӯъбаи «Эрк» чунин хавфе дар пай дорад. Аз ин хавф бояд ҳазар кард.

Умедворем, ки мулоҳизаҳои мо боиси ранҷиши шумо намегардад, баръакс каме бошад ҳам, барои ифшои ҳақиқати таърих ва ҳақиқати рӯз, барои барқарории адолати иҷтимоӣ мусоидат хоҳад кард.

1992

# ДУРУСТИҲО АСОСИ ОШНОИСТ

## -1-

Ҳоло ҷамъияти мо таърихи худро аз нав дарк мекунад. Дар роҳи шинохти навини адабиёти шӯравӣ, тамоюлоти асосии он, эҷодиёти намояндагони алоҳидаи вай, моҳияти ғоявию эстетикии баъзе асарҳои маълуму машҳур ва баъзе асарҳои фаромӯшшуда қадамҳои ҷиддӣ гузошта шуданд. Ин як фароянди муҳим аст, ки ба фаро расидани саломатии ахлоқии ҷомиа мусоъидат мекунад.

Ба ин муносибат ба яке аз падидаҳои дур рафтани адабиёт аз ҳақиқати ҳаёт диққат ҷалб кардан мехоҳем, ки онро волунтаризм ва низоми фармонфармоиву зӯроварӣ ба миён овардааст.

Масъалаи инъикоси ҳақиқати ҳаёт ва ҳақиқати бадеъӣ дар зарфи ду-се соли охир дар бисёр мақолаҳо ба тарзи нав баррасӣ мешавад. Масъалаҳое, ки мо ҳоло ба онҳо таваққуф кардан мехоҳем, дар ҷамъомадҳои адибону адабиётшиносон, дар мақолаҳо (чунончи, мақолаи Сафар Абдуллоҳ ва Хуршеди Даврондухт «Оинаи каҷнамои тасвир» - Садои Шарқ, 1989, № 7) аз чанд ҷиҳат мавриди муҳокима қарор ёфтаанд. Бо вуҷуди ин, дар бораи он масъалаҳо сухан ронданро зарур медонем.

Идеологияву психологияи сталинизм ва касодиву рукуд дар бисёр мавридҳо боиси паст рафтани маданияти муносибатҳои байни миллатҳо гардид. Азаматхоҳӣ, кӯшишҳое дар роҳи бузургтар нишон додани халқи худ ба ҳисоби нахӣ задани халқи дигар, яъне як навъ изофанависии таърихиву маданӣ ба миён омада, нописандиву беэътиноӣ нисбат ба дигар халқҳо зоҳир шуд, ҳавобаландии миллӣ ривоҷ ёфт. Профессор С. С. Хромов дар як мақола дар ин бора муфассалан сухан ронда буд (ниг.: журн. «История СССР», 1986, № 6). Баъзе муҳаққиқони дигар, инчунин баъзе нависандагон ҳам аз ин хусус изҳори ташвиш кардаанд (чунончи, профессор Г. И. Ломидзе дар мақолаи «Қадри дӯстиро донем» - «Вопросы литературы», 1987, № 11).

Яке аз ҳамин равияҳои норавои зарарнок пайдо шудани шавқе нисбат ба ақидаҳои сарварони миллатгароии солҳои бист, нисбат ба ақидаҳои онвақтаи баъзе ходимони ҷамъиятии Осиёи Миёна аз қабили Файзуллоҳ Хоҷаев, Абдурраруфи Фитрат, Абдуллоҳ Раҳимбоев ва дигарон мебошад. Бебунёдии ақидаҳои онҳоро илм кайҳо исбот кардааст ва чанде аз худи он ходимони ҷамъиятӣ ҳам баъдтар эътироф намудаанд. Аммо баъзеҳо имрӯз ба он ақидаҳо умри дубора бахшидан мехоҳанд.

Дар асоси раванди ҳаққоният ва кушодагиву ошкоргӯӣ зарба ба чунин падидаҳо яке аз вазифаҳои муҳим дар даврони бозсозист ва барои устувории муносибатҳои дӯстонаи анъанию чандинасраи халқҳои мо, хусусан тоҷикону ӯзбекон зиёда зарур аст.

Ақидаҳои миллатгароии баъзе сиёсатмадорони солҳои бист дар ҳуҷҷатҳои ҳизбӣ, аз ҷумла дар Резолутсияи Анҷумани ХП РКП (б) расман маҳкум шудааст. Ин ақидаҳо чун як ҷараёни шовинистии таҷовузкор бар зидди халқҳои дигар, аз ҷумла муқобили тоҷикон равона шуда буд. Онҳо истиқлоли халқи тоҷикро эътироф намекарданд, мавҷудияти ин халқро чи дар гузашта ва чи дар замони ҳозира, хусусан дар Бухорову Самарқанд инкор менамуданд. Назарияе пеш гузошта шуда буд, ки гӯё тоҷикон низ ӯзбеканд, вале забони модарии худро аз даст дода, забони бегонагон – форсии вайронеро қабул кардаанд.

Миллатгароён ба таъсиси ҷумҳурияти Тоҷикистон сахт муқобилат карданд. Лекин ба ҳар ҳол соли 1924 ҷумҳурияти мухтори Тоҷикистон таъсис ёфта, соли 1929 ба республикаи ҳафтуми иттифоқӣ табдил шуд.

Асосгузори адабитёи нави тоҷикӣ ва яке аз сардафтарони адабиёти ҳозираи ӯзбек Садриддини Айнӣ, яке аз поягузорони Партияи Коммунистии Бухоро ва нахустин раиси Шӯрои Комиссарони халқии Тоҷикистон Абдулқодир Муҳиддинов, шоири инқилобкор Абулқосими Лоҳутӣ, Раиси Кумитаи Иҷроияи Марказии Тоҷикистон Нусратуллоҳ-махсум Лутфуллоев, яке аз сарварони миллати тоҷик Ширншоҳ Шоҳтемур, шарқшиносони шӯравӣ академик В. В. Бартолд ва профессорон А. А. Семёнов, В. Поливанов, А. Шмидт, бисёр кормандони намоёни ҳизбиву шӯравӣ ва ходимони маданият

муборизи шӯълавари зидди пантуркизми ӯзбекӣ буданд. Ин мубориза хусусияти байналмилалӣ дошт: намояндагони бисёр халқҳо, аз ҷумла халқҳои бародари қазоқ, туркман ва ӯзбек дар он иштирок кардаанд.

**-2-**

Пантуркизм гӯё шикаст ёфт, вале садои пантуркист гоҳ-гоҳ солҳои сиву чил ҳам ба гӯш мерасид.

Соли 1947 филми бадеъии «Алишери Навоӣ» баромад. Дар ин филм шоири тоҷик Биноӣ бар хилофи воқеияти таърих чун душмани забону адабиёти ӯзбекӣ амал кардааст. Навоӣ бо ӯ баҳс карда, аз ҷумла чунин фикре баён менамояд: вай, яъне Навоӣ ба забони халқ асар менависад, аммо Биноӣ ба забони бегонагон. Мантиқи ин фикр ҳамин хоҳад буд, ки дар Осиёи Миёна туркҳо зист доранд ва забону адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, хар чизе, ки ба эроният ва тоҷикон нисбат дорад, ба Осиёи Миёна бегона аст. Ин ҷо сухан аз садаи 15 меравад. Ба ин тарз аз забони Навоӣ фикре баён шудааст, ки ба ақидаҳои ӯ, ки аз мероси адабиву илмии вай, чунончи аз рисолаи «Муҳокимат-ул-луғатайн» ба хубӣ маълуманд, комилан хилоф аст. Манбаъи он – миллатгароии каҷдилону каҷ-фикрони солҳои бист аст.

Нусхаи нави филм, ки ҳанӯз чунин лавҳаву манзараҳо дорад, дар оғози солҳои ҳаштод бароварда ва аз барномаи якуми телевизиони Тошканд, яъне барои Тоҷикистон ҳам намоиш дода шуд.

Таблиғи ошкорои баъзе «назарияҳои» пантуркистӣ моҳияти асосии романи Маҳмадалӣ Маҳмудов «Қуллаҳои ҷовид»-ро («Ӯлмас қоялар», 1981), ки шӯҳрати пуршӯре ёфтааст, ташкил мекунад. Воқиаҳои ин роман дар нимаи дувуми асри XIX рӯй додаанд. Персонажҳои он беистиҳола суханҳое мегӯянд, ки шаъни миллии дигар халқҳо – русҳо, қазоқҳо, тоҷикҳоро таҳқир мекунад. Аввал як персонаж сухани оличанобе гуфтааст: «Ӯзбекҳо, қазоқҳо, қирғизҳо, туркманҳо, қарақалпоқҳо, тоҷикҳо як тананд», «шохҳои як дарахтанд» («Шарқ юлдузи», 1981, № 10, с. 56). Вале ин гап бо мақсади дигаре гуфта шудааст. Мақсад он аст, ки дафъатан таъкид ёфтааст: тоҷикон ҳам «дар аслу насаб турканд». Андаке

баъдтар яктан ва шохи як дарахт будани халқҳои гуногун сабаб гардидааст, ки дар ҳаққи кишвари Туркистон ва Бухоро чунин ҳукми қатъӣ бароварда шавад: «Ин сарзамин, ин кишвар ба ӯзбекон тааллуқ дорад! Ҳама аз они ӯзбекон аст!» (с. 71).

Ба ақидаи як персонаж, саҳви Темури ланг ин буд, ки «ба онҳое, ки ба миллатҳои бегона мансуб буданд, аз шаҳрҳои азиме монанди Бухоро, Самарқанд, Ҳирот ҷой дод». Боз ин персонаж гуфтааст: «Агар ман ба ҷои Темури бузург мебудам, ҳама мардони онҳоро яке боқӣ нагузошта, қир менамудам ё ҳамаро ахта ва ғулом мекардам» (саҳ. 72).

Ин гап дар бораи тоҷикон, дар бораи халқе гуфта шудааст, ки дар шаҳрҳои номбурда аз қадим (на бо «хатои» «Темури бузург», яъне на аз асри XIV, балки аз қадимулайём) зиндагӣ ба сар мебаранд.

Бо гуфтаҳои он персонаж ҷаҳон-ҷаҳон нафрат нисбат ба мардуми шаҳр, нисбат ба тоҷикон баён шудааст.

Ба тасаввури ин персонаж тоҷикон аҷаб халқи даҳшатангез будаанд, ки онҳоро саросар ахта карда ба ғуломӣ нигоҳ доштан лозим будааст. Ва ҳол он ки худи ин персонажи М. Маҳмудова бо ин тасаввураш касест, ки мехоҳад таърихро ба майдони даҳшату ваҳшат табдил бидиҳад. Ин персонаж аз як ҷиҳат ҳаққонияти таърихӣ дорад: Дар ҳақиқат турконе, ки дар асрҳои гузашта ба Мовароуннаҳр меомаданд, дар бораи мардуми бумӣ, дар бораи тоҷикон чунин тасаввур доштанд, ба тухми ин мардум оташ мезаданд, ин мардумро «қул»-ғулом мегуфтанд ва ҳақиқатан таърихро ба майдони даҳшату ваҳшат табдил медоданд. Рӯҳу равони ин персонаж мувофиқи воқеъияти таърих аст. Муаллифи роман ҳам монанди ин персонажи худ аст.

Оре, ҳамаи ин гуна гуфтаҳо дар романи М. Маҳмудов «Қуллаҳои ҷовид» ба персонажҳо тааллуқ доранд. Романро ҳар чӣ бештар варақ мезанем, бештар бовар ҳосил мекунем, ки маҳз чунин гуфтаҳои қаҳрамонон фаҳми таърихии нависандаро ифода менамоянд. Дар роман бархӯрди сахти ақидаҳои мухталиф ва таҳлили онҳо ба назар намерасад, барои падид овардани моҳияти иҷтимоъии он ақидаҳо кӯшише ба амал наомадааст, фақат баёни муфассали он фикрҳо ҳасту бас.

Баёни «бетарафонаи» муаллиф дар ин маврид як усули тасвир мебошад, ки махсусан интихоб ва бо мақсадҳои дур аз наҷобат истифода гардидааст. Он чӣ мунаққид Норбой Худойберганов қайд карда буд, ҳаргиз ҳодисаи тасодуфӣ нест. Вай гуфта буд: «Қаҳрамонони романи М. Маҳмудов аксаран баёнгари афкору андешаҳои муаллифанд» («Вопросы литературы», 1987, № 1, саҳ. 64). Ин сухани мунаққид ҳақ асту рост. Фақат бояд илова кунем, ки на танҳо қаҳрамонони мусбат, балки агарчи аҷиб ва ғайри одат аст, персонажҳои манфӣ низ чунин вазифаро иҷро кардаанд: нависанда ақидаҳои худро бо як навъ пофишориву устуворӣ аз забони персонажҳои бисёре ба талқин меорад ва аксаран миёни назари муаллифу назари персонаж фарқ намондааст, ҳатто персонажҳои манфӣ гоҳ ақидаи муаллифро ифода мекунанд. Манфуртарин гуфтаҳои персонажҳо низ ақидаи муаллифро ифода мекунанд.

М. Маҳмудов ҷавобан ба аппонентҳои худ дар мактуби саркушодаи ба номи «Сафед сиёҳ нахоҳад буд» («Оқ қора бӯлмайди»//Шарқ юлдузи, 1989, № 12) мегӯяд, ки сухани персонажҳои манфиро ба нависанда нисбат додан мумкин нест. Бешак, ба ин гап розӣ шудан даркор аст, зеро ҳатто аз суханони персонажҳои мусбат ҳам на ҳамеша падидаҳои кайфияти муаллифро ҷустан ҷоиз аст, чӣ ҷои суханони персонажҳои манфӣ. Вале камина бар инам, ки романи М. Маҳмудов «Қуллаҳои ҷовид» ба ҳар ҳол аз ин ҷиҳат истисност. Бисёр ҷолиби диққат аст, ки М. Маҳмудов дар ин бораи дар мактуби саркушода ишораҳои аҷибе дорад. Чунончи, ӯ аз суханони персонажи манфии худ, ки «Муродбеки ҷоҳил» ном гирифта буд, мисол овардааст, ки мегӯяд: «Агар манғит бошед, чаро ба забони бегона гап мезанед?... Мирзо Бедил, Зебуннисо Бегим, Хисрави Деҳлавӣ барин шоирон ҳам ӯзбеки софхун ҳастанд, яъне турканд. Инро дар ғазалҳои худ ҳам дақиқу равшан гуфтаанд. Аммо забони модарии худро гузошта, ба форсӣ ғазалҳо навиштанд. Сабаби инро чӣ мегӯед? Албатта, сабаб он аст, ки дар хона ба форсӣ сухан кардаанд». Ҳангоме ки нависанда ин суханҳои персонажро овардааст, вақте ки дар бораи шоирони бузурги гузашта, ки аслан турк буда, барои ифодаи дарди дили худ форсӣ-тоҷикро истифода кардаанд, сухан рондааст, ӯро ибораи «классикони тоҷик» ба хашм

овардааст: ин ибора дар баъзе мақолаҳои оид ба таърихи адабиёти тоҷикӣ ба чашмаш расида будааст. Ин аст, ки нависанда ба ғазаб омада, ибораи «классикони тоҷик»-ро тамасхуромез ба тоҷикӣ зикр намуда, чунин хитоб кардааст: «Мирзо Бедил, Зебуннисо Бегим, Хисрави Деҳлавиро «классикони тоҷик» номидан нодуруст аст (Шарқ юлдузи, 1989, № 12, саҳ. 184). Ин ҳукмро бинед! Гумон кардааст, ки мо ҳама аз пӯписае заҳракаф хоҳем шуд! Не, мутахассисони Тоҷикистон таърихи адабиёти худро на аз рӯйи тавсияҳои М. Маҳмудов ва ғосибони пантуркист, балки дар асоси таҳқиқи қонунмандиҳои инкишофи раванди адабӣ менависанд ва ин қонунмандиҳо намояндагони алоҳидаи адабиёт ва мақоми онҳоро муайян мекунад. Ин як тарафи масъала аст.

Паҳлӯи дигари масъала он аст, ки ба муносибати мулоҳизаҳои мазкури М. Маҳмудов дар бораи классикон як нуқтаро бояд ба назар гирифт. М. Маҳмудов аз мансубияти этникии Хисрав, Бедил ва Зебуннисо ва баъзе дигар шоирони форсигӯй сухан ронда, онҳоро ӯзбек номидааст ва ҳол он ки онҳоро дар замони худашон ва пас аз он ҳам дар гузашта касе ӯзбек наменомид, худашон ҳам аслан ва насабан худро на ӯзбек, балки турк меҳисобиданд, зеро чи дар қарни XIII, ки Хисрав мезист, чи дар садаи XVII-XVIII, ки замони Бедилу Зебуннисост, чи дар асри XIX, ки воқиаҳои романи М. Маҳмудов рӯй додаанд, қабилаҳои турк, аз ҷумла ӯзбекон – худро аз дигаре ҷудо медоштанд ва ҳама якҷоя ба касе иҷозат намедоданд, ки дар номбари элу қабилаи онҳо саҳве кунад. Баъзе нишонаҳои ҷудоии элу қабилаҳо дар замони мо ҳам ба назар меояд, чӣ расад ба асрҳои гузашта! Лекин дар замони шӯравӣ ба ҳар ҳол баъзе қисмҳои боқимондаи қабилаҳои турк дар Ӯзбекистону Тоҷикистони ҳозира бо ӯзбекҳо як шуданд, ба миллати ӯзбек чун қисмҳои алоҳидаи он дохил гардиданд. Аммо дар романи «Қуллаи ҷовид» мардумони нимаи садаи XIX туркеро, ки ӯзбек нест, ӯзбек шуморидаанд. Яъне нависанда ба мардуми асри гузашта шуури имрӯзӣ нисбат додааст. Ин ҳолатро дар роман чанд бор мебинем. Мақсад аз он ҳамоно таъкиди ягонагии халқҳои турк, ягонагии ҳама қисматҳои этникии миллати ӯзбек аст. Ин мақсад, бешак,

мақсади неку наҷиб аст, вале нависанда хилофи ифодаҳои онрӯзаи рӯйдод амал кардааст, аз таърихият дур рафтааст.

Боз як паҳлӯи сухани мазкури персонаж ҷолиб аст ва мо онро таъкид кардан мехоҳем. Нависанда дар мактуби саркушода он гуфтаи персонажро чӣ тавр эзоҳ додаст? Ин аст эзоҳи вай: «Магар дар ин диалог нисбат ба забони форсӣ камбиние ҳаст? Не, қаҳрамон ба ӯзбек гуфтааст, ки ба забони худ гап зан. Ин магар ба миллатгароӣ медарояд?»

Чунончи мебинем, М. Маҳмудов кӯшиш дорад, ки персонажи манфии худро аз ҳамлаи мунаққидон ҳимоя кунад. Ин кӯшиш тасодуфан ба миён наомадааст. Кӯшише дар роҳи сафед кардани баъзе рафтору гуфтори персонаж гувоҳӣ медиҳад, ки он персонаж кам ё беш лоақал дар баъзе мавридҳо назари муаллифро ифода мекунад. Аз ин ҷо тамоман равшан мешавад, ки гуфтаи мунаққид Н. Худойберганов дар бораи ин, ки қаҳрамонони романи М. Маҳмудов баёнгари ғояҳои муаллифанд, дуруст аст ва агарчи аҷибу ғариб менамояд, гоҳ инро ба персонажҳои манфӣ ҳам нисбат додан мумкин аст.

Гоҳ-гоҳе як персонаж андаке ва бо беҷуръатие ба гапи персонажи дигаре норозигӣ изҳор намояд ҳам, ин норозигӣ моҳияти вазъиятро дигар карда наметавонад. Персонажҳо ва муаллиф дар бисёр мавридҳо моҳиятан як чиз мегӯянд. Нависанда на танҳо ошкоро баъзе ғояҳои норавои гузаштаи наздикро, ақидаҳои пантуркистҳои солҳои бисти садаи бистро пеш рондааст, балки боз кӯшидааст, ки онҳоро ба шакли имрӯзӣ, бо мафҳумҳову категорияҳои айёми мо (на ба тарзҳое, ки хоси нимаи асри XIX бошад) ифода намояд. Дар ин сурат роман ба куллӣ бо тезию тундии тамом рӯ ба замони мо овардааст.

Аҳли ҷомиаи Ӯзбекистон романи М. Маҳмудовро маҳкум намуданд. Бино бар ин мумкин буд, ки дигар дар бораи он сухан наронем. Вале сухан рондан лозим омад. Роман пас аз он ки дар Ӯзбекистон маҳкум шуд, якбора дар маркази диққати нашрияҳои адабии мамлакат қарор ёфт. Бисёр касон ба ҳимояи он бархостанд. Аввалҳо баъзе мунаққидон гуноҳи муаллифро камтар карданӣ шуданд: гӯё нависанда ҳанӯз ҷавон аст ва чунонки Озод Шарофуддинов гуфта буд, «ба амалӣ кардани ният зӯраш нарасидааст, таҷрибаи эҷодии зарурӣ

камӣ кардааст» («Литературная газета», 17 марти с. 1982). Ва ҳол он, ки ба фикри мо, баръакс нависанда бо ҳама ҷавонӣ нияти аслии худро ба хубӣ ҷомаи амал пӯшондааст ва он чӣ мехост, ба даст овардааст. Романи ӯ воситае барои талқини ғояҳои муайяне, ғояҳои пантуркистӣ, зидди тоҷикон мебошад.

Баъдтар баъзе мунаққидон дар бораи ин роман сахттар сухан сар карданд. Чунончи, Н. Худойберганов навишта буд: «Муаллиф ба норасоиҳои бадеъии ҷиддӣ роҳ дод ва ин сазовори танқид аст, вале чаро бояд айби ақибнишинӣ аз мавқеъи партиявиро ба гардани ӯ гузорем?» («Вопросы литературы», 1987, № 1, с. 64). Мо ба чунин гузориши масъала розӣ нестем. Зеро бисёр камбудиҳои романи М. Маҳмудов, аз ҷумла, чун баёнгари фикрҳои муаллиф намоён шудани қаҳрамонон, ки Н. Худойберганов дар назар дорад, танҳо «норасоиҳои бадеъӣ» нестанд, балки ифодаи як майли муайяни ғоявӣ мебошанд, идеологияи пантуркизмро пеш меронанд.

Ба назари мо, баҳси Н. Худойберганов («Литературная газета», 22 июли с. 1987) бо профессор М. Ваххобов низ аз баъзе ҷиҳатҳо боварбахш нест. Дуруст аст, ки М. Ваххобов дар мақолаи «Бар хилофи ҳақиқати таърих» (рӯзномаи «Правда Востока», 4 декабри с. 1986) оид ба бисёр масъалаҳо чандон дуруст фикр намеронад ва профессор Г. И. Ломидзе дар мақолаи мазкураш аз ин хусус бо далелу бурҳон гап зада буд. Бо вуҷуди ин, мо чунин мешуморем, ки дар масъалаи романи М. Маҳмудов «Қуллаҳои ҷовид» ҳақ ба ҷониби М. Ваххобов аст. М. Ваххобов дар бораи М. Маҳмудов ва романи ӯ гуфтааст: «Ҳатто сарварони пантуркизми ӯзбекии солҳои 20 ба ин дараҷа бо берӯйӣ сухан накарда буданд».

Мо ба ин хулоса розӣ ҳастем, вале на аз он сабаб, ки ба пешонии касе барчаспу ёрлиқи сиёсӣ часпондан мехоҳем, балки аз он манзур, ки ҳар чизро ба номи худаш бояд гуфт.

Мактуби саркушодаи М. Маҳмудов «Сафед сиёҳ нахоҳад буд» нишон медиҳад, ки ҳимояи роман аз тарафи баъзе мунаққидон муаллифро илҳом додааст ва ақидаҳое, ки дар роман ифода карда буд, дар шуури ӯ бештар устувор гардидаанд.

М. Маҳмудов, аз ҷумла ба профессор М. Ваххобов, ки дар романи «Қуллаҳои ҷовид» вайронии ҳақиқати таърих ва

идеализатсияи замонҳои гузаштаро гӯшрас карда буд, ҷавоб гӯён ба мо талқин менамояд, ки «Шумо дар роман акси ҳолро мебинед». Нависанда чун далели даъво ин гуфтаи як персонажро мисол овардааст:

«Осиёи Миёна ҳам аз дарун пӯсида истодааст. Аз хате, ки дин кашидааст, берун набаромадан, ба се давлати хония тақсим шудан, ба забони худ фикр накардан, кушода мондани сарҳадҳо исбот мекунад, ки Осиёи Миёна аз дарун пӯсида истодааст. Осиёи башӯр монанди дарахтест, ки дар саҳрои беоб ба ҳоли бад расидааст».

Аз ин иқтибос ҳам аввало шуури имрӯза нисбат додан ба мардуми садаи гузашта дида мешавад. Инро лоақал аз он мебинем, ки қаҳрамон «аз хате, ки дин кашидааст, берун набаромадани» Осиёи Миёнаро гуфтааст. Ин як тасаввури нимаи садаи XX аст, ки ба як шахси нимаи садаи XIX нисбат дода шудааст. Дар нимаи дувуми қарни XIX ҳатто нобиғаҳое аз қабили Аҳмади Дониш чунин андеша намеронданд, ки аз баъзе аҳкоми ислом қатъи назар кардан мумкин аст. Афкори атеистӣ баъдтар, пас аз Инқилоби Октабр, чунончи дар ақидаҳои Абдурраурфи Фитрат пайдо шуд.

Бо вуҷуди ин, чизи асосӣ дар он гуфтаи қаҳрамон, ки муаллиф дар мактуби саркушода маъқул донистааст, ин нест. Чизи асосӣ дигар аст. Ба фикри нависанда, як сабаби аз дарун пӯсидани Осиёи Миёна дар нимаи садаи XIX ҳамоно «ба забони худ фикр накардани» мардумон аст. Пас, ба фикри персонажу муаллиф, мардумони Осиёи Миёна ба забони худ фикр намекарда бошанд, ба кадом забон фикр мекардаанд? Аз чандин ҷои роман маълум мешавад, ки он мардумон ба форсӣ, яъне ба тоҷикӣ фикр мекардаанд. Албатта, барои халқҳои турки Осиёи Миёна, аз ҷумла барои ӯзбекон форсиро ғайри забони модарӣ шуморидан мумкин аст. Лекин тоҷикон чӣ? Наход, ки тоҷикон ҳам ба форсӣ фикр кунанд «ба забони худ» фикр нахоҳанд кард? Охир, форсӣ забони модарии онҳост! На, нависанда ва қаҳрамони ӯ дар ин ҷои роман кайҳо фаромӯш кардаанд, ки дар Осиёи Миёна тоҷикон ҳам ҳастанд. Ё ки бовар доранд, ки тоҷикон ҳамон ӯзбеконанд, ки агар ба форсӣ гап зананд низ «ба забони худ фикр намекунанд».

Ин аст, ки чун сухан аз халқи ҳамсоя, аз тоҷикон рафт, фаромӯшхотирӣ пеш овардан, худро ба нодонӣ задан, муносибати ҳавобаландонае ба онҳо ва забонашон зоҳир намудан ва онҳоро бегона донистан аз ин персонаж зоҳир шудааст ва он ҳам акнун персонажи мусбат аст. Чунин муносибатро ба муаллиф ҳам нисбат додан лозим меояд. Шубҳае нест, ки чунин назаре, чунин нигоҳе ба атроф, ба як халқи ҳамсоя ҳақиқатеро ифода мекунад, ки ҷаҳонфаҳмии муаллиф аст. Вале мо ақида дорем, ки чунин ҷаҳонфаҳмӣ ва мазмуни иҷтимоъиву таърихии он ба воқеият қатъиян мувофиқ намеояд ва аз ин рӯ зарарнок аст.

М. Маҳмудов дар роман бузургдошти Темурро хуб ба ҷо оварда буд, дар мактуби кушодаи «Сафед сиёҳ нахоҳад буд» боз бештар ба «тарафҳои мусбати фаъолияти Темур», ба «мақоми таърихии» вай махсусан таваққуф кардааст. Вай дар мактуб боз як кӯшиш пеш гирифтааст, ки он қаҳрамонони манфии романи худро, ки амир Темури ҷаҳонгирро идеали худ медонанд ва пайдоиши «Темури замон»-ро орзу мекунанд, сафед ва ҳимоя намояд.

Яке аз «хизматҳои таърихии» Темур ба назари М. Маҳмудов он аст, ки «як давлати бузурги мутамаркиз» ба вуҷуд овард. Нависанда ин ҷо ба он гуфтаҳои В. И. Ленин такя кардааст, ки давлатҳои калон чи аз бинишгоҳи инкишофи иқтисодӣ ва чи ба эътибори манфиатҳои оммаи халқ судманд мебошанд. Лекин фаромӯш кардааст, ки ҳокимияти марказиятноки феодалӣ ҳамеша як мазмун надорад ва моҳияти онро ҳар дафъа мушаххасан муайян кардан лозим меояд. Давлати Сомониён дар ҳақиқат давлати бузурги феодалии мутамаркизи пурқуввате буд, ки дар натиҷаи муборизаи халқҳо ба муқобили хилофати араб ба арсаи таърих омад ва қувваҳои марказгурези феодалҳоро ба як муддати тӯлонӣ ба худ тобеъ карда, ба ҳамин восита барои тараққии иқтисод, маданият ва илм замина тайёр намуд. Аммо Темур чӣ? Темур на давлати мутамаркиз, балки як импиротурии нопайдоканор сохт ва барои ин халқҳои бешуморро ба зарби теғ зери даст оварда, чандин бор калламанораҳо барпо намуд (дар омади гап бояд гуфт, ки Бобур ҳам дар Ҳинд калламанора барпо карда буд, вале олимону нависандагони имрӯз, ки дар бораи Бобур

бисёр асар навиштаанд, аз ин хусус хомӯш мондаанд ва М. Маҳмудову персонажҳояш ҳам чизе намегӯяд).

М. Маҳмудов дар мактуби кушода чун аз Темур сухан меронад ва фаъолияти ӯро сафед кардан мехоҳад, ҳар лаҳза як гуфтаи В. И. Ленин, К. Маркс ва Ф. Энгелсро ба ёд меорад, вале аз он бобат хомӯш аст, ки К. Маркс ва Ф. Энгелс аз «усули ваҳшиёнаи Темур – Темурланг ҳангоми забти шаҳрҳои Курдистон» низ ёдовар шуда буданд (ниг.: Соч., т. X, с. 282).

Ф. Энгелс бо хашму ғазаб гуфта буд, ки «урдуи қалмоқони Чингизхон ва Темур ба шахрҳо монанди фавҷҳои малах ҳамла меоварданд ва ҳар чиро, ки дар роҳашон дучор омад, поймол мекарданд» (Соч., т. XII, с. 509). Бечиз нест, ки Темурро он гоҳ ки зинда буд, кофир номидаанд, «балои осмонӣ» ва «ҷазои илоҳӣ» хондаанд.

Бо вуҷуди инҳо, дар зарфи 20-25 соли охир чандин бор кӯшише пеш гирифтанд, ки аз кирдори ин ҷаллоди халқҳо «хизматҳои таърихӣ» ҷӯянд ва Шароф Рашидов ҳатто ҳайкали ӯро ҳозир карда буд. Акнун М. Маҳмудов гӯё он ҳайкалро шинондан мехоҳад. Вале оё халқҳо розӣ ҳастанд, ки ба ҷаллод ҳайкал гузорем?

Камина ақида дорам, ки имрӯз бузургдошти Темур таҳқире дар ҳаққи ёди таърихии халқҳост, ки ин ҷаллоди кофирро фаромӯш накардаанд. Дар ин сурат бояд дар ёд дошта бошем, ки теғи хуншори Темур хусусан дар болои сари тоҷикон дар ҷавлон буд.

Пас аз он ки М. Маҳмудов дар мактуби саркушода дар бораи «мавқеъи Темури ҷаҳонгир дар таърих» бисёр шарҳу эзоҳ оварда, инро ҳам барои сафед кардани гуфтаҳои персонажҳои манфии «Қуллаҳои ҷовид» истифода намуд, ба пиндошти мо, дигар ҷои шубҳа намонд, ки дар ин роман дар бисёр мавридҳо байни назари муаллиф ва назари персонажҳои манфӣ фарқи казоӣ нест. Муаллиф ҳудуди байни худ ва персонажро қасдан нест кардааст, то ки қувваҳоро пароканда накунад, як ҷо гирд оварад, матлабро гаштаву баргашта ба гӯши хонанда резад.

Аз ин ҷост, ки романи М. Маҳмудов фишори сахти таблиғӣ дорад ва ин фишор барои устувории фикрҳое, ки дур аз наҷобатанд, равона гардидааст.

**-3-**

На танҳо дар романи М. Маҳмудов таърих бадғаразона шарҳ ёфтааст, балки тавзеҳи бадғаразонаву таҳрифкоронаи рӯйдодҳои таърих дар баъзе асарҳои дигар ҳам мақсади асосист. Ин ҳолат боиси тезу тунд шудани муносибатҳои байни миллатҳо гардидааст. Бархе аз чунин асарҳо монанди романи М. Маҳмудов «Қуллаҳои ҷовид» зуд-зуд диққати аҳли танқидро ба худ мекашанд, вале ҳанӯз баҳои возеҳу равшани онҳо дар миён нест.

Яке аз персонажҳои романи М. Маҳмудов дар таҳлука аст, ки «мумкин аст, пагоҳ – фардо даъво кунанд, ки Ибни Сино ҳам форс буд» (саҳ. 70). Инак, Лудмила Салдадзе дар китоби «Ибни Сино» (1985) хеле кӯшидааст, ки барои чунин даъво имконе намонад. Л. Салдадзе мехоҳад исбот кунад, ки падару модари Ибни Сино аслан ба тоҷикон нисбате надоштанд. Ӯ менависад: «Инро, ки падари Ибни Сино шеа буд, воқеияти бебаҳс метавон донист… вале ба ин ваҷҳ инчунин ба он асос, ки Абдуллоҳ (падари Ибни Сино – М. Ш.) дар Балх ба дунё омадааст, ӯро эронӣ ҳисобидан шояд беэҳтиётие мебуд» (саҳ. 33). Чунонки мебинем, муаллиф далелу бурҳоне наовардааст. Далели ӯ фақат «беэҳтиётие мебуд» аст, ки низ ба чуну чаро ҷавоб надорад.

Аслу насаби ӯзбекии модари Ибни Сино низ ба ҳамин тарз «исбот» шудааст: «азбаски як шоҳзодаи турк на бо номи худ, балки бо лақаби тоҷикии «Шери кишвар» шӯҳрат ёфта буд, метавон тахмин зад, ки номи модари Ибни Сино – Ситора ҳам тарҷумаи тоҷикии калимаи туркист (саҳ. 34). Ва ба ин «асос» Л. Салдадзе чунин вонамудан мехоҳад, ки масъала равшан шуд ва баъд аз ин дар роман чунин сухан рондааст, ки гӯё ба нажоди туркии падару модари Ибни Сини дигар ҷойи шубҳа намонд.

Охир, бо чунин «тахминҳо» ҳар чиро хоҳем, «исбот» кардан мегирем. Муаллиф дар сарсухани китоб ин гуна «андешаҳои» худро «пайбурду тахмин» ва «фарзия» - «догадка» ва «гипотеза» номидааст. Ва ҳол он ки чунонки маълум аст, ҳар тахмину фарзия он гоҳ сазовори диққат хоҳад

буд, ки бунёди ҷиддие дошта бошад. Ва ҳол он ки Л. Салдадзе барои ҳеч яке аз даъвоҳояш далелу бурҳон надорад.

Ба муносибати ҳазораи Ибни Сино, ки соли 1980 баргузор шуд, дар Ӯзбекистон ақидае реша давонд, ки ин олими бузург дар асл аз туркон аст. Ин ақидаро дар бисёр навиштаҳо, аз ҷумла дар чандин асари бадеъӣ мебинем. Чунончи, марҳум Тошпӯлод Ҳамид дар достони «Қувғин» («Ронда», моҳномаи «Гулистон», 1980, № 8) гуфтааст:

*Ӯзбекбуви қизи – Ситора*
*Шундай ӯғил кӯрди, бу – бир бахт!*

Яъне (тарҷумаи таҳтуллафз):

*Ситора – духтари пиразани ӯзбек*
*Чунин писаре дид, ин худ як бахт аст!*

Дар достони шоири намоён Абдуллоҳ Орифов «Ҳаким ва аҷал» («Гулистон», 1980, № 9) мехонем:

*Чорва билан машғул эди ота-онаси,*
*Тирикликдан камтаргина ком олган эди.*

Яъне (тарҷумаи таҳтуллафз):

*Падару модари ӯ бо чорво машғул буданд,*
*Аз зиндагӣ камтарак ком гирифта буданд.*

Ин ҷо таъкиди чорводорӣ ба он сабаб омадааст, ки нишонаи мансубият ба қабилаҳои кӯчии турк мебошад. Дигар муаллифон дигар нишонаҳои чунин мансубиятро «ёфтаанд» ва мурғи хаёлоти ҳар кадоме ба тарзи дигаре ба парвоз омадааст.

Вале фаромӯш накунем, ки ҳамаи инро «Тарҷумаи ҳол»-и Ибни Сино, ки қисман ба дасти худ навишта ва қисман ба шогирдаш имло карда буд, тасдиқ намекунад. Аз ин «Тарҷумаи ҳол» маълум аст, ки падари Ибни Сино чорводор набуд, балки дар атрофи зодгоҳи худ андоз меғундошт. Дар

бораи мансубияти этникии аҳли хонадони ӯ аз «Тарҷумаи ҳол» тасаввури равшан пайдо кардан мумкин аст. Маълумоти дигар сарчашмаҳои асримиёнагӣ ҳам ба «Тарҷумаи ҳол» мувофиқанд. Фақат баъзе ривоятҳои бофтаи баъдӣ, ки бештарин дар байни туркҳои усмонӣ пайдо шуда буданд, Ибни Синоро турк донистаанд. Аммо сарчашмаҳои илмӣ Ибни Синоро ба нажоди турк нисбат надодаанд. Лекин турknажодии Форобӣ дар манбаъҳои илм таъкид шудааст. Як хусусияти муҳимми сарчашмаҳои асримиёнагӣ, таърихномаҳо, тазкираҳо, ёддоштҳо, сафарномаҳо ва ғайра ин аст, ки агар нафаре аз намояндагони сиёсат, илм адабиёту санъат аз нажоди ғайриэронӣ, хусусан аз туркон бошад, инро дар аксари мавридҳо махсусан таъкид мекунанд. Сарчашмаҳо аз ин ҷиҳат ба дараҷаи ҳайратангез хусусияти объективӣ доранд. Бино бар ин аксаран ҳеч асос надорем, ки дар ин масъала зиндагиномаи худнавишти Ибни Сино ва маълумоти сарчашмаҳоро ба назари эътибор нагирем ва дар муҳимтарин мавридҳо аз он дур равем.

Муҳаққиқони шӯравӣ бо тадқиқоти доманадоре чанде аз муҳимтарин масъалаҳои эҷодиёти Ибни Синоро мавриди баррасӣ қарор доданд. Аммо Л. Салдадзе монанди баъзе касони дигар ҳавое дар сар дорад, ки он тадқиқот ва ҳақиқатҳои маълумеро ба ҳеч барорад. Ӯ хеле мехохад, дар бобҳои аввал, бобҳои таърихии китобаш хонандаро ба сари фикре орад, ки тоҷикон аз қадим то замони мо дар Осиёи Миёна ҳамеша камшумор буданд, яъне ӯ гуфтан мехоҳад, ки чунин халқи хурд наметавонад дар таърих нақше гузорад, фарзандоне чун Ибни Сино ба майдон орад.

Бинед, ки Л. Салдадзе ин матлабро бо чӣ усулҳое «ба даст меорад». Ӯ таъкид кардааст, ки дар дашти Қаршӣ қарлуқҳо зиндагӣ ба сар мебаранд ва туркҳо дар баъзе ноҳияҳои Тоҷикистони ҳозира ҳам ҳастанд: дар Кӯлоб деҳае Қипчоқ ном дорад, дар дараи Ромит (ки ба чӣ сабабе дар китоб «дараи Ромитан» ном гирифтааст) мардуми туркизабонро дучор меоем, дар Ҳисор мардуми деҳаи Мусобозорӣ худро турк мешуморанд. Л. Саддадзе пеш аз ин номбар суоле ба миён овардааст: «То омадани Шайбонихон (асри XVI – М. Ш.) дар

воҳаи Бухоро киҳо мезистанд? Чӣ халқҳое ва чӣ қабилаҳое?» (саҳ. 36).

Ҷавоби ин саволҳо баъди он номбарҳо ба нияти муаллиф бояд ҳамин бошад, ки дар тамоми воҳаи Бухоро тоҷикон қариб нестанд. Аммо муаллиф парвое аз ин надорад, ки оё дар асоси он номбар чунин хулосае баровардан мумкин аст. Он номбар барои чунин хулосаи калони умумӣ ҳаргиз асос намедиҳад. Вай боз ҳафт деҳаи атрофи Бухороро зикр кардааст, ки номи туркӣ доранд. Ва чунин хулоса баровардааст: «Ҳар деҳаи атрофи Бухоро дар номи худ номи қабилаеро акс додааст» (саҳ. 36). Боз ҳам ҳеч маълум нест, ки чаро дар асоси чанд номе чунин хулосаи умумӣ баровардa шудааст. Ва ҳол он ки хулосаи ӯ комилан хилофи воқеият аст.

Ин гуфтаи Л. Салдадзе, ки гӯё номи ҳар деҳаи гирди Бухоро аз номи як қабилаи туркон гирифта шудааст, ба куллӣ нодуруст аст. Бухоро ва гирду атрофи он бо номҳои аҷоиби бостони суғдӣ ва форсии тоҷикӣ шӯҳрат дорад. Ин номҳо барои мутахассисони илми таърихи забонҳои эронӣ бозёфти муҳиммест. Албатта, дар ин миён номҳои туркӣ ҳам ба дид меоянд. Дар шаҳри Бухоро гузаре Дурман ном дорад, ки туркиву муғулист. Ин ҳам дуруст аст, ки дар Тоҷикистони имрӯз низ гоҳ-гоҳе номи туркӣ дида мешавад боқимондаҳои баъзе қабилаҳои туркӣ зист доранд. Вале ҳамаи инҳо ҳаргиз чунин маънӣ надорад, ки то замони Шайбониён ё пас аз он дар Мовароуннаҳр фақат туркҳо зистаанд ва имрӯз низ халқи асосӣ ҳаминҳоанд. На, ҳаргиз чунин нест. Он «назария», ки аз қарни XI тоҷикон дар Мовароуннаҳр хол-хол мезистанд ва дар уқёнуси туркҳо баъзе ҷазираҳои хурд ба дасти тоҷикон монда буд, исбот нашуда монд. Ба хусус «пайбурд»-ҳои оҷизона ва «тахмин»-ҳои ҳавоии Л. Салдадзе ҳеч қобилияте надоранд, ки ягон масъалаи таърихро ҳал бикунанд.

Бисёре аз дигар хулосаҳои Л. Салдадзе низ ба ҳамин тарз ҳайратангезанд. Вай хостааст, ки дар бобҳои авали китоб ба қаъри асрҳо, ба замонҳои қадим чашм андозад. Вале аҷобат дар ин аст, ки ин ҷо на таърихи вилоятҳои худи Осиёи Миёна – Суғд, Хоразм, Бохтар, Хуросон, ки бо тамаддуни бостонии худ хиради олии Ибни Синоро ғизо дода буданд, балки таърихи Олтой, Сибир, Муғулистон, Шарқи Дур, Хитой диққати

муаллифро ба худ кашидааст. Муаллиф фақат аз воқиаҳои ин сарзаминҳои дур, ки гоҳ Осиёи Миёнаро низ дахл карда ва гоҳ онро тамоман дахл накарда буданд, оғозгоҳҳои ташаккули ҳастии маънавии Ибни Синоро ҷустааст. Ва ҳол он ки Ибни Сино ҳамчун андешапарвари бузург дар рушду камоли илмӣ, дар ақидаву назарияҳои худ пой бар заминаи Хуросон ва Эрони Бузург, бар тамаддуни исломӣ ва маданияти Юнони бостон дошт. Ӯ такя ба рушди таърихии миллати худ, рӯ ба Ғарб дошт, аммо Л. Салдадзе ба зӯр рӯйи ӯро ба Шарқ гардондан мехоҳад. Гӯё Ибни Сино дар ҷустуҷӯйи саргаҳу сарчашмаҳои илм рӯй ба даштҳои Сибир ва Муғулистон доштааст.

Ин камоли хиёнати Л. Салдадзе ба таърих ва рисолати эҷодкории нависандаи таърихнигор аст. Ин хиёнаткорӣ ба мушовирони тошкандии ӯ, ки чанд гоҳ ӯро дар чорбоғи ҳукуматии Тошканд ҷо дода, ба ӯ «ҳамкории эҷодӣ» карданд, вобастагӣ дорад. Вагарна он гоҳ ки Л. Салдадзе дастнависи романашро ба Тоҷикистон овард, то ин дараҷа хилофи воқеъияти таърих нарафта буд.

Л. Салдадзе дар ин «ҷӯяндагиҳо» асосан ба китоби Л. Гумилёв «Туркҳои қадим» такя дорад. Пас суоле пеш меояд: наход, ки пас аз пайдо шудани асарҳои Л. Гумилёв, ки аз бисёр ҷиҳатҳо ҷолиб, вале гоҳ баҳсталабанд, асарҳои пештараву баъдии дигар олимони машҳури археолог, этногроф, таърихшинос, забоншинос ва ғайра дар бораи Осиёи Миёна аҳамияти худро аз даст дода бошанд? Асоси эътирофшудаи таърихи этникиву мадании Осиёи Миёнаи замонҳои қадим ва давраи феодализм асарҳои В. Иванов ва Т. Гамкрелидзе, В. Бартолд, Б. Ғафуров, С. Айнӣ, Е. Бертелс, И. Брагинский, А. Фрейман, В. Лившиц, В. Расторгуева ва дигарон, инчунин бисёр муҳаққиқони хориҷӣ мебошад. Вале навиштаҳои онҳо шавқи Л. Салдадзеро бедор накардаанд, зеро ба «консепсияи» аввалин бобҳои китоби ӯ мувофиқ намеоянд.

Қасдан чашмандозро яктарафа гирифтани Л. Салдадзе, аз таърихи қадими Хуросон, Суғд, Хоразм моҳиятан чашм пӯшидани ӯ, ба роҳҳои таърихии маданияти маънавии ин ноҳияҳои Осиёи Миёна эътибор надодан, нодида гирифтани ҳамбастагии сахти ин маданият бо Шарқи Миёна ва Шарқи

Наздик дар бобҳои аввали китоби вай як мақсад дорад: мехоҳад, ки ташаккули шахсияти Ибни Синоро аз решаҳои тамаддуни бостонии ватани ӯ, аз таърихи тоҷикон ва аҷдоди онҳо ҷудо кунад.

Албатта, як сохтакорӣ чанд сохтакории дигар аз пас меорад. Л. Салдадзе то охир ба ҳамин роҳ рафтааст. Ҳатто сужети китоби ӯ як бофтаи сунъии пастмаҳак ва ба ғоят дур аз воқеият мебошад. Дар ин сужет қозӣ Бурҳониддин – охирин қозикалони Бухоро чун донишманде тасвир шудааст, ки гӯё ҳама назариёти Ибни Сино, Ғазолӣ ва дигар файласуфонро нағз медонист. Ва ҳол он ки воқеан ӯ ҳаргиз чунин донишманд не, як ҷоҳили мутаассиб буд.

Хуллас, ҳақ ба ҷониби Сотим Улуғзода аст, ки гуфта буд: «Салдадзе асари худро романи таърихӣ номидааст, аммо бо таърихи ҳақиқӣ ҳеч муносибате надорад» («Аадабиёт ва санъат», 17 дек. 1987, саҳ. 5).

Пас, чӣ тарз имконпазир омад, ки чунин асаре чоп шавад? Ҷавоби ин савол, ба назари мо, чандон душвор нест. Он ҳама таҳрифу сохтакориҳо, паи ҳам овардани номҳо ва фактҳои сершумори таърихӣ, ки аксаран ба якдигар алоқае надоранд, ба Л. Салдадзе барои он лозим буд, ки хонандаи ноогоҳи худро гаранг карда, зеҳни ӯро ба сӯйи «пайбурду» тахмин ва фарзияҳои хаёлии худ кашад. Ин кори ӯ бояд ба баъзе касоне, ки ҳоло саргарми «назарияҳои» кайҳо бар бод рафтаи пантуркистӣ мебошанд, маъқул меомад.

Онҳо дар ҳақиқат қадри кӯшишҳои муаллифи романи «Ибни Сино»-ро зуд фаҳмиданд. Агарчи дастнависи ин китоб дар Тоҷикистон рад шуда буд ва баъдтар боз ба он чанд тақризи манфии дохилӣ омад, ба ҳар ҳол онро дар Тошканд чоп карданд: бо таҳрири узви вобастаи Академияи илмҳои ҶШС Ӯзбекисттн М. М. Хайруллоев 400.000 нусха ба табъ расид.

Инро ҳам бояд гуфт, ки дар таҳрири якуми китоби Л. Салдадзе, ки дастнависаш ба Тоҷикистон пешниҳод шуда буд, дар аввалин бобҳои «таърихии» он бисёр масъалаҳо дигар хел эзоҳ дошт, чунончи, Ибни Сино ва падару модари ӯ эронинажод, яъне тоҷик буданд. Дар нахустин романи Л. Салдадзе «Бурҷи Ҷаббор» («Созвездие Ориона».- М., 1978) низ

аз нажоди туркии Ибни Сино ва падару модари ӯ сухане намерафт. Ба фикри мо, ин ҳолат аз симои ахлоқии муаллиф гувоҳӣ медиҳад, ки мувофиқи ҷои нашри китоб ва адади нашри он «ақидаҳои» худро дар бораи таърих дигар мекунад.

Ба ин муносибат воқиаи дигаре ба ёд меояд. Соли 1977 тарҷумаи ӯзбекии китоби В. Воскобойников дар бораи Ибни Сино ба номи «Шифокори бузург» («Великий врачеватель. М., 1972) аз чоп баромад. Матни ин китобро дар тарҷумаи ӯзбекӣ аз калимаҳои «тоҷик» ва «тоҷикӣ», «форс» ва «форсӣ» ва «эронӣ», аз номи Рӯдакӣ, Фирдавсӣ ва дигар намояндагони адабиёти форси-тоҷикӣ тамоман тоза кардаанд, ҳар куҷо дар матни русӣ ин калимаву номҳо дучор ояд, фурӯгузор намудаанд. Мо намедонем, ки ин кор бо розигии муаллиф шуда буд ё бо худсарии тарҷумону муҳаррир ва нашриёт, вале бовари комил дорем, ки ин ҷо як тамоюли муайян ифода ёфтааст.

Собиқ котиби якуми КМ ҲК Ӯзбекистон Р. Н. Нишонов ба ҳамин қарибиҳо гуфт: «Агар аз иззату ҳурмати бародарони худ дар хонадони сермиллати мо сухан ронем, чун Ибни Сино дар ҳақиқат олими бузурги тоҷик аст, чӣ лозим буд, ки ӯро ба худ нисбат диҳем? Аз ин ки ӯ ба бародарони мо тааллуқ дорад, магар ба мо тааллуқ нахоҳад дошт?» («Известия», 21 апрели 1988). Ин суханони Рафиқ Нишонов дар Тоҷикистон бо қаноатмандии тамом пазируфта шуд. Шубҳа нест, ки фақат чунин гузориши масъала, ки поя бар ақли салим дорад, боиси ҳалли дурусти масъала ва паҳлӯҳои гуногуни он хоҳад гардид.

**-4-**

Таърихи қадим ҳоло диққати ҳама – ҳам олимон, ҳам нависандагон, ҳам кормандони санъат ва ҳам оммаи хонандагонро ба худ мекашад. Ин, албатта, тасодуф нест. Ин сухани К. Марксро медонем, ки гуфтааст: «Худшиносӣ нахустин шарти хирадмандист». Ин, ки мазмуни худшиносии иҷтимоъии таърихии миллат то чӣ андоза ба ҳақиқат мувофиқ меояд, аз муҳимтарин масъалаҳост. Аз бисёр ҷиҳатҳо ба ҳамин худшиносӣ вобаста хоҳад буд, ки миллат вазифаҳои нави худро чӣ тавр таъин мекунад, мавқеъи худро дар дунё, муносибату

муомилаи худро ба дигар халқҳо чӣ тавр муайян менамояд, то чӣ дараҷа ба ӯ муяссар мешавад, ки дар ин кор воқеан хирадмандӣ зоҳир кунад.

Асари бадеъӣ, сухани олии нависандаи забардаст аз омилҳои муҳиммест, ки худшиносии шахс ва миллатро ташаккул медиҳанд. Нависанда барои шаклгирии худшиносии таърихии шахс ва миллат, ё баръакс, агар хоҳад, барои ба роҳи нодурусти дурӯғин дохил намудани худшиносӣ зиёдтар аз олими таърихдон имконият дорад, зеро таъсири сухани бадеъӣ ё бадеъии публисистӣ аз таъсири сухани илмӣ бештар аст. Аз ин ҷост, ки масъулияти нависанда дар назди хонанда, ҷамъият, таърих ба ғоят бузург аст. Афсӯс ки ин масъулияти махсусро на ҳамаи нависандагон ва на ҳама вақт мешиносанд.

Инак, дар дасти мо эссеи шоири намоёни ӯзбек Муҳаммад Алӣ «Худро бишинос», ки дар рӯзномаи ҷумҳурии комсомолии «Ёш ленинчи» 30-31 августи соли 1988 чоп шуда буд. Мақолаи муфассали Мӯҳсини Умарзода то чӣ андоза бебунёд будани даъвоҳои Муҳммад Алиро бо далелу бурҳон ва бо ҳиссиёти баланд исбот кард. Мо ҳоло ба ҳамин чиз диққат ҷалб кардан мехоҳем, ки мақолаи Муҳаммал Алӣ шуури таърихии ҷавононро ба роҳи нодурусте, ба роҳи «ифтихори миллии» дур аз ҳақиқати таърихӣ равона месозад.

Вай исбот кардан хостааст, ки дар Осиёи Миёна аз қадим фақат туркҳо зиндагӣ мекарданд. Ӯ ҳам материали фаровоне – маводи таърихӣ, забоншиносӣ ва ғайра, ривояту қиссаҳоеро истифода карда, чунон вонамуд месозад, ки гӯё таҳқиқоти ҷиддие анҷом додааст. Вале ин ҳама фақат вонамуд асту бас.

Дарёи Аму дар қадим Окшо ном дошт. Ин ном баъдтар дар пулҳои Кӯшониён сабт шудааст. Юнониёни замони Искандари Мақдунӣ онро Оксос мегуфтанд. Баъдтар туркҳо Окшоро Укуз (Барзагов) гуфтанд ва ин табдили туркӣ дар манбаъҳои Хоразми асрҳои миёна ба назар мерасад. Яъне тағйири савтии номи қадимии Аму ин тавр сурат гирифта буд: Окшо – Оксос – Ӯкуз, аммо Муҳаммад Алӣ ба ин раванди тағйирот равиши акс додаст: гӯё номи аслӣ Укузи туркист ва Оксоси юнонӣ аз он маншаъ гирифтааст. Яъне ба фаҳми Муҳаммад Алӣ раванди таърих по дар ҳаво дорад.

Муҳаммад Алӣ хонандагони ҷавони худро бовар кунондан мехоҳад, ки Тӯрон – номи қадимии Осиёи Миёнаи ҳозира гӯё ба калимаи «турк» ва «Туркистон» алоқаманд ва ҳамреша аст. Барои ин, ки то чӣ андоза нодуруст будани ин тасаввур маълум шавад, як фикри туркшиноси намоён А. Самойловичро, ки соли 1913 баён карда буд, ёдрас меорем. А. Самойлович гуфтааст: «Маънои асосиву аслии калимаи «Тӯрон» ба туркҳо алоқамандие надорад. Истеъмоли бесаводонаи ин калима аз тарафи баъзе муаллифони аврупоӣ, аз ҷумла Вамберӣ, аз тарафи созмони венгерии «Ҷамъияти Тӯрон» мафҳум аст, ки ба масъала ранги дигар дода наметавонад. Агар рӯзномаи туркии Бухоро «Тӯрон» ва «Ҷамъияти нашри маорифи Тӯрон» дар Истанбул ин калимаро ба номи худ гирифта бошад, ин боз як бор гувоҳӣ медиҳад, ки туркҳо аз забони худ ва таърихи худ кам огоҳӣ доранд. Ин ҳақиқат, ки «Тӯрон» калимаи эронӣ буда, маънояш кишвари эрониён (Туркистони ҳозира) мебошад ва аз ин сабаб туркону тӯрониёнро як донистан, аз ҷумла истилоҳи «нажоди тӯронӣ» аз назари илмӣ тамоман нодуруст аст, - ин ҳақиқат, масалан, аз тарафи шарқшиноси олмонӣ Маркварт ва шарқшиносони рус В.В. Григорйев ва К. А. Инострансев таъкид шуда буд». (*А. Самойлович.* Мусулманская периодическая печать. «Мир ислама», № 4, саҳ. 634).

Ба назарам, масъала равшан шуд: кӯшиши тобеи таърих ба ифтихори миллии дурӯғин кори бефоидаест, баръакс, ифтихори миллии ростин ба таърихи ҳақиқӣ, ба фаҳмиши таърихии замони ҳозира асос меёбад. Дил мехоҳад, ки хонандагони ҷавони Муҳаммад Алӣ аз рӯзномаи «Ёш ленинчӣ» ин ҳақиқатро ба хубӣ бишиносанд.

Муҳаммад Алӣ ба хонандагон талқин мекунад, ки агар баъзе қаҳрамонони Фирдавсӣ, чунончи Афросиёб, баъзе номҳои ҷуғрофӣ – Аму, Самарқанд, Шош ва ғайра ҳамрадифи туркӣ ҳам доранд ё ба туркӣ ҳам шарҳи этимологиро соҳибанд ва агар ин номҳои туркӣ ва ё этимологияи туркии онҳо дар китоби Маҳмуди Қошғарӣ «Девону луғот-ут-турк» сабт шудааст, пас ин гӯё ҳатман шаҳодат медиҳад, ки туркҳо – аҷдоди халқи ӯзбек дар Осиёи Миёна аз қадим зиндагӣ мекарданд. Ва ҳол он ки ин «далелҳо» ҳам ба чунин хулосае

асос шуда наметавонанд. Медонем, ки дар Осиёи Миёна номҳои қадимтарини ҳиндуаврупоӣ ва ҳиндуэрониро чӣ тавр бояд эзоҳ диҳем. Чаро ин номҳои ҳиндуаврупоӣ ва ҳиндуэронӣ дар назари Муҳаммад Алӣ аҳамияте надоранд ва аз ин ҳақиқат, ки аҷдоди халқи тоҷик дар ин сарзамин аз қадим маскунанд, гувоҳӣ намедодаанд? Охир «Девону луғот-ут-турк» асари асри XI аст ва тасаввуроту тавзеҳоту ривоёти давраҳои баъдтарро дар бар гирифтааст. Ва ҳол он ки бисёре аз он номҳои ҳиндуаврупоӣ ва ҳинуэронӣ дар Авасто ҳам ҳастанд (чунончи, Афросёб – Яшт, 19), яъне 20-25 қарн пештар аз таълифи асари Маҳмуди Қошғарӣ, тахминан 15-20 қарн пештар аз пайдоиши унсурҳои этноси турк дар Осиёи Миёна вуҷуд доштанд.

Қабилаву қавмҳои эронизабон дар поёни ҳазораи III ва оғози ҳазораи II–и пеш аз солшумории исавӣ дар Осиёи Миёна, Хуросон ва вилоятҳои ҳамсоя аз иттиҳоди қабилаҳои ориёӣ ҷудо шуда, баъдтар дар этногенези халқи тоҷик ҷузъеро ташкил кардаанд. Этногенези тоҷикон баъдтар унсурҳои дигаре, аз ҷулма унсурҳои туркиро ҳам фаро гирифт. Чандест, ки муҳаққиқони шӯравӣ ва аврупоӣ тафсилоти ин раванди таърихии доманадору тӯлониро қадам ба қадам муайян мекунанд. Лекин Муҳаммад Алӣ ба ин таҳқиқот коре надорад. Вай пайдоиши халқи тоҷикро дахл намуда, як ривояти таърихии оид ба ин масъаларо, ки илм тасдиқ накардааст, мӯътабар медонад. Аз рӯи ин ривоят пайдоиши халқи тоҷик гӯё ба омадани қабилаи арабии Тай, яъне ба давраи истилои араб, ба садаи VII вобастагӣ дорад. Муҳаммад Алӣ бо тааҷҷуб навиштааст: «Пас аз он ки намояндагони қабилаи Тай дар сарзамине, ки мо (яъне, туркҳо – М. Ш.) зиндагӣ мекардем, пайдо шуданд, лозим буд, ки забони арабӣ инкишоф ёбад, лекин забони форсӣ бартарӣ пайдо кардан гирифт». Ӯ пас аз ифодаи ҳайрату тааҷҷуб боз илова кардааст: «Ҳамон вақт бисёр касонро аз Эрон ба Туркистон кӯчониданд ва ин дар баъзе ҷойҳо, хусусан водии Зарафшон хусусияти умумӣ пайдо кард». Ба гуфти Муҳаммал Алӣ, аз ҳамин арабҳо ва муҳоҷирони эронӣ халқи тоҷик ташаккул ёфт.

Ба ин иноят шукр мегӯем: охир, Муҳаммад Алӣ аз дигар ҳамфикронаш фарқе дорад, ки ба ҳар ҳол мавҷудияти халқи

тоҷикро эътироф кардааст. Оре, гӯё эътироф намудааст. Эҳтимол ӯ боз умедвор бошад, ки аҳли таърих, ин эътирофи ӯро баҳои баланд хоҳанд дод ва қадами ҷиддие дар муносибатҳои байни халқи ӯзбеку тоҷик хоҳанд донист.

Ба ҳамин тариқ, тасаввуроти Муҳаммад Алӣ дар бораи таърих ва мақоми халқи тоҷику ӯзбек дар Осиёи Миёна аксаран хилофи воқеият аст, бар акси он аст, ки дар воқеъ буд. Аз ҷумла дар замони истилои араб, дар садаи VII туркҳо дар Моваруннаҳр зиёд набуданд ва Мовароуннаҳр Туркистон ном надошт. Дар ин бора ба мақолаи ояндаи ин китоб муроҷиат кунед.

Чунин «фалсафаи таърих», ки Муҳаммад Алӣ, М. Маҳмудов, Л. Салдадзе ва дигарон талқин мекунанд, ба халқи ӯзбек чӣ медиҳад? Ба назари мо, фақат чизе медиҳад, ки имрӯз мо ҳодисаҳои манфӣ меномем: ҳодисаҳои манфии ҷиддии маънавию ахлоқие ба ҳосил меорад. Сохтакорӣ дар шарҳи таърих аз ҳама пештар дар худи Ӯзбекистон ба симои маънавию ахлоқии мардум таъсири зарарноке боқӣ мегузорад. Боз гӯшгузор меоварем, ки худшиносии иҷтимоъиву таърихии чанд насли ҷавонони ӯзбек, ҳофизаи таърихии онҳо мазмуни нодуруст ва аксаран бардурӯғ дорад. Ҷавонон дар бораи худ, дар бораи таърихи халқу кишвари худ тасаввури нодуруст дошта, дар асоси фаҳмиши дурӯғини таърих муносибати имрӯзаи худро ба халқҳои дигар таъин мекунанд. Бегумон, азбаски бунёди он тасаввурот дуруст нест, муносибати онҳо ба дигар халқҳо низ нодуруст муайян мегардад.

Алҳақ таърих дар баъзе мавридҳо таъйингари моҳияти рафтори имрӯзаи мост. Агар гузаштаро ба дурустӣ, ба мазмуни ҳақиқии вокеъии он бидонем, хатти ҳаракати имрӯзиву ояндаи худро дуруст муайян мекунем, вагарна аз эҳтимол дур нест, ки по каҷ гузорем.

Афсӯс, ки по каҷ гузоштан бисёр дида мешавад.

**-5-**

Муаллифони бисёр асарҳои илмӣ, илмии оммабоб ва бадеъӣ, мақолаҳои рӯзномаву маҷаллаҳои Ӯзбекистон ҳатто дар зарууртарин мавридҳо аз истифодаи калимаи «тоҷик» ва

«тоҷикӣ» худдорӣ мекунанд: гӯё забонаш ба «тоҷик» гуфтан намегардад. Аз ҷумла марҳум Саъдуллоҳ Кароматов дар романи «Реги тилло» («Олтин қум», 1980), ки воқеаҳои он дар замони мо ҷараён доранд, тоҷикони кӯҳистонро фақат «кӯҳистониён» («тоғли кишилар», «тоғлилар») ва забони онҳоро забони форсӣ номидааст («форс тилида сӯзлашади», саҳ. 193), аммо ҳангоме ки тӯйи онҳоро тасвир кард, мебинем, ки сурудҳои тӯй ба забони тоҷикии имрӯза аст. Забони тоҷикиро форсӣ номидани муаллиф на аз он сабаб аст, ки як забон будани форсиву тоҷикиро таъкид кардан мехоҳад, балки аз он сабаб аст, ки ба забон наовардаани «тоҷик»-ро беҳтар медонад. Ё ҳаминро дар назар дорад, ки тоҷикон дар асл ӯзбек буда баъд форсиро қабул кардаанд.

Ҳамин гуна ҳолате дар повести нависандаи маъруф Асқад Мухтор «Тангкӯчаҳои Бухоро» («Узки улочки Бухары», 1986) низ ба дид меояд. Қаҳрамони ин асар Файзуллоҳ Хоҷаев аст, ки пас аз инқилоб раиси Шӯрои Комиссарони Халқии Ҷумҳурияти Халқии Шӯроии Бухоро шуд ва солҳои 1924-1937 чунин вазифаеро дар ҶШС Ӯзбекистон иҷро мекард. Дар повести Асқад Мухтор солҳои навҷавонии Файзуллоҳ Хоҷаев бо баъзе воқиаҳои таърихии солҳои 1912-1914 алоқаманд тасвир ёфтааст. Нависанда вазифаи душворе пеши худ гузоштааст: ҷустуҷӯи идеал, печу тоби ҷустуҷӯҳои маънавию ахлоқии як навҷавони 16-18 соларо, ки баъд ходими намоёни ҷамъиятӣ ва сиёсии Ӯзбекистон шуд, нишон додан хостааст. Ба фикри мо, ин вазифаи ҷиддии эҷодӣ ба эътибори тасвири психологӣ ба тарзи шавқангезе иҷро гардидааст. Бо вуҷуди ин, бояд гуфт, ки дар повести «Тангкӯчаҳои Бухоро» ҳақиқати таърих пурраву мукаммал намудор намеояд.

Дар ин повест чанд бор маорифпарвари бузурги тоҷик Аҳмади Дониш, ки яке аз барҷастатарин фарзандони Бухорост, номбар шудааст, фаъолияти ҷамъияти махфии «Тарбияи атфол», ки яке аз бунёдгузорони он устод Айнӣ – дигар фарзанди намоёни Бухоро буд, тасвир ёфтааст. Маълум аст, ки ҷамъияти «Тарбияи атфол» дар таърихи халқи тоҷик ва маданияту маорифи он роли калон бозида буд. Баъзе аз аъзоёни ин ҷамъият асарҳое ба майдон оварданд, ки ба ганҷинаи асосии адабиёти тоҷикии оғози асри XX дохиланд. Ҳамаи воқеаҳои онвақтаи Бухоро сахт ҳамбастаи

таърихи халқи тоҷик мебошанд. Вале аз чӣ сабаб бошад, ки ин ҳақиқат ба доираи диққати муаллифи «Тангкӯчаҳои Бухоро» надаромадааст.

Асқад Мухтор ёдрас меорад, ки ҷамъияти «Тарбияи атфол» мактабҳои усули нав кушод, вале гӯё фаромӯш мекунад бигӯяд, ки ҳамаи он мактабҳои пӯшидаву кушода мактаби тоҷикӣ буданд. Дар байни персонажҳои эпизодии повест туркман, барлос, тотор, афғон, эронӣ (форс) ва дигарон ҳастанд, ки нависанда мансубияти милливу этникии онҳоро ҳар дафъа таъкид кардааст, вале калимаи «тоҷик» ё «тоҷикӣ» дар ин қисса дучор намеояд. Тасаввуре пайдо мешавад, ки дар Бухорои ибтидои садаи XX тоҷике намондааст.

Шояд барои устувор кардани ин тасаввур бошад, ки нависанда баъзе ҷузъиёт, номҳо ва истилоҳоту мафҳумҳоро каму беш дигар карда, ба ӯзбекӣ наздик овардааст. Чунончи, мардуми Бухоро аксаран «гузар» мегӯянд, муаллиф онро фақат «маҳалла» номидааст, номҳои тоҷикии «Бозори ғӯза» ва «Бозори қавола»-ро «Ғуза-бозор» ва «Қавола-бозор» ба қалам овардааст, «қори Дилкаш»-ро «Дилкаш қорӣ», «ака-мулло»-ро «мулла-ака», «тағой»-ро «тоға», «муллобача»-ро «муллавача» гуфтааст ва ҳоказо. Хуллас, гӯё дар ҷузъиёту реалияҳо ҳам миёни мардуми Бухоро ва масалан, мардуми Тошканд фарқе нест. Бегумон, ин ҳама «бедиққатӣ» нисбат ба ҷузъиёти назарногир кори нависандаро ба сохтакорӣ кашидааст.

Мо ақида дорем, ки қиссаи Асқад Мухтор на танҳо бо ин «майда-чуйдаҳо», балки бо тасвири вазъи умумӣ ҳам ҳақиқати таърихро нопурра ифода менамояд.

Воқеияти таърих дар асари бадеъӣ кам ё беш – ба кадом андоза, ки вайрон шавад, барои падид овардани ҳақиқат, хусусан барои таҳқиқи масъалаҳои муошрати байни миллатҳо зарар хоҳад овард ва тамоюли ғоявии асарро суст, аҳамияти ҷамъиятии онро кам хоҳад кард. Пайванди дӯстии халқҳои мо бо эҳтироми якдигар, бо ҳаққонияту самимият, бо миннатдорӣ аз ҳамдигар устувор аст. Нияти нораво, назари яктарафаю рӯякӣ, «фаромӯшхотирӣ» ва беэътиноӣ, дар ҳаққи баъзе падидаҳо хомӯш мондан, баъзе падидаҳои дигарро аз будашон зиёдтар нишон додан ва монанди инҳо асарро аз ҳаққоният дур мебарад. Ҳоло инҳо мониаи ҷиддие дар роҳи амиқбурди тадқиқи шуури

интернатсионалӣ ва масъалаҳои ҳозираи он, дар роҳи диди наву ҳалли тоза мебошанд.

Мақсад аз нодида гирифтани нақшу мақоми халқҳои дигар ва дороиҳои маънавии онҳо, мақсад аз чунин беэътиноӣ дар бисёр мавридҳо ҳамоно аз худ кардани дороиҳои маънавии онҳост. Нависандагону донишмандони Ӯзбекистон чандин бор кӯшишҳое ба кор бурданд, ки барои шиори «беэътино бошу аз худ кун!» пояи назарии замонӣ тайёр намоянд. Ба пиндошти мо, ин назария дар суханҳои зерини академики АИ Ӯзбекистон Х. Турсунов ҳам ифода шудааст. Вай мегӯяд: «Чун ба омӯзиши гузаштаи таърихӣ дахл мекунем, як тамоюли норавоеро бояд қайд кунем – баъзе ҷамъиятшиносон кӯшиш доранд, ки мероси таърихии маданияти халқҳои Осиёи Миёнаро байни «курияҳои» (гурӯҳҳои – М. Ш.) миллӣ тақсим ва пароканда кунанд. Олимони замони қадим (яъне Форобӣ, Ибни Сино ва Берунӣ – М. Ш.) ба ҳамаи аҳли башар тааллуқ доранд, асарҳои онҳо дороии ҳамаи халқҳост. Аз мо, олимони форматсияи сотсиалистӣ, оё лозим аст, ки ба шуури мардум унсурҳои зиддият дохил кунем, он ҷо, ки масъалае нест, масъалаҳо сохта барорем? Ҳар чӣ аз даст меояд, бояд кард, то ки халқҳои мамлакати моро муттаҳид намоем, дар асарҳо анъанаҳои муборизаи якҷояи зидди истисморгарон дар гузаштаи дур шарҳ ёбад» (газетаи «Правда Востока» 24 дек. 1986).

Дар ҳаққонияти фикре, ки дар ҷумлаҳои охир баён шудааст, шак нест. Чунин фикр, ки «олимони замони қадим (ва аз худ илова мекунем, ки на танҳо олимони қадим – М.Ш.) ба ҳамаи аҳли башар тааллуқ доранд, низ шубҳае ба миён намеорад. Он ҳақиқат, ки бузургоне чун Форобӣ, Ибни Сино, Берунӣ ба илму фарҳанги ҷаҳон тааллуқ доранд, ба ҳама маълум аст. «Мантиқи» сухани академики мӯҳтарам чунон неру дорад, ки аз он ҳақиқати маълум маъние кашидааст, ки ба куллӣ хилофи маънии аслии он аст. Оре, Форобӣ, Ибни Сино, Берунӣ ва монанди инҳо шахсияти ҷаҳонӣ, бузургони ҷаҳоншумуланд, лекин ҷаҳонватан набуданд! Ҳамаи чунин бузургон ватан доштанд, ҳар кадоме фарзанди қавмеву халқе буданд ва имрӯз мояи ифтихори миллате мебошанд. Аз ҷумла халқи тоҷик бо номи Ибни Сино ва Берунӣ, бо тамаддуни бузурги Бухорову Самарқанд фахр мекунад. Ва фалсафафурӯшиҳои касоне чун Х. Турсунов наметавонад

мардуми тоҷикро аз фарзандони бузургаш, аз ҳуқуқи ҳифзи мероси фарҳангии худ маҳрум бикунад.

Хусусияти умумиэронӣ ва умумитуркӣ, ҷанбаи тоҷикӣ ва ӯзбекӣ ҳеч гоҳ ба алоҳидагӣ, дар ҳолати ҷудоӣ аз якдигар ва бегонагӣ инкишоф наёфтаанд. Онҳо ҳамеша дар амали мутақобил буданд ва ба якдигар нақш мегузоштанд. Чанд гоҳ аст, ки тоҷикону ӯзбекон дар як сарзамин, гоҳ дар як деҳа, ки ба қисмҳои «миллӣ» ҷудо нашудааст, ҳампаҳлӯ зиндагӣ ба сар мебаранд ва дӯстии ин ду халқ дар хусусиятҳои умумии маданияти маънавию моддии онҳо нақш бастааст. Аз таърихи робитаи мутақобили адабиёти онҳо ҳам саҳифаҳои олиҷанобе ёфта метавонем. Дар ин бобат дар асарҳои адабиётшиносон маводи сершуморе гирд омадааст, вале, афсӯс, ки ҳанӯз аз ҷиҳати назарӣ ҷамъбаст нашудааст. Дузабонии тоҷикиву ӯзбекӣ дар адабиёт кайҳо боз ҷорӣ буда, хусусан аз садаи XVII густариш ёфт. Умумияти сарнавишти таърихии ин ду халқ хусусан дар оғози асри XX бештар дарк гардид ва сабаб ин буд, ки хоҳиши баробар хизмат кардан ба ҳар ду халқ дар дили бисёр нависандагон то рафт қувват гирифт. Маҳз аз сабаби ҳамбастагии таърихи ӯзбекону тоҷикон аст, ки хусусан дар охирин давраҳои пеш аз Октабр як қисми мероси адабӣ дар миёни ҳар ду миллат муштарак аст.

Таъкиди махсуси ин рӯйдоди шоёни таваҷҷӯҳ барои устувории минбаъдаи дӯстии халқҳои мо хизмат хоҳад кард. Мутаассифона, баъзе муҳаққиқон инро ба назар намегиранд ва фаромӯш мекунанд, ки кӯшиши аз девор тарошидани сояи тоҷик ҳаргиз нишонаи меҳре нисбат ба халқи ӯзбек нахоҳад буд ва ба манфиатҳои халқи ӯзбек хизмат нахоҳад кард.

**-6-**

Чандест, ки муҳаққиқон чи дар Ӯзбекситон ва чи дар Тоҷикистон зарурати омӯхтани эҷодиёти баъзе нависандагони барҷастаи адабиёти оғози қарни XX ва солҳои бисту сӣ, аз ҷумла Фитрат, Беҳбудӣ ва Чӯлпон, зарурати чопи асарҳои онҳоро гӯшрас мекунанд. Ба назари мо, ин хоҳиш комилан ҳаққонист. Дар ҳақиқат, шахсияти фавқулодаи ин нависандагон ҳама мураккибиву зиддиятҳои замонро дар худ

акс додааст ва агар эҷодиёти онҳоро ҳамаҷониба ба таҳқиқ орем, моҳияти аслии замонро амиқтар хоҳем фаҳмид. Лекин омӯзиши мо бояд ҳатман амиқ, ҳаматарафа ва объективӣ бошад, то ки пеши роҳи идеологизатсияро, ки то ин вақт чанд бор ба мушоҳида расида буд, баста тавонад.

Чунончи, ҳангоме ки фаъолияти Абдуррауфи Фитратро таҳқиқ мекунем, бояд ба чанд чиз эътибори махсус диҳем. Фитрат то Инқилоби Октабр дар Бухоро, дар муҳити адабиёти тоҷикӣ ва ҷунбиши маорифпарварони тоҷик, ҳамкадаму ҳамсафи Айнӣ, Мунзим, Ҳамдӣ ва дигарон ба воя расид, яке аз намояндагони пешбари адабиёти тоҷикӣ шуд, ҳама насру назми худро ба тоҷикӣ навишт. Аз чӣ бошад, ки баъзе муҳаққиқон инро «фаромӯш» кардаанд. Онҳо дар ин масъала мӯҳри хомӯшӣ ба лаби худ задаанд ва дар сурате ки Фитрат ба ӯзбекӣ ҳанӯз чизе нанавишта буд, эҷодиёти ӯро ба адабиёти ӯзбекӣ нисбат медиҳанд. Ва ҳол он ки то инқилоби феврал Фитрат аслан нависандаи дузабон набуд. Ин ҷо гап ҳатто дар дузабонӣ ҳам нест. Гар дар он аст, ки асарҳои як адабиётро ба адабиёти дигаре нисбат медиҳанд. Чунонки маълум аст, Фитрат пас аз инқилоб чандин асари драмавӣ ба вуҷуд овард, ки ҳамаи онҳо ғайр аз намоишномаи тоҷикии «Шӯриши Восеъ» ба забони ӯзбекӣ навишта шудаанд. Оё мо ҳақ дорем, ки ҳамаи драмаҳои ӯзбекии ӯро ба адабиёти тоҷикӣ дохил намоем? Не, ҳақ надорем, зеро онҳо рӯйдоде дар адабиёти тоҷикӣ нестанд, барои театр ва тамошобини тоҷик навишта нашудаанд. Онҳо шояд ба тарзи объективӣ барои инкишофи драматургияи тоҷикӣ рол бозида бошанд, аз эҳтимол дур нест, ки ба адабиёти баъзе халқҳои дигар ҳам таъсире иҷро карда бошанд. Фақат ба ин сабаб онҳоро ба адабиёти он халқҳо нисбат додан аз инсоф дур мебуд. Аз ин ҷост, ки ба ақидаи мо, нисбат ба асарҳои тоҷикии Фитрат, ки пеш ва баъд аз инқилоб навиштааст, низ чунин рафтор кардан лозим аст: онҳоро асосан ба адабиёти тоҷикӣ бояд нисбат диҳем. Аммо чун аз қиссаи Фитрат «Қиёмат» ё баъзе асарҳои С. Айнӣ, ки ба ду забон навишта шудаанд, сухан меронем, масъала ранги дигар мегирад: инҳо ба ҳар ду адабиёт баробар тааллуқ доранд.

Ҳар гоҳ ки аз Абдуррауфи Фитрат сухан меравад, боз як масъалаи дигарро ба назар бояд гирифт. Фитрат солҳои бист яке аз сарварони пантуркизми ӯзбекӣ буд. Он вақтҳо ки ӯ

комиссари маорифи Ҷумҳурии Халқии Шӯроии Бухоро шуд, бо сарварии Файзуллоҳ Хоҷа мактабҳоро аз тоҷикӣ ба ӯзбекӣ гузаронд, дар комиссариат барои ҳар дафъаи тоҷикӣ гап задани мардуми Бухоро 5 сӯм ҷарима ҷорӣ намуд. Дар Самарқанд низ он вақтҳо аҳвол ҳамин буд (дар ин бора ниг.: журн. «За партию», 1929, № 1-2 ва газ. «Тоҷикистони сурх», 1 сент. 1930). Ин як ҷузъи сиёсати зӯроварии ӯзбеконидани аҳолии тоҷик буд, ки дар натиҷа, масалан, дар Самарқанд соли 1920 тоҷикон 65.824 нафар бошанд, соли 1926 шумораи онҳо ба 10.70 нафар фуромад («За партию», 1929, № 1-2), дар шаҳри Бухоро ҳамагӣ 8.646 нафарро ташкил дод (ва бештари ин 8.646 тан ҳам яҳудиён буданд, ки худро тоҷик нависонданд).

Баъдтар Абдуррауфи Фитрат аз ақидаҳои миллатгароии худ даст кашид, дар охири солҳои бист боз ба забону адабиёти тоҷикӣ баргашта, ба маорифу маданияти тоҷикон хидмат кард, аз ҷумла танзими алифбои лотинии тоҷикӣ ва асоси қоидаҳои имлои имрӯзаи мо ба ӯ тааллуқ дорад. Вале фаъолияти пештараи пантуркистии ӯ ба халқи тоҷик, инчунин ба худи халқи ӯзбек, пеш аз ҳама ба худшиносии иҷтимоъиву таърихӣ ва ташаккули худогоҳии миллии онҳо бисёр зарар овард. Ин зарар ҳанӯз бартараф нашудааст.

*Ҳангоме ки ҳаёту эҷодиёти Фитратро ба таҳқиқ мегирем, ин ҳамаро аз чашм дур гузоштан мумкин нест. На танҳо ин, балки баъзе чизҳои дигарро ҳам бояд ба эътибор гирем. Вақте расидааст, ки моҳияти бисёр воқиаҳои он замонро бо навназарӣ равшан намоем ва айни ҳақиқатро гӯем.*

Шак нест, ки агар ҳама зиддияту ихтилофоти эҷодиёту фаъолияти баъзе шахсиятҳои барҷаста ва мардони таърих, масалан, Фитратро амиқан падид оварем ва нишон диҳем, ин кори мо ҳаргиз боиси кам дидани аҳамияти онҳо дар инкишофи маданият нахоҳад гардид, баръакс, барои пурратар намоён шудани ҳақиқати объективӣ мусоъидат хоҳад кард. Ва ҳол он ки амиқан падидории ҳақиқати объективӣ барои мустаҳкамии дӯстии халқҳои мо хидмат мекунад.

Имрӯз дар ҷамъияти мо зарурате пеш омадааст, ки ба ҳақиқати таърих амиқтар сар фурӯ барем, мураккабтарин ҷиҳатҳои устувории дӯстиву ягонагии халқҳои худро намудор оварем. Дар ҳалли бисёр масъалаҳо тафаккури нав ва биниши

амиқрави объективӣ зарур аст, то ки мазмуни фалсафии худшиносии иҷтимоъиву таърихӣ мувофиқи замон нав шавад, ин худогоҳӣ аз баъзе тасаввуроти нодуруст тоза гардад, ба ҳақиқати таърих то ҳадди имкон наздик равад. Бозсозиву беҳсозӣ бояд ҳаёти маънавии моро пурвусъат ва амиқ фаро гирад.

*Баҳсҳои кӯҳнаи бемаънӣ, ки зарари бисёр овардаанд, бояд қатъ гарданд, то ки ба зиндагии имрӯзаи мо халал нарасонанд. Баъзе ихтилофоти назар ва унсурҳои носолими муносибатҳои дутарафаро ба ёд овардан зарур шавад ҳам, он бояд дар роҳи амиқрафти назари объективӣ хизмат кунад, ба софкории ахлоқии ҷамъият ва солимии он ёрмандӣ намояд. Барои ин, албатта, ҷасорати шаҳрвандӣ лозим аст, ҳақгӯиву кушодадилии илмӣ, бадеъӣ ва инсонӣ зарур аст.* ***Алҳақ, дурустиҳо асоси ошноист***.

М. Маҳмудов дар мактуби саркушодаи худ дар бораи мақолаи профессор М. Ваҳҳобов «Бар хилофи ҳақиқати таърих» сухан ронда, чанд бор солҳои гузаштаро ба ёд овардааст, аз ҷумла ёдовар шудааст, ки М. Ваҳҳобов «пештар ҳам ба бисёр адибону олимони боистеъдод сахт часпида буд» (М. Маҳмудов ақида дорад, ки имрӯз худаш ҳам ба қатори ҳамон боистеъдодҳо медарояд). Баъд ӯ Ойбек ва Иброҳим Мӯъминовро номбар намудааст, ки дар вақташ М. Ваҳҳобов онҳоро танқид карда буд. Вале М. Маҳмудов сухане аз он намегӯяд, ки он гоҳ ҳам баъзе фикрҳои М. Ваҳҳобов дуруст буд, аз ин рӯ олими барҷастаи тоҷик академик Абдулғанӣ Мирзоев низ таъкид карда буд, ки дар романи Ойбек «Навоӣ» ҳам образи Биноӣ сахт вайрон тасвир шудааст. Афсӯс, ки ин танқиди А. Мирзоев ва М. Ваҳҳобов барои М. Маҳмудов сабақ нашудааст. М. Маҳмудов аз гузашта сухан ронда, мақолаҳои пештараи М. Ваҳҳобовро ба ёд оварда ва ба тоҷик будани ӯ ишоракунон хитоб кардааст: «Адабиёти ӯзбек, таърихи ӯзбек, халқи ӯзбек ба олими мазкур чӣ бадие кардааст?»

***Ҳай-ҳай, рафиқ Маҳмудов ва Маҳмудовҳо, андак андеша кунед. Он рафтору гуфтори шумо, ки мо дар ин мақола як-як дидем, айни бадӣ, айни зиштии иҷтимоъист, ки онро решакан кардан даркор аст. Медонем, ки ин зиштӣ на аз халқи ӯзбек, балки аз фарзандони нохалафи ӯ чун шумо зоҳир гардидааст. Мо бар зидди музахрафоти шумо мубориза мекунем ва ин кори мо***

***ҳаргиз талошу пархош ба муқобили халқи ӯзбек ё адабиёту санъати ӯ нест. Байни шумо ва халқи ӯзбек фарқ аз замин то осмон аст. Шумо на ифодагари андешаи миллии мардуми ӯзбек, балки гумроҳкунандаи халқи худ ҳастед, ба халқи худ азаматталабии миллӣ ва шовинизм омӯхтан мехоҳед. Бино бар ин аз рӯйи шумо ниқоб даридан кори савоб аст.***

Мо итминон дорем, ки ба таҳрифи ҳақиқати таърих, ба як олим ё нависандаи ӯзбек эрод гирифтан ва ба ӯ баҳс кушоданро бадқасдие нисбат ба «адабиёти ӯзбек, таърихи ӯзбек, халқи ӯзбек» тавҷеҳ кунанд, агар нарм гӯем, инро ниҳояти каҷфаҳмӣ ва ё кӯшиши каҷэзоҳӣ метавон донисту бас.

Ҳеч кас, аз ҷумла муаллифи ин сатрҳо замонату кафолат надорад, ки ба саҳву хато ва ё фахмиши нопурра роҳ нахоҳад дод. Муколама ва мубодилаи дутарафаю чандтарафаи афкор ҳақиқатро ошкор метавонад овард. Халқҳои мо дар бораи худ ва дирӯзу имрӯзи худ, дар бораи якдигар ва паҳлӯҳои гуногуни муносибаташон дар замонҳои гуногун бояд ҳақиқатро донанд ва дониста қадам гузоранд. Онҳо ҳар чи неку бадеро, ки дар таърихи муштаракамон буд ё имрӯз ҳаст, бояд бидонанд. Бояд худро бишиносанд, то ки ҳақро бидонанд ва муносибатҳои байни якдигарро аз рӯйи ҳаққоният сурат бидиҳанд. Адабиёти ҳақиқӣ ба ин кор мусоъидат мекунад. Барои ин, ки адабиёт ин вазифаро бо сарбаландӣ иҷро кунад, таҳқиқоти амиқи илмӣ ва бадеъӣ лозиманд, мубоҳисаҳое, ки барои баргузори онҳо ба хубӣ омодагӣ дида бошем, барои ҳусни тафоҳуму эҳтироми якдигар тайёр будан зарур аст. Аз ҷумла ба камоли бовар метавон гуфт, ки дар бораи инкишофи жанри таърихӣ дар адабиёти тоҷикӣ ва ӯзбекӣ мубоҳисаи шавқангезе баргузор кардан мумкин аст. Агар чунин мубоҳиса ба савияи баланди илмӣ сурат ёбад, барои худшиносии таърихии халқҳои мо аз аҳамият холӣ нахоҳад буд. Ва ҳолон ки қадаме ба сӯйи худшиносии таърихӣ қадаме ба сӯйи ҳақшиносист, ки боиси донистани мақому мавқеъи худ ва қадри якдигар хоҳад гашт. Пас, месазад, ки дар ин роҳ бишитобем.

*Он дам, ки дил ба ишқ диҳӣ, хуш даме бувад,*

*Дар кори хайр хоҷати ҳеч истихора нест.*[1]

1990

[1] *Ин мақола с. 1990 дар шумораи 9-и маҷаллаи «**Дружба народов**» (Маскав) ба сарлавҳаи «**Будем искать истину вместе**» чоп шуда буд. Дар он шумораи «Дружба народов» ҷавобе ба ин мақола бо сарлавҳаи «**Чего мы не поделили**?» низ чоп шуда буд, ки ба қалами Ҳамид Исмоилов тааллуқ дорад. А. Собиров А. Белов ва М. Ҳоҷимуҳаммадов низ ҷавобе бо сарлавҳаи **«Почему мы не можем договарится между собой?»** навиштанд, ки дар маҷаллаи **«Звезда Востока»** (1994, № 11) дар Тошканд ба табъ расид. Мазмуни ин ду ҷавоб аз сарлавҳаи онҳо маълум аст: ҷавобгӯйҳо асосан ба ин мазмун сухан рондаанд, ки чӣ лозим аст, ки аз якдигар гиребонгир бошем ва бо ҳам баҳс бикунем. Онҳо ягон масъалаеро, ки дар мақолаи камина омадааст, ҷиддан ба баррасӣ нагирифтаанд.*

# АГАР БА ТАРОЗУИ ИНСОФ БИСАНҶЕМ[1]

## -1-

12 январи соли 1991 дар рӯзномаи навтаъсиси «Халқ сӯзи», ки нашрияи Шӯрои Олии ҶШС Ӯзбекистон аст, як эссеи калони Абдуқаҳҳор Иброҳимов чоп шуд, ки «*Ман Бухороям!*» ном дорад. Сарлавҳаи дувуми ин эссе «Алам дар нӯги қалам» аст. Муаллиф Бухорои бостониро ба забон оварда, нақлро то охир аз забони шаҳр давом дода, дардҳои кӯҳнаву нави онро баён намудааст. Баъзе дардҳои иҷтимоъии Бухорои имрӯза ҳаққонӣ баён шудаанд ва хулоса аз ҳама арзи ҳол ин аст: «Ба ҳавлие, ки соҳибаш кӯчида рафта бошад, монанд ҳастам». Ин ташбеҳ дар ҳақиқат ҳоли зори Бухорои кунуниро нағз ифода мекунад.

Афсӯс, ки муаллиф дар бисёр мавридҳо сабабҳои асосии ба ҳоли фано афтодани ин шаҳри номдорро, ки дирӯзак яке аз ободтарин шаҳрҳои ҷаҳони ислом буд, нагуфтааст ва холисона наҷустааст. Баръакс, ба таърихи қадимии Бухоро бо бадғаразии забткорӣ нигариста, ҳама шукӯҳу шавкати фарҳангии онро ба халқи худ нисбат додааст. Гӯё тамоми таърихи Бухоро ва дастовардҳои ҷаҳоншумули фарзандони он ба куллӣ маҳсули даҳои халқҳои турк буда, имрӯз ба халқи ӯзбек тааллуқ дорад. Ба ақидаи муаллиф ҳатто Аҳмади Донишу Садриддини Айнӣ ӯзбеканд, зеро масалан, Аҳмади Дониш «ба форсӣ асар навишта бошад ҳам, бо фаъолияти худ барои равнақу истиқлоли яке аз давлатҳои ӯзбекӣ, ки номи маро (номи Бухороро – М. Ш.) доранд, ҷон сӯзондааст» ва «дар асарҳои худ гаштаву баргашта «мо - ӯзбекон» гӯён худро таъкид мекунад».

Ва ҳол он ки Аҳмади Дониш чун гоҳ «мо ӯзбекон» мегуфт, мансубияти миллии худ ва мардуми Бухороро ба назар надошт, балки аз бенизомии турконаи овони Манғитиён киноя

[1] *Ин мақола андак вироиш ва такмил шуд.*

мекард, ба безабтиву бетартибии кордорони ӯзбек ишора менамуд. Ӯ худ ва халқи худро ӯзбек нагуфтааст, балки аз сабаби он, ки мардум ба бесару сомонии иҷтимоъиву сиёсии ӯзбекӣ гирифтор мондаанд, мардумро сифатҳои ӯзбекӣ нисбат додааст.

Абдуқаҳҳор Иброҳимов мегӯяд, ки соли 1972 дар зарфи 42 рӯз дар Бухоро зиндагӣ карда онро ҳамаҷониба омӯхта буд. Вале мо дар ҳайратем, ки ӯ дар ин муддат гӯё ҳаргиз пай набурдааст, ки мардуми Бухоро ва он вилоят қариб ҳама (ба гуфти мардумшиносони Ленинград, 80 фоизи аҳолӣ) тоҷиканд ва аз қадим аҷдоди тоҷикон буданд, имрӯз ҳам ба тоҷикӣ ҳарф мезананд. А. Иброҳимов инро заррае пай набурдааст ва дар эссеи калони ӯ, ки як саҳифаи рӯзнома аст, боре ҳам калимаи тоҷик зикр нашудааст. Ҳама ҳастии Бухоро ба номи турку ӯзбек зикр гардидааст, ҳама Осиёи Миёна аз қадим то имрӯз фақат Туркистон ном гирифтааст ва муаллиф аз дигар номҳои таърихии ин сарзамин тамоман даст кашидааст.

Эссеи А. Иброҳимов аз ин ҷиҳат ҳаммазмуни романи Маҳмадалӣ Маҳмудов «Қуллаҳои ҷовид» (1981) аст. Яке аз фикрҳои асосии романи М. Маҳмудов ин буд, ки дар бораи Бухоро ва кишвари Туркистони қарни XIX гуфтааст:

«Ин сарзамин, ин кишвар ба ӯзбекон тааллуқ дорад! «Ҳама аз они ӯзбекон аст!» (Шарқ юлдузи, 1981, № 10, саҳ. 71). Ғояи асосии асари А. Иброҳимов низ ҳамин фикри ҳамагирист!

Иброҳимов таъкид менамояд, ки дар асри XVII дар Бухоро 250 мадраса, 390 масҷид, қариб 500 корвонсарой, 350 ҳавз мавҷуд буд ва ин аз дараҷаи баланди маданияти ин шаҳр гувоҳӣ медиҳад. Сабаби чунин ободонӣ, ба қавли А. Иброҳимов, ин будааст, ки чунон ки аз забони Бухоро мегӯяд, «умуман ба сардорони давлати туркӣ (ба халқам ҳам, албатта) иморат сохта завқ бурдан аз азал хос буд». Аз ин рӯ, А. Иброҳимов Манори Калони Бухороро «Манораи Арслонхон, яъне Ката минора» номидааст, ки на ба воқеияти таърих, на ба тасаввуроти халқ ва номи халқии он ҳеч мувофиқ намеояд. Чунон ки аз таърих маълум аст, баръакс, хонҳову бекҳои турк бо ҷангҳо, бо юришҳову ҳамлаҳои доимӣ мамлакатро хароб менамуданд, заминҳои киштро ба чарогоҳ табдил медоданд, он чиро, ки халқи маҳаллии муқимӣ сохта буд, вайрон мекарданд.

Дар қарни 19 чун дар баъзе ноҳияҳо тоҷикон забони ӯзбекӣ пазируфтанд ва ӯзбек шуданд, дар байни ин навӯзбекон хислати «иморат карда завқ бурдан» пайдо шуд ва имрӯз миёни мардуми ӯзбек бисёр дида мешавад. Аммо дар асрҳои пештар мардуми тоҷик бештар аз ороиши хайма ҳаловат мебурданду бас. Фақат баъзе аз ҳукуматдорони турк, агар давраи ҳукмрониашон тӯл кашида бошад, барои сохтани мадрасае ё корвонсарое аз пулҳои ғоратӣ андаке медоданд.

А. Иброҳимов аз забони Бухоро дар бораи хону султонҳои турк гуфтааст: «Дар таърихи даҳ асри охир шоҳид ҳастам, ки ягон ҳукмдорам дар даруни Аркам рӯйи ҷогаҳи нарм ба болишти пари қу сар гузошта, монанди фуқарои одӣ ё ки чун амалдоре ба тинҷӣ вафот накардааст. Ҳама ҳукмдоронам берун аз ман ё ба аҷали худ вафот ёфтаанд ё ки дар ҷангу ҷадалҳо шаҳид шудаанд». Барои А. Иброҳимов фарқ надорад, ки он «ҷангу ҷадалҳо» чӣ ҷангҳое буданд. Ҳамлаҳои ваҳшиёнаи кӯчиҳо, юришҳои феодалӣ, аз дами шамшер гузаронидани мардуми шаҳрҳову деҳаҳо бошад ҳам, боке нест, ҷанг бошад – шуд! А. Иброҳимов хону султонҳои турки ҷангҷӯ ва далериву нотарсии онҳоро мадҳу сано мегӯяд.

Вай бо афсӯсу дареғ гаштаву баргашта таъкид кардааст, ки Файзуллоҳ Хоҷаев – раиси Шӯрои нозирони Ҷумҳурияти Халқии Шӯроии Бухоро ва Ҷумҳурияти Шӯроии Сотсиалистии Ӯзбекистон «ҳама Туркистонро як кардан» ва «як давлати бузурги баадолат сохтан» мехост. «Туркистонеро, ки ба қисмҳо ҷудо шудааст, муттаҳид намуда, нияти ҷумҳурияти ягонаи Туркистон», ҳатто забони ягонаи умумитуркистонӣ ба вуҷуд овардан» дошт, аммо нагузоштанд, ки ӯ ба ин мақсадҳо расад. А. Иброҳимов парвое аз ин надорад, ки ғояҳои азаматҷӯйиву бузургдавлатии Ф. Хоҷаев дар солҳои бист бар зидди халқи тоҷик равона шуда буд, боиси поймол шудани ҳуқуқи мардуми тоҷик, сабабгори ноинсофиҳои гӯшношуниде дар ҳаққи ин халқи қадимӣ ва таҳҷоии сарзамини фарохманди Бухорову Самарқанд, балки ҳама Мовароуннаҳру Хуросон гардида буд. А. Иброҳимов аз ин парвое надорад. Ӯ дар дил орзӯе мепарварад, ки он ғояҳои Ф. Хоҷаев имрӯз аз нав зинда шаванд.

**-2-**

Бузургтарошиву манмании миллӣ, ба халқи худ нисбат додани ҳама таърихи гузаштаву ҳозира аз куҷо пайдо шуд ва чӣ мақсадҳое дорад?

Бояд гӯем, ки чунин даъвоҳои ғосибона таърихчае дорад, ки чанд асрро фаро мегирад. Ин даъвоҳо ҳар сари чанд гоҳ, аз як гӯшаи минтақаи бузурге арзи вуҷуд мекунанд. Як чашмаи он аз Туркияи усмонӣ ҷӯш зада буд. Он вақтҳо, ки Туркияи усмонӣ импиротурии бузурге буд ва султонҳои Туркия халифаи ислом ҳисоб мешуданд, чунин ҳавобаландиву манмании миллатгароӣ ва дағдағаи кишваркушоӣ хеле боло гирифт. Пас аз он ки импиротурии Туркия таназзул ёфту пора шуд, алами аз даст рафтани имконоти ҷаҳонгирӣ ҳисси миллиро баландтар ва даъвоҳоро зиёдтар кард. Туркшинос А. Самойлович, ки дар давоми чандин сол ҳама матбуоти халқҳои туркро аз назар гузаронида, мазмунашро мухтасаран баён мекард, аз ҷумла дар рӯзномаи Истанбул «Турк юрди» («Кишвари туркҳо») чунин даъвоҳоро бисёр дидааст. Яке аз онҳо ин аст: «Ҳукмрони ҳама коинот намояндагони ду миллат: туркҳо ва олмониҳо буданд; аз Тунис дар Африқо то Яман, Эрон, Ҳиндустон, Хитой, Қирим. Афғонистон, Балуҷистон, Бухоро дар Шарқ ва Шарқи Дур, ки қариб ними дунёро ташкил менамояд, дар давоми чандин аср мардумоне аз халқи турки пурзӯру наҷиб ҳукмрон буданд» (*А. Самойлович*. Мусульманская периодическая печать. Мир ислама, 1913, № 4, саҳ. 635).

А. Самойлович қайд мекунад, ки дар Туркияи усмонӣ «назарияи» «тӯронияти халқҳои қадимии Осиёи Хурд» пайдо шуда буд ва «тӯроният» - «туронизм», яъне гӯё аслан тӯронию турк буданро ба бисёр халқҳои дигар, аз ҷумла ба халқҳои соминажоди Осиёи Наздик нисбат медоданд. Ба гуфти А. Самойлович, «ғайриобъективӣ ва бадғаразона будани идора ва баъзе кормандон (-и «Турк юрди» - М. Ш.) чунин ифода меёбад, ки шумораи аҳолии туркро дар рӯйи замин ба тамом беасос хеле зиёд нишон медиҳанд, давлати хонияи Бухороро давлати туркҳо ҳисоб мекунанд («халқи ҳамон комилан турк ӯғли турк ӯлан Бухорои Шариф»)… (*А. Самойлович*, ҳамон асар, саҳ. 633).

Туркҳо Бухороро бо ҳама таърихаш, бо ҳама дороиҳои беназири фарҳангиаш мутааллиқ ба туркҳо эълон карданд ва пеш аз ҳама Ибни Синоро «турк ӯғли ӯлан турк» гуфтанд. Ҳама тамаддунҳои Шарқи бостон, ҳама бузургони Шарқ моли туркҳо ва мояи ифтихори онҳо дониста шуд. Аз ҷумла Зардуштро, ки ба ривояти зардуштиён аслаш аз Озарбойҷон буд, низ турк ба шумор оварданд. Он гоҳ Эраҷ Мирзо як шеър гуфт, ки Зардушт пайғамбар буд ва агар пайғамбар турк бошад, шояд Худо ҳам турк аст.

Дар қаламрави Иттиҳоди Шӯравӣ ҳам пас аз инқилоб раванди худшиносии миллӣ суръат ёфта, дар баъзе мавридҳо ифтихори миллӣ ба рангҳои норавое падид омад. Чунончи дар байни пешвоёни халқҳои туркнажоди шӯравӣ кӯшишҳое пайдо шуд, ки таърих ва дороиҳои маънавии халқҳои ҳамсояро ба халқи худ нисбат медоданд, ба халқҳои дигар бо ҳавобаландӣ менигаристанд, дар пеши дигарон ба худситоии миллӣ мепардохтанд. Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ, академики Академияи илмҳои Озарбойҷон З. М. Бунёдов боре дар бораи баъзе олимони озарӣ гуфта буд: «Худоё, Худовандо, ин муҳаққиқони ношуди мо ба чӣ дараҷаҳои «шоҳкорӣ» расиданд. Гапҳое мегӯянд, ки ақл қабул намекунад. Ҳатто гуфтанд, ки Нӯҳ ҳам озарбойҷонӣ буд. Чунин мутахассисони беҳунар рӯйи кор омаданд, ки исроркорона пайдоиши озарбойҷониҳоро ба шумериҳо, массагетҳо, сакоиҳо бурда мерасониданд, албаниҳои Қафқозро низ турк мешумориданд. Барои «асоснок кардани» ин найрангҳо навиштаҳои эпиграфӣ (навиштаҳои қадимии рӯйи санг, рӯйи асбоби филиззӣ ва ғайра – М. Ш.) сохта мебароварданд, аз одитарин қоидаҳои палеография (навишташиносӣ – М.Ш.) чашм мепӯшанд. Этимология (ваҷҳи тасмия, сабаби номгузорӣ – М.Ш.) по бар ҳаво дорад (*З. М. Бунятов*. Молчать не приучен//«Огонёк», 1988, № 45, с.24).

Ҳамаи инҳо ифтихори миллӣ ном дошт, барои афзудани шаъну шарафи халқи худ карда мешуд, гӯё амали халқдӯстонаву ватанпарваронае буд, вале ифтихори сохтае буда, аз ҳама пеш ба халқи худ зарар меовард, худшиносии таърихиву худогоҳии миллии ӯро ба роҳи хато медаровард.

Чунин ҳодисаҳо дар минтақаи мо – дар Осиёи Миёна ҳам бисёр рӯй додаанд. Миллатгароии ӯзбекии солҳои бист ба

вайрон кардани таърих ва шарҳи худхоҳонаи он, ба ноинсофӣ дар ҳаққи халқи тоҷик асос ёфта буд: барои ин ки халқи худро бузургтару қадимтар нишон диҳанд, мавҷудияти халқи тоҷикро инкор карданд. Мақсад аз инкори ҳастии халқи тоҷик дар гузаштаву ҳозир ҳамоно ин буд, ки таърихи ӯ, ҳама дороиҳои маънавию фарҳангии ӯро ба халқи худ нисбат диҳанд, то ки ифтихори миллии халқи худро то ҳадди имкон баланд бардоранд ва ба ин тарз барои ба арсаи таърих овардани «Туркистони бузург» замина ҳозир намоянд. Ин аст, ки ангезаи аслии миллатгароии солҳои бист ниятҳои калони сиёсӣ буд. Лозим буд, ки «Туркистони бузург» ё «Ӯзбекистон бузург» таърих ва бозмондаҳои таърихии бузург дошта бошад.

Ҳамон даъвоҳо, ки аз азаматталабиву бузургдавлатист, солҳои сиву чил густариш ёфт ва имрӯз ҳар чӣ бештар ба гӯш мерасад. Эссеи А. Иброҳимов фақат як намуна аз он аст. Афсӯс, ки ин навъ падидаҳо ҳоло кам нестанд ва гоҳ аз олимоне, гоҳ аз нависандагоне гоҳ аз рӯзноманигорон ва ғайра зоҳир мешаванд.

Ин зуҳурот рангҳои гуногун дорад. Баъзан аз «майда-чуйдаҳое» иборат аст, ки гӯё назарногиранд. Чунончи, номи таърихии шаҳру деҳаҳо ба тарзи нав эзоҳ дода мешавад, ки гӯё дар асл туркиву ӯзбекӣ будааст. Масалан мегӯянд, ки номи Тошканд – дар асл аз Чоч ё Шоши қадимӣ нест, балки аз Тошқӯрғон аст, лекин ҳеч фикре ба сарашон намеояд, ки агар аз Тошқӯрғон бошад, рафта-рафта шакли «Тошканд»-ро гирифта наметавонист. Ин як эзоҳи авомонаи дур аз илм аст ва дар этимологияи халқӣ (шарҳи халқии номҳо) ҷоиз бошад ҳам, дар шарҳу эзоҳи илмӣ ва илмии оммафахм афвнопазир аст. Дар ҳақиқати ҳол Тошканд аз Чоч ва Шош омадааст, ки номи қадимии он аст.

Эзоҳи номи **Бухоро** ҳам дар эссеи мазкури А. Иброҳимов аз ҷумлаи чунин шарҳҳои авомона, хилофи илм ва сарчашмаҳои илмист. Ба қавли ӯ, гӯё азбаски охирин қисмҳои оби Зарафшон ба рег расида буғу бухор мешавад, шаҳрро Буғ-ора номидаанд, ки ба ӯзбекӣ дар байни буғ гуфтан аст. Ҳар кӣ аз манбаъҳои илмӣ андаке хабар дорад, медонад, ки чунин ба ном «этимологияи халқӣ» маҳсули шуури примитив аст. Дар асл, ба гувоҳии луғатномаҳои мӯътабар **Бухоро** ҳамрешаи

калимаи санскритии **виҳор** буда, маънояш *дайр, маъбад, ибодатгоҳ, маҷозан макони илму дониш аст, чунки дар аҳди бостон ибодатгоҳ макони илму фарҳанг будааст.* Дар ҳақиқат, Бухоро чун макони илму дониш шӯҳрат дошт. Ва машҳур аст, ки Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ гуфтааст:

*Он Бухоро маъдани дониш бувад,*
*Пас бухороист ҳар к-оташ бувад.*

Афсӯс, ки А. Иброҳимов аз сарчашмаҳои илмӣ бехабар будааст, ё қасдан аз онҳо қатъи назар кардааст.

Ба ҳамин тариқ, А. Иброҳимов, Муҳаммад Алӣ ва бисёр дигарон исрор доранд, ки **Самарқанд** дар асл **Семизкенд** буд ва бино бар ин шаҳри туркон аст. Ва ҳол он ки номи **Семизкенд** аз замони таълифи асари Маҳмуди Қошғарӣ «Девону луғот-ут-турк» (асри XI) маълум аст, аммо калимаи **Самарқанд** зиёда аз ҳазор сол пештар аз он пайдо шуда буд. Дар асл Семизкенд номи туркии Самарқанд аст, на номи аслии он.

Чунин «ҷуғрофияи таърихӣ» ва «этимологияи халқӣ», ки ҳоло дар навиштаҳои мутахассисону адибон ва рӯзноманигорони ҷумҳурияти ҳамсояи мо хеле зиёд дида мешавад, аз он майда-чуйдаҳоест, ки бояд монанди чакраи об кам-кам чакида амали калон иҷро кунанд.

Вале даъвоҳо аз ин «майда-чуйда»-ҳо аксаран хеле калонанд ва камаш тамоми Осиёи Миёна ва ҳама таърихи онро фаро гирифтаанд.

Яке аз ин даъвоҳо он аст, ки **Тӯрон**, **турк** ва **Туркистон**-ро аз як реша медонанд: гӯё маънои **Тӯрон** кишвари туркҳо будааст. Ин тасаввур, ки хусусан Муҳаммад Алӣ дар эссеи «Худро бишнос!» (рӯзномаи «Ёш ленинчи», 30-31 августи с. 1988) батафсил баён кардааст, тамоман ғалат аст. Ба номи Тӯрон даштҳои бузурги байни Олтою Волгаро мегуфтанд ва дар он ҷо турҳои эронинажоди кӯчӣ зист доштанд, ки дар қадимтарин қисмҳои «Авасто» - Ясно ва Ҳот (ҳазораи II пеш аз мелод) зикр шудаанд, аммо он вақтҳо туркҳо ба ҳудуди ин сарзамин ҳанӯз наздик нарасида буданд. Онҳое, ки **Тӯрон**-ро бо **турк** ҳамрешаву алоқаманд медонанд, аз таърих хабар надоранд ё бо бадғаразӣ аз таърих чашм мепӯшанд. Аз ин рӯ,

таҳрифи таърих аст, ки Муҳаммад Алӣ гуфтааст, ки дар «Эронзамин ва Тӯронзамин… бино ба номаш дар асл форсҳо ва туркҳо истиқомат кардаанд». Ва илова намудааст: «Дар Тӯрон ва ё ба ибораи дигар, дар Туркистон туркҳо зиндагӣ карда омадаанд».

Аз ин шаф-шафҳо шафтолу ҳамин аст, ки гӯё Мовароуннаҳр аз қадим Туркистон ном дошт ва дар он туркҳо зиндагӣ мекарданд. Муҳаммад Алӣ басо ошкоро гуфтааст: «Ба замине, ки мо зиндагӣ мекардем (яъне дар Мовароуннаҳр – М. Ш.), чун вакилони қабилаи Той омаданд, дар ҳоле, ки бояд забони арабӣ ривоҷ меёфт, дар Туркистон форсӣ ба нуфуз соҳиб шуд».

Чунонки мебинем, нависанда сарзамини Мовароуннаҳри овони истилои арабро «замине, ки мо (яъне туркҳо – М.Ш.) зиндагӣ мекардем» - «биз яшаган замин» номидааст, Туркистон донистааст. Ва ҳол он ки ин тасаввур ғалат аст. Он гоҳ Мовароуннаҳр Туркистон ном надошт ва ин ҷо туркҳо зист надоштанд.

Абдуқаҳҳор Иброҳимов дар дигар мақолае, ки «Таърихи дуруст -тарбияи дуруст» ном дорад (Рӯзномаи «Ёш ленинчи», 3 апр. 1991), ҳаққонӣ гуфтааст, ки «дар вақтҳои охир… дар китобҳои таърих номҳое, ки дар замони рӯй додани воқиаҳо буданд, кор фармуда намешаванд, балки номҳои хоси давраи ҳозира ба кор меравroutе». А. Иброҳимов ба ин зид баромадааст ва ҳақ ба ҷониби ӯст, лекин худаш дар ин мақола ҳам хилофи таърих Мовароуннаҳрро аз қадим то имрӯз фақат Туркистон номидааст, исрор дорад, ки имрӯз ҳам «Ҷумҳуриятҳои Осиёи Миёна ва Қазоқистон гуфтан нодуруст аст, Туркистон гуфтан ҳақиқат аст». Ин худ як таҳрифи таърих, кӯшише дар роҳи нишон додани таърих дар оинаи каҷнамои туркист. Муаллиф як нодақиқиро дар эзоҳи таърих бо як таҳрифи таърих «ислоҳ» кардан хостааст.

Чунин тасаввуроту талқинот, ки гӯё Мовароуннаҳр аз қадим бошишгоҳи туркҳо буд ва Туркистон ном дошт, қатъан ба он чӣ илм мегӯяд, рост намеояд. Илм таркиби этникии аҳолии Мовароуннаҳри замонҳои гуногунро кайҳо боз месанҷад ва хулосаҳои муайян баровардааст. Ин хулосаҳои илмӣ ба тасаввуроти Муҳаммад Алӣ, Абдуқаҳҳор Иброҳимов

ва монанди инҳо хилоф аст. Чунончи агар замони истилои арабро гирем, бостоншинос В. В. Гинзбург дар асоси таҳлили маводи гӯристонҳои Бохтари садаи VII-VIII чунин хулоса бароварда буд: «Аҳолии асосии Бохтар ба нажоди ҳиндуаврупоии брахикранӣ (навъи байни ду дарёи Осиёи Миёна) тааллуқ дошт ва нажодан ба аҳолии Суғди ҳамсоя ба куллӣ монанд буд» (*В.В. Гинзбург*. Первые антропологические материалы к проблеме этногенеза Бактрии. Труды Согдийско-Таджикской археологической экспедиции, т. I, М. – Л., 1950, с. 248). Чунонки дида мешавад, дар қарнҳои VII-VIII чи аҳолии Бохтар ва чи мардуми Суғд, бояд илова кунем, ки Хоразму Фарғона ҳам ба нажоди ҳиндуаврупоӣ тааллуқ доштанд, унсурҳои муғулӣ, ки ба нажоди туркӣ нисбат доштанро нишон медиҳад, набуд ё ночиз буд. Модомки чунин аст, Мовароуннаҳри замони истилои арабро «замине, ки мо туркҳо зиндагӣ мекардем» гуфтани Муҳаммад Алӣ як даъвои калони беасосесту бас.

Дар қадим вилоятҳои шарқтар аз Олтойро Турксniтон меномиданд. Ин ҳақиқат аз эзоҳи фарҳангҳо ҳам маълум мешавад. Чунончи ба ин гуфтаи «Фарҳанги Онанд Роҷ» (ҷ. т., саҳ. 1224) диққат кунед: «Ва Тӯрон маҳдуд буда ба сӯйи ҷануб ба Тахористону ҷиболи Чатрол ва аз сӯйи шимол ба билоди Хоразму Дашти Қипчоқ ва аз ҷониби мағриб ба диёри Ҷурҷону Хуросон ва аз машриқ ба арзи Туркистону Муғулистон». Чунонки мебинем, Туркистон шарқтар аз Тӯрони бузург ва наздик ба Муғулистон будааст.

Баъд туркҳо ба Осиёи Миёнаи ҳозира низдик омадан гирифтанд. Дар замони Сомониён Туркистон ҳамсояи Мовароуннаҳр буд. Академик В. Бартолд дар бораи садаи IX-X, яъне замони Сомониён гуфтааст: «Туркистон – кишвари туркҳоро он гоҳ чун мавзеъҳои шимолтару шарқтари Мовароуннаҳр тасаввур мекарданд» (*А. Бартолд*. Соч., т.III, с. 518). Ӯ таъкид намудааст, ки ба гуфти Ёқут, он вақтҳо шаҳри Косони Фарғона дар ҳудуди давлати Сомониёну Туркистон воқеъ шуда буд. Ин аст, ки чун имрӯз дар бораи замони Сомониён сухан меронем, набояд, ки Мовароуннаҳру Осиёи Миёнаро Туркистон номем.

Ҳатто пас аз асри X, ки қабилаҳои турк ба Мовароуннаҳр сар даровардa давлати Сомониёнро аз байн бардоштанд, низ ин сарзамин ҳанӯз Туркистон номида нашуда буд. В. Бартолд дар бораи нимаи садаи XIII мегӯяд: «Ба вай (яъне ба Масъудбек – М. Ш.) Мовароуннаҳр, Туркистон, Утрор, вилояти уйғурҳо, Хутан, Қошғар, Ҷанд, Хоразм ва Фарғона тобеъ буданд» (Соч. т.V, с. 148). Аз ин ҷо тамоман равшан аст, ки дар нимаи асри XIII, яъне дар овони истилои муғул Мовароуннаҳр дигар буду Туркистон дигар, ҳатто Фарғона ба Туркистон намедаромад.

Дар садаи XIV-XV ҳам Мовароуннаҳр аз ҳудуди Туркистон берун буд.

Пас номи ҷуғрофии Туркистон ба Моваруннаҳр кай татбиқ шуд?

Ба ин суол ҳам аз гуфтаҳои баэътибори акад. В. Бартолд ҷавоб меёбем. Вай гуфтааст: «Ба туфайли истилои ӯзбекҳои асри XVI Туркистони нав то ҷанубтари Аму пайдо шуд» (Соч. т.III, с. 518-519). Бо ин гуфтаи Бартолд ҳудуди замониву макониии мафҳуми Туркистон равшану возеҳ нишон дода шудааст: фақат пас аз воқиаҳои хунини қарни XVI – пас аз истилои Шайбонихон, шояд аз асри XVII, Мовароуннаҳрро Туркистон ҳам номиданд.

Аз ин ҷо боз як ҳақиқати дигар рӯйи об мебарояд: як сабаби ин, ки Мовароуннаҳр дар тӯли асрҳо номи Туркистонро нагирифт он аст, ки дар ин муддат аҳолии асосии он тоҷикон буданд ва унсури туркӣ дар таркиби аҳолӣ зиёд набуд.

Бар хилофи ҳақиқати таърих аст, ки бисёр муаллифони имрӯз чунин тасаввуре ба вуҷуд овардан мехоҳанд, ки гӯё аз қарни XI сар карда, дар замони салҷуқиён, истилои муғул ва юришҳои Темур дар Мовароуннаҳр асосан туркҳо зиндагӣ мекарданд, тоҷикон ҷо-ҷо ва хол-хол асосан дар баъзе шаҳрҳо маскун буданду бас. Ин тасаввур дуруст нест ва дар натиҷаи ғайр аз худ каси дигареро надидан ба миён омадааст.

Барои намоён овардани ин ҳақиқат ғайр аз он чи гуфта шуд, далелу бурҳон зиёд аст. Боз ба яке аз онҳо диққат ҷалб мекунем.

Муҳаммади Сайфӣ дар китоби «Таърихномаи Ҳирот» (садаи XIII) аз дидагиҳои худ, нақл кардааст, ки чингизиён пас аз чанд гоҳи куштори бисёре дар Осиёи Миёна гуфтанд: «Ҳанӯз сафаҳоти замин аз хуни тоҷикон гулгун аст» (ниг.: *А. Абдуллоев*. «Сафаҳоти замин аз хуни тоҷикон гулгун буд». «Газетаи муаллимон», 29 янв. 1983). Аз ин сухан маълум мешавад, ки аҳолии асосӣ, ки аз дами шамшери чингизиён гузаштанд, тоҷикон буданд. Фарз кардем, ки чингизиён «тожикон» гуфта умуми халқи маҳаллиро, дар назар доштанд, яъне туркҳоро низ «тожик» гуфтаанд. Пас чаро турконро ҳам ба қатори тоҷикон даровардаанд? Ин ҷо бояд сабаби ҷиддие бошад. Ба фаҳми мо, ин ҳол аз он сабаб рӯй додааст, ки тоҷикон аксарияти кулро ташкил мекарданд. Ҳамаи ғайри тоҷикҳо, аз ҷумла турконро низ «тожикон» номидани чингизиён чунин маънӣ дорад, ки ақаллиятро бо номи аксарият ба забон овардаанд ва агарчи лашкари хоразмшоҳиён аз туркон буд, асосан хуни аҳолӣ, яъне хуни тоҷикон рехта, «сафаҳоти заминро гулгун» карда буд.

Ин ҳам мувофиқи таносуби воқеии таърихӣ нест, ки дар романи Пиримқул Қодиров «Бобур», ки воқиаҳои оғози садаи XVI-ро ба тасвир овардааст, фақат як персонаж тоҷик, дигар ҳама турканд. Дар роҳи Бобур аз Фарғона то Самарқанду Тошканд ва Афғонистон ҳама ҷо туркон зиндагӣ доранд, ғайр аз онҳо халқе нест, гӯё дигар тоҷике ба назар намерасад. Чунин тасвири нависанда ба куллӣ хилофи воқеъияти таърихист.

Имрӯз ҳатто дар доираҳои расмӣ ақидае пайдо шудааст, ки гӯё монанди он, ки як вақтҳо дарбориёни Русия ба забони фаронсавӣ гап мезаданд, дар Осиёи Миёна ҳам форсӣ забони дарбор буд, забони халқ набуд.

Кайҳо боз дар байни зиёиёни Ӯзбекистон фикре ҳукмрон аст, ки гӯё форсӣ фақат ба ҳукми анъана забони расмии давлат (яъне забони ҳуҷҷатҳо ва муомилоти расмӣ), забони илму адабиёт буд, гӯё азбаски форсӣ асрҳо боз дар расмият ва илму ҳунар ҳукмрон буд, ба қувваи анъана забони туркиро ба ин доира роҳ намедод. Яъне гӯё халқ турк буду забони расмӣ форсӣ. Чунин тасаввур паҳн шудааст. Аз ҷумла Муҳаммад Алӣ дар эссеи «Худро бишнос» чунин талқин дорад: «Бино бар анъана дар Туркистон то асри XX таъсири забони форсии

тоҷикӣ дигар нашуд. Дар ҷамеъи давлатҳои хонияи туркӣ ӯзбекҳо ҳукмрон буданд, аммо забони давлатӣ забони форсии тоҷикӣ буд, ҳатто дар давлатҳои Темур, Улуғбек ва Бобур ҳам корҳои давлат ба ҳамин забон ҷараён дошт, асарҳои таърихӣ, адабиёти бадеъӣ ба ҳамин забон ба вуҷуд оварда шуд».

Чунин тасаввур, ки форсӣ дар Осиёи Миёна танҳо ба қувваи анъана ҳукм меронд, яке аз он тасаввуроти ботил аст, ки ба ҳақиқати таърих мувофиқ намеояд. ***Сабаби асосии ҳукмронии форсӣ дар доираҳои расмӣ ва илму адабиёт он буд, ки халқи тоҷик дар Мовароуннаҳр ададан бартарӣ дошт. Халқи тоҷик халқи асосии таҳҷойии кишвар буд, бино бар ин чи Темур, чи Улугбеку Бобур ва хонҳои баъдии ӯзбек маҷбур буданд, ки вазъиятро ба назар гирифта, дар доираи расмият асосан форсиро ҷорӣ доранд.***

Тоҷикон дар тӯли таърихи асримиёнагии Мовароуннаҳр ҳамеша мардуми асосии муқими он буданд ва дар бунёди маданияти олии он, дар тараққии илму адабиёт, шаҳрсозӣ, ҳунарҳои халқӣ (дуредгарӣ, заргарӣ, мисгарӣ, зардӯзӣ, мусиқиву рақс ва ҳоказо) нақши асосӣ бозидаанд.

Аз солҳои бист боз ин ҳақиқатро рӯйрост ва пурра инкор карда истодаанд. Инак, Шароф Рашидов гуфта буд: «Ансамблҳои меъмории Самарқанд, Бухоро, Хева ва дигар шаҳрҳо ёди меъморону бинокорони барҷастаи ӯзбекро то ҳол зинда медоранд» («Правда», 27 окт. с. 1967). Ин гапро ба чӣ маънӣ бояд фаҳмем? Маънои ин гап ҳамин аст, ки тоҷикон ба осори меъмории Самарқанду Бухоро ҳақ надоранд, ба дигар соҳаҳои фарҳанги бостонии ин шаҳрҳо низ бояд даъво накунанд. Чунин ҳукм на танҳо аз тарафи Шароф Рашидов содир шуда буд, балки бисёр олимону адибону рӯзноманигорон ба ҳамин маънӣ сухан меронанд. Аз эссеи Абдуқаҳҳор Иброҳимов низ маҳз чунин маънӣ мебарояд.

Баъзе рафиқони маскавӣ ҳам ба онҳо лаб мемонанд. Ба ҳамин наздикӣ дар як газетаи марказӣ хондем, ки гуфтаанд: *«Тошканд, Самарқанд, Тирмиз, Бухоро фақат нуқтае дар рӯйи харита нестанд. Ҳар кадоме аз онҳо як механизми мураккаби ҷамъиятист, ки дар пайвандгоҳи ду тамаддуну фарҳанг – тамаддуну фарҳанги туркии исломӣ ва славянии насронӣ ба вуҷуд омадаанд»* (*Анд. Кружилин*. Клан//Литературная газета,

16 янв., с. 1991 с. 8). **Равшан аст, ки ин ҷо бесаводии таърихӣ, ки аз даъвоҳои пантуркистии ӯзбекӣ ҳосил шуда буд, бо иддиои импротурии русӣ омехтааст**.

**-3-**

Туркҳо ва ӯзбекҳо аз санъати меъморӣ ва бинокорӣ хеле дур буданд. Онҳо кӯчӣ ва хайманишин буда ҳунари манзилсозии онҳо бештар бо хаймагузорӣ маҳдуд буд. Чун туркҳо ба Мовароуннаҳру Хуросону Эрон, Ҳинд ва дигар минтакаҳои мутамаддин расиданд, кам-кам ба маданияти маҳаллӣ мувофиқ шуда, гоҳ-гоҳ барои сохтани мадрасае, корвонсарое ва ғайра пул медоданд ва он ҳам пули ғоратӣ буд. ***Мардуми турк бештар на бинокор, балки хатобкор буданд: ҳар ҷо пояшон расид, ғорат ва хароб мешуд. Агар чизе аз харобкории туркҳо эмин монда бошад, онҳо имрӯз худро созандаи он ва соҳиби он эълон мекунанд.***

Дастовардҳои бузурги фарҳангро бар бод додани туркҳо на танҳо дар Мовароуннаҳру Хуросон, балки дар ҳама минтақаҳои Шарқи исломӣ дида мешавад. Бисёр андешапарварони замонҳои гузашта ва пажӯҳишгарони замони мо ҳикоя аз он мекунанд, ки туркҳо дар кишварҳои гуногун хилофи рафти таърих амал кардаанд ва равандҳои пешбари таърихиро суст намудаанд. Муҳаққиқи фаронсавии садаи 18 **Густав ле Бон** дар китоби «**Тамаддуни араб**» (Порис, 1884) пас аз таҳқиқи хеле муфассали воқеъияти таърихӣ дар хулоса чунин овардааст: «***Қудрати онҳо (туркҳо – М. Ш.) ҳамеша ва танҳо ҳарбӣ буд. Пас аз ба вуҷуд овардани салтанати бузурге онҳо барои офаридани маданият заъифӣ ва нотавонӣ зоҳир намуданд. Мақсади ниҳоии саъйу кӯшиши онҳо он буд, ки ҳамон маданиятеро, ки ба даст овард анд, истифода кунанд. Туркҳо илму санъат, саноату тиҷорат ва монанди инҳоро аз арабҳо қарз гирифтанд. Дар ҳамаи ин соҳаҳо, ки тараққӣ карда буданд, туркон ҳеч гоҳ ба пешрафт ноил нагардиданд; ҳамин тавр халқ аз тараққиёт дур монда, ногузир***

***рӯ ба қафо овард ва лаҳзаи таназзул ба зудӣ даррасид***» (саҳ. 705)[1].

Ин аст, ки «нақши таърихии» туркҳо дар қаламрави тамаддуни араб он будааст, ки халқҳоро аз пешрафт боздоштанд ва ба таназзул оварданд. «Рисолати» туркҳо дар Шарқи Миёна, дар Мовароуннаҳру Хуросон низ ақиб гардондани чархи таърих буд. ***Балоҳои азим, ки туркҳо ба сари халқҳо оварданд, боиси суст шудани нерӯи эҷодкории ин халқҳо, боиси суст шудани гардиши чархи таърих ва гоҳ ба муддате боиси аз гардиш мондани он шуд.***

Оре, бархе аз хонҳову ҳукмравоҳои турк зоҳиран дар раванди пешбурди илму фарҳанг ширкат доштаанд. Чунончи, Султон Маҳмуди Ғазнавӣ 11 бор ба Ҳинд тохт ва мардуми Ҳиндро ғорат кард ва ба ин дороиҳои беҳисоби ғоратӣ шаҳри Ғазнаро ба маркази фарҳанг табдил дод. Туркони усмонӣ, ки бо эрониён ва юнониёну бизонзиён омехта буданд, низ баъзе осори таърихӣ аз худ боқӣ гузоштаанд. Туркони чиғатоӣ низ дар замони авлоди Темур, ба вежа Улуғбек ва Алишери Навоӣ ба сохтмони фарҳанг, дар рушди илму фарҳанг ширкат доштаанд. Хонҳои турк дар Бухорову Самарқанд ҳам сохтани масҷиду мадраса, пул ва ғайраро супориш додаанд, бо маблағ таъмин кардаанд ва ҳоказо. Ш. Рашидов, А. Иброҳимов ва бисёр дигарон, чунонки дар боло дидем, шояд аз ҳамин сабаб ҳама осори таърихии Бухорову Самарқандро намунаи фарҳанги туркии ӯзбекӣ ба шумор овардаанд. Вале он ҳама сохтмонҳои бузурги таърихӣ дар Бухорову Самарқанд нишоне аз фарҳанги туркӣ надоранд, ҳама маҳсули фарҳанги эронӣ (тоҷикӣ) мебошанд. Солҳои пас аз ҷанги фашизми Олмон профессор **А. А. Семёнов** дар Тошканд ба номи **«Памятники иранской культуры в Средней Азии»** китобе чоп карда, аз осори таърихии бештар аз ҳазор соли охир сухан рондааст. *Он гоҳ* ***кордорони Ӯзбекистон А. А. Семёновро ба сабаби он ки ёдгориҳои таърихии Осиёи Миёнаро ба фарҳанги туркӣ нисбат нададааст, балки намунаи фарҳанги эронӣ (тоҷикӣ) гуфтааст,***

[1] *Ин пора аз асари бузурги Густав ле Бон аз номзади илми фалсафа Соқибой Султонов ва бо тарҷумаи ӯ ба дасти банда расид. С. Султоновро ба ҷон сипосгузорам.*

***космополит номиданд ва хеле азоб доданд. Аммо А. А. Семёнов аз ақидааш нагашт. Оқибат ӯ маҷбур шуд Ӯзбекистонро тарк бигӯяд ва соли 1956 ба Тоҷикистон омад.***

Ба ҳамин тариқ, кордорони баъзе кишварҳо бо зӯроварии туркиву муғулӣ осори таърихии асрҳои гузаштаро ба халқи худ нисбат медиҳанд, ҳама таърихро аз худ кардан мехоҳанд, халқҳоеро, ки дар ҳақиқат он осори таърихиро ба вуҷуд оварда буданд, аз ҳуқуқи меросбарии фарҳангӣ, аз таърихи худ маҳрум мекунанд.

Албатта, тарзҳои ширкати халқҳои турк ва намояндагони ҷудогонаи онҳо дар таърихсозӣ ва фарҳангофаринӣ гуногун аст. Инро таърихнигорон таҳқиқ мекунанд. Лекин пажӯҳиши таърихи халқҳо ҳар чӣ густариш меёбад, бештар ошкор мегардад, ки ***халқҳои турк бештар таърихсӯз будаанд, на таърихсоз, бисёре аз осори тамаддунро хароб кардаанд ва ба ҷояш чизе насохтаанд ё андак чизе монанди сояи он, монанди нусхаи камрангу беранги онро ба вуҷуд овардаанд***.

*Нерӯи бузурги харобкории туркҳо дар Варорӯд пас аз садаи 15 бештар намудор омад.* Нафрати бепоёни таҷовузкорони турк нисбат ба мардуми бумӣ, яъне тоҷикон, нисбат ба падидаҳои фарҳанги моддиву маънавии он мардум ва ба зӯроварии ваҳшиёна табдил ёфтани он нафрат дар бархе аз сарчашмаҳои таърихӣ ва таҳқиқоти илмии қарнҳои охир омадааст. Дар китобҳои банда «Хуросон аст ин ҷо» ва «Фитнаи инқилоб дар Бухоро» шаммае аз даҳшату ваҳшате, ки дар садаҳои 16 ва 17-18 дар Варорӯд рӯй дод, нақл кардаам. Тоифаҳои гуногуни турк пайваста байни худ меҷангиданд ва дар ин ҷангҳо хуни бумиён бисёр мерехт ва кишвар хароб мешуд. Машғулияти асосии ҳама қабилаҳои турк дар фосилаи байни ҷанг ғоратгарӣ буд ва ҳамеша ба шаҳрҳову деҳот тохт оварда, мардуми бумиро ғорат мекарданд ва хун мерехтанд. ***Туркҳо бо тохтутози доимӣ, ҷанг ва ғоратгарии ҳамешагӣ, бо зӯроварии бераҳмона ба решаи тоҷикон теша мезаданд. Шумораи тоҷикон бо суръат кам мешуд. Дар чоряки якуми садаи 18 дар Самарқанд ними аҳолӣ монда буд. Дар чоряки дувуми садаи 18 дар ин шаҳри бузург, чунонки дар таърихнома гуфтаанд, «аҳаде намонд», мадрасаҳои машҳури Регистони Самарқанд шағолхона шуд. Дар Бухоро ва дигар шаҳру ноҳияҳо***

***низ мардуме, ки аз теғи турк ҷон ба саломат бурда буданд, рӯ ба гурез овարданд, ба кӯҳсорони Тоҷикистони кунунӣ, Афғонистони имрӯзӣ, Ҳинд, Эрон ва кишварҳои дигар паноҳ бурданд.***

Дар садаи 17-18 дар Варорӯд таназзули куллӣ рух намуд, гӯё чархи таърих аз гардиш бозмонд. Сайидо гуфта буд:

*Гардиши даврон нагардад бар муродам, Сайидо,*
*Кӯҳнатақвимам, ба дасти мардуми поринаам.*

Ин ҷо шоир худро ба ҳоле дидааст, ки аз рӯйи тақвими кӯҳнае зиндагӣ мекунад, «ба дасти мардуми порина» афтодааст ва ин мардум ӯро ба сӯйи порсолу парирсол, ба сӯйи давраҳои гузаштаи таърих мекашанд, чархи таърих на пеш, балки ақиб меравад.

Ин аст, ки пайдоиши туркҳои ӯзбек дар Варорӯд роҳи таърихии миллати тоҷик ва кишварро вайрон кард, боиси он гардид, ки миллату кишвар дар ин роҳ рӯ ба қафо оварданд, аз пешрафт монданд, ба ботлоқи инқироз ғӯтиданд. Аз пешрафти замон умед намонд ва дар байни зиёъиёни андешапарвар ноумедии таърихӣ ба миён омад, аз фардову пасфардо умед намонд. Чигунагии ин навмедии таърихиро банда дар китоби «Хуросон аст ин ҷо» баён кардам. Нақши наҳсиятбори он таназзули куллӣ дар сарнавишти таърихии мардуми тоҷик дар китоби банда «Фитнаи инқилоб дар Бухоро» андаке баррасӣ шудааст.

Он фоҷиаи бузурги таърихӣ, ки дар садаҳои 17-18 ба сари тоҷикони Варорӯд омад ва пайовардҳои даҳшатангез дошт, дар таърихномаҳои асри 20, дар осори илмии аҳди шӯравӣ, мутаассифона, гоҳ фақат андак гӯшрас шудаасту бас. Бештари муҳаққиқони шӯравӣ аз он фоҷиа лаб фурӯ баста буданд, то ки ба «дӯстии халқҳо» халал нарасад. Илми таърих ба ин хотир аз фоҷиаи дигаре, ки ба сари тоҷикони Варорӯд дар садаи 20, пас аз инқилоботи солҳои 1917-1920 омад, низ хомӯш буд. Ин фоҷиа он гоҳ оғоз ёфт, ки бо инқилоб як идда пантуркистҳо ба сари кор омаданд ва мавҷудияти халқи тоҷикро инкор карданд ва бо пуштбонии баъзе доираҳои пуртаъсири болшавикӣ ба тухми миллати тоҷик қирон овардан хостанд. Маҳз пас аз инқилоб он рӯҳияи ҷаҳонхӯрӣ, ки дар Туркияи усмонӣ ба вуҷуд

омада буд, дар Варорӯд қувват гирифт ва як падидаи ин рӯҳияро баъдтар Маҳмадалӣ Маҳмудов дар романи «Қуллаҳои ҷовид» чунин ифода кард, ки Туркистону Бухоро, Мовароуннаҳр – «ин сарзамин, ин кишвар ба ӯзбекон тааллуқ дорад! Ҳама аз они ӯзбекон аст!».

Мазмуни ин шиор, ки аз пантуркизми Осиёи хурд ба panӯзбекизми солҳои бисти садаи 20 ба мерос расида буд, як бахши сиёсати ҳукумати инқилобии Ҷумҳурияти Халқии Шӯроии Бухоро гардид, дар дигар минтақаҳои Варорӯд низ дастури амал қарор ёфт. Пас аз инқилоботи 1917-1920 кордорони вақт дар бораи Бухорову Самарқанд чунин шиор партофтанд, ки «ин ҷо тоҷик нест, ҳама ӯзбеканд», дар мактаб «ба тоҷикӣ нахонед, ин ҷо Ӯзбекистон аст, ба ӯзбекӣ хонед» (Архиви ҳизб, филиали ИМЛ дар Ӯзб., фонди 58, тавс. 2, воҳиди 1316, вар. 15). Ин шиорҳо ба ниҳояти бераҳмӣ амалӣ мешуданд: мактабҳои тоҷикӣ баста шуд, забони тоҷикӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ манъ гардид, ҳар кас худро тоҷик гӯяд, таҳдид менамуданд, ки ба кӯҳистони Тоҷикистон бадарға хоҳанд кард. Миллатгароёне, ки дар натиҷаи инқилоб ба сари роҳбарии ҳизб ва ҳукумат омада буданд, бо сардории касоне аз қабили Файзуллоҳ Хоҷаев ва Абдуллоҳ Раҳимбоев сиёсати зӯроварии ӯзбеконидани тоҷиконро ба амал ҷорӣ кардан гирифтанд.

Имрӯз касоне ёфт шуда истодаанд, ки ба мо мегӯянд: солҳои бисту сӣ чандон воқеае рӯй надода буд, фақат баъзе норасоиҳо аз баъзе бюрократҳо гузашта буд, дар ҳаққи баъзе тоҷикон андак ноинсофӣ содир гардида буд. Боке нест, ин камбудиҳоро зуд ислоҳ мекунем. Не, ин тавр набуд, солҳои бисту сӣ сиёсати зӯроварии ӯзбеконидани тоҷикон хеле васеъ ва ба сахтиву бераҳмии тамом ҷорӣ буд.

Академики АИ ҶШС Ӯзбекистон Эркин Юсуфов моро тасаллӣ дода, насиҳат карда ором намудан хостааст: «*Агар касе мувофиқи тақозои вазъият ё ки бо мақсади мансабпарастӣ миллати худро дигар нишон дода бошад (яъне тоҷике худро ӯзбек нависонда бошад – М. Ш.), дар ин сурат фақат худи ӯ айбдор аст. Бино бар он ин гуна ҳолатҳоро натиҷаи кадом як сиёсати иҷтимоъиву миллӣ донистан чандон дуруст нахоҳад буд ва беасос шав-шав бардоштан даркор нест*» (*Э. Юсупов.*

Миллий манфиатлар ва миллий муаммолар//Шарқ юлдузи, 1988, № 12, саҳ. 8).

***Бинед, ки аввал зӯран тоҷиконро ӯзбек навиштанду акнун академики мӯҳтарам боз гуноҳро ба гардани худи он тоҷикон партофтан мехоҳад, ки гӯё худашон барои соҳиб шудан ба мансаб худро ӯзбек нависонда буданд. Албатта, касоне буданд, ки барои мансабе худро ӯзбек нависонданд. Вале асли ҳақиқат он аст, ки бисёр касон дар шароити сахте ки ҳар кӣ худро тоҷик гӯяд, ҷазо медид, аз ноилоҷӣ маҷбур шуданд ва дар шароити имрӯза ҳам маҷбуранд, ки худро ӯзбек нависонанд. Ин худ гувоҳӣ медиҳад, ки сиёсати ӯзбеконидан ба сахтӣ ва зӯроварӣ амалӣ мегардид. Тарси он ҳанӯз аз дили мардум нарафтааст ва чун паспортро иваз карда, миллати худро дуруст нишон додан мумкин шуд, аз ин кор худдорӣ мекунанд.***

Эссеи Абдуқаҳҳор Иброҳимов «Ман Бухороям», эссеи Муҳаммад Алӣ «Худро бишнос», бисёр навиштаҳои сердаъвои солҳои охир, таассурот ва фикру ақидаҳое, ки дар он асарҳо баён гардидаанд, аксаран аз ҳамон сиёсати ноинсофонаи солҳои бист ҳосил шудаанд, акси садо ва давоми имрӯзаи онҳо мебошанд.

Даъвоҳои азаматталабӣ фикри ҷавонони ӯзбекро вайрон ва шуури онҳоро заҳролуд мекунанд, имкон намедиҳанд, ки худшиносии иҷтимоъиву таърихии онҳо дурусту ҳаққонӣ ва мувофиқи воқеияти таърих ташаккул ёбад. Гузашта аз ин, ин даъвоҳо, ин худситоӣ ва ҳавобаландиву манманиҳо ва нописандӣ нисбат ба дигарон дар айни замон дар дили ҷавонони тоҷик ҳиссиёти манфӣ бедор мекунад ва иқтидоре дорад, ки низоъи миллӣ ба миён орад, ду халқи бародарро ба ҳам ҷанг андозад. Мо ба ин ҳақиқат чандин бор бовар ҳосил кардаем. Соли 1989 дар баъзе аз газетаҳои марказ, чунончи дар «***Хроника текущих событий***» хабаре чоп шуда буд: *«Дар Ӯзбекистон дар байни аҳолии сершумори тоҷик ошӯбҳо ба амал омада истодаанд. Дар Бухоро, ки хеле бисёр тоҷикон зиндагӣ мекунанд, дар паспортҳои нав низ дар моддаи «миллият» ӯзбек менависанд… Хашму газаби аҳолии тоҷик на ба сари ӯзбекҳо, балки ба сари ташаббускорони навоварии паспортдиҳӣ рехт…. Интиқомҷӯӣ барои таҳқири ҳисси миллӣ дар шакли даҳшатноке*

*ифода гардид: куштор шуд. Ошӯбҳо идома доранд*» (ниг.: Огёнек, июли 1990, № 28, саҳ. 22).

Худо накунад, ки чунин рӯзҳо боз фаро расанд.

***

Олитарин ҳиссиёти иҷтимоъии маънавие аз қабили ифтихори миллӣ халқдӯстиву ватанпарастӣ низ ба тарозуи мисқолии адлу инсоф гузошта ва санҷида мешавад, агар ба сангу порсанги он як ба як мувофиқ ояд, арзише дорад вагарна ба як пули пуч намеарзад. Агар он ҳиссиёт ба талаботи азиздошти шахс ва миллат, хоҳ шахсу миллати худӣ, хоҳ бегона, - посух гуфта тавонад, дар ҳақиқат ҳиссиёти олист, агар ҷавоб дода натавонад, як эҳтироси пурзарарест, ки аз он халос шудан зарур аст.

Худбинӣ нишонаи худношиносист. Муҳимтарин натиҷаи хештаншиносӣ ҳамоно ҳақшиносӣ хоҳад буд. Як зарбулмасали ӯзбекӣ ҳаст, ки гуфтаанд: Ӯзингни эр билсанг, ӯзгани шер бил! – Худро мард бидонӣ, дигаронро шер бидон! Чунин муносибат ба худ ва ба дигарон мардро оро медиҳад. Чӣ хуш гуфтаанд:

*Айб аст бузург баркашидан худро*
*В-аз ҷумлаи халқ баргузидан худро.*
*Аз мардумаки дида бибояд омӯхт*
*Дидан ҳама касрову надидан худро.*

Дар ҳар сурат ба хотири пойдории дӯстиву бародарии ду халқи таърихан ҳамсояву ҳамзист олимону донишмандон ва хурду бузурги ҳар ду миллатро зарур аст, ки ҳиссиёти миллии якдигарро эҳтиром кунанд, бо амали носавобе боиси озори хотири якдигар нашаванд.

1991

# БИЁ, ТО ЗИ БЕДОД ШӮЕМ ДАСТ[1]

Ба ҳукми сарнавишт имрӯз миллати тоҷик боз ба фоҷиаи таърих дучор шудааст: ҷанги ҳамватании беҳадафу бемаънӣ замину замонро фоҷиабор сохт. Зиҳӣ дӯстоне, ки дар ин рӯзҳои сахт дасти муруввату муҳаббат, имдоду наҷот сӯйи мо дароз намуданд ва ёрии моддиву маънавии эшон моро рӯҳан зинда нигоҳ медорад ва ба дилҳоямон ҳар рӯз нерӯи нав мебахшад ва моро ба фардои нек умедвор месозад. Алҳақ ба фармудаи Хоҷа Камоли Хуҷандӣ:

*Ба дӯстӣ, ки агар пой бар ду дида ниҳӣ,*
*Ҳанӯзам аҳли дил аз дида дӯсттар доранд.*

Лекин касоне ҳам ҳастанд, ки дар рӯзи «парешонҳоливу дармондагии» мо хурсандӣ мекунанд, нотавониву беилоҷии моро ба суди худ истифода кардан мехоҳанд ва хеле истифода карданд. Баъзе аз ин бадхоҳони миллати тоҷик ҳиссиёти худро пинҳон карда наметавонанд, ниятҳои нопокашонро ошкоро ба забон меоранд.

Инак, мақолае, ки дар Туркия, дар рӯзномаи «Ӯртодуғу» 7 феврали имсол чоп шудааст, чунин сарлавҳа дорад: «*Туркия набояд дар қиболи Тоҷикистон бетафовут боқӣ бимонад»*. Муаллифи он Мӯҳсин Идиқут Қозӣ-ӯғлу сарварони кишвари худро ҳушдор медиҳад, ки вақти фикр кардан дар бораи Тоҷикистон расидааст. Пас, ба ақидаи он муаллиф Туркияи дурдаст дар ҳаққи Тоҷикистон чӣ фикрҳо бояд бикунад?

Муаллиф аз аввал таъкид мекунад, ки «имрӯза Туркия дорои манфиатҳои тиҷорӣ дар Тоҷикистон намебошад», яъне бояд аз пайи ҳамкории бозаргонӣ ва иқтисодӣ наравад, балки манфиатҳои сиёсӣ ҷӯяд. Муаллиф фақат ҳаминро чашм дорад, ки сиёсати Туркия барои ҳулули Тоҷикистон ба олами туркинажодон мусоъидат намояд.

---

[1] Ин мақола бо имзои банда, *Раҷаб Амонов, Лоиқ, Валӣ Самад, Кӯҳзод* чоп шуда буд.

Вай орзуҳои пантуркистии худро чунин «асоснок» кардааст: «Нисбати туркҳои ӯзбеки ин кишвар (яъне Тоҷикистон) мусовист бо чоряки кулли ҷамъияти он». Муаллиф боз гуфтааст, ки «даҳяки ҷамъияти Тоҷикистонро низ туркманҳо ташкил медиҳанд». Пас хулоса кардааст, ки «агар туркҳои тоторро низ ба ин изофа намоем, мулоҳиза хоҳад шуд, ки тоҷикҳо дар Тоҷикистон дар ақаллият қарор доранд». Муаллиф ҳатто чи қадар будани ин ақаллияти тоҷиконро муайян кардааст ва гуфтааст: «35 фоизи ҷамъияти Тоҷикистонро тоҷикҳо ташкил медиҳанд».

Муаллиф намегӯяд, ки ин рақамҳоро аз куҷо гирифтааст. Дар назари ӯ чандон муҳим нест, ки он рақамҳо то чи андоза ҳақиқат доранд. Дар назари ӯ муҳим он аст, ки бо пофишории тамом талқин менамояд: «Лозим аст, ки ба Каримуф – раиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба сабаби дифоъ аз ҳуқуқи туркҳои ӯзбек табрик гуфт. Туркия бояд дар ин мубориза аз Ӯзбекситон пуштбонӣ ба амал биёварад».

Асли мақсади муаллиф ҳамин аст. Вай аз ватани пантуркизм, аз Туркия, ки имрӯз боз барои табдили он ба маркази пантуркизм имкон пайдо мешавад, ба раисҷумҳури Ӯзбекистон дастур медиҳад, ба баҳонаи «дифоъ аз ҳуқуқи туркҳои ӯзбек» Тоҷикистонро лаҳзае фаромӯш накунад ва дар ёд дошта бошад, ки Туркия аз ӯ «пуштбонӣ ба амал меоварад».

Медонем, ки «дифоъ аз ҳуқуқи ҳамнажодон» ҳамеша баҳонае барои мудохила ба кори дигар кишварҳо, барои ғосибиву истилогарӣ буд. Ба ин ҳақиқат имрӯз ҳам зуд-зуд бовар ҳосил мекунем. Муаллифи мақолаи рӯзномаи «Ӯртодуғу» Ӯзбекистон ва Туркияро маҳз ба ҳамин амалҳо ташвиқ менамояд. Вай барои он ки сарварони Туркияву Ӯзбекистонро дар он амалҳо виҷдон азоб надиҳад, чунин далел меорад, ки гӯё Тоҷикистон ҳаққи ҳалоли турктаборон аст ва азбаски «тоҷикҳо дар Тоҷикистон дар ақаллият қарор доранд, итлоқи номи Тоҷикистон ба ин кишвар як иштибоҳи бисёр ҷиддӣ ба шумор меояд»!

Ин аст, ки ҷаҳонро аз иштибоҳ баровардан даркор аст, вазъиятро ислоҳ кардан лозим меояд!

Бо қатъияти тамом бояд бигӯем, ки мантиқи «мулоҳизаҳои» он қаламкаши турк чун сухани пантуркистҳои дигар бебунёд аст.

Оре, дуруст аст, ки Тоҷикистон дар чор-панҷ соли охир бисёр тоҷик талаф дод ва аз бисёр тоҷикон абадӣ ё муваққатӣ ҷудо шуд. Ин ҳам дуруст аст, ки алъон шумораи ӯзбекон дар Тоҷикистон андак зиёд шудааст. Агар соли 1989 дар Тоҷикистон 1.197.841 ӯзбек буд ва 23,5 фоизи аҳолиро ташкил медод, аз рӯйи маълумоти Кумитаи омори ҷумҳурӣ дар соли 1994 дар Тоҷикистон шумораи ӯзбекҳо ба 1.390.518 расид ки 24,4 фоиз аст.

Он гуфтаи муаллифи рӯзномаи «Ӯртодуғӯ» низ дуруст аст, ки дар Тоҷикистон туркманҳо, тоторҳо ва дигар халқҳои туркинажод намоянда доранд. Чунончи, соли 1989 тоторҳо 1,6 фоизро ташкил медоданд, соли 1994 адади онҳо ба 0,9 фоиз расид. Соли 1989 туркманҳо 0,4 фоиз буданд, акнун 0,3 фоиз мебошанд. Яъне ҷамъияти турманҳо ҳеч гоҳ на ин ки даҳяк, балки садяки нуфус ҳам набуд ва ҳоло боз камтар шудааст, зеро бисёре аз туркманҳо чун тоторҳо, русҳо ва ғайра солҳои охир аз Тоҷикистон кӯч бардоштанд.

Оре, дар асари воқиаҳои оғози даҳаи 90 дар Тоҷикистон таносуби миллии аҳолӣ дигаргунӣ пазируфт. Аз даҳшатҳои ҷанги бародаркушӣ ҳамаи халқҳои Тоҷикистон талафоти ҷониву молӣ дод, зарарҳои ногуфтанӣ дид. Вале бештар аз ҳама ба худи тоҷикон зарар расид. Фоҷиаи солҳои 90 ба сари ҳамаи халқҳои Тоҷикистон баробар омад, вале фоҷиаи миллии тоҷикон буд. Ва дар таърихи онҳо нақши носутурданӣ гузошт.

Бо вуҷуди инҳо шодмонии рӯзномаи «Ӯртодуғӯ», ки гӯё акнун тоҷикон аз Тоҷикистон нест шуда истодаанд, гӯё ҳамагӣ 35 фоиз мондаанд ва номи ин кишварро метавон дигар кард, заррае асос надорад. Мо дар даст оморе дорем, ки он ҳама шодиву хурсандии хомхаёлони пантуркистро бар бод медиҳад. Омори мо ин аст:

Натиҷаи саршумори аҳолӣ, ки дар Иттиҳоди Шӯравӣ дар ҳар 10-12 сол сурат мегирифт, ба ҳама маълум аст. Аз рӯйи маълумоти расмии он саршуморҳо тоҷикон дар Тоҷикистон соли 1970 – 1.630.000 нафар ва 56,2 фоиз, соли 1979 – 2.237.000 ва 58,8 фоиз, соли 1989 – 3.172.420 ва 62,3 фоиз буданд, яъне шумораи онҳо ба суръат меафзуд. Ин афзоиш ҳанӯз давом дорад. Аз маълумоти Кумитаи омор маълум мегардад, ки соли 1994 тоҷикон дар Тоҷикистон 3.832.494 тан буданд, ки 67,4 фоиз аст.

Чунонки мебинем, бо вуҷуди воқиаҳои солҳои охир шумораи тоҷикон дар Тоҷикистон нисбат ба солҳои пеш кам нашудааст.

Боз як рақами дигарро гӯшгузори нотавонбинони Туркия ва ҳамдилони онҳо меорем. Аз он 1.390.518 нафар ӯзбеке, ки ҳоло дар Тоҷикистон сукунат доранд, 420.000 нафарашон тоҷиканд, аз тоҷикони Самарқанду Бухоро, Қашқадарёву Сурхондарё, Фарғона ва дигар ноҳияҳои Ӯзбекистонанд, ки дар вақташ дар ҳуҷҷатҳо ҷавран ӯзбек навишта шуда будаанд. Дар Тоҷикистон чунин одат нест, ки ӯзбекон, туркманон ва дигар туркҳоро маҷбуран тоҷик нависанд. Дар Ӯзбекистони имрӯза аз аввали инқилоби соли 1917 чунин як навъи истибдоди миллӣ ба расмият даромад ва ҳанӯз идома дорад, ки тоҷикон, туркманҳо ва ғайраро зӯран ӯзбек менависанд, яъне нисбат ба миллатҳои дигар зӯроварӣ ба кор мебаранд, бо худғаразии миллӣ сиёсати таҳлили ҷабрӣ – ассимилатсияи зӯроварона ҷорӣ мекунанд. Бисёре аз тоҷиконе, ки ба зӯроварии ӯзбекнависӣ дучор омада буданд, имрӯз дар Тоҷикистон зиндагӣ кунанд ҳам, ночор ҳанӯз дар санадҳои шахсӣ дар расмият ӯзбек ба шумор меравад ва ҳатто фарзандони онҳо ин сарнавишти ногуворро мерос гирифтаанд. Шумораи онҳо дар Тоҷикистон шояд зиёдтар аз он аст, ки дар маълумоти расмии Кумитаи омор мебинем.

Муаллифи мақолаи «Ӯртодуғӯ» аз ин хабар надорад ва ё чунон вонамуд мекунад, ки бехабар аст. Касе, ки фоизи ҳар яке аз халқҳои турки Тоҷикистонро донистан мехоҳад, зарурати дигар кардани исми ин ҷумҳуриро фикр кардааст, зарурати дифоъ аз ҳуқуқи туркҳои ӯзбекро таъкидан гӯшраси раисиҷумҳури Ӯзбекистон овардааст, - касе, ки дар бораи Тоҷикистон он ҳама рақам (ва ҳама рақамҳои нодуруст) ҷамъ оварда, тавсияву пешниҳодҳои сиёсие ба миён гузоштааст, гӯё аз аҳволи халқи тоҷик ба куллӣ огоҳ нест. Оё ба ин метавон бовар кард? Не, ӯ дар ин масъала бехабар нест, бепарвост. Парвое надорад, ки мардум ба чӣ ҳоланд. Фикри ӯ танҳо ба як чиз банд аст – танҳо илоҷи аз ватан маҳрум кардани тоҷиконро меҷӯяд.

Мӯҳсин Идиқут Қозӣ-ӯғлу гуфтааст, ки дар Ӯзбекистон 20 фоизи аҳолӣ тоҷик аст. Медонем, ки шумораи тоҷикон дар Ӯзбекситон на расман, балки воқеан хеле зиёдтар аз ин аст. Бояд эътироф кунем, ки муаллиф мавҷудияти тоҷиконро дар

Ӯзбекистон зиёдтар аз он, ки дар расмият иқроранд, ёдовар шудааст. Лекин бинед, ки ба чи хотире онро зикр кардааст. Вай раҳбарони Ӯзбекистонро огоҳӣ медиҳад, ки ба ин сабаб мумкин аст «режиме, ки қарор аст дар Тоҷикистон муайян шавад, муодилоти дарунии Ӯзбекистонро таҳтушшуоъ қарор диҳад». Ин гап чӣ маънӣ дорад? Маънии ин гап ҳамин аст, ки муаллиф боз ҳам мехоҳад Ӯзбекистонро бар зидди Тоҷикистон шӯр андозад. Гӯё зарур будааст, ки Ӯзбекистон «аз худ дифоъ ба амал биёварад». Муаллифи мақола Ӯзбекистонро сарзаниш кардааст, ки «бояд роҳе барои бар ӯҳда гирифтани вазифаҳои сарбозони ҷомиаи муштаракулманофеъ дар Тоҷикистонро ҷустуҷӯ мекард». Муаллиф лозим медонад, ки «коршиносони низомии Туркия» ба Тоҷикистону Ӯзбекистон фиристода шаванд, то ки «қобилияти низомии артиши Ӯзбекистон афзоиш ёбад».

Ин аст, ки муаллифи мақола Ӯзбекистон ва Туркияро ба муқобили Тоҷикистон ангез медиҳад, аз онҳо амали фаъолона талаб менамояд. Бешак, ба ақидаи ӯ вақте расидааст, ки боз кишварҳои турк қаламрави худро густариш диҳанд, аз ҳисоби дигарон мавқеъи худро устувор намоянд, монанди гузаштаи дуру наздик аз ҳисоби дигарон иқтидор афзоянд ва шукуфоӣ ёбанд. Дар ин ҷо чизи ҳайратоваре нест, зеро ин ҳама аз табиати пантуркизм бармехезад. ***«Пантуркизм идеологияи шовинизми бузургдавлатӣ ва таҳлили ҷабрӣ (ассимилатсияи зӯроварона)-и майдамиллатҳои Туркия, идеологияи гасбкориву горати хоки дигарон аст»*** (*М. Эгамбердиев*, Панисламизм, пантуркизм - орудие империалистической агрессии.- Самарканд, 1954, с. 45).

Аз охири даҳаи ҳаштодум дар баъзе ҷумҳуриҳои шӯравии собиқ низ мақолаҳое пайдо мешаванд, ки аз орзуи барпо сохтани Туркистони бузург, Туркистоне, ки бояд Бухорову Самарқанд ва Тоҷикистонро низ фаро гирад, саршоранд. Фаро гирифтани Афғонистон, лоақал қисми шимолии он низ дар назар аст. Бино бар ин ҳар мақолаеро, ки дар хориҷ дар бораи Тоҷикистон чоп мешавад, нишонаи дӯстиву хайрхоҳӣ набояд донем. Бояд фаромӯш накунем, ки

*Ҳар он дӯст, к-аз баҳри суду зиён*
*Бувад дӯст, душман бувад бегумон.*

Ҳоло пантуркизм боз ҷон мегирад ва қувват меёбад. Пантуркизм то он ҷо, ки барои иттиҳоди туркинажодон амал мекунад, рӯйдоди мусбати таърихист, фармудаи таърих аст. Ҳамин ки бар зидди дигар миллатҳо, аз ҷумла, ба муқобили тоҷикон равона шуд, рӯйдоди иртиҷоъист ва мо бояд аз шарри он дар ҳазар бошем, ба мубориза ҷавобӣ омодагӣ бинем.

Муносибати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Туркия, Ӯзбекистон ва дигар кишварҳо бояд аз рӯйи мақолаҳои бадхоҳонае чун мақолаи «Ӯртодуғӯ» муайян нашавад. Гуфтаву навиштаҳои иғвогарона бояд боиси вайронии робитаи Тоҷикистон бо кишварҳои гирду атроф нагардад. Бояд бикӯшем, ки бо ҳама кишварҳо иртиботи дӯстона ва ҳамкории иқтисодиву фарҳангӣ дошта бошем. Тоҷикистони тозаистиқлол бояд нисбат ба ҳеч кишваре як зарра бадхоҳӣ дар дил роҳ надиҳад. Лекин аз доираҳое, ки нисбат ба тоҷикон ноинсофӣ содир карда буданд, аз кишварҳое, ки он ҷо ҳанӯз қувваҳои сиёҳкор, ғосибони баднафси носер каму беш нуфуз доранд, бояд эҳтиёт бошем ва бигӯем:

*Биё, то зи бедод шӯем даст,*
*Ки бе дод натвон зи бедод раст.*

Танҳо дар сурате, ки «аз бедод даст шӯянд», дӯстиву ҳамкорӣ имконпазир аст. Мо бояд ҳамеша омодаи дӯстиву ҳамкорӣ бошем, нисбат ба ҳеч халқе ва кишваре кинаварӣ ва нияти бедод ба дил роҳ надиҳем, бо дили соф рӯ ба рӯ равем, вале нагузорем, ки софдилии моро бар зарари худи мо истифода кунанд.

Аз ҷумла, мактабҳои Туркияро, ки дар Тоҷикистон кам нестанд, зери назорати аҳли ҷомиа бояд гирифт. Ғайр аз ин, чун ҳанӯз шахсоне монанди Мӯҳсин ва нашрияҳое аз қабили «Ӯртодуғӯ» ҳастанд, ба Туркия талабаву донишҷӯ фиристодани мо салоҳ нест.

Ба ин муносибат бояд боз ёдовар шавем, ки солҳои 1910-1914 чанд гурӯҳ бачагони Бухоро ба Туркия барои таҳсил фиристода шудаанд ва бисёре аз онҳо олудаи заҳри ҷангҷӯии туркпарастӣ баргаштанд. Ғайр аз ин, солҳои 1918-1922 туркони зиёде, ки дар Русия асири ҳарбӣ буданд, ба Осиёи Миёна омаданд ва бо сарпарастии туркигароёни маҳаллӣ кори маорифро ба даст гирифтанд, мактабҳои тоҷикиро ба туркӣ гардонда, насли

наврасро дар рӯҳияи зиддитоҷикӣ тарбия кардан хостанд ва дар ин роҳ хеле ба комёбӣ ҳам ноил гардиданд.

Мӯҳсини «Ӯртодуғӯ» аз ҷумлаи чунин туркҳои бадхоҳи тоҷикон аст. Ҳангоме ки кори мактабҳои туркии Тоҷикистони имрӯзаро аз назар мегузаронем ё ба Туркия талабаву донишҷӯ фиристоданӣ мешавем, бояд он сабақҳои таърихии солҳои 1910-1914 ва 1918-1922-ро фаромӯш накунем. Бояд дар ёд дошта бошем, ки туркиятхоҳони ҷангҷӯ ғосибе мисли Мӯҳсини Қозӣ-ӯғлу ва нашрияҳое чун «Ӯртодуғӯ» имрӯз фаъол шудаанд ва аз ҷумла қасди ҷони миллати тоҷикро доранд.

1997

# ТОҶИКОНИ ФАРОРӮД ДАР ОСТОНАИ АСРИ УМЕД

*Ҷавоби суолҳои Нурмуҳаммади Холзода, ки баъд каме тафсил ёфт.*

***Пурсиш***: Муҳимтарин рӯйдод, ки аз қарни 20 дар таърихи тоҷикон бимонад, ба фикри Шумо кадом аст?

***Посух***: Дар даҳ соли баъди фаро расидани истиқлол, дар ҳамин андак муддати як даҳа мазмуну мӯхтавои садаи 20 дар таърихи тоҷикон ва пеш аз ҳама тоҷикони Фарорӯд (Мовароуннаҳр) якбора дигар шуд. Истиқлол маънову моҳияти замонро дигар кард. Баъзе рӯйдодҳо мундариҷаи навини таърихӣ пайдо карданд. Истиқлол, ки дар поёни садаи 20 фаро расид, бузургтарин рӯйдоди таърихи тоҷикон на танҳо дар садаи 20, дар чанд садаи гузашта аст. Аз ин бузургтар воқиае дар чанд сад соли охир дар таърихи тоҷикон рӯй надода буд.

Аз партави ин рӯйдод маънои ҷумҳурии соли 1924 ба куллӣ дигар шуд. Ҷумҳурии худмухтори Тоҷикистон, ки шӯравиён соли 1924 лутф фармуданд, ба ном давлате буд ва аз истиқлолу соҳибихтиёрӣ баҳрае надошт. Соли 1929 Тоҷикистон ҷумҳурии иттифоқӣ шуд, яъне гӯё мустақил шуд, аз ҳайати Ӯзбекистон берун рафт ва дар ҳақиқат аз чанголи туркпарастон раҳоӣ ёфт, дар пеши Маскав ҳуқуқаш андак афзуд. Ҷумҳурии соли 1924, ба вежа ҷумҳурии соли 1929, ки Ҷумҳурияти Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон номида шуда, гӯё ҳатто ҳуқуқи ҷудоӣ аз Иттиҳоди Шӯравиро соҳиб буд, - ин ҳар ду ҷумҳурӣ ба ҳар ҳол давлат ном дошт, давлат буд, тоҷикон лоақал ба зоҳир соҳиби давлат шуданд. Расидан ба давлатдорӣ (агарчи ба зоҳир аст) рӯйдоди муҳимми таърихӣ буд. Он гоҳ аз эҳтимоли расидан ба истиқлоли воқеъӣ умеде пайдо шуд. Аҳамияти таърихии он рӯйдод аз ин ҷо маълум мешавад, ки чун соли 1924 аз чанголи хунолуди туркпарастон канда гирифтани як пора замине ба номи

Тоҷикистон муяссар шуд, соли 1991 имкон пеш омад, ки ба истиқлоли воқеъӣ бирасем.

Қарни 20 барои мардуми тоҷик қарни бахосият омад, ки як қисми ин мардумро то андозае ба муроду мақсад расонид. Албатта, сарманзили муроди миллӣ ҳанӯз дур аст, лекин имкон ҳаст, ки барои расидан ба он, замина омода созем.

Қарни 21 барои тоҷикон қарни умед хоҳад буд. Ҳоло умеди бузурги таърихӣ пайдо шудааст, ки мардуми тоҷик на танҳо дар Тоҷикистони азиз, балки дар ҳама бахшҳои сарзамини худ ба талошу пархош ба ормонҳои олии чандин аср, ба эҳёи миллӣ бирасанд.

Тавон гуфт, истиқлоле, ки тоҷикони Фарорӯд дар садаи бист ба даст овардаанд, **се зина**, **марҳала** дошт. Марҳалаи ***якум*** аз мухторияти соли 1924 оғоз ёфта, чунончи гуфта шуд дар ин давра ба тоҷикони Фарорӯд муяссар шуд як бахши сарзамини худро (дурусттар он кӯҳсорони худро) аз чанголи ҷаҳонхӯрони туркпараст канда бигиранд ва агарчи ҳанӯз дар оғӯши сахтфишори пантуркизм буданд (зеро мухторияти Тоҷикистон дар ҳайати Ӯзбекистон таъсис шуд), ба ҳар ҳол гӯё соҳиби як гӯшаи хонадони худ гардиданд, боз ҳам на ҳамаи тоҷикони Фарорӯд, балки лоақал сеяки онҳоро чунин саодат даст дод. Марҳилаи ***дувум*** аз ҷумҳурияти соли 1929 оғоз ёфт, ки даврони истиқлоли зоҳирӣ, вонамуди истиқлол тавон номид.

Марҳалаи ***савум*** аз соли 1991 сар шуд ва давраи истиқлоли воқеъист. На танҳо марҳалаи севум, балки он ду марҳалаи аввал низ аҳамияти бузург дорад: ҳар кадоме як манзил дар роҳи тӯлонии озодиҷӯйӣ буд.

***Пурсиш***: Иддае низ вуҷуд доранд, ки мегӯянд: миллати тоҷик то қарни 20 ба унвони як миллат шинохта нашуда буд, ҳувияти миллӣ ба даст наоварда буд, ба сифати як қавм арзи вуҷуд мекард. Гӯё ҳувияти миллиро на худи тоҷикон пайдо кардаанд, балки аз берун ба онҳо таҳмил намудаанд. Тоҷиконро ба унвони миллат аввал аз берун шинохтаанд, то ки худи тоҷикон худро бишиносанд.

***Посух***: Ҷавоби чунин суолҳо пажӯҳиши вежа мехоҳад. Ин пажӯҳиш кори мутахассисон аст. Масрур Абдуллоҳзода таҳқиқе ҷолиб дар бораи худшиносии миллии тоҷикон то исломият ва Сомониён ва то садаи 20 анҷом дод, ки ин худшиносӣ поя ба поя боло рафта, чандин марҳаларо тай кардааст. Афсус, ки ин рисола ҳанӯз чоп нашудааст. Равшан аст, ба арсаи таърих баромадани Аҳмади Дониш ва маорифпарвароне чун Аҷзӣ, Беҳбудӣ, Мирзо Сироҷи Ҳакими Сироҷӣ, Абдуррауфи Фитрат, ба вежа Садриддини Айнӣ худ як нишонаи амиқрафти худшиносии иҷтимоъӣ ва як омили амиқбурди он буд. Маорифпарварон барои растагории миллӣ ва эҳёи маънавии миллат мубориза карданд. Ин мубориза натиҷаи шинохти вазъи халқу кишвар буд. Истилои Русия, инқилобҳои садаи 20 ва дигарсозиҳои «сотсиалистӣ» бешак ба шуури миллат нақше гузошт.

Дар ҳама давраҳои таърих баъзе омилҳои худшиносӣ омилҳои беруна будаанд. Миллат ҳамеша бо миллатҳои атроф робита дошта ва таъсири беруна худшиносии миллатро суръат мебахшидааст ё монеъ меомадааст ё ки онро ба самти дигар равон мекардааст ва ҳоказо. Аммо ин таъсири берунӣ ҳамроҳ бо омилҳои дохилӣ амал мекард, аксаран бо онҳо як шуда. ҳазм гардида, унсури худӣ мешуд, таъсири берунӣ ба равандҳои иҷтимоъӣ ва фарҳангӣ гоҳ унсурҳои номувофиқ ва бегона ворид меовард ва гоҳ таъсири мусбат бештар буд.

Чун дар асри 19-20 ҷони тоҷикон ба мӯе овезон гардид, масъалаи тоҷикон хеле муҳим ва ҳатто ҷаҳонӣ шуд, ховаршиносони зиёде дар бораи тоҷикон мақолаву китобҳои муҳимме навиштанд. Бархе аз онҳо дар вақти чоп ва бархе баъдтар дар худшиносии тоҷикон нақше иҷро карданд. Ба вежа Иосиф Брагинский ба хидмати мардуми тоҷик барои худшиносии таърихиву фарҳангии онҳо камари ҳиммат баста буд ва чанде аз асарҳои ӯ на танҳо бо мақсади илмӣ, балки барои исботи ҳуқуқи тоҷикони Фарорӯд ба мероси адабии эронитаборон навишта шуда, барои афзудани ғунҷоиши ёди фарҳангии онҳо хидмат кардаанд. Ӯ дар фаъолияти илмии

иҷтимоъӣ пайрави устод Айни ва ҳамдасти академик Бобоҷон Ғафуров буд.

Мо аз он донишмандони машҳуру номашҳури шарқшинос, ки барои таъйини сарнавишти тоҷикон талоши илмӣ кардаанд, бояд як умр сипосгузор бошем.

Фаъолияти ховаршиносон яке аз омилҳои берунии таҳаввули миллияти тоҷикони Фарорӯд буд.

Ҳамаи инҳо чунин маънӣ надорад, ки ҳувийяти миллӣ ё шинохти он аз берун омада бошад. Не. ҳаргиз, ҳувийяти миллӣ, вежагиҳои хоси ҳар миллатро муҳити зисти таърихии ӯ ба вуҷуд меоварад, шароити хоси ҳаёти иҷтимоъӣ, фарҳангӣ, ва маънавии ӯ дар тӯли асрҳо шакл медиҳад. Унсурҳои омада танҳо як ҷузви заминаи таърихии миллӣ мебошад. Мумкин аст баъзе омилҳои берунӣ якбора ё тадриҷан сарнавишти миллатро дигар кунанд, ба ҳувийяти миллии ӯ таъсире расонанд, лекин ҳувийяти миллӣ, менталитети миллатҳое чун миллати тоҷик, ки умри дарози таърихӣ дидаанд, на бо як-ду ё се-чор омили берунӣ, балки бо таҳаввули таърихии худи онҳо ҳосил мегардад. ***Он «назарияпардозон» - идеологҳои пантуркизм, ки мегуфтанд: тоҷикон ҳувийяти миллӣ надоранд, аз забони адабӣ, аз таърихи адабиёт, аз фарҳанги мустақил, аз санъати мусиқӣ, меъморӣ ва ғайра маҳруманд ва имрӯз ин даъвоҳо боз баландтар садо медиҳанд, - онҳо ҳама бадхоҳони мо буда, сарзамини моро ғасб кардаанд, акнун таърих ва фарҳанги моро аз худ кардан мехоҳанд ва бинобар ин мегӯянд, ки тоҷикон чизе надоранд, яъне ҳар чӣ доранд, аз они мост***.

Миллати тоҷик аз қадим миллати худҷӯю худрас, худшиносу ҳақшинос буд. Зардушт аз роҳи худҷӯиву худогоҳии инсон ба майдони таърих расид ва мардумро ба роҳи маънавият ҳидоят намуд. Дар солномаи зардуштиён соли 1999 баробари соли 3737 аст. Яъне қариб чаҳор ҳазор сол пеш аз имрӯз ҷустуҷӯҳои маънавии аҷдоди тоҷикон нахустин натиҷаҳои комил дод. ***Мақоми аҷдоди тоҷикон дар такмили фалсафаи Ислом низ бузург аст, ки ин ҳам натиҷаи хештаншиносӣ, ҷаҳономӯзӣ ва худогоҳӣ буд. Тамаддуни Сомониён, шеъри Рудакӣ,***

***Шоҳномаи Фирдавсӣ, илми Ибни Сино барҷастатарин намунаҳои шинохти оламу одам, шинохти хештан аст.***

Мардуми эронӣ, аз ҷумла тоҷикон дар маънавиятҷӯйӣ ва шинохти асрори ҳастӣ ба ғоят нозук рафтаанд, ба тарзе вежа амал кардаанд ва камина бар инам, ки маънавиятҷӯиро ҷузве аз ҳувийяти миллии онҳо метавон донист. Ба пиндори камина маънавиятҷӯйӣ ва худшиносии маънавӣ муҳимтарин бахши ҳувийяти миллии тоҷикон аст, ки зуҳуроти хос дорад.

Натиҷаи ҷусторҳои маънавист, ки эронитаборон чун ҳиндувон, чиниён, яҳудиён, арабон, юнониён як идда файласуфони ҷаҳонӣ, донишмандони забардаст, шоирони бузург, ҳатто пайғамбарон (аз ҷумла Зардуштро) ба ҷаҳон додаанд, аммо аз байни онҳо Чингизу Темур набаромадааст. ***Миллате, ки фарҳанги маънавии ӯ баланд аст, ба сари халқҳои дигар Чингизу Темур намефиристад.***

Ин ҳақиқати таърих боиси сарбаландии тоҷикони имрӯз аст. Тоҷикони имрӯз бо ҳамин сари баланд, бо ҳамин маънавиятҷӯйии собитқадамона ба сӯйи фардо аз роҳҳои қарни 21 қадам хоҳанд зад.

Афсӯс, ки чанд асри охир, ба хусус садаи 20 ба хештаншиносии маънавии тоҷикони Фарорӯд зиёд осеб расонид. Камина дар навиштаҳои худ таъкид кардаам, ки шароити иҷтимоъиву сиёсии садаи 20 чунон омад, ки ҷанбаҳои гуногуни шуури иҷтимоъии тоҷикони Фарорӯд ва худшиносии иҷтимоъиву маънавии онҳо норасида монд. Ин ҳолат оқибатҳои ҳалокатбор дошт ва дар оғози даҳаи навад ҷанги бародаркуширо оташ дод.

Ин бӯҳрони худшиносии тоҷикони Фарорӯд ҳанӯз бартараф нашудааст. Бояд бидонем ва огаҳ бошем, ки ояндаи тоҷикон бо худҷӯиву худрасӣ, бо худшиносиву худогоҳӣ таъмин хоҳад шуд. Тоҷикон ҳама умри таърихӣ, ҳама зиндагии чандҳазорсола аз роҳи ҷустуҷӯи ҳақиқат, аз роҳи шинохти худ ва Ҳақтаоло баракат ёфтаанд. Таърихи тоҷикон таърихи ҷусторҳои маънавист. Роҳи минбаъдаи онҳо низ чунин роҳе хоҳад буд, Зарур аст, ки гумроҳиҳои асри охирро паси сар карда боз ба роҳи аслии худ дароем. Лозим аст, ки ҳамон ҷӯяндагии маънавии худро идома бидиҳем, ба худшиносиву худогоҳии

комил бирасем. Он гоҳ эҳёи миллӣ, эҳёи маънавӣ фаро хоҳад расид.

***Пурсиш***: Дар бораи марзбандии Осиёи Миёна, ки баъди инқилоби октябр сурат гирифт, боз чӣ метавон гуфт. Ин чорабинӣ барои ташаккули шуури миллии тоҷикон, барои муайян кардани сарнавишти таърихии онҳо чӣ аҳамият дошт?

***Посух***: Тақсими ҳудуди миллии Осиёи Миёна, ки соли 1924 баргузор шуд, яке аз бузургтарин ноинсофиҳои таърихӣ дар ҳаққи тоҷикон буд.

Бешак, ин марзбандӣ барои баъзе халқҳои ин сарзамин, чунончи барои туркманҳо, қирғизҳо, ӯзбекҳо ҳодисаи муҳимме буд, ки дар таъйини сарнавишти миллӣ, устувор кардани решаҳои ҳастии таърихии худ, барои иттиҳоди миллии онҳо аҳамияти калон дошт, бахусус барои рушду камоли миллати ӯзбек роҳ ҳамвор намуд, вале барои тоҷикон андаке роҳ кушоду бас. Метавон гуфт, барои тоҷикон бисёр роҳҳои рушду камоли миллиро ба куллӣ бубаст.

Мардуми тоҷик аз таърих ноинсофӣ бисёр дидаанд ва марзбандии соли 1924 яке аз мавридҳое буд, ки беадолатӣ ба ниҳояти дараҷа расид. Ин марзбандиро яке аз талхтарин меваҳои октабр, ки тоҷикон чашидаанд, бояд донист.

Аз аввали инқилоб ошкор буд, ки агарчи дар санадҳои расмӣ шумораи тоҷикон кам нишон дода мешавад, соли 1918 дар Туркистони Русия (Самарқанд, Тошканд, Фарғона) 1,3 миллион нафар тоҷикон мезистанд. Сиёсатмадори барҷастаи тоҷик Абдураҳим Ҳоҷибоев таъкид кардааст, ки пас аз инқилоби соли 1920 «ҷумҳурии Бухоро на ҷумҳурии ӯзбекӣ, балки давлати эронӣ буд… (зеро) аҳолии Бухоро 3 миллион нафар, аз ҷумла тоҷикон – 2 миллиону 100 ҳазор тан, ӯзбекҳо – 750 ҳазор тан буданд» (ниг.: *Р. Масов*. История топорного разделения. – Душанбе, 1991. – стр. 120), яъне дар ҷумҳурии Бухоро тоҷикон 70 фоиз, ӯзбекон 25 дар садро ташкил мекарданд. Пас лозим буд, ки соли 1924, ҳангоми марзбандии миллӣ, ҷумҳурии Бухоро (собиқ аморати Бухоро) асоси ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил намояд ва дигар ноҳияҳои тоҷикнишини Мовароуннаҳр - Самарқанд, Истаравшан, Хуҷанд ва ғайра ба он ҳамроҳ шаванд. Он гоҳ барои ташаккули

иттиҳоди миллии тоҷикони Мовароуннаҳр замина омода мегардид.

Вале ин тавр нашуд. Инқилоб дар Бухоро аксаран пантуркистҳои гузаро, хусусан ғосибтарин шохаи пантуркизмро, ки панӯзбекизм аст, бар сари қудрат нишонид ва сарнавишти тоҷиконро ба дасти онҳо супурд. Туркпарастҳо аз рӯйи инкори куллии мавҷудияти тоҷикон амал намуда, аввал забони форсии тоҷикиро аз расмият берун карданд, мактабу маориф, матбуоту нашриёти тоҷикиро барҳам доданд ва баъд чун болшевикон тақсими ҳудуд - марзбандии миллии Осиёи Миёнаро ба дасти пантуркистҳо анҷом доданӣ шуданд, барои пантуркистҳо вақти он расид, ки тоҷиконро дигар аз саҳни таърихи Мовароуннаҳр ба куллӣ берун кунанд. Оре, хостанд номи тоҷикро аз сафҳаи таърихи гузаштаву оянда кӯр кунанд.

Афсус, ки илми таърих маънои аслии марзбандии соли 1924-ро ҳанӯз ҳамаҷониба падид наовардааст. Илми таърих он ҳақиқатро ҳанӯз нагуфтааст, ки бо талошу пархоши чанд тан аз ватандӯстону миллатпарварони ҷасури тоҷик он нақшаи пантуркистҳо вайрон шуд, дурусттар он ки қисман иҷро гардид. Маълум мешавад, ки ***Сталин марзбандиро асосан ба се нафар супурд, ки яке Зелинский буд ва ду нафари дигар, яъне Абдуллоҳ Раҳимбоев ва Файзуллоҳ Хоҷаев пантуркистҳои гузаро, тоҷикони хиёнаткори миллатфурӯш буданд. Таъкид мекунам: болшевикон иҷрои кореро, ки як амали муҳимми таърихӣ қаламдод мешуд, ба хоинони муртад супурданд! Чаро чунин шуд. Чунки асли нияти болшевикон пок набуд ва барои иҷрои он дасти нопоке лозим буд.***

Сталин нахост, ки ба тоҷикон чизе, ки ба истиқлол монандие дошта бошад, бидиҳад. Чаро ки ***аввалан*** тоҷикон аз ҷумлаи ерониён буда, ба Афғонистону Эрон ҳам решаҳои амиқи таърихӣ рондаанд. Сталин ҳақ дошт хавф бибарад, ки агар Тоҷикистоне ба вуҷуд ояд, ки ҷумҳурии бузург ва тавоно бошад, мумкин аст рӯзе дар дили тоҷикони Мовароуннаҳр орзӯи пайвастан бо ҳамхунони Афғонистон ва Эрон пайдо шавад.

***Сониян,*** тоҷикон бештар аз дигар халқҳои Осиёи Миёна маънавиятҷӯй ва диндор буда, Бухорои Шариф «қувваи

исލому дин» (қуббатулислом) ба шумор меомад. Мардуми тоҷик дар байни халқҳои атроф фарҳанги маънавӣ ва исломро густариш додаанд ва нуфузи рӯҳонӣ доштанд. Чунин миллатеро қувват додан барои болшевикон хавф дошт, барои чунин миллате давлати тавонманд созмон додан аз тарафи болшевикон беэҳтиётӣ мебуд. Чунин халқро бештар аз дигарон саркӯб доштан лозим буд.

Аз ин рӯ, Сталин «нақшаи Чичерин» («План Чичерина»)-ро қабул накард. Чичерин вазири хориҷии шӯравӣ буд ва барои марзбандии Осиёи Миёна нақшае пешниҳод кард. Афсус, ки нақшаи ӯ ҳанӯз ба дастраси пажӯҳишгарон қарор наёфтааст, мазмуни умумии он ба мардуми огоҳи он солҳо маълум буд ва имрӯз ҳам баъзеҳо медонанд. Чичерин хабар дошт, ки дар Осиёи Миёна, яъне Туркистони Русия ва аморати Бухоро ва Хева дар даҳаи дувуми садаи 20 шумораи ӯзбекҳо қариб 2 миллион буд.[1] Аммо тоҷикон дар аморати Бухоро 2 миллиону 100 ҳазор, дар Туркистони Русия 1 миллиону 300 ҳазор, ҷамъан дар Мовароуннаҳр 3 миллиону 400 ҳазор нафар буданд, яъне андаке камтар аз ду баробари ӯзбекҳо ҷамъият доштанд. Аз ин рӯ, чунонки ҳолдонон мегуфтанд, Чичерин пешниҳод карда буд, ки дар Осиёи Миёна ҷумҳурии бузурги Тоҷикистон таъсис бояд кард ва Ӯзбекистон ҷумҳурии худмухтори тобеъи Тоҷикистон бошад.

Аз огоҳони он замон шунидаам, ки Чичерин мехост ҳудуди пештараи давлати Бухоро, яъне марзҳое, ки Бухоро то соли 1867 то тасарруфи Русия дошт ва дар шимоли шарқ то Ҷиззах (Дизак) ва остонаи Тошканд ва то деҳи Маҳрам (Конибодом) мерасид, дубора барқарор шавад. Ва ин густура Тоҷикистон ном бигирад ва он бахши Фарғона ва Тошканд, ки аз ин ҳудуд берун аст, Ӯзбекистон номзад шавад.

Чичерин аз ин пешниҳод суди импиротурии шӯравиро ба назар дошт. Ӯ медонист, ки агар Тоҷикистон тавоно ва обрӯманд бошад, бештар имкон хоҳад дошт, ки нуфузи шӯравиро ба кишварҳои исломии Шарқи Миёна бигузаронад,

---

[1] *П. П. Семёнов Тяншанский.* Туркестанский край. – СПб, 1913.-С. 7.

аммо ҷумҳуриҳои турки Осиёи Марказӣ, чунончи Ӯзбекистон чунин имконро камтар хоҳанд дошт.

Андешаи Чичеринро Сталин написандид. Сталин аз тавон ёфтани тоҷикон бештар хавфу хатар чашм дошт, на суд. Ӯ хост ба пантуркистҳо, ба вежа ба ӯзбекпарастҳо гузашт кунад. Шикасти Русия дар ҷанги якуми ҷаҳон, суст шудани он бо ду инқилоби соли 1917 ва харобиҳои ҷанги дохилӣ, инчунин марги Ленин боиси ин гардид, ки халқҳои турки Русия дар роҳи озодихоҳӣ фаъолтар шуданд. Пантуркизм қувват гирифт, паниславизм нотавон шуд. Дар ин шароит лозим омад, ки шӯравӣ аз ҷумла ба панӯзбекизми сахтфишор як андоза гузашт кунад. Барои гузашт тоҷиконро қурбон кардан даркор шуд.

Сталин ҳатто намехост барои тоҷикон замине ҷудо бикунанд, давлате тартиб бидиҳанд. Чун лоиҳаи марзбандии соли 1924 ба Тошканд, ки маркази Туркистони Русия буд, омад, дар ин лоиҳа пешбинӣ шуда буд, ки барои тоҷикон як вилояти мухтори хурд дар ҳайъати ҷумхурии бузурги Ӯзбекистон дода шавад. Дар оғози кори коммисиюни марзбандӣ, ки дар Тошканд бо сарварии се нафари мазкур машғулият сар кард, аз тоҷикон намояндае даъват нашуда буд ва ширкат надошт. Албатта, А. Раҳимбоев ва Файзуллоҳ Хоҷа тоҷик буданд, вале якумӣ ба сифати намояндаи Маскав ва дувумӣ ба унвони намояндаи халқи ӯзбек ба он маҷлис иштирок карданд.

Чунонки Камоли Айнӣ боре ёдовар шуда буд, он гоҳ устод Айнӣ дар Тошканд буд ва рӯзи якуми кори комиссиюни марзбандӣ хост, ки ба маҷлиси он дохил шавад. Устод Айниро ба маҷлисгоҳ даромадан нагузоштанд. Ба ӯ гуфтанд, ки ба маҷлис даъват нашудааст, ӯ ҳизбӣ, яъне коммунист ҳам нест, аз ин рӯ ҳақ надорад ба маҷлис дарояд.

Он рӯз чанде аз равшанфикрон ва шахсиятҳои ҷамъиятии тоҷик, ки дар Тошканд буданд, пеши бинои комиссиюни тақсими ҳудуди миллӣ ҷамъ шуда буданд. Онҳо ба идораҳои ҳизбиву давлатӣ рафта, барои тоҷикон ҳақ талаб карданд. Сарвари маънавии онҳо устод Айнӣ буд. Афсус ки ин ҳақталошии миллатпарварони тоҷик ҳанӯз таҳқиқ нашудааст ва дар ҳеч китобу мақолаи илмӣ хабаре аз он нест. Месазад, ки ба пайҷуйии ин ривоят ва ривоятҳои дигар рухнамуд бошем, ки намунае аз озодихоҳии миллист. Ин талош он рӯзҳо гӯё чандон

натиҷае надод. Натиҷа фақат ин буд, ки ба ҷаласаи комиссиюни тақсими ҳудуди миллӣ аз тоҷикон намоянда даъват карданд. Лекин дар қарори комиссиюн фақат ҳамон моддае дохил шуд, ки барои тоҷикон як вилояти мухтор (автоном) дар ҳайъати Ӯзбекистон таъсис шавад. Ҳамин буд ҳиммати фиристодагони Маскав Зеленский ва Раҳимбоев, пантуркистҳое чун Файзуллоҳ Хоҷаев, ки меҳрбонӣ карданд ва тоҷиконро вилоят доданд ва ҳол он ки вилоят пасттарин воҳиди маъмурии идории шӯравӣ буд, ки барои тоҷикон чандон ҳуқуқе намедод. Вилоят давлат нест ва агар ба тоҷикон фақат вилояте медоданд, онҳо аз давлат, аз вонамуди он ҳам маҳрум мемонданд.

Миллатпарварони тоҷик ин «ҳиммат»-ро таҳқир донистанд. Онҳо бо раҳнамоии устод Айнӣ талошро идома доданд. Чун сарварони маъракаи марзбандӣ қарори комиссиюнро барои тасвибу тасдиқ ба Маскав бурданд, чанд тан аз миллатпарварони тоҷик аз ҷумла Абдуқодир Муҳиддинов ва Чинор Имомзода низ ба Маскав рафтанд (ва гӯё баъзеҳо ҳатто пинҳонӣ рафта буданд). Онҳо дар Маскав хеле даводав карданд ва оқибат муваффақ шуданд, ки ба тоҷикон на вилоят, балки ҷумҳурии худмухтор дода шавад. Муваффақ шудан ба чунин тағйири қарордоди комиссиюни марзбандӣ пирӯзии бузурги талошгарон буд, ки хидмати миллат адо намуданд.

Пинҳонӣ ба Маскав рафтани чанд тан аз намоянда-гони тоҷик низ ривояте буда ва эҳтиёҷ ба таҳқиқ дорад. Чунон ки мебинем, таъсиси Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1924 агарчи ҷумҳурии хурде буд ва дар як гӯшаи дурдасти сарзамини таърихии тоҷикони Фарорӯд асос ёфта, ҳамагӣ 900 ҳазор нафарро (аз 3 миллиону 400 ҳазор тоҷики Фарорӯд) фаро гирифт, бо талошҳову фидокориҳо муяссар шуда буд.

Шояд он гоҳ боз баъзе воқиаҳо ва муборизаҳои дигар рӯй дода бошад, ки низ ҳанӯз намедонем. Ва ҳол он ки ҷавонони мо он талошҳову талошкорҳоро бояд бидонанд, то ба қадри истиқлоли кунунӣ бирасанд ва барои пойдориву устувории ин истиқлол низ талош кунанд.

Чун бо маводи марбут ба мирзбандии соли 1924, ки пажӯҳишгарон аз бойгониҳо бароварда ба чоп доданд, шинос мешавем, тавон пай бурд, ки мақсади аслии Маскав аз ин

марзбандӣ бештар таъсиси Ӯзбекистони бузург (ва дар сояи он таъсиси Туркманистон ҳам) будааст. Гумон меравад, як мақсад аз таъсиси Ӯзбекистони тавоно ин будааст, ки ба дасти турк тоҷикро саркӯб бидоранд, шӯравӣ ва туркҳои шӯравиро аз таъсири нуфузи фарҳанги маънавии исломии тоҷикон эмин бидоранд. Ба тақозои муборизаи зидди Ислом ва тамаддуни Шарқ тоҷикро ба нотавонӣ нигоҳ доштан даркор буд, ки сар набардорад. Таъсиси мухторияти тоҷикон дар ҳайъати Ӯзбекистон чунин маънӣ дошт, ки тоҷикро дасту по баста ба турк супурданд.

Мухторияти соли 1924-ро ба ҳеч ваҷҳ лутфу марҳамати ҳукумати шӯравӣ ва Сталин нисбат ба тоҷикон набояд донист. Шӯравӣ соли 1924 ба тоҷикон чизе, ки андак монанд ба давлату давлатдорӣ бошад, додан намехост. Нахуст ҳатто вилояте доданӣ набуд. Дар охир, ки таъсиси ҷумҳурии мухтори Тоҷикистон муяссар гардид, хилофи нақшаи пешакии шӯравиён буд ва ба ҳукми тасодуфе, ки сабабҳои ҷиддӣ дошт, рӯй дод. Сабабҳои ин рӯйдод ҳанӯз таҳқиқ нашудааст. Ба фикри мо, омили умда дар таъсиси ҷумҳурии мухтори Тоҷикистон ба соли 1924 ҳақталабии гурӯҳе аз равшанфикрон ва сиёсаткорони тоҷик буда, тарафдорӣ ва дастгирии баъзе намояндагони адолатҷӯйи халқҳои дӯст, чунончи намояндаи мардуми қазоқ, пофишории Чичерин ба бархе аз нуқтаҳои нақшаи худ ва монанди инҳо низ аз сабабҳои муҳим буданд.

Шояд дигар омилҳои аз ин ҷиддитар, аз ҷумла омилҳои байналмилалӣ низ дар миён бошанд. Сталин, ки дар аввал ҳатто вилояте ба тоҷикон додан намехост ё ки мехост фақат вилояте бидиҳад, бо фишори чунин омилҳо дар охир розӣ шуд, ки ҷумҳурие барои тоҷикон дар ҳайъати Ӯзбекистон сохта шавад.

Ин ризои Сталин чунин маънӣ дошт, ки ҷойгоҳи муҳимми таърихӣ ва фарҳангии тоҷикон дар Фарорӯд андаке ҳам бошад, эътироф гардид.

Эътирофи шукӯҳмандии таърихи тоҷикон дар барқияе, ки Сталин соли 1925 ба нахустин конфаронси болшавикони Тоҷикистон фиристода буд, дида мешавад. Сталин дар ин барқия гуфтааст: ***«Тоҷикон таърихи ғанӣ доранд, лаёқатҳои созмондиҳӣ ва сиёсии онҳо дар гузашта аз ҳеч кас пӯшида нест».***

Дар ин барқия инчунин омадааст, ки аҷдоди тоҷикон ***«парчами озодиро дар дастони худ сахт нигоҳ медоштанд»*.**

Ошкор аст, ки Сталин андаке аз ҳоли тоҷикон, аз ин ки тоҷикон миллати шарофатманде ҳастанд, огоҳӣ доштааст. Пас чаро дар ҳаққи онҳо беинсофӣ кард? Ба ин пурсиш аз санадҳои он солҳо посух намеёбем. Шояд ҳамин огоҳии хуб аз ҳоли тоҷикон, аз ин ки «тоҷикон таърихи ғанӣ доранд», дар байни халқҳои Осиёи Марказӣ нуфузи фарҳангии онҳо қавист ва дар Шарқи исломӣ низ аз эътиборе бархурдоранд,-шояд огоҳӣ сабаб шуд бар ин ки Сталин хост тоҷиконро саркӯб ва нотавон бидорад, то ки ба ҷойи нуфузи эшон дар Осиёи Марказӣ нуфузи русҳо, нуфузи ғояҳои инқилоб ва болшавизм зудтар ва пурра ҳукмрон гардад.

Ғайр аз ин, чунин менамояд, ки Сталин бо он барқия андаке гуноҳи худро рӯпӯш карданист ва ба тоҷикон хушомад мегӯяд. Гуноҳи худро ба гардан гирифтани Сталин аз он суханронии ӯ, ки соли 1941 дар поёни Даҳаи санъати тоҷикӣ дар Маскав кард, боз бештар ба дид меояд. Ӯ ин дафъа дар бораи тоҷикон ва шаҳомати таърихии онҳо, фарҳанг ва адабиёту санъати онҳо суханҳои олӣ гуфт. Аз ин қабил суханҳои олӣ боре дар бораи халқи рус низ гуфта буд, дигар дар бораи ҳеч кадоме аз ҳалқҳои кишвари шӯравӣ нагуфтааст. Аз эҳтимол дур нест, ки ин бор ҳам як мақсад аз ситоиши мардуми тоҷик аз тарафи Сталин як навъ кӯшише барои шустани гуноҳи худ бошад. Гуноҳи ӯ дар пеши миллати тоҷик чи соли 1924 ва чи соли 1929 хеле калон буд.

Дареғо ки он гоҳ қисми зиёди сарзамини таърихии тоҷикони Фарорӯд аз ҳудуди Тоҷикистон берун монд. Аз соли 1929 ба Тоҷикистон ҳамроҳ шудани Хуҷанду Истаравшан ва дигар ноҳияҳои шимол боз як пирӯзӣ буд. Лекин бо вуҷуди муборизаҳои қаҳрамононаи Абдураҳим Ҳоҷибоев, Нусратуллоҳ Махсум, Абдулқодир Муҳид-динов, Нисор Муҳаммад, Шотемур ва дигарон Бухорову Самарқанд ва ғайра боз ҳам ба даст наомад. Яке аз беадолатиҳои бузурге, ки дар садаи 20 дар ҳаққи тоҷикон содир шуд, ҳамин буд. Ин ноинсофии таърихиро низ бояд ҳеч фаромӯш накунем. Бояд аз тамаддуни бузурги шаҳрӣ - тамаддуни Бухорову Самарқанд, Балх, Ҳирот, Марв, Хуҷанд дур нашавем, ва ояндаи худро дар асоси он тарҳрезӣ

бикунем. Аз ин ҷиҳат ҳам садаи 21 бояд даврони баргаштани тоҷикон ба асли худ бошад, то ки битавонем имрӯзу фардои худро тибқи ҳувийяти миллии худ созмон бидиҳем.

Имрӯз бисёре аз тоҷикони Фарорӯд фаромӯш мекунанд, ки аз қадим соҳиби тамаддуни волои шаҳрӣ будаанд, онҳо тамаддуни шаҳрӣ ба вуҷуд оварда буданд. Инро набояд фаромӯш кард. Он тамаддуни бузургро дар тафаккури худ барқарор кардан лозим аст, пораву резаҳои онро гирд оварда ба диққат омӯхтан ва аз худ кардан зарур аст. Мо парвардаи тамаддуни шаҳрӣ ҳастем ва онро бояд ба дил парварем. Ин ба мо имкон хоҳад дод, ки ба ҳаёти маънавӣ зудтар бирасем, беҳтар одамият биёмӯзем, одобу услуби нозук ёд бигирем, чеҳраи инсонии мо равшантар намоён шавад.

**Дар Ӯзбекистон кӯшиш ба кор меравад, ки тоҷикон тоҷикии худро фаромӯш кунанд. Дар Тоҷикистон, ки соли 1924 як шаҳр надошт, тоҷикон тамаддуни шаҳрии худро фаромӯш кардан доранд. Ин ду фаромӯшӣ як маънӣ дорад. Дар ҳар ду сурат ҳам тоҷик аз тоҷикият дур меравад.**

***Пурсиш:*** Ба назари Шумо он марзбандии соли 1924 чаро ба амал омад. Асли мақсад чӣ буд?

***Посух:*** Мо фикри худро дар бораи бархе мақсадҳои шӯравиён аз табартақсим дар боло гуфтем. Ҳоло бояд бигуем, ки асли нияти болшевикон аз марзбандии соли 1924 маълум аст ва солҳои охир чандин бор таъкидан гуфта шуд. Мақсади онҳо ҳаргиз ғамхорӣ дар ҳаққи халқҳои мазлуми импиротурии Русия набуд ва намехостанд халқҳоро соҳиби давлати миллӣ кунанд. Онҳо аз рӯйи шиори машҳури истеъморгарон «Пора куну ҳукумат рон!» тоҷикро бо ӯзбек, қазоқро бо қирғиз ҷанг андохтанд. Чунонки дар адабиёти илмӣ чандин бор таъкид шуда буд, бо ин марзбандӣ хавфи муттаҳид шудани туркнажодони ӯзбек, қазоқ, қирғиз ва туркман пешгирӣ шуд, нагузоштанд, ки халқҳо бо ҳам як шаванд, коре карданд, ки байни онҳо сарҳад пайдо шавад ва заминаи низоъ омода гардад. Ғайр аз ин тоҷиконро пора карданд. Тоҷикон то он вақт ҳам миллати чандпора буданд: дар Афғонистон, Бухоро ва Туркистони Русия мезистанд. Ин чандпорагӣ барои инкишофи миллӣ мониаи ҷиддӣ буд ва хеле зарар дошт. Вале як қисми тоҷикон дар аморати Бухоро сарҷамъ ва якпорча зист доштанд,

ки ин ҳолат як омили муҳим барои ҳамназдикии онҳо буд. ***Тақсимоти соли 1924 ҳамин сарҷамъиро барҳам дод, тоҷикони Бухороро ду пора кард: ба тоҷикони Тоҷикистон ва тоҷикони Ӯзбекистон тақсим кард, то ки байни пораҳо низоъ сар занад. Чун тоҷикон аз Бухорову Самарқанд ҷудо шуданд, рӯҳияи марказгурезӣ ва маҳалгаройӣ қувват ёфт. Маҳаллгаройӣ дар Тоҷикистон аз ҳамон табартақсими соли 1924 сарчашма гирифт*.**

Банда дар навиштаҳои худ чандин бор таъкид кардаам, ки баъд аз инқилоб, баъд аз соли 1924 ва 1929 дар натиҷаи сиёсати миллии шӯравиён худшиносии иҷтимоъиву маънавӣ ва худогоҳии миллии тоҷикони Мовароуннаҳр пурнуқсон сурат ёфт, ҳама навъҳои шуури иҷтимоъиву маънавии онҳо ноқису номукаммал шакл гирифт. Ва ин ҳолат яке аз сабабҳои асосии рӯйдодҳои даҳшатноки солҳои навад буд.

Табартақсими соли 1924 ҷузве аз сиёсати истеъмории Русия нисбат ба халқҳои Осиёи Марказӣ буд. Мақсади аслии сиёсати мустамликадорон ин буд, ки ҳастии миллии халқҳои Осиёи Марказиро тобеъи манфиатҳои импиротурӣ бидоранд. Соли 1924 қадаме дар роҳи нотавону нотамом нигоҳ доштани халқҳои Мовароуннаҳр буд. Агарчи пантуркистҳо аз ин қадам ком бурданд ва баъзе халқҳо низ суде бардоштанд, ҳар бозёфти ин халқҳо басо гарон афтод. Мардуми тоҷик он гарониро имрӯз бештар аз он рӯзҳо эҳсос мекунанд.

Ин масъала, ки Сталин аз табартақсими Осиёи Миёна чӣ мақсад дошт, ҳанӯз дар илм чандон равшан нашудааст. Дар масъалаи соли 1924 ва 1929 нуқтаҳои норавшан зиёд аст ва ихтилофи назар кам нест. Банда медонам, ки он чӣ алъон менависам, шояд фардо мавриди мубоҳиса ва эътироз қарор хоҳад ёфт. Аммо дар як масъала бояд ҳама ҳамфикр бошем ва он масъала ин аст, ки табартақсими соли 1924 ва таъсиси Тоҷикистони иттифоқӣ дар соли 1929 тибқи сиёсати импиротурӣ сурат баст ва натиҷаи он буд, ки мо тоҷикон заррае ихтиёр надоштем, мутеъи дигарон будем ва ҳар чӣ хостанд, бар сари мо оварданд.

Хулоса ин аст, ки мардуми тоҷик сарнавишти худро ба дасти худ бояд бигиранд, сарнавишти худро ба дасти худ бояд бисозанд ва дигар ҳеч нагузоранд, ки дигарон барои дигар

кардани сарнавишти онҳо бикӯшанд. Дигар нагузорем, ки моро пора бикунанд, то ки нест бикунанд. Миллати чандпораи тоҷик бояд ба ягонагии маънавӣ бирасад, то ки бақои умри худро таъмин бикунад.

***Пурсиш***: Агар инқилоби октабр намебуд, ба назари Шумо сарнавишти мардуми тоҷик чӣ гуна метавонист бошад.

***Посух***: Ба чунин суол ҷавоб гуфтан душвор аст. Албатта, ҳар касе мехоҳад ба суолҳое, ки кам нестанд, ҷавоб гуфта бошад. Лекин посух бояд ба тахмину ҳадс набошад. Беҳтар ин аст, ки мисли солҳои ҳокимияти шӯравӣ пурсише гузорем: Октабр ба мо чӣ дод ? Чӣ комёбиҳои фарҳангӣ ва иҷтимоъиву сиёсӣ овард ва аз чӣ арзишҳои муҳим маҳрум кард? Чунин гузориши масъала барои муайян кардани ин ки аз қарни 20 ба қарни 21 чиҳо бо худ бигирем ва аз чи чизҳо худро бояд тоза бикунем, шояд бештар аҳамият дошта бошад.

Аз он чӣ дар боло гуфта омад, гӯё то андозае равшан шуд, ки ниҳоли октабр дар бӯстони тоҷикон чи меваҳои талхе дод. Ин ниҳол дар замини мо, барои обу ҳавои мо бегона буд ва наметавонист ба тарзи табиъӣ нумӯ кунад.

Аввалан октабр миллати тоҷикро ногаҳон ва зӯран аз роҳи таҳаввули таърихӣ берун карда, ба роҳи дигаре, ба роҳе, ки хоси он набуд, дохил кард. Қадам задан аз ин роҳи бегонаву ноошно, ки ноҳамворӣ ва бардору зан бисёр доштааст, хеле душвор омад.

Пеш аз инқилоб, аз охирин чоряки садаи 19 дар Фарорӯд – чи дар Туркистони Русия ва чи дар Бухоро равандҳои муҳимме ҷараён гирифта буданд, ки ҳам ҳаёти иҷтимоъиву иқтисодӣ ва ҳам фарҳангу маънавиятро ба роҳи тоза мебурданд. Маорифпарварон аз Аҳмади Дониш (1826-1897) то Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ (1875-1919) ва Абдуррауфи Фитрат (1886-1938) ба ҷустуҷӯйи роҳҳои растагории миллӣ даромаданд (ва як асари Фитрат «Раҳбари наҷот» ном дошт, ки наҷоти миллат дар назар аст). ***Равшангарони тоҷик зарур донистанд, ки миллат аввало бояд ба асли худ баргардад ва идеали таърихии онҳо чунончи даврони Оли Сомон буд, на Чингизу Темур, ки идеали баъзе ҷадидони турк қарор ёфтанд*** *ва* Фитрат ҳам баъди инқилоб чун аз адабиёти форсии тоҷикӣ ба адабиёти ӯзбекӣ гузашт, рӯ ба арвоҳи Чингизу Темур овард, аз

ислом гашт, бедин шуд. Адибони тоҷик ба чунин роҳҳо нарафтаанд.

Инро ҳам бигӯем, ки лашкаркаши болшевик Михаил Фрунзе, ки соли 1920 Бухроро фатҳ кард (ва ин ғасбкориро инқилоби халқии Бухоро ном ниҳоданд) фарзанди худро Темур номида ва бо ин кор ба пантуркистҳо худро наздик гирифтан хост.

***Яке аз тафовутҳои равшангарии форсии тоҷикӣ аз ӯзбекӣ*** *ин буд,* ки бархе маорифпарварони тоҷик низ ба пантуркизм наздик шуда бошанд ҳам, дар масъалаи баргаштани миллат ба асли худ, фарҳангу маънавияти асрҳои гузашта, аз ҷумла илму дониши Бухорои бостониро дар назар доштанд ва онро бо дастовардҳои тамаддуни Ғарб пайванд додан, дирӯзи худ ва имрӯзи ҷаҳонро як кардан мехостанд.

***Дигар хусусияти ҷадидони тоҷик*** *ин буд, ки* маорифпарварӣ дар назари онҳо фақат фарҳанггустарӣ (оммаро савод омӯхтан, ба илму фарҳанги замон соҳиб шудан, фарҳанги пешоҳанги аврупоиро аз худ кардан ва монанди инҳо) набуд, балки мағз то мағз моҳияти маънавӣ дошта, чунончи дар «Раҳбари наҷот» ва «Оила» ном асарҳои Фитрат мебинем, барои муайян кардани бунёди ахлоқии ҷомиаи оянда ҷидду ҷаҳд шуда буд. Яъне қувваҳои пешрави ҷомиъа миллатро ба роҳи анъанавии таърихӣ, ба роҳҳои маънавиятҷӯйӣ, вале ба тарзи нави замонӣ пеш бурдан мехостанд. Инқилоб ҳамин ниятро бар бод дод. Инқилоб гузаштаро, ба вижа гузаштаи мардуми Шарқро ба куллӣ инкор кард, аз арзишҳои маънавӣ рӯ гардонд, фақат арзишҳои иҷтимоъиву синфиро эътироф намуд ва моддиёту иқтисодро бунёди ҳастии инсону ҷомиа донист, ки ин комилан хилофи тасаввуроти тоҷикон буд. Як ҷузъи маънавият дин аст ва чунонки расули акрам (с) фармудааст: «*Дин ақл аст*». Аммо инқилоби болшевикӣ динро ба куллӣ инкор намуд ва ҷомиаро аз ақл маҳрум кардан хост. Дар ҷомиаи шӯравӣ бемаънавиятӣ реша давондан гирифт.

Б. Н. Елтсин соли 1997 дар солонаи инқилоби октабр гуфт, ки инқилоби октабр Русияро аз дунё ҷудо кард ва ба гирдаш девори оҳанин бардошт. Мо бояд аз худ илова кунем,

ки ин гап дар ҳаққи ҳама ҷумҳуриҳои шӯравӣ низ дуруст аст. Вале дар бораи кишварҳое чун Тоҷикистон бояд бигӯем, ки инқилоб онҳоро ба Русия ва фарҳанги русӣ пайванд дод ва ба ин восита то андозае ба тамаддуни Ғарб расонид, андаке, на зиёд, ба паҳнои ҷаҳон баровард. Мо аз болои девори баланди оҳанине ҳам бошад, андаке ба ҷаҳон нигаристем. Дар натиҷа дар фарҳанги тоҷикӣ, дар адабиёту санъати тоҷикон равияҳои наве чун реализм (агарчи реализми сотсиалистӣ, яъне реализми маҳдуди таҳрифшудае буд), жанрҳои тозае чун роману повест, чун мусиқии симфонӣ ва ғайра пайдо шуд ва дар ин соҳаҳо устодони забардасте ба майдон омаданд, дар фарҳангистони улуми Тоҷикистон ва донишгоҳҳо донишмандони намоёне ба воя расиданд ва ҳоказо. Инҳо ва бисёр чизҳои дигар, аз чумла ободии Тоҷикистони харобазори собиқ низ меваи октабр буд. Инро бояд эътироф кунем. Вале инро ҳам бояд фаромӯш накунем, ки ин овардаҳои мусбати инқилоби болшевикӣ бисёр гарон афтод. Дастовардҳои инқилоб ба мардуми мо ба нақди ҷон муяссар гардидааст.

Дар солҳои бистум аҳолии кӯҳистони Тоҷикистон – мардуми Бухорои Шарқӣ, яъне кӯҳистониёне, ки аз озодихоҳтарин тоҷиконанд, 40 фоиз кам шуданд: ё кушта шуданд ва ё ба Афғонистон гурехтанд. Ҷамъият чиҳил дар сад кам шуд, яъне қариб ним шуд.

Ин ҳолат дар панҷ-шаш соли аввали инқилоб рӯй дод ва баъд ҳам идома дошт.[1]

Ҳоло баъзе устодони донишгоҳҳо ва сиёсатгузорони Тоҷикистон мегӯянд, ки октабр халқи тоҷикро озод кард.[1]

---

[1] *Муҳоҷират ба Афғонистон то солҳои сӣ давом ёфт. Соли 1992, ки дар Тоҷикистон ҷанги дохилӣ огоз ёфт, боз наздик ба як миллион нафар ба Афғонистон гурехтанд. Афғонистон ин тоҷикони Фарорӯдиро паноҳандагӣ дод. Лекин дар охири солҳои навад, ки тоҷикони гурезаи Афғонистон дар Тоҷикистон зиёд шуданд, ҳукуматдорони Тоҷикистон ба онҳо бо чашми бадгумонӣ нигариста, ба ҳар баҳона онҳоро аз кишвар рондан мехоҳанд. Мо ин корро нораво медонем.*

Аммо намегӯянд, ки инқилоб моро аз кадом зулм озод кард. Оре, халқ пас аз инқилоб аз ҷаври манғит ва ҳукуматдорони мустабиди он халос шуд. Вале **инқилоб миллатро аз дасти манғит гирифту ба дасти пантуркистҳои болшевик супурд. Ин туркпарастон аз манғит бадтар баромаданд. Дар ҳаққи тоҷикон нажодкушие, ки инҳо раво диданд, дар таърих кам дида шуда буд. Бубинед, ки аҳвол чӣ буд ва чӣ шуд**.

Дар боло гуфтем, ки дар панҷ-шаш соли баъд аз инқилоби соли 1920 дар марказ ва ҷануби Тоҷикистони кунунӣ ҷамъият чиҳил фоиз кам шуд. Бояд афзоем, ки ин фақат як қисми талафоти тоҷикон буд. Акнун як қисми дигарашро бинед.

Кам шудани шумораи тоҷикон дар Фарорӯд хеле пештар аз инқилоботи 1917 ва 1920 сар шуда буд. Аммо пас аз инқилобот якбора суръат гирифт. Маълумоти расмии оид ба коҳиши шумораи тоҷикон ҳайратангез аст ва ба ақл намегунҷад.

Дар Бухоро соли 1924 ҳамагӣ 42.482 нафар тоҷик монда будааст! Соли 1926 маълум шуд, ки аксари инҳо яҳудиёни бухоро будаанд, ки худро тоҷик нависондаанд. Тоҷикон ӯзбек навишта шудаанд, яҳудиён - тоҷик. Агар бародарони яҳудии мо намебуданд, шояд дар рӯйхати халқҳои Бухоро номи тоҷик намемонд. Ҳангоме, ки чунин натиҷаҳои саршумори аҳолии соли 1926 эълон шуд, ҷавонони Бухоро ба тарзи эътироз парчаму шиорҳо бардошта ба кӯчаҳо баромаданд ва талаб карданд, ки дубора саршумор баргузор шавад. Ҷалол Икромӣ он гоҳ 16-17 сол дошт ва шоҳиди он намоиш буд.

Маскав барои тафтиши саршумори соли 1926 дар Бухоро комиссиюне таъсис дод. Раиси ин комиссиюн Валериан Кӯйбишев -яке аз мӯътабартарин нафарони раҳбарияти шӯравӣ буд. Профессор Александр Семёнов узви ин комиссиюн буд. Ин комиссиюн коре накард ва худ ба худ

1 «*Инқилоб Тоҷикистонро аз зулм озод кард*»//Литературная Евразия, августи 1999, № 10, саҳ. 11

барҳам хӯрд. Ошкор аст, ки Маскав фақат барои назарфиребӣ комиссиюн таъсис дода буд ва зуд онро фаромӯш кард.

Аз рӯйи маълумоти расмӣ **соли 1918 дар ҷумҳурии шӯравии Туркистон 1 миллиону 300 ҳазор нафар тоҷик мавҷуд буд, вале соли 1920 ин шумора ба 400.000 расид. Яъне шумораи тоҷикон дар зарфи ду сол се баробар кам шуд. Ва бегумон ба ҳамин миқдор шумораи ӯзбек зиёд шуд.** Пасон ин раванд бештар суръат ёфт.

Коҳиши босуръати шумораи тоҷикони Самарқанду Бухороро пажӯҳишгарон чандин бор таъкид кардаанд ва камина низ дар мақолаҳои худ овардаам. Пажӯҳишгари ҷавони амрикоӣ *Ҷон Шоберлайн-Энгел* се-чор сол пештар дигардесиҳои шумораву фоизро ин тавр ҷамъбаст намуд: **«Соли 1915 дар Самарқанд 59.901 тоҷик (62%) ва 879 (1%) ӯзбеку сорт буд соли 1920 тоҷикон 44.758 (54%) ва ӯзбекон 3.311 (4%) буданд, соли 1926 тоҷикон 10.716 нафар (10%) ва ӯзбекҳо 43.304 (41% шуданд. Дар зарфи ёздаҳ сол шумораи тоҷикон ба 82% кам шуда, шумораи ӯзбекҳо қариб ба 5000% зиёд шудааст».** Ба ин 5000% на танҳо тоҷикон, балки баъзе қавмҳои дигари Осиёи Миёна, ки ӯзбек навишта шуданд, низ дохил мешаванд.

Ҷои Шоберлайн-Энгел боз чунин рақамҳо овардааст: «Баъди тасарруфи Самарқанд (аз тарафи Русия-М.Ш.) **соли 1872 аҳолии ин шаҳр 35.326 нафар буда, аз он ҷумла 33.622 тан ё ки**

**95 % тоҷик буд (ҳама аҳолии боқимонда яҳудӣ буда, дар тамоми шаҳр фақат 4 ӯзбек вуҷуд дошт).** Ҷоншумори соли 1959 натиҷаҳое дод, ки ба рақамҳои пешин ҳеч наздикӣ надоранд (…). Соли 1959 шумораи тоҷикон дар ҳама шаҳрҳои вилояти Самарқанд (на танҳо **дар худи Самарқанд, балки дар ҳама шаҳрҳои вилоят – М. Ш.) ҳамагӣ 11.166 нафар будааст. Ба ин тариқ шумораи тоҷикон дар ҳама шаҳрҳои вилоят фақат 5,6 фоизи аҳолии шаҳри Самарқандро ташкил мекардааст, ки аҳолии шаҳр 169. 484 тан будааст.** Ба мо маълум нест, ки дар дигар шаҳрҳои вилоят чӣ қадар тоҷик ба

қайд гирифта шудааст, вале ҳатто агар тахмин кунем, ки ҳама тоҷикон фақат дар шаҳри Самарқанд зистаанд, он рақам чунин маънӣ хоҳад **дошт, ки шумораи тоҷикон дар соли 1959 нисбат ба соли 1872 ба 67% фоиз кам шудааст ва ҳол он ки шумораи умумии аҳолии шаҳр 556 фоиз зиёд шудааст (…). Таносуби** фоизии тоҷикон дар муддати камтар аз сад сол **аз 95% то ба 5,7 % расидааст».**

Ин пажӯҳишгар дар натиҷаи чунин оморгириҳои бисёр ба чунин хулоса омадааст: «Аз рӯйи арзёбие, ки **хеле эҳтиёткорона бошад, шумораи ӯзбекҳо дар Осиёи Миёнаи шӯравӣ аз соли 1917 то 1924 қариб ду баробар зиёд шуд. То соли 1917 шумораи аҳолии ӯзбек дар Туркистони Русия ва Хеваю Бухоро тақрибан 2 миллион нафар буд. Тибқи саршумори аҳолӣ, ки баъди тақсими Осиёи Миёна ба ҷумҳуриҳо (яъне соли 1926 – М.Ш.)** баргузор шуда буд, ***шумораи ӯзбекҳо ба 3,8 миллион нафар расидааст***. Табиъист, ки чунин афзоиши тунди аҳолӣ натиҷаи афзоиши таваллуд наметавонад буд. Дар воқеъ, дар ин муддат афзоиши табиъии аҳолӣ дар натиҷаи ҷанг ва гуруснагӣ хеле коҳиш ёфт. Барои фаҳмидани сабаби афзоиши шумораи ӯзбекҳо бояд инро ба назар бигирем, ки дигар гурӯҳҳои этникӣ (агарчи баъзеи онҳо хеле сершумор буданд) ҳангоми саршумор сабт нашуда буданд».[1]

Ҳамин аст як натиҷаи сиёсати ӯзбеклаштурув (ӯзбек (ӣ) кардан), ки пантуркистҳо бо дастгирӣ ва пуштибонии болшавикони рус амалӣ кардан два дар андак муддат шумораи ӯзбекҳо чанд баробар зиёд ва шумораи тоҷикон чанд баробар кам шуд. Ҳатто чунончи Ҷ. Шоберлайн-Энгел гуфтааст, аз 95% ба 57% расид.

Банда бо як гурӯҳ равшанфикрони тоҷик чунин рақамҳоро дар нома ба М. С. Горбачов нишон дода будем, лекин М. С. Горбачов ва Дафтари Сиёсӣ ба ин рақмҳо аҳамият надод.

Оморе, ки овардем, дар баъзе сарчашмаҳои илмӣ як андоза аз ҳам тафовут дорад. Ин фарқи ночиз моҳияти онро дигар

---

[1] *Джон Шоберлайн-Энгел.* Перспективы становления национального самосознания узбеков//«Восток», 1997, № 3. – С. 55 и 60.

намекунад. Ин омор, ки намунаи онро мо дар навиштаҳои худ зиёд овардаем, бозгӯй аз тоҷиккушии инқилобист. Фарқи он аз тоҷиккушии Чингизу Темур ин аст, **ки Чингизу Темур ҷисман нобуд мекарданд, пантуркистҳои болшевик ҷисман ва маънан нобуд карданд. Бо зӯру заҷр тоҷикро ӯзбек кардан ӯро ба нобудии маънавӣ, ба бемаънавиятӣ бурдан буд.**

Пас инқилоб моро аз киву аз чӣ озод карда будааст, ба мо чӣ дода будааст? Як ҷавоби ин суол ба пиндори камина он аст, ки аз тоҷикият, аз тоҷик будан озод кард, нотоҷикӣ, туркият овард.

Инқилоби болшевикӣ ва пантуркистҳои болшевик хостанд миллати тоҷикро дар Мовароуннаҳр ба тамом нест бикунанд, вале натавонистанд. Ба онҳо ҳамин қадар муяссар гардид, ки миллати тоҷикро як андоза ба роҳи беимонӣ ва бемаънавиятӣ даровcovered, имрӯз кам-кам имконоте фароҳам меояд, ки миллат худро аз ин роҳ берун бикашад, аз он «раҳовардҳо» раҳоӣ ёбад. Ҳоло чунин имконе фароҳам меояд ва лозим аст, ки онро аз қувва ба феъл оварем.

Ҳоло тоҷикони Фарорӯд мехоҳанд давлати миллӣ созмон диҳанд, то дардҳои миллатро дармон бикунад. Албатта, давлати миллӣ пушту паноҳи тоҷикони кишварҳои дигар, аз ҷумла тоҷиконе, ки то андозае ҳувийят гум кардаанд, низ мебошад, барои рушди мактабу маориф ва худшиносии миллии онҳо, барои таъмини ягонагии маънавии ҳамаи тоҷикони кишварҳои ҳамсоя кӯшиш хоҳад кард. Вале давлати миллии тоҷикон муносибатҳои сиёсии худро ба кишварҳое чун Русия ва Ӯзбекистон на аз рӯйи он чӣ гузашт, балки аз рӯйи вазъи кунунӣ ва ба хотири фардо бояд муайян намояд. Муносибати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Русия ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон бояд поя бар ақли салим дошта бошад, на бар кинатӯзӣ. Он гоҳ давлати миллии тоҷикон метавонад вазифаҳои таърихии худро дуруст иҷро намояд.

***Гузаштаро фаромӯш набояд кард, вале гоҳ лозим аст, ки ба хотири имрӯзу фардо чашм аз гузашта бипӯшем.***

Он чӣ мо аз ҷиноятҳои болшевикон ва пантуркистҳо андаке ёдовар шудем ва шаммае гуфтем, мақсад он нест, ки дар дили миллат нисбат ба русҳо ва ӯзбекҳо тухми адоват бикорем, балки он аст, ки миллат таърихи худро бидонад, аз

он сабақ омӯзад ва чунон ки гуфта шуд, дигар нагузорад, ки дирӯзи ногувори ӯ фардо такрор шавад.

***Пурсиш:*** Агар аз назари тоҷикон ба қарни 21 нигоҳе андозем, ба фикри Шумо онро чи гуна метавон дид.

***Посух:*** Гуфтем, ки садаи 20 бо ҳама зиддияту ихтилофоташ ба ҳар ҳол барои тоҷикони Фарорӯд садаи бахосият ва фархунда омад, истиқлол овард ва ба ин маънӣ аҳамияти таърихии он бениҳоят бузург аст. Дар айни замон қарни 20 овони бӯҳрон буд, ки чанд бор ҳастии миллат зери хавф монд.

Ба ақидаи камина мардуми тоҷик дар садаи 21 барои бартараф кардани пайомадҳои бӯҳрони миллӣ – бӯҳрони ҳамагири маънавӣ мекӯшанд ва намегузоранд, ки боз хавфи нестии миллӣ ба сари онҳо пайдо шавад. Акнун ки миллат истиқлоли давлатӣ дорад, бояд сарнавишти худро ба дасти худ, ба дасти давлати миллии худ амалӣ намояд. Ҳоло метавон гуфт, ки миллати тоҷик лоақал дар як гӯшаи сарзамини худ сарнавишти худро ба дасти худ гирифтааст ё имкон дорад бигирад. Миллат ба рӯзе расидааст, ки имконеро ки таърих пеш овардааст, пурра истифода намояд.

Ба фикри камина фармудаи таърих ин аст, ки аз моддигароӣ, маънавиятгурезӣ, миллиятзудоӣ ва манқуртият ҳама ҳастии худро пок созем, ҷомиаи маънавибунёд бино бикунем. Ҷомиаи мо ҳатман бояд демократӣ ва ҳуқуқбунёд бошад.

Ҷомиаи мо илова бар он ки демократӣ ва ҳуқуқбунёд хоҳад буд, бояд ҷомиаи маънавиасос бошад. Давлат таҷассуми миллат, фарҳанги он, таърихи вай аст. Модом ки чунин аст, Ҷумҳурии Тоҷикистон давлате хоҳад буд, ки омили маънавии рушди ҷомиа на баробари омили иқтисодӣ ва омили сиёсӣ, балки бештар аз онҳо аҳамият хоҳад дошт, дигар омилҳоро ба тобеъият хоҳад гирифт, дигар омилҳо воситае барои таъмини амали пурарзиши омили маънавӣ хоҳанд буд. Дар давлати миллии маънавибунёд бояд дин мавқеъи сазовори худро соҳиб бошад, давлат бояд дини мубинро чун як ҷузъи ҳастии маънавии миллат ба ҳимояи худ

бигирад, барои баланд шудани шуури динӣ бикӯшад, то ки майдони хурофот ва таассуб дар ҷомиа танг шавад.

Банда соли 1999 дар китоби худ «Истиқлол ва худшиносии иҷтимоъиву маънавӣ» чунин пешниҳод овардаам:

Тоҷикон бояд давлати миллӣ барпо намоянд ва эҳёи маънавӣ мақсади ниҳоии давлати миллии тоҷикон қарор ёбад. Эҳёи маънавӣ бояд дарунмояи андешаи миллӣ ва ғояи асосии давлатдории тоҷикон дониста шавад. Давлат созмони ҷомиаи хоси миллати тоҷикро, ҷомиаеро, ки ба ҳувийяту менталитети миллат ва ба ҷомиаи анъании он созгор бошад, яъне бунёди ҷомиаи маънавиро вазифаи асосии худ эълон бикунад ва ҳама қуввату ғайрати миллатро ба созмони чунин ҷомиа, ба бунёди ҷомиае, ки ба анъанаҳои фарҳангии чандин қарни таърихи миллат, ба тамаддуни бостонии эронӣ асос ёфта, моҳияти ҳастии тоҷиконро ифода созад ва ҳам ба воқеъияти кунунии ҷаҳон мувофиқ бошад, сафарбар намояд.

Шоири тоҷик Аҷзӣ дар аввали қарн дар соли 1913 гуфта буд:

*Агар аз зиндагӣ доред уммед,*
*Урупо ҳар чӣ медонад, бидонед.*

Банда дар охири қарн афзудам:

*Вале фарҳанги милливу асолат*
*Фаро орад бақои умри миллат.*

Он чӣ Аҷзӣ дар байти боло гуфтааст, имрӯз ҳам аҳамияташро аз даст надодааст, имрӯзу фардо ҳам аз худ кардани дастовардҳои бузурги тамаддуни Ғарб бояд аз ҳадафҳои миллӣ бошад. Вале имрӯз устувор истодан ба заминаи фарҳанги миллӣ бештар аҳамият пайдо кардааст ва таъмини истиқлоли фарҳангӣ бояд дарунмояи андешаи миллӣ бошад.

Тоҷикони Мовароуннаҳр дар садаи 20 аз фарҳанги миллии худ бисёр чизҳоро аз даст доданд, бунёди маънавии

ҳастии онҳо то андозае суст шуд, онҳо аз асли худ як каме дур шуданд. Бино бар ин, баргаштан ба асли худ, расидан ба асолати фарҳангӣ аз шартҳои асосии бақои умри таърихии онҳост. Дар давраи истиқлол устувории ҳувийяти миллӣ ва аслияти фарҳангӣ, расидан ба саргаҳу сарчашмаҳои маънавии худ нахустин вазифаи асосист. Фарҳанги миллӣ ва истиқлоли фарҳангӣ зербинои ҷомиаи тозабунёди тоҷикон хоҳад буд. Фарҳанги омадаи аврупоӣ, ки Сайид Аҳмадхоҷаи Аҷзӣ ба назар дорад, ба сифати як ҷузъи рӯбино хизмат хоҳад кард.

Давлати соҳибихтиёри тоҷикон ҳанӯз хурдсол аст ва акнун ба пойи худ роҳ рафтан меомӯзад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сохтмони фарҳангӣ ва иқтисодӣ, сиёсат ва қонунгузорӣ, таъини асосҳои ҳуқуқии ҷомиа ва ғайра дар бештари мавридҳо аз дигарон намуна мегирад, бештар роҳи тақлид мепаймояд. Аз ин роҳи тақлид ба сарманзили мақсуди миллӣ расидан душвор аст. *Бештар аз ҳазор сол аст, ки аҷдоди мардуми тоҷик дар илми сиёсат ва ҳуқуқ, дар таҷрибаи кишвардорӣ, худидораи маҳаллӣ ва ғайра дастовардҳои бузурге гирд овардаанд. Имрӯз давлати миллии тоҷиконро бо назардошти андӯхтаҳои таърихии илмиву амалии миллат метавон бар по гузошт. Мо бояд демократия ва созмондеҳии давлати ҳуқуқбунёд, эҳтироми ҳуқуқи башар ва шахсияти инсон, фарҳанги олии маънавӣ, фанну фанноварӣ (техникаву технология) ва ғайраро бояд аз ҷаҳони имрӯз, аз кишварҳои Ғарб ва Шарқ биёмӯзем, лекин ҳастии таърихии мо бояд пояи миллӣ дошта бошад. На аз дирӯзи худ монем, на аз имрӯзи ҷаҳон. Ҳам бо дирӯзи худ бошем, ҳам бо имрӯзи ҷаҳон.*

Дар остонаи ҳазораи дувум давлати мутамаддини Сомониён аз байн рафт ва тоҷикон аз давлати бузурги миллӣ маҳрум шуданд. Баъдтар давлатҳое чун давлати куртҳо ва сарбадорон ба по омад, ки баъзе хусусиятҳои давлати миллиро дошт, лекин давлати миллии фарогир набуд.

Инак, дар остонаи ҳазораи се Ҷумҳурии Тоҷикистон дар майдони таърихи миллат қомат рост кард. Байни давлати Сомониён ва истиқлоли Тоҷикистон фосила расо ҳазор сол

аст. *Тоҷикистон мисли давлати Сомониён бузург нест, вале меросбари он аст. Хеле кучак аст, лекин рисолати бузурги таърихӣ дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон хонаи умеди ҳама тоҷикон аст. Вусъати назар дар дидани манфиатҳои миллӣ, паси сар кардани падидаҳои маҳалгаройии давлатӣ, мубориза барои таъмини истиқлоли фарҳангии миллат ва эҳёи маънавии вай имкон фароҳам меоварад, ки ягонагии маънавии миллати чандпора қувват бигирад, марзҳои сиёсии мавҷуда, ки то имрӯз пораҳои миллатро аз ҳам ҷудо медоштанд ва дур мекарданд, ба омили пайвандгари миллат табдил мееёбанд.*

Умед аст, ки бӯҳрони худрасии иҷтимоъӣ бартараф хоҳад шуд ва миллат машъали худшиносии маънавӣ ва худогоҳии миллиро баланд бардошта, дар роҳи сарнавиштсозии таърихӣ устувор қадам хоҳад зад.

1999-2000

## Мундариҷа

**П. Гулмурод.** Саъди акбари
илму фарҳанги тоҷик.........................................3-18
Сарсухани нигоранда.........................................19-20
Фитнаи инқилоб.................................................21-116
Номае ба М. С. Горбачов....................................117-177
Он чӣ бо табари ноинсофӣ тарош хӯрдааст.......178-216
Аббос Алиев.......................................................217-253
Бухоро ҳеч гоҳ Ватани туркон набуд
(*Номаи саркушода ба Алишери Хӯҷа)..............254-261*
Дурустиҳо асоси ошноист...................................262-293
Агар ба тарозуи инсоф бисанҷем........................294-313
Биё, то зи бедод шӯем даст.................................314-320
Тоҷикони Фарорӯд дар остонаи асри умед......321-346

**Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ.**
Пантуркизм ва сарнависшти таърихии тоҷикон

Муҳаррири масъул
**Пайванди Гулмурод**

Муҳаррир
…..
Муҳаррири техникӣ
…..
Саҳифабанд
**Фирӯзи Набавӣ**

ISBN 978-99947-…

9 789994 769254

Ба матбаа …. таҳвил гардид.
Ба чопаш … 2010 имзо шуд.
Коғази офсет. Чопи офсет. Ҳуруфи адабӣ.
Андозаи 60x84 $^{1}/_{16}$. Ҷузъи чопии шартӣ 10.
Супориши № 06. Адади нашр 00 нусха.